ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2023. №4

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2023. №4

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2023. No.4

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2023

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сироҷиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хочаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2023. – №4. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.
Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд. Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).
© ДМТ, 2023

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло	Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Юсуфзода Носирджон Салими	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ
Рахматуллозода Сахидод	Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ
Назарзода Сайфиддин	Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ
Гулназарова Джило	Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде
Абдуллозода Масрур Ахмад	Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета
Сироджиддини Эмомали	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Кучарзода Аламхон	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ
Саидов Халимджон Азизович	Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета
Мамадназаров Абдусалом	Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета
Муродов Мурод	Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета
Ходжаев Давлатбек	Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета
Дустзода Хамрохон Джума	Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2023. – №4. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

©ТНУ, 2023

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht	Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Yusufzoda Nosirjon Salimi	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST
Khorkashev Sakhidod	Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST
Nazarzoda Saifiddin	Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST
Gulnazarova Jilo	Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda
Abdullozoda Masrur Akhmad	Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University
Sirojiddini Imomali	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Kucharzoda Alamkhon	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST
Saidov Khalimdzhon Azizovich	Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University
Mamadnazarov Abdusalom	Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University
Murodov Murod	Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University
Khodzhaev Davlatbek	Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2023. – № 4. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.
The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**
The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.
The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2023

УДК: 491.550

МАСЪАЛАИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ АЗ НАЗАРИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

Хоҷаев Д., Шарипов Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар бораи мақоми забон ва нақши он дар шинохту пойдории миллат Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ, ки дар таърихи илму фарҳанг ва маорифи замони шуравии тоҷик хизмати хеле арзанда кардааст, чунин гуфтааст: «Забон рукни азими миллат аст, ки ба маҳзи гум шудани забон ҳамон миллат, ки мутакаллим ба он забон аст, гум ва нопадид хоҳад шуд. Хеҷ миллате дар ин дунё наметавонад, ҳастӣ ва мавҷудияти худро таъмин кунад, магар бо нигоҳдорӣ ва муҳофизати забони модарии худ. Аз ин рӯ, ҳар миллат ҳақ дорад, забони модарии худро гиромӣ дорад, азиз шуморад, муҳофизат кунад, то ки аз вартаи инқироз ва нобудӣ худро халос намояд» [10, с.28].

Таъкид ва шарҳи мазмуни иқтибоси фавқ, ки сад сол пеш иброз шудааст, имрӯз қимат ва арзишаш боз ҳам боло рафтааст, чаро ки дар шароити кунунӣ мақоми забони модарӣ дар ҳастии миллат хеле муҳим аст. Ва дар замони ҷаҳонишавӣ ҳифзи асолати забон ва тавонмандии он муносибати ҷиддӣ ва дилсӯзонаи соҳибони онро сахт тақозо дорад.

Бесабаб нест, ки Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон китоби дуҷилдаи хешро, ки ба таҳқиқи масъалаҳои бунёдии забони тоҷикӣ бахшидааст, «Забони миллат – ҳастии миллат» ном ниҳодааст. Муаллиф дар муқаддимаи китоби аввал чунин таъкид менамояд: «Ҳадафи асосии мо он аст, ки хонандагон, махсусан, насли ҷавони мо огоҳ бошанд, ниёгони онҳо, сарфи назар аз номулоиматӣ ва номеҳрубониҳои таърих, то чӣ ҳад дар ҳифзи Ватан ва муқаддасоти миллӣ, махсусан, забони модарии хеш, кӯшиш ба харҷ дода, барои мо забони тавонеро якҷо бо чунин осори арзишманди адабӣ, таърихӣ ба мерос гузоштаанд. Акнун вазифаи ворисони ин забон он аст, ки ин кохи муҳташамро аз газанди боду борони замони ҷаҳонишавӣ нигоҳ дошта, то ҷойи тавон онро бо ғановати бештар ба наслҳои оянда ба мерос гузоранд» [16, с.24].

Яке аз омилҳои муҳимми устувории забон ин низоми мукаммалу саҳеҳи сохти дастурӣ ва меъёрҳои дурусти сарфию наҳвӣ ва овоию луғавӣ ва имлою аломатгузории он мебошад. Дар ин самт хизмату саҳми адибон, олимон ва умуман аҳли китобат хеле назаррас мебошад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқу баррасии афкору назари адибону муҳаққиқони алоҳида дар ин бобат аҳамияти калони илмию амалӣ дорад.

Масъалаи забони адабии китобии тоҷикӣ дар солҳои 20 – уми асри XX яке аз мубрамтарин ва муҳимтарин проблемаҳо маҳсуб меёфт, зеро душманони халқи тоҷик ба ҳар роҳ мехостанд, ки мавҷудияти халқи тоҷикро инкор намоянд. Аз ин рӯ, онҳо барои ин мақсади ғаразнокашон муҳимтарин рукни ҳастии ин миллат, яъне забони адабии тоҷиконро инкор кардан мехостанд ва ба ин восита, мавҷудияти халқу миллатеро ба исми тоҷик инкор карданӣ буданд. Ин душманони халқи тоҷик медонистанд, ки забони ноби тоҷикӣ дар давоми ҳазор соли бенасибӣ аз давлату давлатдорӣ аз байн нарафт ва дар ин муддат забони расмию коргузорӣ ва таълим дар мадрасаҳо буд. Домани ин забони ширину тавоно ба Қораи Ҳинд ва кишварҳое мисли Озарбойҷон паҳн гардид.

Дар ҳамин солҳои мушкилтарину лаҳзаҳои сарнавиштсоз барои миллати тоҷик пуштибонӣ аз забони тоҷикиро як гурӯҳ фарзандони фарзонаи миллат вазифаи ҷонии худ донистанд, ки дар ин қатор Абдусалом Деҳотӣ яке аз онҳо буд. Абдусалом Деҳотӣ аз нахустин қадамҳои хеш дар ҷодаи эҷоди бадеӣ дар баробари эҷоди шеъру ҳикояҳо ва дигар жанрҳои адабӣ ба масъалаҳои забоншиносӣ низ даст зада, бисёр мақолаҳо таълиф намудааст, ки имрӯз ҳам моҳияташонро гум накардаанд. Дар мақолаи «Дар хусуси имло, истилоҳот ва забони китобии тоҷикӣ», ки соли 1930 чоп шудааст, Абдусалом Деҳотӣ нахуст дар бораи ба вуҷуд овардани забони адабии тоҷикӣ сухан рондааст. Аввалан, бояд бигӯем, ки худи масъалаи ба миён гузошта ғалат буд, чаро ки мо забони адабӣ ва хаттии ҳазорсола

доштем ва мувофиқи тадқиқотҳои илмӣ забони адабии мо ҳанӯз дар асарҳои IX – X ташаккул ёфта буд.

Дар ҳар сурат дар солҳои 30 – юми садаи XX ин мавзуи асосии мубоҳисаҳо оид ба масъалаҳои забону забоншиносӣ буд. Хушбахтона, Абдусалом Деҳотӣ бо дониши васеи забоншиносӣ мавқеи дурустро ишғол намуда, масъалаи асосии забони адабии тоҷикӣ қарор додани шеваи кӯҳистонро, ки ба забони адабиёти классикӣ наздикии бештар дорад, ба миён мегузорад ва ба Баҳриддин Азизӣ ҳамақида мегардад.

Баъд аз конференсияи якуми алифбои нави тоҷикӣ, – мегӯяд Абдусалом Деҳотӣ, масъалаи ба вуҷуд овардани як забони китобӣ – адабӣ дар миёни зиёиён ва шарқшиносони тоҷик хеле муноқишаҳо пайдо кард ва дар ин соҳа фикрҳои мухталиф ба вуҷуд омад.

Абдусалом Деҳотӣ ҳамаи мубоҳисакунандагонро мувофиқи ақидаашон ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мекунад: гурӯҳи якуми мубоҳисакунандагон, – мегӯяд Абдусалом Деҳотӣ, мегуфтанд, ки «Забони тоҷикони Бухороро ислоҳ ва такмил намуда, забони адабии тоҷик қарор диҳем». Гурӯҳи дуюм мегӯянд, ки «Мо ки забони адабии оммафаҳм пайдо карданӣ ҳастем, бояд ки онро аз як ҷо ё аз як шаҳр нагирифта, балки ҳамаи ҷойҳои тоҷикнишинро тафтиш карда ва аз натиҷаи он як забони сода дуруст намоем». Гурӯҳи сеюм ба ин муқобил истода мегӯянд: «Агар мо забонро сода мекунем гуфта суханҳои мисли «Дадом кати омакама боғашонба рафтем: инҷоя боду ҳавош ганда будааст» ва «Муаллим куҷонда?» «Дарсҳо қачон сар мешаванд?» - ро қабул кунем, кор хуб нохоҳад шуд». Яъне, Тоҷикистон дар мамлакатҳои ҳамсояи худ, ки монанди Ҳиндустон, Эрон ва Афғонистон аст, то имрӯз робита дорад ва дар оянда низ хоҳад дошт. Агар мо суханҳои монанди ҷумлаҳои нишондодашударо дар забон дохил кунем, дар он сурат алоқаи байналмилалии мо бурида шуда, меҳнаткашони он мамлакатҳо аз адабиёти мо маҳрум мемонанд, бинобар ин забони «Адабиёти сурх» ва романи «Одина» - ро забони адабӣ қарор диҳем, ҳама мефаҳмад ва ба алоқаи байналмилалии мо халал намерасонад... [6, с.310].

Тарафдорони ин фикр,- мегӯяд Абдусалом Деҳотӣ, даъво мекунанд, ки «забони» «Адабиёти сурх» ва романи «Одина» сода аст ва барои мо забони адабӣ шуда метавонад. Абдусалом Деҳотӣ пас аз бозгӯйии ин андешаҳо фикри худро чунин иброз медорад: «Ба фикри мо, забони ин ду асар (мақсадаш «Адабиёти сурх» ва романи «Одина» аст) гарчанд сода аст, бо вуҷуди он калимаҳои арабӣ ва луғатҳои бегона низ дучор мешаванд, ки омма аз фаҳмидани он оҷиз мемонад» [6, с.310].

Абдусалом Деҳотӣ ақидаеро, ки забони адабии тоҷикиро аз як шаҳр ё диёр бигирем, низ саҳеҳ нест,- мегӯяд, чаро ки ҳар шаҳру минтақа бо лаҳҷаи худ гуфтугӯ мекунанд ва аз ҳам фарқ доранд. Абдусалом Деҳотӣ дар ин бобат мегӯяд: «... Дар Самарқанд « Ҷурема хараш роҳба рафсодудан лойба ғалтида рафт.? Ширба оба қушишӣ кунӣ, рангаш кавудча мешавад; Гусола респонаша канда, очеша макидас».

Дар Хуҷанд; «Муаллим куҷонда?, Берунба ким омад? Шумо аз мактаб қачон меоед....» Дар Уроттеппа (Истаравшан): «Дастама қап»; Қатиқи гови шумо биёр турш аст...» Дар Бухоро: «Харбузая ҳамтур карда мебуранд...». Забони адабии оммафаҳмро - суханашро идома медиҳад Абдусалом Деҳотӣ, аз миёни омма ба вуҷуд оварем, гӯем, аз ҳар шаҳр ва диёр сухан ва ҷумлаҳоро тафтиш намуда як натиҷа баровардан хеле душвор аст. Пас акнун чӣ бояд кард? Чӣ гуна як забони адабии оммафаҳм ба вуҷуд оварем, ки сабаби канда шудани алоқаи байналмилалии мо нашуда эҳтиёҷоти моро тамоман таъмин намояд ва роҳи асосии умумӣ кардани забон кадом аст?» [6, с.310].

Абдусалом Деҳотӣ дар ҳамин мақола ба мақолаи Б. Азизӣ ишора карда мегӯяд: «Рафиқ Азизӣ дар шумораи 298 рӯзномаи «Овози тоҷик» (соли 1929 январ) ба унвони «Ба забони дарӣ дури суханро суфтан мехоҳем» мақола навишта, барои забони адабии тоҷикӣ қабул кардани забони дариро тавсия менамояд ва мегӯяд: «Як қисм аз забони форсӣ забони дарӣ буда, бинобар соф ва тоза буданаш баъзе аз адибони форсӣ монанди Ҳофиз Шерозӣ бо ҳамон забон дури сухан суфтаанд. Ҳамон забони кӯҳистонӣ аст, ки имрӯз тоҷикон бо ҳамон забон гуфтугӯ мекунанд ва аз хусусияти ин забон аст, ки аз таъсири забонҳои арабӣ ва узбекӣ дур монда, лаҳҷа ва оҳанги деринаи худро доштааст» [6, с.310].

Азбаски, - мегӯяд Абдусалом Деҳотӣ, мо ҳам тарафдори ҳамин фикр ҳастем, аз девони Ҳофиз якчанд мисол оварда даъвои худро қувват медиҳем:

Айёми баҳору гул аз бӯстон ҷудо,

Ё раб мабод ҳеҷ кас аз дӯстон ҷудо.
Дунёст боғи куҳнаву инсон навгуланд,
Ҳар як зи шохи умр канд боғбоне ҷудо...

Дигар:

Душ пинҳон мешудам то қасри ҷонон, секинак,
Нармакак ниҳодам пайро, рафтам дар айвон, секинак.
Дидам нигори хешро дар қасри худ, дар хоби хуш,
Ман бар сараш бистода ҳамчун бед ларзон секинак.
Кардам ду ангуштак дароз оҳистагӣ-оҳистагӣ,
Бардоштам парда зи рухи моҳи тобон секинак.

Абдусалом Деҳотӣ мегӯяд: “Бубинед, ки ин абёти Ҳофиз чи гуна сода, солис ва оммафаҳм аст, хусусан, се байти охир чӣ қадар ширин аст ва табъи касро мекушояд?” [6, с.310]. Дар воқеъ, дар ин абёти шоир ягон калимаю ибора, таъбироти нофаҳмо, душворфаҳм ё ифодаи муғлақ ва сохтори печида дида намешавад; ҳама ифодаҳо халқӣ ва оммафаҳманд, хусусан, ба гӯйиши мардуми кӯҳистон наздик буда, аз таъсири арабию туркӣ дуранд.

Абдусалом Деҳотӣ боз барои тақвияти фикраш аз осори мутафаккири асри XV Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ намуна оварда мегӯяд: «Баъзе навиштаҳои Мавлавӣ Ҷомӣ низ ба забони дарӣ гуфта шудааст, чунончи:

Яке бозе ба бозе гуфт дар дашт,
Ки то кай кӯҳу саҳро метавон гашт?
Биё! То сӯйи шаҳр орем парвоз,
Ки бо шаҳзодагон бошем дамсоз.
Ҷавобаш гуфт он бозӣ накӯрой,
Ки эй нодону беҳиммат саропой.

Чунон ки мебинем, ин абёти Абдурраҳмони Ҷомӣ низ ба гӯйиши кӯҳистонии забони тоҷикӣ боз бештар наздик буда, содаю софу беолоиш мебошад. Ин сифати гӯйиши мардуми кӯҳистонро Абдусалом Деҳотӣ дар хотимаи ин мақола боз таъкид кардааст, чунончи: «Хотима: соф ва хубии забони кӯҳистониёнро бо ҳар роҳ исбот кардан мумкин аст.

Кашиш (мадад)-ҳое, ки дар забони тоҷикӣ ҳаст, аз забони кӯҳистониён шунида мешавад. Чунончи: тоҷикони шаҳрӣ мегӯянд: инҷа, унҷа, арава.. кӯҳистониён мегӯянд: «ин ҷо, он ҷо, ароба» [6, с.312].

Дар ҷойи дигари ҳамин мақола Абдусалом Деҳотӣ ба таъкид мегӯяд: То ҳол дар саҳифаи матбуот дар таҳриру тарҷимаҳо ҷумлаҳои нодуруст ва чаппа бисёр дида мешавад. Масалан, дар болои рӯзномаи “Тоҷикистони сурх” 3 саҳифа ё ин ки кушода 105, ҳамчунин дар “Овози тоҷик” шумора 430 – менависанд, ҳол он ки тоҷикон ҳеҷ вақт шумора фалон, ё ин ки 3 саҳифа намегӯянд, балки шумораи 105, саҳифа 3 мегӯянд.

Ғайр аз ин, дар як шумораи “Овози тоҷик” “Курси нест бод бесаводӣ кушода шуд” навиштааст. “Нест бод бесаводӣ “сифати ин курс шуда наметавонад, балки ин шиор буда, бо ҷояш “Курси нест кардани бесаводӣ” гуфтан дафтар аст. Дар баробари сода кардани забон ба ин камбудиҳо низ хотима диҳем. Забони оммафаҳме, ки мо бояд қабул кунем, мисли забони ин шеъре, ки аз қишлоқи “Чаҳорбоғ” – и Тоҷикистон Рабеӣ ном шоири деҳқон бо сарлавҳаи “Роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе муборак бод!”, дар рӯзномаи шумораи 135 “Тоҷикистони Сурх” навиштааст, хоҳад шуд:

Ранҷбарон чаҳор дидаи дил во кунед,
Донишу илму фунун бар дили худ ҷо кунед.
Аз пайи дониш давед, назди маориф давед,
Рӯй ба мактаб ниҳед, баҳрае пайдо кунед.
Як шуда бо корҳо хурду калон иттифоқ,
Фахр ба худ дӯстон, давлати шуро кунед.
Миллати тоҷик шуда ноили ҷумҳурият,
Омода пӯязди нав халқ тамошо кунед.
Дод ҳуқуқ дар ҳама миллати мазлуми шарқ,
Хуб ба дунё баланд байрақи шуро кунед.

Дар воқеъ, шеъри мазкур намунаи беҳтарини забони адабии содаи меъёри тоҷикӣ буда, ҳар он калимаю тартиб ва ибораи нофаҳмою нодуруст, вожаҳои иқтибоси нодаркору

сохтаю бофтаи зиёдатӣ, муғетбаёнӣ дар шеър дида намешавад. Дар тарзи баёну интихоби вожаю истилоҳ низ шоир бештар ба гӯйши мардумӣ такя кардааст.

Баррасии ин мақолаи Абдусалом Деҳотӣ нишон дод, ки ӯ, воқеан, шоиру нависандаи тавоно, муҳаққиқи нуқтасанҷ, донишманди ҳақиқатнигор будааст, ки инро муҳокимаю хулосаҳои воқеъбинонаю беғаразонаи ӯ тасдиқ менамояд. Масалан, бар хилофи баъзе муҳаққиқоне, ки гӯйиши маҳалли худро кӯшиш мекунанд, ки бартарӣ диҳанд (Ин гуна муҳаққиқон солҳои 20 – 50-уми садаи XX ва гоҳе имрӯз ҳам дида мешаванд), ҳақиқатро ба қалам дода, дар ҳамин мақола чунин мегӯяд: «Мо мегӯем: «Шаҳри куҳная ҳавузҳоша обаш бунок шудас» ё ки «Ман Регистона як айналӣ карда мебиём»; кӯҳистониён мегӯянд: «Оби ҳавзҳои шаҳрӣ куҳна, буйнок шудааст», «Ман Регистона гардиш карда меоям»....Нигоҳ кунед дар миёни гуфтугӯи мо ва кӯҳистониён чӣ қадар фарқ ҳаст ва кадоме аз инҳо зеботар аст? Ҳамчунин қоидаҳои сарфу наҳв бо забони онҳо (кӯҳистониён - Т. Ш.) низ мукаммал ба кор бурда мешавад. Масалан, адотҳоро мо чаппа ва дар охири калима кор мефармоем. Чунончи, аз забони хуҷандиҳо:

«Аз кӯҳ баромад чил ғалча,
Чил ғалчанда чил кулча.
Ҳар чумчанда чил нахуд,
То пиш гуфтем ҳамеша хурд»

Ҳут агар ҳуттӣ кунад,
Кампира дар қуттӣ кунад.

Дар намунаи аввал адоти «дар» ба шакли («нидо») чунончи (чил чумчанда) ва («ро») ба тариқи («да») чунончи: (чил нахӯда), дар мисоли дуюм адоти «ро» ба тарзи «ра», яъне (кампи-ра) ба кор бурда шудааст.

Дар ин ҷо «р»-и калимаи «кампир» - ро партофта, танҳо адоти «ро» - ро «ра» карда, «кампира» мехонанд, ки ин тамоман хато аст. Акнун ба адабиёти халқии кӯҳистониён як назар кунем, - мегӯяд Абдусалом Деҳотӣ, чӣ мебинем:

«Барфу борон ҷола кард, каклик ба кӯҳаш нола кард.
Ин ҷавони нозанин аз санги мармар хона кард».

Мисоли дигар:

Дар тамошои чаман додар ба ман даркор нест,
Дар гулистони ҷаҳон якто гули бехор нест.
«Акаҷон боло равӣ, бар ман гули лола биёр!»

Дар ин байтҳо адоти («бар», «ба» ва «дар») мувофиқи қоида ба кор бурда шудааст. Дар ҳақиқат, забони кӯҳистониён монанди чашмаҳои кӯҳистон аст, ки обаш аз гарду ғубор пок аст. Чунончи, назмҳои дар боло нишондодашударо кадом як тоҷики босавод, кадом як афғонистонӣ ва ё кадом як эронӣ намефаҳмад?! Кадом як луғати бегона аст, ки омма аз фаҳмидани он оҷиз мемонда бошад? Мо гуфта наметавонем, ки забони дарӣ сад фоиз мукаммал аст, не, камбудӣ дорад, аммо ислоҳу такмил намуданаш назар ба забони шаҳрӣ осон аст. Чунончи, мо мегӯем: «Одамҳо тӯйба омсодунак, почаҳои харҳошон лойба ғутида ғалтид». Кӯҳистониён мегӯянд: «Одамон ба тӯй омада истода буданд, ки...” қоидаи ҷамъ бастани исми ҷондор дар забони шаҳриён дуруст аст ё дар забони кӯҳистониён?» Ҳамчунин ҷумлаи «Омада истодааст» - ро шаҳриён чӣ гуна истеъмол карданд? (омсудан) ҳатто зарбулмасали «сарфа кунем, сагон хӯранд» - ро кӯҳистониён мегӯянд: шаҳриён: «сарфа кунем, сагҳо хурад» гуфта талаффуз мекунанд. Яъне дар забони шаҳриён барои ҷамъ бастани исми ҷондор ва беҷон фақат «ҳо» (масалан, одамҳо, онҳо) ба кор бурда мешавад, ки ин нодуруст аст. Вақте мо барои оммафаҳм кардани забон гуфтугӯӣ кӯҳистонро асос гирем, бо андак заҳмат як забони адабии оммафаҳм ташкил мекунем, ки ҳам эҳтиёҷоти моро таъмин мекунад ва ҳам алоқаи байналмилалии моро бо меҳнаткашони мамлакатҳои ҳамсояи Тоҷикистон мустаҳкам менамояд [6, с.314].

Тавре ки мебинем, андешаҳои забоншиносии Абдусалом Деҳотӣ дар бораи забони адабии тоҷикӣ хеле асоснок, илмӣ ва дуруст буда, аз нигоҳи асосҳои дастури забони тоҷикӣ комилан саҳеҳ аст.

Ин андешаҳои Абдусалом Деҳотӣ барои забоншиносии муосири тоҷик низ аҳаммияти назарӣ ва амалии калон дорад. Ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки андешаҳои Абдусалом Деҳотӣ ба ақидаи устод Айнӣ дар ин бобат комилан мувофиқ аст, чунончи, устод Айнӣ – мегӯяд:

“Моро лозим аст, ки дар китобҳои мактабии тоҷикон забони кӯҳистони тоҷикро қабул кунем. Забони кӯҳистони тоҷик забони форсии сода, аз такаллуфоти эронӣ холӣ, ба луғатҳои арабии ношунида халт наёфта ва ба сарфу наҳви форсӣ мувофиқ аст” [3, с.200].

Таҷрибаи сохтмони забони адабии тоҷикӣ баъдтар ақидаи Абдусалом Деҳотиро комилан тасдиқ кард.

Тавре ки аз баррасии андешаҳои Абдусалом Деҳотӣ дар бобати забони адабии китобии тоҷикӣ маълум гардид, ӯ дар фаҳмишу шинохти мафҳуми забони адабӣ, шеваи муттако ба устод Айнӣ комилан мувофиқ буда, дар ин бобат хизмати арзандаю мондагор кардааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Мунтахаби асарҳои илмӣ дар 2 ҷилд. Ҷилди аввал. Айнӣ ва забони адабӣ (асарҳо, мақолаҳо ва мактубҳо оид ба забони тоҷикӣ) / С.Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2008.
2. Айнӣ, С. Мактуби кушода ба рафиқ Толис / С.Айнӣ // Толис. Повест ва ҳикояҳо. - Душанбе, 1966.
3. Айнӣ, С. Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон / С. Айнӣ // Куллиёт. Ҷ.IX. - Душанбе, 1969. - С.200.
4. Беҳбудӣ. Чанд лаҳза бо Деҳотӣ // Маориф ва маданият. 03.11.1979.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашри академикӣ). Ҷ.1. - Душанбе, 1985.
6. Деҳотӣ, А. Ҳикояҳои доир ба мулоқотҳои ман бо устод Айнӣ / А. Деҳотӣ // Куллиёт.Ҷ. V. – Душанбе, 1966.
7. Назарзода, С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гироиш ва дурнамо / С.Назарзода. - Душанбе, 2013. – С.310, 312, 314.
8. Набавӣ, А. Баҳсҳои илмӣ ва мафкуравӣ оид ба забони тоҷикӣ дар солҳои 20 – ум / А.Набавӣ // Забони тоҷикӣ дар манбаи мубоҳисаҳо. - Душанбе, 2007.
9. Ниёзмуҳаммадов, Б. Абдусалом Деҳотӣ ва илми забоншиносии тоҷик / Б.Ниёзмуҳаммадов // Баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1965.
10. Сайидризо Ализода. Шуъбаи форс дар ҳузури идораи корҳои миллӣ / Ализода, Сайидризо // Забон ва худшиносии миллӣ (маҷмуаи мақолаҳо). Китоби якум. - Душанбе, 2007. - С.28.
11. Табаров, С. Нависанда – муаллими забон / С.Табаров // Ҳаёт, адабиёт, реализм. - Душанбе, 1966.
12. Улуғзода, С. Дар бораи якчанд қайди устод Айнӣ / С. Улуғзода // Садои Шарқ, 1968. - №8.
13. Улуғзода, С. Қаламкаш (Ба муносибати 50 – солагии рӯзи таваллуди А.П. Деҳотӣ) / С. Улуғзода // Тоҷикистони саветӣ, 1961. - №26. V.
14. Хоҷаев, Д. Абдусалом Деҳотӣ ва баъзе маъалаҳои забони адабии тоҷик / Д.Хоҷаев. - Душанбе, 1984.
15. Халимов, С.С. Айни как языковед: автореф. дисс. канд. филол. наук / С.С. Халимов. - Душанбе, 1964.
16. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. Китоби 1. - Душанбе, 2016. - С.24.
17. Юсуфов, К. Марди нексират ва адиби нуктасанҷ / К.Юсуфов. - Душанбе, 1987.

МАСЪАЛАИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКӢ АЗ НАЗАРИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ

Дар мақола муаллиф кӯшиш кардааст, ки саҳми адиби пурдону пуркори тоҷик Абдусалом Деҳотиро дар боби забони адабии тоҷик нишон диҳад. Масъалаи забони адабии китобии тоҷикӣ дар солҳои 20 – ум асри XX, яке аз мубрамтарину муҳимтарин масъала маҳсуб меёфт, зеро баъзе гурӯҳу қуввахое буданд, ки мавҷудияти халқи тоҷику забони тоҷикиро инкор менамуданд. Ана дар ҳамин солҳое, ки тақдири миллату забони миллати тоҷик ҳал мешуд, Абдусалом Деҳотӣ ҷавони хушманд дар паҳлуи устод Айнӣ истода, бо мақолаҳои пурмуҳтаво барои исботи ҳастии забони адабии тоҷик мубориза бурдааст. Ӯ хуб медонист, ки яке аз омилҳои муҳимми устувории забон ин низоми мукаммалу саҳеҳи сохти дастурӣ ва меъёрҳои дурусти сарфию наҳвӣ ва овоию луғавӣ ва имлою аломатгузории он мебошад. Аз ин ҷост, ки Абдусалом Деҳотӣ дар мақолаи “Дар хусуси имло, истилоҳот ва забони китобии тоҷикӣ” нахуст таъкид менамояд, ки худ ба миён гузоштани мавҷудияти забони адабии тоҷикӣ ғалат буд, чаро ки мо забони адабӣ ва хаттии ҳазорсола дорем ва мувофиқи таҳқиқоти илмӣ забони адабии мо ҳанӯз дар асрҳои XI – X ташаккул ёфта буд. Аз ин нуқтаи назар, Абдусалом Деҳотӣ бо дониши васеи забоншиносӣ мавқеи дурустро ишғол намуда, масъалаи асосии забони адабии тоҷикӣ, қарор додани шеваи кӯҳистонро, ки ба забони адабии классикӣ наздикии бештар дорад ба миён мегузорад ва ба устод Айнию Б. Азизӣ ҳамақида мегардад. Як қисм аз забони форсӣ -мегӯяд Абдусалом Деҳотӣ, забони дарӣ буда, бинобар соф ва тоза буданаш баъзе аз адибони форсӣ монанди Ҳофизи Шерозӣ бо ҳамон забон дурри сухан суфтаанд. Ҳамон забони кӯҳистон аст, ки имрӯз тоҷикон бо ҳамон забон гуфтугӯ мекунанд ва яке аз хусусияти ин забон аст, ки аз таъсири забонҳои арабӣ ва узбекӣ дур монда, лаҳҷа ва оҳанги деринаи худро доштааст. Абдусалом Деҳотӣ ба забони адабии тоҷик ҳамчун рукни асосии шинохти миллат муносибат намуда, барои рушди он саҳми муҳим гузоштааст.

Калидвожаҳо: классик, адиб, шарҳ, луғат, забон, вожа, осор, истилоҳ, муродиф, маъно, арзиш, халқ, гӯйиш, мактуб, савол, пурсиш, ҷавоб, аҳаммият.

ВОПРОСЫ ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА, С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБДУСАЛАМА ДЕХОТИ

В статье автор попытался показать вклад плодовитого таджикского писателя Абдусалама Дехоти в таджикский литературный язык. Вопрос о таджикском литературном языке в 20-е годы XX века считался одним из самых острых и важных вопросов, поскольку существовали определенные группы и силы, отрицавшие существование таджикского народа и таджикского языка. В эти годы, когда решалась судьба таджикской нации и языка, Абдусалам Дехоти, жизнерадостный юноша, стоял на стороне Мастера Айни и

боролся исчерпывающими статьями, чтобы доказать существование таджикского литературного языка. Он прекрасно знал, что одним из важных факторов устойчивости языка является полная и точная система структуры обучения и правильные нормы, грамматики, фонетики, лексики, орфографии и пунктуации. Вот почему Абдусалам Дехоти в статье «О таджикской орфографии, терминологии и литературном языке» сначала подчеркивает, что неверно выдвигать вопрос о существовании таджикского литературного языка, потому что мы имеем тысячелетний литературно-письменный язык, а согласно с научными исследованиями, наша литература формировалась в X1-XX вв. С этой точки зрения, Абдусалом Дехоти занимает правильную позицию своими обширными познаниями в языкознании и поднимает основной вопрос о таджикском литературном языке, который более близок к классическому литературному языку. Азизи рухнет. Частью персидского языка, — говорит Абдусалам Дехоти, — является язык дари, и благодаря его чистоте некоторые персидские писатели, такие как Хафиз Ширози, писали на этом языке. Это язык гор, на котором говорят сегодня таджики, и одной из особенностей этого языка является то, что он далек от влияния арабского и узбекского языков, имеет свой диалект и тон. Абдусалом Дехоти рассматривал таджикский литературный язык как главную опору признания нации и внес важный вклад в его развитие.

Ключевые слова: классик, писатель, комментарий, словарь, язык, слово, произведение, термин, синоним, значение, народ, речь, письмо, вопрос, запрос, ответ, значение.

QUESTIONS OF THE TAJIK LITERARY LANGUAGE FROM THE POINT OF VIEW OF ABDUSALAMA DEKHOTI

In the article, the author tried to show the contribution of the prolific Tajik writer Abdusalam Dehoti to the Tajik literary language. The question of the Tajik literary language in the 20s of the 20th century was considered one of the most acute and important issues, since there were certain groups and forces that denied the existence of the Tajik people and the Tajik language. During these years, when the fate of the Tajik nation and language was being decided, Abdusalam Dehoti, a cheerful young man, stood on the side of Master Aini and fought with exhaustive articles to prove the existence of the Tajik literary language. He knew very well that one of the important factors in the stability of the language is a complete and accurate system of learning structure and correct norms, grammar, phonetics, vocabulary, spelling and punctuation. That is why Abdusalam Dehoti in the article "On the Tajik spelling, terminology and literary language" first emphasizes that it is wrong to raise the question of the existence of the Tajik literary language, because we have a thousand-year-old written literary language, and according to scientific research, our literature was formed in 11 -10th centuries From this point of view, Abdusalom Dehoti takes the right position with his extensive knowledge of linguistics and raises the main question about the Tajik literary language, which is closer to the classical literary language. Azizi collapses. Part of the Persian language, Abdusalam Dehoti says, is the Dari language, and due to its purity, some Persian writers, such as Hafiz Shirozi, wrote in this language. This is the language of the mountains, which is spoken today by Tajiks, and one of the features of this language is that it is far from the influence of Arabic and Uzbek languages, it has its own dialect and tone. Abdusalom Dehoti considered the Tajik literary language as the main pillar of the recognition of the nation and made an important contribution to its development.

Key words: classic, writer, commentary, dictionary, language, word, work, term, synonym, meaning, people, speech, writing, question, request, answer, meaning.

Маълумот дар бораи муаллифон: Хоҷаев Давлатбек – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессори кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.
Шарипов Тиловатулло Гурезович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **555-55-50-30**

Сведения об авторах: ***Ходжаев Давлатбек*** - Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Шарипов Тиловатулло Гурезович - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **555-55-50-30**

Information about the authors: ***Khodzhaev Davlatbek*** - Tajik National University, Professor of the Department of History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
Sharipov Tilovatullo Gurezovich - Tajik National University, applicant for the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **555-55-50-30**

УДК: 491.550-3

ТАКМИЛЁБИИ МАҲОРАТИ ТАРҶУМОНӢ ВА МУҲАРРИРИИ С.УЛУҒЗОДА ДАР ДУ ТАРҶУМАИ ЯК РОМАН («ЗАНБӮР» ВА «ҒУРМАГАС»-И Э.Л. ВОЙНИЧ)

Ҷӯраева М.Р., Гулова С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар кишвари мо кори тарҷума аҳаммияти бузурги таърихиву давлатӣ пайдо карда, як шакли комилҳуқуқи эҷодиёти бадеӣ шуда, хизмати сиёсӣ ва тарбиявиро ба анҷом мерасонад. Дар шароити торафт густурдатар гардида истодани робитаҳои байналмилалии мо ва баланд шудани он нақши таърихие, ки кишвари мо дар рушду тараққиёти дунё иҷро менамояд, тарҷума василаи алоқаи эҷодии байналмилалӣ шудааст ва аҳаммияти он торафт зиёдтар мегардад.

Тарҷума ва тарҷумонон худ пайвандгари забонҳо, адабиётҳо ва халқу миллатҳоянд. Тавассути эшон мардуми олам руҳи ҳамдигарро эҳсос мекунанд. Дӯстиву бародарии халқҳо дӯстиву бародарии забонҳост. Дар самти пайванд сохтани равобити адабии халқи тоҷик бо халқҳои рус, англис, араб, украин, гурҷӣ ва дигар миллатҳо саҳми тарҷумонҳо шоёни таҳсин аст.

Мавриди зикр аст, ки дар адабиёти ҷаҳонӣ асарҳое ҳастанд, ки бо гузашти солҳо арзиши худро гум накардаанд ва хонандагони чандин давру замонҳоро ба худ ҷалб мекунанд. Романи «Ғурмагас» аз шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳонист. Дар пешниҳод кардани он барои хонандаи тоҷик тарҷума ва хизмати адиб ва тарҷумон С.Улуғзода бузургу назаррас аст. Романи мазкур аз замони таълиф ва тарҷумааш то имрӯз барои халқҳои мухталиф, аз ҷумла тоҷикон хидмати бузургро ба анҷом расонидааст, зеро мутарҷим кӯшидааст, ки онро ба замона созгор намояд, то ба талаботи замон ҷавобгӯй бошад ва диққати хонандаро ба худ ҷалб кунад.

Сотим Улуғзода ба кори тарҷума ҳанӯз дар солҳои ҷавониаш камар баста буд. Аз ҷумла, ҳангоми аз забони русӣ («Овод») ба забони тоҷикӣ (1931) баргардон кардани романи нависандаи англис Э.Л. Войнич «The Gadfly» (Ғурмагас) ҳамагӣ бист сол дошт. Ба андешаи мо, барои намояндаи насли ҷавон ин як корнамоист, зеро дар замони имрӯза шояд мо ҳамсоли С. Улуғзода барин ҷавонеро вонахӯрдаем, ки ба чунин тарҷумаи ҷиддӣ машғул шуда бошад.

Мавриди зикр аст, ки романи нависандаи англисзабон Э.Л. Войнич «The Gadfly» аз ҷониби С.Улуғзода ду маротиба тарҷума шуда, панҷ маротиба рӯйи нашрро дидааст. Серталабӣ аз болои навиштаҳои худи тарҷумон буд, ки баъди панҷоҳ сол бори дигар ба тарҷумаи худ қалами таҳрир задааст.

Инак, дастранҷи овони ҷавонӣ ва тарҷумаи такмилёфтаи С.Улуғзода («Занбӯр» ва «Ғурмагас»)-ро порча-порча аз нуқтаи назари забонӣ, доир ба тағйиру иловаҳо, ки мутарҷим онро воҷиб донистааст, мавриди таҳқиқ қарор хоҳем дод.

Матн:

1. The Gadfly: At supper he talked of nothing but plans for excursions, mountain ascents, and botanizing expeditions (P.18).	**2. «Овод» (1973)**: За ужином только и толковал что о планах дальнейших прогулок в горы, о восхождениях на вершинны, о сборе трав (С.20).
3.«Занбӯр» (1931): Дар вақти *таоми шаб* гуфтугӯ танҳо дар бораи нақшаҳои экскурсия, дар бораи ба кӯҳ баромадан ва аз хусуси *саёҳатҳои набототӣ буд* (С.32).	**4. «Занбӯр» (1952):** Дар вақти *таоми бегоҳӣ* гуфтугӯ танҳо дар бораи *плани экскурсия*, дар бораи ба кӯҳ баромадан ва аз хусуси *ҷамъоварии* наботот мерафт (С.16).
5. «Ғурмагас» (1982). Вақти *хӯроки шом* гуфтугӯ танҳо *дар гирди саёҳати фаннӣ, кӯҳбаронӣ ва гиёҳчинӣ чарх мезад* (С.14).	

Дар ин матнҳо ҷумлаҳо бо тарзҳои гуногун сохта шудаанд, вале як фикрро ифода мекунанд. Баъзе калимаву ибораҳоеро, ки дар вариантҳои аввали тарҷума аз назари мутарҷим носуфтаанд ё бемаврид кор фармуда шудаанд, ҳангоми таҳрири минбаъдаи («Ғ»:

1982) ихтисор шудаанд. Матни мазкур («Ғ»: 1982) орӣ аз калимаву ибораҳои такрор буда, ихтисори онҳо ба матн ҳеҷ халале ворид намекунад, баръакс, матлаб дар он содаву равшантару мукаммалтар ифода меёбад, ки ин вариант қобили қабули ҳам мутарҷим ва ҳам хонанда мебошад.

Тарҷумон **таоми шаб**ро дар нашри («З»: 1952) бо ибораи **таоми бегоҳӣ** иваз намудааст. **Шаб** гуфта муддати муайян – аз фурӯ рафтани офтоб то тулуи он дар назар дошта мешавад. Албатта, вақти хӯрок хӯрдан як муддати муайянро дар бар мегирад. Аммо ба ин (таоми бегоҳӣ – («З»: 1952) ҳам қонеъ нагардида, дар матни («Ғ»: 1982) ибораи **хӯроки шом**-ро кор фармудааст, ки ин хосси забони адабист ва ифодаи нисбатан табиӣ мебошад.

Ибораи **нақшаи** («З»: 1931, 1935, 1937), **плани экскурсия** («З»: 1952)-ро дар нашри охирин бо ибораи **саёҳати фаннӣ** иваз намудааст, ки ба назари мо, як ибораи фасеҳи тоҷикӣ буда, дар лексикаи соҳавӣ мақоми худро пайдо карда метавонад.

Устод Улуғзода вожаи **ботот**ро дар матни («Ғ»: 1982) ихтисор намудаву ба ҷойи он калимаи **гиёҳ**ро истифода бурдааст. Вожаи **ботот** дар сарчашмаҳо ҳамчун 1. **олами ботот, дунёи рустаниҳо** маънидод шудааст [21, с.817], ки то андозае мафҳуми умумиро ифода намуда, дар мавриди мазкур чандон мувофиқат намекунад.

Вожаи **гиёҳ** бошад, ба маънои **алаф, бототи ғайричӯбӣ** шарҳ дода шудааст [21, с.262]. Мантиқан, ҳангоми сайру саёҳат ҳамаи олами бототу рустаниҳоро ҷамъоварӣ намекунанд, танҳо гиёҳҳои манфиатбахшу табобатӣ дар назар дошта мешавад. Бинобар ин, С.Улуғзода дар таҳрири охирин калимаи **гиёҳ**ро муносибу мувофиқ донистааст**.**

Дар баробари ҳамаи ин, С. Улуғзода барои муъҷазбаёнӣ аз муродифоти воситаҳои забон низ истифода кардааст. Масалан, ба ҷойи ибораҳои **ба кӯҳ баромадан, саёҳатҳои ботототӣ – саёҳати ботототӣ, ҷамъоварии ботот** исмҳои амали **кӯҳбароӣ** ва **гиёҳчини**ро («Ғ»: 1982) ба матн ворид намудааст.

Инчунин дар як ҷумла аз ду маротиба истифода кардани пешоянди **дар бораи** даст кашида, онро бо як пешоянди номии **дар гирди** иваз намудааст, ки ба ин васила ҳам маънӣ саҳеҳ ифода ёфтааст ва ҳам аз такрори бемаврид худдорӣ намудааст. Ҳатто аз пешоянди **аз хусуси** низ даст кашидааст, ки ба манфиати кор шудааст, зеро ҷумларо бо чунин тарз анҷом додааст: *гуфтугӯ танҳо **дар гирди** саёҳати фаннӣ, кӯҳбароӣ ва гиёҳчинӣ **чарх мезад.***

Воқеан, чунин ба назар мерасад, ки мутарҷим ва муҳаррир С.Улуғзода ҳар як ҷумлаи тарҷумакардаашро гаштаю баргашта мутолиа карда, пас аз он устокорона қалам задааст ва варианти нисбатан комили ҳар як ифодаю ҷумларо пешниҳод кардааст.

Матни навбатиро аз нигоҳи тарҷумаву таҳрир ва услуби нигориши тарҷумон аз назар мегузаронем.

Матн:

1.(The Gadfly): Breakfast had not long been on the table, however, when he came tearing into the room, hatless, with a tiny peasant girl of three years old perched on his shoulder, and a great bunch of wild flowers in his hand (P.18).	**2. «Овод» (1973**): Однако, не успели подать завтрак, как юноша вбежал в комнату, без шляпы с большим букетом диких цветов. На плече у него сидела девочка лет трех (С.20).
3. «Занбӯр» (1931): Монтанелли акнун мехост, ки *ошхона* даромада, *қаҳва бихӯрад,* Артур ба пушташ як духтараки сесолаи қишлоқиро гирифта, сарлуч ба хона даромад, аз гулҳои *бегона як қабза* дар даст дошт (С.33).	**4. «Занбӯр» (1937):** Монтанелли акнун мехост, ки *ошхона* даромада, *қаҳва бихӯрад, **ки*** Артур *ба пушташ* як духтар*аки* сесолаи *қишлоқиро* гирифта, *сарлуч* ба хона даромад ***ва*** аз гулҳои *худрӯйи ёбоӣ як қабза* дар даст дошт (С.18).
5.«Занбӯр» (1952): Монтанелли акнун мехост, **ба** *ошхона* даромада, ***кофе нӯшад, ки як маҳал*** Артур як духтар**аки** сесолаи *қишлоқиро **дар** пушташ **бардошта,** сарлуч* **ба** хона даромад. ***Вай*** аз гулҳои ***худрӯйи ёбоӣ*** *як қабза* дар даст дошт (саҳ.16).	**6. «Ғурмагас» (1982):** Монтанелли **ба таомхона** даромада, **қаҳва** *нӯшидан* **шуда буд, ки** Артур як духтар**чаи** сесолаи **дехотиро дар** пушташ **бардошта,** *сарлуч* **вориди** *хона* шуд. **Вай дастагуле** аз гулҳои **худрӯйи даштӣ ба** даст дошт (саҳ.24).

Дар матнҳои боло калимаву ибораҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки дар нашрҳои солҳои гуногун шакли дигар ё муродифи онҳо ба кор бурда шудаанд. Масалан, мутарҷим вожаи «ошхона»-ро ба «таомхона» («Ғ»:1982) иваз намудааст. Имрӯз вожаи «ошхона»

умумиистеъмол ва дар айни замон серистеъмол мебошад. Дар марказҳои зиёди хӯрокхӯрии ҷамъиятӣ ин вожаро дучор шудан мумкин аст. Маънои калимаи «ошхона» васеъ аст: ошхонаи кӯчаву бозор (столовоя), ошхонаи бинои ҷудогона дар ҳавлӣ. Аммо «таомхона» ҳанӯз ҳам серистеъмол нашудааст, зеро дар талаффуз назар ба «ошхона» андак мураккабтар аст. Мутарҷим ба ҳамин мақсад онро бо калимаи «таомхона» иваз намудааст, яъне, ғайр аз пухтани хӯрок, инчунин чой, қаҳва ва дигар нӯшокиҳоро истеъмол кардан мумкин аст, зеро қаҳрамони асар ба таомхона бо мақсади нӯшидани қаҳва ворид шудааст.

Яке аз омилҳое, ки ба забони зинда таъсир мерасонад, лаҳҷа ва таъсири забонҳои бегона мебошад. Аз як нашр то нашри дигар тағйирот мушоҳида мешавад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки адиб дар варианти аввал вожаи *қаҳва*ро истифода кардаасту соли 1952 ин калима ба *кофе* иваз карда шудааст. Соли 1982 бошад, боз ба номи пешинааш, яъне қаҳва мубаддал гаштааст. Аз ин бармеояд, ки С.Улуғзода ҳамқадаму ҳамнафаси давру замон буда ва таъсири ин омилҳо дар равиши тарҷума ва таҳрири нашрҳои солҳои гуногуни асар мушоҳида мегардад. Ба назари мо, яке аз омилҳои таъсиррасон таваҷҷуҳи зиёд ба забони русӣ аз ҷониби ҷомеа (русикунонӣ) мебошад.

Инчунин, дар тарҷума ва нашри соли 1982 вожаи *қишлоқ* бо калимаи *деҳот* иваз карда шудааст, зеро он калимаи тоҷикист. Аз тарафи дигар, вожаи *қишлоқ* оҳанги як андоза омиёна дорад. *Деҳот* бошад, ба гӯш нарму малеҳ расида, ба услуби баланд мансуб аст. Тавре ки аз маводи мавриди таҳқиқ бармеояд, дар ҷараёни тарҷума ва таҳрир адиб ҳамеша кӯшидааст, ки калимаву ибораҳои сирф тоҷикиро ба кор барад. Ин тарҷумаҳо барои хонандаи имрӯз манбаи илмомӯзиву забондонист.

Дар ҳамаи нашрҳои солҳои гуногун то тарҷумаи («Ғ»:1982) С.Улуғзода ифодаи **қабза**ро ба кор бурдааст, аммо дар варианти охирин ба ҷойи вожаи **дастагул,** шакли **гулдаста**ро беҳтар донистааст. **Қабза** вожаи арабист, аммо аз ҷиҳати маъно ба **дастагул** наздик: **1. даст, панҷа, чизе, ки дар мушт ғунҷад, чизе, ки ба мушт ғунҷад; 2. ченакест, ки баробари як каф (мушт); даста, мас., 3. қабзаи шамшер, қабзаи ханҷар** [21, с.660] меояд. Азбаски **дастагул** вожаи зебои тоҷикист, бинобар ин, онро ҷой додааст. Имрӯз ин калима ҳам дар забони гуфтугӯйӣ ва ҳам китобӣ серистеъмол аст. Дар матни русии «Овод» (1973) низ ба ҳамин маънӣ (с большим **букетом** диких цветов) далолат мекунад.

Тарҷумон гулҳоро **бегона, худрӯйи ёбоӣ** гуфта, дар охир қаринаи **худрӯйи дашти**ро интихоб кардааст, зеро ин ибораи мустаъмали тоҷикист. Яъне устод С.Улуғзода дар байни ҳазорон калимаву ибораҳо беҳтарину шевотаринашро интихоб менамояд, ки ин аз пос доштани забону фарҳанги хеш дарак медиҳад. Нависанда ба ин васила ба наслҳои оянда забони шевову зебои тоҷикиро нишон додан мехост.

Азбаски сухан дар мавриди «каҳва» мерафт, бинобар ин, масдари **хӯрдан**ро бо феъли **нӯшидан** («Ғ»:1982) иваз намудааст, ки ин, албатта, мувофиқи матлаб аст. Мутарҷим, албатта, пеш аз таҳриру тарҷума ин ҷиҳатҳоро ба назар гирифтааст.

Як ҷиҳати дигари кори муҳарририи устод С. Улуғзода он аст, ки ҳангоми таҳрир ифодаи **акнун мехост:** зарфи **акнун** ва феъли замони ҳозира ояндаи **мехост**ро ихтисор намудаст. Зарфи **акнун** замоне, ки амали замони гузаштаи нисбатан наздик, ҳозира ва ояндаро шарҳу эзоҳ медиҳад. **Мехост –** шакли замони гузаштаи ҳикоягии феъл мебошад. Ин маъно дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва пуркунанда омадааст, мушоҳида мешавад. Феъли ҷумлаи пайрав пас аз феълҳои дар шакли замони гузашта омадаи сарҷумла амали давомдори замони гузаштаро мефаҳмонад. Пайвандаки тобеъкунандаи **ки** ҳам дар нутқи китобӣ ва ҳам дар гуфтугӯйӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Мутарҷим тавонистааст, ки тавассути пайвандаки тобеъкунандаи **ки** дар як вақт ҳолат ва замони воқеъшавии амалро нишон диҳад. Ин пайвандак дар таркиби ҷумлаи пайрави замон омада, онро ба сарҷумла тобеъ гардонидааст.

Ифодаи **як маҳал (**«Ғ»:1952), ки аслан хосси нутқи гуфтугӯйӣ мебошад ва маънии додашударо хеле хуб ифода мекунад, дар матни («Ғ»:1982) ихтисор гардидааст. Вожаҳои **як маҳал – як вақт** ва **яке** ҳаммаъно гардидаанд. Дар ин ҷо муродифоти ҷумлаи пайрави замон мушоҳида мегардад, яъне фикр аввал ба як тарз, баъдан ба шакли дигар баён мегардад.

Тартиби калима, тарзи ҷобаҷогузории вожаву ибораҳо, ҷойивазкунии (инверсия) онҳо низ аз мадди назари тарҷумони асар дур намондаанд. Ҷойи ибораи **ба пушташ**ро дар матни («Ғ»:1982) пас аз калимаи **деҳотӣ** тағйир додааст. Як сабаби иваз кардани ҷойи аъзоҳои ҷумла таъкиди маънои онҳо, яъне дарки задаи мантиқист.

С.Улуғзода аксар вақт барои хонанда кӯтоҳбаёнӣ ва содабаёниро талқин мекунад. Дар матни зерини тарҷумаи аввал матн дар шакли як ҷумлаи мураккаб ифода ёфта, дар тарҷумаи дуюм ду ҷумларо дар бар гирифтааст. Аммо дар матни асл як дар матни русии «Овод» матлаб дар ду ҷумла зикр ёфтааст.

Матн:

1. (The Gadfly): The initiator was passionately describing to her the misery of the Calabrian peasantry; and she satlistening silently, her chin resting on one hand and her eyes on the ground (P.29).	**2. «Овод» (1973):** Ломбардец с горячностью рассказывал ей о нищете колабрыйских крестьян, а она сидела молча и слушала, опершись подбородком на руку и опустив глаза (С.28-29).
3. «Занбӯр» (1931): *Одами ҷавон* ба ӯ *камбағалӣ* ва *гадоиш* деҳқонони вилояти Калабрияро ҳикоя мекард ва духтарак ***бозуяшро*** *ба тахти манаҳаш* такя дода, ба замин *нигоҳкунон* хомӯш менишаст (С.47).	**4. «Занбӯр» (1952):** Ҷ*авони* аз Ломбардия *омадагӣ* ба ӯ *камбағалӣ* ва *гадоии* деҳқонони вилояти Калабрияро ҳикоя мекард ва духтарак ***манаҳашро*** *бо дасташ* такя дода, ба замин *нигоҳкунон* хомӯш менишаст (С.26).
5. «Ғурмагас» (1982): Ҷ*авони Ломбардӣ* ба *вай* ***қашшоқии*** деҳқонони вилояти Калабрияро ҳикоя мекард ва духтарак ***манаҳашро*** *бо дасташ* такя дода, ***чашм*** ба замин **дӯхта** хомӯш менишаст (С.33).	

Дар матнҳои баррасигардида мутарҷим дар тарҷума ва нашри солҳои 1931, 1935, 1937 ибораи **одами ҷавон**ро ба кор бурдааст ва ин ифода дар нашри соли 1952 – **ҷавони аз Ломбардия** ва баъдан ба **ҷавони ломбардӣ** (1982) иваз карда шудааст.

Маҳорату лаёқати тарҷумонию муҳарририи адиб сол то сол такмил ёфта, хусусиятҳои табиати забони адабии тоҷикӣ дар асари мавриди таҳқиқ барҷастатар зуҳур кардааст. Масалан, ибораи **одами ҷавон**, ки бешубҳа, тарҷумаи таҳтуллафзии ифодаи русии **молодой человек** аст, дар ду нашри охир бо калимаи **ҷавон** иваз гардидааст. Гарчанде ки вожаи **ҷавон** сифат аст, он дар натиҷаи субстантиватсия (ба исм гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ) ифодакунандаи мафҳуми шахс гаштааст. Аз ин рӯ, С.Улуғзода дар нашрҳои минбаъда бори маънии ин ифодаро сабуктар намудааст. Дар забони адабӣ ва гуфтугӯйӣ баъзан вожаҳои **одам, шахс, кас** ва ғайраҳо дар ҳолатҳое истифода мешаванд, ки ба онҳо он қадар эҳтиёҷ нест, зеро сифат метавонад дар ҷумла ҳам шахсро ва ҳам сифати шахсро ифода кунад. Барои мисол, дар зарбулмасали халқии «**Моргазида** аз ресмони ало метарсад» сифати феълии **моргазида,** ба шахсе далолат мекунад, ки ӯро мор газидааст.

М.Шакурӣ дар китоби худ қайд намудааст, ки: «талаби асосии услуб ин аст, ки дар ибораи изофӣ калимаҳои **шахс, одам, инсон, кас** ва ғайра бо сифатҳои исмшаванда наоянд, беҳтар аст. Ин қоидаи асосист, ки истисноҳое ҳам дорад, вале, асосан, бояд риоя шавад. Дар сурате, ки **шахс, одам, кас** ва дигар чунин мафҳумҳои умумиро мушаххас кардан даркор мешавад, пеш аз ҳама, сифати исмшаванда - зикр шудани исми холис зарур аст. Чунончи, дар ибораҳои **ҷавони донишманд, марди баинсоф, зани соҳибҷамол, подшоҳи золим** ва ғайра ҳамаи сифатҳо сифатҳои исмшаванда мебошанд, аммо исмҳое, ки пеш аз онҳо бо изофат омадаанд, мафҳуми умумии **шахс, инсон, одам** ва монанди инҳоро мушаххасӣ мебахшанд: **ҷавон, мард, зан, подшоҳ** нисбат ба **шахс** ва **одам** мушаххастар аст, як ҷузъи мафҳуми умумии куллист, ҷузъро аз кулл ҷудо мекунад. Бинобар ин, зикри ин исмҳо дар ибораи изофии дорои сифатҳои исмшаванда ҳатман зарур аст. Агар ин исмҳоро зикр кунем, номаълум мемонад, ки кадом донишманд, кадом баинсоф, ё чӣ гуна золимро дар назар дорем. Лекин ҳангоме ки умуман аз **донишманде** ё **донишмандоне, баинсофе** ё **баинсофоне, золиме** ё **золимоне** сухан меравад, ба зикри он мафҳуми умумии **шахс, одам** ва ғайра эҳтиёҷ намемонад, зеро ин мафҳумро худи он сифатҳои исмшаванда дар бар доранд [8, с.55].

Агар ба нашри солҳои пешин эътибор диҳем, аз куҷо будан, ё аз куҷо омадани ҷавон ишора нашудааст, вале дар ду нашри соли охир зикр гардидааст. Ин калима дар матни тарҷумаи «Овод» қайд шудааст, аммо дар матни асли англисӣ мушоҳида нагардид.

Тарҷумон вожаҳои **камбағалу гадо**ро бо як калимаи **қашшоқ** дар таҳрири матни охир («Ғ»:1982) иваз мекунад.

Камбағал гуфта, бештар камбизоатро дар назар дорем. **Гадо** бошад, шахсе, ки бо мақсади рӯзгузаронӣ аз дигарон чизе талаб мекунад. Аммо **қашшоқӣ** дараҷаи ниҳоии

бечизӣ, нодорӣ, камбағалӣ, бенавоӣ [22, с.663] ба ҳисоб меравад. Шояд мутарҷим, воқеан, ҳадди ниҳоии камбағалии ин мардумро мавриди таъкид қарор дода, дар «Ғ» **қашшоқ** гуфтааст, яъне деҳқонону кишоварзони минтақаи Калабрия дар чунин вазъият зиндагӣ мекунанд, зеро дар матни асли англисӣ – **misery** ва дар тарҷумаи русии «Овод» – **нищета** ба маънои **фақирӣ, қашшоқӣ, бенавоӣ** ва ғайра далолат мекунанд.

Ибораи «бозувонашро – бозуяшро ба таҳти манаҳаш такя дода» –ро дар тарҷума ва нашрҳои пешин ба кор бурда шудааст дар нашри («З»: 1952) ва («Ғ»: 1982) ба ҷойи **бозу** вожаи **даст** омадааст. Сабаби аслӣ он аст, ки, агар ба маънои луғавии калима эътибор диҳем, **бозу –** *қисми даст аз китф то оринҷ* [21, с.196] *буда,* ҳаргиз бозуро ба зери манаҳ гузошта намешавад. Дар «Gadfly» ва «Овод» ҳам **даст** ишора шудааст, мутарҷим дубора онро саҳеҳ баён намудааст.

Дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ омадааст:

Ҳаме ҷонаш аз рафтани ман бихаст,
Яке мӯҳра бар бозуи ман бубаст.

Агар достони «Рустаму Сӯҳроб»-ро дар «Шоҳнома»-и безавол ба хотир орем, ҳангоме ки Рустам ба сафари тулонӣ меравад, ба Таҳмина бозубанде медиҳад, ки агар фарзанди онҳо писар тавлид ёбад, ин бозубандро дар бозуи ӯ бубандад, то падар писарро аз рӯйи он бишиносад.

Мутарҷим низ дарк кардааст, ки тавассути калимаи **бозу** ба манаҳ такя кардан чандон саҳеҳ нест. Дар матни асл (The Gadfly) **hand** ва тарҷумаи русии (Овод) низ **рука** омадааст. Ҳамаи инро мутарҷим ба эътибор гирифта, ба матни тарҷумаи минбаъдааш тағйирот ворид намудааст.

Ифодаи **нигоҳкунон** дар («Ғ»: 1982) бесабаб ба воҳиди фразеологии **чашм дӯхтан** иваз нашудааст. **Нигоҳ кардан** маънои **назар кардан, мушоҳида кардан, дидан** дорад. Аммо **чашм дӯхтан** дар як маврид беихтиёр нигоҳ кардан, на бо мақсади муайян ба як нуқта нигоҳ карда истоданро ифода менамояд. Аз сабаби он ки ӯ беихтиёр ба замин хомӯшона нигоҳ мекард, муҳаррир онро «чашм дӯхта, хомӯшона менишаст» гуфтааст.

Мутарҷим феъли **ҳикоя кардан**ро дар матни боло бамавқеъ истифода кардааст, аммо дар матни зер дар тарҷумаи дуюм андаке тобиши дигар дорад:

Матн:

1.«The Gadfly»: “Ah, yes! Anyhow, I went to stay with the Wrights.” (The Wrights were old schoolfellows of hers who had moved to Florence**.)** (P.30)	**2.«Овод» (1973): –** Да, понимаю… Так вот, я уехала погостить к Райтам. (Райты были ее школьные подруги, переехавшие во Флоренцию) (С.29).
3. «Занбӯр» (1935): – *Ҳа. медонам***,** гӯш *бикунед,* ***то ман*** ба шумо ҳикоя кунам, ки ман *чӣ гуна* **ба** Флоренсия рафтам. Ман ба хонаи Райт барои меҳмонӣ рафта будам *(Райт дугонаи бачагии* Ҷимма буда ва *дар вақтҳои охир хонаводаи онон,* ба Флоренсия кӯчида омада буданд) (С.24).	**4. «Ғурмагас» (1982):** –*Бале*, маълум... Гӯш *кунед,* ба шумо нақл кунам, ки ман *чӣ тавр* ба Флоренсия рафтам. Ба хонаи Райтҳо ба меҳмонӣ рафта будам (Райтҳо *дугонаҳои мактабии* Ҷемма буда ва ба Флоренсия кӯчида буданд) (С.34).

Дар ин матнҳо сухан дар бобати феълҳои **ҳикоя кардан** ва **нақл кардан** меравад.

Калимаҳои мазкур дар дохили силсилаи муродифҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати тобиши маъно, обуранги услубӣ, обуранги ҳиссии мусбату манфӣ, обуранги маҳал ва замон фарқ мекунанд.

Феъли **нақл кардан** аз синонимҳои **гуфтан, ҳикоят кардан, қисса кардан, баён кардан** ва ба инҳо монанд аз ҷиҳати тобиши маънои гузаронидан, яъне ҳодиса ва ё воқеаи аз касе шунида ё аз ягон ҷой хондаро ба мусоҳибаш гуфтан фарқ мекунад.

Академик Муҳаммадҷон Шакурӣ дар «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» дар мавриди феълҳои мазкур зикр мекунад, ки «**Нақл кардан»** муродифи «**ҳикоя кардан»** аст. Вале маънои аслии «**нақл»** аз «**ҳикоя»** фарқ дорад. **«Нақл»** чизеро аз ҷое гузаронидан ва аз ҷое ба ҷое гузаштан мебошад. Калимаҳои **«нақлиёт»** ва **«ноқил»** (гузаронандаи электрик) аз ҳамин аст. Агар «**нақл кардан**»-ро доир ба сухан кор фармоем, асли маънои он гапро аз забони худ не, балки аз забони дигаре гуфтан аст [8, с.249].

Аз ин бармеояд, ки агар шахс саргузашти худашро гӯяд, феъли **ҳикоя кард** мувофиқтар аст. Дар матни тарҷумакардаи устод Улуғзода ин ҷиҳат, яъне феъли **ҳикоя кардан** бамавқеъ истифода шудааст. Дар матне, ки пештар оварда шудааст, мутарҷим феъли **ҳикоя кардан**ро низ дар ҳамин маврид истифода кардааст (матни пеш аз ин овардашуда). Аммо аз чӣ сабаб бошад, ки дар таҳрири («Ғ»:1982), феъли **нақл кардан** дар ҷойи худ истифода нашудааст.

Чизи дигар қобили қайд аст, ки ҳангоми тарҷумаи аввал нашри соли 1931 дар мавриди муроҷиат ба шахси танҳо ҷонишини **ту** истифода гардидааст, аммо минбаъд он бо ҷонишини **шумо** иваз карда шудааст. Ин нуктаро забоншинос – Баҳриддин Камолиддинов дар китоби худ «Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот» нигошта, ки:

«Ба мусоҳиб гоҳ бо ту, гоҳ бо шумо муроҷиат кунед, бешак, боиси озурдагии хотири ӯ мегардад. Мушкилии дигар ин аст, ки тавозӯъ ва муносибати боэҳтиромонаи гӯянда дар забони тоҷикӣ на танҳо нисбат ба мусоҳиби ҳозир – шахси дуюми танҳо, балки нисбат ба шахси ғоиб – шахси сеюми танҳо низ ифода меёбад» [3, с.52].

Аз ин рӯ, масъалаи одоби муошират ҳам аз мадди назари мутарҷим дур намондааст.

Дар илми забоншиносӣ такрори бемавқеъ ва ё суханҳои барзиёдро дар матн **ҳашви қабеҳ** меноманд. Мутарҷим ҳангоми таҳрири («Ғ»:1982) аз истифодаи суханҳои барзиёд даст кашидааст. Ӯ **ман-**и барзиёд ва пайвандаки тобеъкунандаи **то-**ро низ ихтисор кардааст.

Инчунин, бо илова кардани пешоянди **ба,** ки яке аз вазифаҳои асосии он ифодаи самту ҳаракат мебошад, ба ҷумла равшанӣ андохтааст.

Хулоса, на танҳо асарҳои тарҷумавии С.Улуғзода (аз он ҷумла тарҷумаи «Ғурмагас»), балки тамоми асарҳои адиб баъди ба нашр расидан боз таҳрири худи муаллифро дидаанд. Масалан, романи «Навобод», ки дар таҳрири аввал (1950) «Диёри Навобод» ном дошт, ҳангоми таҳрири дуюм (1953) унвони «Навобод»-ро гирифт. Асари «Достонҳои Шоҳнома» дар таҳрири аввал дар ду китоб ба нашр расида (1976-1977), дар таҳрири дуввум (1986) дар шакли як китоб ба табъ расид. Дар қатори ин офаридаҳо асарҳои таърихии устод Улуғзода низ чандин маротиба таҳрир ва такмил ёфтаанд. Чунончи, повести «Ривояти суғдӣ» дар шакли китоб аввалин бор соли 1977 дар нашриёти «Ирфон» ба нашр мерасад, баъдан муаллиф бо таҳриру иловаҳои нав повести мазкурро соли 1984 дар нашриёти «Маориф» бори дигар чоп мекунанд. Романи «Восеъ» бори нахуст дар чаҳорҷилдаи «Асарҳои мунтахаб» соли 1969 чоп шуда буд. Баъд аз даҳ сол (1979) нависанда романро аз нав таҳрир карда, ба табъ мерасонад. Романи «Фирдавсӣ» ҳам бори аввал соли 1986 дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (№10, №11), соли 1988 дар нашриёти «Адиб» дар шакли китоби алоҳида ба табъ мерасад. Соли 1990 зери таҳриру такмили нави муаллиф бо хатти арабиасоси форсӣ, соли 1991 дар нашриёти «Адиб» бори дигар чоп мешавад.

Чунон ки мушоҳида гардид, қариб тамоми асарҳои бадеию тарҷумавии С.Улуғзода таҳриру такмил ёфта, чандин маротиба аз нашр баромадаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши нусхаҳои мухталифи осори бадеию тарҷумавии адиб, тарҷумон ва муҳаррир дар бахши филологияи тоҷик масъалаи муҳимми илмӣ ба ҳисоб меравад.

Воқеан, С.Улуғзода маданияти гуфтор ва маҳорати хуби тарҷумониро доро буд. Ҳангоми тарҷума, албатта, нозукӣ ва меъёрҳои забони худро нигоҳ доштааст. Ин аст, ки забони тарҷумаи «Ғурмагас» (1982) суфтаву равон ва мушаххас баромадааст.

А Д А Б И Ё Т

I) илмӣ

1. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон / Р.Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.
2. Ғаффоров, Р. Услубшиносӣ / Р.Ғаффоров [ва диг.]. – Душанбе: Маориф, 1985. – 191 с.
3. Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б.Камолиддинов. – Душанбе, 2007. – 52с.
4. Кӯчаров, А. Нақди матн ва масъалаҳои матншиносии насри С.Айнӣ / А.Кӯчаров. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 272 с.
5. Мухторов, Ш. Замон ва тарҷумон / Ш.Мухторов. – Душанбе: Адиб, 1989. – 208 с.
6. Ожегов, С.И. Лексикология. Лексикография. Культура речи / С.И. Ожегов. – М.: Высшая школа, 1974. – 352с.
7. Тарҷума ва балоғати сухан. Ҷ.2. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 192 с.
8. Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 400 с.

II) Рӯзнома ва маҷаллаҳо

9. Кӯҳзод, У. Муодили адабиёти асил (эҷодиёти С. Улуғзода) / У. Кӯҳзод // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2002, 25 октябр.
10. Турсунов, С. Дар селоби қисмат / С. Турсунов // Устод Улуғзода 90-сола мешавад // Ҷумҳурият. – 2002, 30 ноябр.

11. Самадов, А. Шермарди қаламрави сухан / А.Самадов // Устод С. Улуғзода 90-сола мешавад // Ҷумҳурият. – 2002, 30 ноябр.
12. Сотим Улуғзода суханвари бузурги миллати тоҷик аст: Паёми табрикии Э. Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихориҷашни 100-солагии нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А. Рӯдакӣ // Ҷумҳурият. – 2012, 18 октябр.
13. Сотим Улуғзода – классики адабиёти муосири тоҷик // Ҷумҳурият – 2012, 18октябр.
14. Устод С.Улуғзода: «Худшиносии миллӣ донистани миллат аст: Мусоҳибаи солинавӣ» // Газетаи муаллимон, 1983.
15. Комёр, М. Шермарди қаламрави сухан / М. Комёр // Аз рӯзгори устод Сотим Улуғзода // Садои мардум. – 1997, 2 июл.
16. Шарифов, Х. Гӯяндаи достони таърихи тоҷикон / Х.Шарифов // Ё сифате, ки ба осорибадеии устод Сотим Улуғзода метавон нисбат дод // Садои мардум. – 1997, 18, 28, 29 январ.

III) луғат

17. Мамадназаров, С. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / С.Мамадназаров. – Душанбе, 2007.
18. Мюллер, В.К. Англо-русский словарь / В.К. Мюллер. – М.: Русский язык,1990. – 483 с.
19. Русско-таджикский словарь. Под редакцией М. Асимова. - М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.
20. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Тартибдиҳанда М.Фозилов. Ҷ.I. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 952 с.
21. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ. Ҷ.I. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.
22. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошимов, Н.А. Маъсумӣ. Ҷ.II. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.
23. Ҷамшедов П. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ (бо вожагони тоҷикӣ) / П.Ҷамшедов, Т. Розӣ. – Душанбе: Пайванд, 2005. – 1202 с.
24. StandardTajik–English dictionary. Star Publications. 2000. V. D. Ruderman. Choose the right word. – Moscow: Higer school house, 1964.

IV) манбаи таҳқиқот

25. Voynich E.L. Gadfly / E.L. Voynich. - M.: Foreinge languages, publ., hose, 1953. – 332 p.
26. Войнич Э.Л. Овод / Э.Л. Войнич. – М.: Детская литература, 1972. – 304 с.
27. Войнич Э.Л. Zanbur / Э.Л. Войнич. – Сталинобод – Ленингард, 1937. – 338 с.
28. Войнич Э.Л. Занбӯр / Э.Л. Войнич. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1952. – 310 с.
29. Войнич Э.Л. Ғурмагас / Э.Л. Войнич. – Душанбе: Маориф, 1982. – 320 с.

ТАКМИЛЁБИИ МАҲОРАТИ ТАРҶУМОНӢ ВА МУҲАРРИРИИ С.УЛУҒЗОДА ДАР ДУ ТАРҶУМАИ ЯК РОМАН («ЗАНБӮР» ВА «ҒУРМАГАС»-И Э.Л. ВОЙНИЧ)

Дар мақолаи мазкур бори аввал масъалаҳои такмилёбии маҳорати тарҷумонӣ ва муҳарририи Сотим Улуғзода, инчунин тағйирот ва мавқеи истифодаи вожаҳо, ихтисору иловаҳо дар мисоли «Занбӯр» ва «Ғурмагас» баррасӣ гардидаанд. Аз як нашр ба нашри дигар суфтаву равон гардидани тарҷумаҳо ва дар порчаҳои начандон калони аз ҷониби мо интихобшуда ин қадар тағйирот ворид намудан аз серталаб будани С.Улуғзода нисбат ба фаъолияти тарҷумонии худ гувоҳӣ дода, тадричан пухтаву расотар гардидани сабки нигориши нависандаро нишон медиҳад. Омӯзиш ва таҳлилу баррасии муқоисавии ҳам асарҳои бадеӣ ва ҳам тарҷумаҳои С.Улуғзода имрӯз аҳаммияти илмию амалӣ дорад. Романи «Ғурмагас» панҷ маротиба аз ҷониби мутарҷим қалами таҳрир дидааст. Нашри аввали роман бо хатти арабӣ (1931 – Занбӯр), дуюму сеюм бо хатти лотинӣ (Zanbur – 1935, 1937), чаҳоруму панҷум бо алифбои кириллӣ (1952, 1982 – Ғурмагас) тарҷумаву таҳрир карда шуд. Аз баррасии тарҷума ва таҳрири нашри “Занбӯр” ва “Ғурмагас” маълум гардид, ки муқоисаи ин матнҳо, ду маротиба тарҷума шудани як роман ва таҳрир ёфтани нашрҳо аз нигоҳи забон ва услуби нигориши тарҷумон таҳқиқоти нав мебошад. Маҳорати забондонӣ ва услуби нигорандагии мутарҷим С.Улуғзода дар истифодаи вожаҳо бо тобишҳои гуногуни маъноӣ, маъниофарӣ, тарзи баёни андеша, тахайюли бою рангини эҳсосот ва нигоҳ доштани асолати забони модарӣ дар ҷараёни ду тарҷумаи як роман ошкор гардида, заминаи минбаъда барои қаламкашон ва мутарҷимони оянда мегардад.

Калидвожаҳо: тарҷумон, С. Улуғзода, робитаҳои байналмилалӣ, роман, "Ғурмагас", тарҷума, нависанда, Э. Л. Войнич, таҳрир, таҳқиқ, ихтисор, саёҳати фаннӣ, забон, фарҳанг, маданияти гуфтор, маҳорати тарҷумонӣ, меъёрҳои забон.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПЕРЕВОДЧЕСКОГО И РЕДАКТОРСКОГО МАСТЕРСТВО С. УЛУГЗОДА ЕГО ДВУХ ПЕРЕВОДАХ ОДНОГО РОМАНА ("ПЧЕЛА" И "ГУРМАГАС" Э.Л. ВОЙНИЧА)

В данной статье впервые рассматриваются вопросы совершенствования навыков перевода и редактирования Сотима Улугзода, а также изменения в употреблении слов, сокращений и дополнений на примере «Занбур» и «Гурмагас» («Овод»). Размеренность языка переводов писателя от одного издания к другому и внесение стольких изменений в отобранные нами небольшие фрагменты свидетельствуют о высокой требовательности С.Улугзода к своей переводческой деятельности и о постепенном созревании и совершенствовании стиля писателя. Изучение и сопоставительный анализ художественных произведений и переводов С.Улугзода имеют сегодня не только научное, но и практическое значение. Роман «Гурмагас» («Овод») редактировался пять раз. Первое издание романа было переведено и отредактировано на арабской графике (1931-Занбур), второе и третье – на латинице (Занбур-1935, 1937), четвертое и пятое – на кириллице (1952, 1982 – «Гурмагас»). По анализу перевода и редактированных изданий «Занбур» и «Гурмагас» стало очевидным, что сопоставление этих текстов, перевод одного и того же романа дважды и редактирование изданий, с точки зрения языка и стиля, является новым исследованием в этой области. Выявлены

лингвистическое мастерство и деликатный стиль С.Улугзода как переводчика при использовании лексики в различных значениях и коннотациях, способы выражения мысли и эмоциональной окраски и сохранение при этом самобытности родного языка в процессе двух переводов одного романа, что может стать практической основой для будущих писателей и переводчиков.

Ключевые слова: переводчик, С. Улугзода, международные отношения, роман, «Гурмагас», перевод, писатель, Э.Л. Войнич, редактирование, исследование, сокращение, научное путешествие, язык, культура, культура речи, переводческое мастерство, языковые нормы.

IMPROVING THE TRANSLATION AND EDITORIAL SKILLS OF S. ULUGZOD IN HIS TWO TRANSLATIONS OF ONE NOVEL ("BEE" AND "GURMAGAS" BY E.L. VOYNICH)

This article for the first time discusses the issues of improving the translation and editing skills of Sotim Ulugzod, as well as changes and the position of the use of words, abbreviations and additions on the example of "Zanbur" and "Ghurmagas" ("The Gadfly"). The regularity of the language of the writer's translations from one publication to another and the introduction of so many changes in the small fragments selected by us indicate S. Ulugzod's high demands on his translation activities and indicate the gradual maturation and clarity of the writer's style. The study and comparative analysis of S.Ulugzod's works of fiction and translations are of not only scientific, but also practical importance today. The novel "Ghurmagas" ("The Gadfly") has been edited five times. The first edition of the novel was translated and edited in Arabic script (1931-Zanbur), the second and third – in Latin (Zanbur-1935, 1937), the fourth and fifth – in Cyrillic (1952, 1982 – "Ghurmagas"). By analyzing the translation and edited editions of "Zanbur" and "Gurmagas", it becomes obvious that the comparison of these texts, the translation of the same novel twice and the editing of editions from the point of view of language and style is a new study in this field. The linguistic skill and delicate style of S. Ulughzod as a translator when using vocabulary in various meanings and connotations, ways of expressing thoughts, imagination and emotional coloring and preserving the identity of the native language in the process of two translations of one novel, which can become a practical basis for future writers and translators, are revealed.

Key words: translator, S. Ulugzoda, international relations, novel, Gurmagas, translation, writer, E.L. Voynich, editing, research, abbreviation, scientific journey, language, culture, culture of speech, translation skills, language norms.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, мудири кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-80-93-01**
Гулова Сарвиноз Нуровна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯйи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултаи журналистика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 009-66-22-92**

Сведения об авторах: ***Джураева Мушаррафа Рустамовна*** - Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор, заведующая кафедрой стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-80-93-01**
Гулова Сарвиноз Нуровна - Таджикский национальный университет соискатель кафедры стилистики и литературного редактирования факультета журналистики. **Адрес: 734025,** Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 009-66-22-92**

Information about the authors: ***Juraeva Musharrafa Rustamovna*** - Tajik National University, Doctor of Philological Sciences, Professor, Head of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **light_angel-65@mail.ru.** Tel.: **(+992) 938-80-93-01**
Gulova Sarvinoz Nurovna - Tajik National University, Applicant of the Department of Stylistics and Literary Editing, Faculty of Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 009-66-22-92**

УДК: 491.550 (1-87)

НИШОНАҲОИ САРФИЮ МАЪНОЙ, СОҲАИ ИСТИФОДАИ ИҚТИБОСОТИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ (МАХСУСАН АВРУПОЙ) ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ҷумаев Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Зимни баррасии мавзуи мазкур маълум гардид, ки дар адабиёти фаровони илмию методие, ки дар забоншиносии тоҷик ба вуҷуд омадааст, дар бораи нишонаҳои забонии калимаҳои иқтибосгирифта солҳои охир олимони тоҷик андешаҳои хешро баён доштаанд. Калимаҳои забони муосири тоҷик ва забони муосири фаронсавӣ аз бобати маншаъ, дар ҳакиқат, қабатҳои ниҳоят мухталифро ташкил медиҳанд. Дар таркиби луғавии забонамон баробари калимаҳои худӣ ё аслии тоҷикӣ, ки миқдоран чандон зиёд нестанд, теъдоди калони калимаҳои аз забонҳои дигар воридшударо мушоҳида метавон кард. Бо вуҷуди он чунин калимаҳоро имрӯз бегона донистан дуруст нест. Онҳо аз асолати худ хеле дур рафта, ба меъёрҳои истеъмолии забони мо пурра мутобиқ шудаанд.

Ҳол он ки калимаҳои аз забони русӣ воридшуда ба нишонаҳои назарраси савтӣ, наҳвӣ ва маъноии худ соҳиб гардидаанд. Ин ҷо ба мо зарур меояд, оиди нишонаҳои овозии ин гуна калимаҳои иқтибосгирифта, бо мисолҳои мушаххас маълумот диҳем. Иқтибосҳои савтӣ (фонетикӣ) дар заминаи иқтибосоти луғавӣ сурат мегиранд. Мувофиқ ба сарчашмаҳои илмӣ иқтибосҳои фонетикӣ дар забон тез ба амал намеояд, вай метавонад хеле дер сурат гирад. Барои мисол ба гуфтаи Т.Бердиева «аз забони арабӣ ба тоҷикӣ дар тули зиёда аз ҳазор сол фақат як овоз – «айн» чун тарзи аломати сакта иқтибос гардидааст. Калимаҳое, ки дар тоҷикӣ аломати сакта доранд, аксар иқтибосҳои арабиянд: маъно, даъво, маъруф, истеъдод…» [2, с.48]. Албатта, иқтибос дар заминаи муносибатҳои фарҳангию сиёсӣ ба амал меояд.

«Масъалаи омӯзиши иқтибосот ба таври возеҳ дар асарҳои олимони варзида аз қабили А.А. Шахматов, Н.А. Смирнов, Л.П. Крисин, Ф.Е. Корш, В.И Абаев, Е.А. Бакарева, С.И. Ожегов, Г.П. Ижакевич ва дигарон назаррас мебошад» [6, с.4].

Яке аз муҳаққиқони хориҷӣ Делфани дар китоби хеш изҳор медорад: «Фаронса дар Аврупо яке аз аввалин давлатҳое мебошад, ки муносибат ва ҳамкориҳояшро дар соҳаи ҳарбӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ бо Эрон мустаҳкам намуд. Баррасии мазҳари ҳаёти эрониҳо гувоҳ бар ин аст, ки дар фарҳанг, сиёсат, маъмурият ва худи забони форсӣ таъсироти фарҳангу адаби забони фаронсавӣ назаррас аст [10, с.97-101].

Нишонаҳои савтӣ:

а) Дар як идда калимаҳои русию аврупоӣ (фаронсавӣ) овозҳои хосси забони русӣ ***ц, щ, ы*** мавҷуданд, ки мувофиқи меъёрҳои имлои охирин бо овоз ва таркибҳои овозии тоҷикии ***с, тс, ш, шч*** ва ***и*** ифода карда мешаванд: **cirque-*сирк, accent-аксент*** *«тарзи талаффузи як забон дар забони дигар».*

б) Баръакси калимаҳои тоҷикӣ дар мавқеи аввали калимаҳои иқтибосии русию аврупоӣ (фаронсавӣ) ду ва се ҳамсадои паси ҳам омада метавонанд: ***tracteur-трактор, tramway-трамвай, trolleybus-троллейбус, kvas-квас*** *«нӯшокӣ азоби ҷав».*

в) Дар охири чунин калимаҳо ҳамчунин се ҳамсадои паси ҳам меоянд: ***spectre-спектр*** *«ҳафтранг», **infarctus-инфаркт** «сактаи дил».*

г) Гурӯҳи дигари онҳо дар байн чор ҳамсадои паси ҳам доранд: ***express – экспресс*** *«навъи нақлиёти суръаташ баланд», **abstraction-абстраксия** - «мафҳум», **gangster-гангстер** «торочгар», **contre-révolution-контрреволютсия** «аксулинқилоб».*

д) Аксар калимаҳои русию аврупоӣ (фаронсавӣ) серовоз буда, баъзеашон аз чор, панҷ ва зиёда ҳиҷоҳо таркиб ёфтаанд: ***videomagnétoscope - видеомагнитофон, synchrophasotron - синхрофазатрон*** *«дастгоҳи тезонидани ҳаракати протонҳо», **démobilisation - демобилизатсия** «ҷавобшавӣ аз сафҳои артиш», **désidéologisation - деидеологизатсия** «бегояшавӣ», **remilitarisation-ремилитаризатсия** «аз нав яроқнокшавӣ», **ostéoarthropathie-остеоартропаталогия** «як боби илми тиб, ки касалиҳои устухону бугумро меомӯзад».*

2) Нишонаҳои сарфӣ:

а) Калимаҳои русию аврупоӣ (фаронсавӣ) маъмулан дар шакли асосии грамматикии худ (именительный падеж) ба тоҷикӣ ворид шудаанд. Ҳамчун истисно аз ин қоида фақат як

миқдори ками чунин калимаҳо дар шаклҳои ҷудогонаи мустаъмал ба кор бурда мешаванд: ***herbier-гербария, sanatorium-санатория***.

б) Калимаҳои сохта ва мураккаб дар забони тоҷикӣ фақат ҳамчун калимаҳои рехта қабул шудаанд. Аз ин рӯ, онҳоро ба ҳиссаҳои маъноии хурдтар таҷзия кардан мумкин нест: ***conduite d'eau-водопровод, gazification - газификатсия, mécanisation-механизатсия, bolchevik-болшевик, conducteur-проводник*** «роҳбалади вагон» ва монанди инҳо.

3) Нишонаҳои маъноӣ:

а) Аксари калимаҳои иқтибосии русию фаронсавӣ ифодагари мафҳуму ашёҳои мушаххаси ҳаёти воқеӣ мебошанд: ***radio-радио, téléphone телефон, télévision, téléviseur-телевизор, fax-факс*** *«дастгоҳи электронии интиқоли матн ва расм»,* ***optique-оптика, prisme-призма, diorama-диорама*** *«тасвири манзара бо одамон»,* ***matador-матадор*** *«ҷанговар дар ҷанги одаму барзагов».*

б) Гурӯҳи зиёди чунин калимаҳо ҳамчун истилоҳи мухталиф дар ифодаи мафҳумҳои илмию фаннӣ ба кор бурда мешаванд: ***allitération-аллитератсия, assonance-ассонанс, consonance-консонанс, intonation- интонатсия, transcription-транскрипсия; azote-азот, amibe-амёба, méduse-медуза, photosynthèse-фотосинтез, génétique-генетика.***

в) Ҳиссаи дигари чунин калимаҳо дар ифодаи мафҳумҳои иҷтимоию сиёсӣ ба кор бурда шудаанд: ***socialisme-сотсиализм, inflation-инфлятсия, constitution-конститутсия, intervention-интервенсия*** ва ғайраҳо.

Соҳаҳои истеъмоли калимаҳои русию аврупоӣ

Истифодаи калимаҳои русию аврупоӣ ҳамчун вожаҳои ифодагари ҳаёти навин, шайъу мафҳумҳои ба зиндагии одамон тоза воридшуда дар соҳаҳои мухталифи фаъолият ва ҳаёти ҳаррӯзаи мардум истифода мешаванд. Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ миқдори чунин соҳаҳоро ниҳоят зиёд нишон додаанд. Ба назари мо, он ҳама соҳаҳои сершуморро дар доираи маҳдуди зайл ҷамъбаст кардан мумкин аст:

а) Саноат: ***fabrique- фабрика, завод-usine, combinat-комбинат*** «иттиҳодияи муассисаҳои саноатӣ», ***agrégat-агрегат*** «маҷмуи мошинҳо барои кори якҷоя», ***armature-арматура*** «симҳои дохили бетон», ***ciment-семент, béton-бетон*** «омехтаи семент бо рег ва шағал».

б) Кишоварзӣ: **agronome-агроном, vétérinaire-ветеринар, ferme-ферма, zootechnicien-зоотехник, silo-силос** «хӯроки дар хандақҳо туршкардашудаи чорво», **amélioration-мелиоратсия** «бо роҳи хушконидани обҳои зеризаминӣ беҳтар кардани ҳолати хок».

в) Нақлиёт: ***autobus-автобус, automobile-автомобил, wagon-вагон*** «даҳлези вагони мусофиркаш», **hélocoptère-вертолет.**

г) Маориф: ***institut-институт, doyen-декан, recteur -ректор,collège-колеҷ, mastère-магистратура, assistant-ассистент.***

д) Фарҳанг: ***club-клуб, théâtre-meamp, symphonie-симфония, air-ария, консерватория-conservatoire, opéra-опера, ballet-балет.***

е) Маишӣ: ***costume-костюм, manteau-палто, bar-бар, café-кафе, buffet-буфет, beefsteak-бифштекс.***

ё) Варзиш: ***football-футбол, boxe-бокс, volley-ball-волейбол, gymnastique-гимнастика, hockey-хоккей, stade-стадион, tennis-теннис, handball-ҳандбол, basket-ball-баскетбол.***

Дар байни калимаҳои аврупоӣ калимаҳои юнонӣ ва лотинӣ мавқеи махсус доранд. Онҳо дар забонҳои зиёди олам ба истилоҳсозии миллӣ замина гузоштаанд. Аксари онҳоро дар ин бобат дар забони тоҷикӣ ҳам равшан мушоҳида кардан мумкин аст [9, с.120].

а) **Калимаҳои юнонӣ.** Як гурӯҳ решаҳои юнонӣ ба тоҷикӣ на фақат ба воситаи забони русӣ, ҳамчунин дар гузаштаи дур тариқи забони арабӣ низ ворид шуда буданд. Бинобар ин, баъзеи чунин истилоҳот дар забони адабии муосири тоҷик дар ду варианти гоҳо аз ҳам ба куллӣ фарқкунанда вуҷуд доранд. Калимаҳои **қирот** аз **keration** «тангаи симин», ба маънои «ченаки вазни ҷавоҳирот»; **мусиқӣ**-moucike «санъати навозандагӣ», **файласуф**-philosophos «ҳакими донишманд», **молихулиё** аз решаҳои melas-«сиёҳ» ва chole-«зарда», ба маънои «бемории димоғие, ки боиси воҳима, савдоӣ ва хаёлӣ будан мешавад», ҳанӯз дар асрҳои миёна тавассути забони арабӣ қабул шуда буданд. Ҳамин решаҳо дар шаклҳои ***карат-carat, музика-musique, философ-philosophe, меланхолия-mélancolie*** боз дубора аз роҳи забони русӣ низ иқтибос шудаанд. Умуман калимаҳои иқтибосии юнонии ба воситаи забони русӣ воридшуда, ки истилоҳоти соҳаҳои ҷудогонаи илму фанро ташкил медиҳанд, дар

забонамон хеле зиёданд. Инак, чанде аз онҳо: **кафедра** kathedra «курсӣ, минбар», **филолог** аз решаҳои phileo «дӯст медорам» ва logos «сухан» ба маънои «мутахассиси соҳаи забон ва адабиёт», **тезис** thesis «даъво, мулоҳиза», **геран** geranos «турна», ба маънои «анҷибар»; **мифология** аз mythos «асотир» ва logos «сухан», ба маънои «илми асотиру афсонаҳо»; **гигиена**-hygieinos «солим, шифобахш», ба маънои «як шохаи тиб, ки тозагиву назофатро меомӯзад»; **диалог** dialogos «гуфтугӯйи дуҷониба», **лексика** lexikos «калима», **панорама** аз решаҳои pan «ҳама» ва horama «манзара», ба маънои «расме, ки манзари ниҳоят васеъро акс кардааст».

б) **Калимаҳои лотинӣ.** Дар таркиби луғавии забонамон як қатор калимаҳои лотинии бо ду роҳ воридшуда низ мавҷуданд. Чунончи, калимаҳои ***қайсар-kaesar*** «подшоҳи Рум, ***қантар-kentauros*** «махлуқи афсонавии нимаспу нимодам», ба маънои «аспи баста»; **кабиса** аз решаҳои **bis** «дубора» ва **sektrix** «буранда», ба маънои «соле, ки 366 рӯз дорад» ва монанди инҳо, ки дар гузашта аз арабӣ қабул шуда буданд, дар шаклҳои кайзер «подшоҳ», ***кентавр*** «махлуқи нимасп», ***бисектриса*** ба маънои «ба ду ҳиссаи баробар буридани кунҷ» дуюмбора тавассути забони русӣ қабул шудаанд. Калимаҳои иқтибосии лотинӣ ҳам дар забонамон асосан чун истилоҳоти шохаҳои ҷудогонаи илму фан дар истеъмоланд: ***auditorium-аудитория*** - «шунидгоҳ», ба маънои «дарсхона»; ***aquarium-аквариум*** - «обанбор», ба маънои «моҳихона»; ***inquisitio-инквизитсия*** - «таҳқиқ», ба маънои «ҷазои сахте, ки дар Аврупои асримиёнагӣ барои бидъатҳо муқаррар мекарданд»; ***incubare-инкубатор*** - «тухмхобонӣ», ***ambulatorius-амбулатория*** «мутаҳаррик», ба маънои «муассисае, ки маризонро дар иқоматгоҳашон табобат мекунад»; ***refere-реферат*** - «ахбор додан», ба маънои «матни маърузаи ошкор»; ***internus-интернат*** - «дохилӣ», ба маънои «таълимгоҳе, ки шогирдонро бо ҷойи хоб ва хӯрок таъмин мекунад»; ***dictatura-диктатура*** - «фармондиҳӣ», ***excursion-экскурсия*** - «ҳамла», ба маънои «саёҳат, гаштугузор».

в) **Калимаҳои англисӣ.** Қабули чунин калимаҳо, бахусус, дар даҳсолаҳои охир хеле афзудааст: ***meeting-митинг***-«вохӯрӣ», ба маънои «маҷлис, ҷамъомад»; ***lift-лифт***-«бардоштан», ба маънои «дастгоҳи механикие, ки бор ва одамонро ба қабатҳои боло ё поёни иморати серошёна интиқол медиҳад»; ***rekord-рекорд***-«дастоварди назаррас», ***лайнер*** аз ***line*** «хатти рост», ба маънои «анвои тайёра ва киштиҳои зудгард»; ***антифриз*** аз ***anti***-«зид» ва ***freese «сардӣ»,*** ба маънои «маводе, ки оби мошинро аз ях кардан эмин медорад»; ***tank-танк***-«мошини тасмачарх ва зиреҳпӯши ҷангӣ», ***stand-стенд***-«тахта барои лавҳа, нақша ва монанди инҳо»; ***barter-бартер***-«савдо бо усули ивази мол», ***management-менеҷмент***-«идоракунӣ».

г) **Калимаҳои олмонӣ:** ***Gastrolle-гастрол*** - «дар мақоми меҳмон», ба маънои «сафари ҳунарӣ»; ***Schiefer-шифер***-«варақсанг», ба маънои «масолеҳ барои пӯшидани болои бом»; ***Kolben-колба***-«шишаи махсуси лабораторӣ», ***Zink-синк,*** *руҳ* -«як навъ моддаи кимиёвӣ», ***Flotte-флот***-«маҷмуи киштиҳои ҳамвазифа», ***Sextett-секстет***-«асари мусиқӣ барои 6 фард», ***Kammerton-камертон***-«як навъ асбоби душоха барои санҷидани оҳангу овоз», ***Kanzler-канслер*** аз калимаи лот. ***Canselarius***-«дафтархона, канселярия», ба маънои «сардори ҳукумат дар баъзе мамлакатҳои аврупоӣ»; ***Stempel-штемпел***-«тамға», ***Schurf-шурф***-«чуқур».

д) **Калимаҳои фаронсавӣ:** ***régime-режим***-«усули идоракунӣ», ***pièce-пиеса***-«асари драммавӣ», ***marche-маши***-«ҳаракати мавзун», ***salut-салют***-«арзи салом», ***partisan-партизан***-«тарафдор», ба маънои «ҷанговари ихтиёрӣ дар ақибгоҳи душман»: ***embrasure-амбразура***-«тиркаш, равзанаи сангар»; ***ordre-ордер***-«низом, фармон»; ***pension-пансион*** аз лот. ***pensio*****,** айн. «пулдиҳӣ», ба маънои «меҳмонхонаи хурд бо таъмини хӯрокворӣ ва хидматҳои дигар»; ***attaché-атташе***-«рутбаи хурди дипломатӣ дар муассисоти корҳои хориҷӣ», ***jury-жюрӣ***-«ҳайати ҳукамо аз донишмандони ягон соҳа, ки дар ҳукми ин ё он даъво иштирокмекунанд».

е) **Калимаҳои итолиёӣ:** ***libretto-либретто*** айн. «китобча», ба маънои «матни асари бузурги мусиқиву овозӣ»; ***pianino-пианино***-«асбоби мусиқии пардагӣ», ***fascismo-фашизмто*** аз ***fascio***-«даста, тӯда», ба маънои «ҷараёни сиёсии иртиҷоӣ, ки танҳо барои манфиатҳои тӯдаи дороён кор мекунад»; ***guartetto-квартет***-«асари овозӣ барои чор фард», ***duetto-дуэт***-«асари овозӣ барои ду фард», ***solista-солист*** аз лот. ***solus*** «як», ба маънои «сарояндаи якка»; ***sonetto-сонета***-«шеъри иборат аз 14 сатр», ***soprano-сопрано***-«овози баланди занона».

ё) **Калимаҳои сирф русӣ**. Бо вуҷуди он ки миқдори асосии калимаҳои русию аврупоӣ бевосита аз худи забони русӣ ворид шудаанд, дар байни онҳо калимаҳои сирф русӣ хеле каманд. Ба ин ҷумла, калимаҳои сеистеъмоли ***самолёт, вертолёт, завод, приёмник,***

будилник, самосвал, водопровод, самовор ва чанде дигар дохил мешаванд. Сарфи назар аз ин бояд ба эътибор гирифт, ки дар ҳар як калимаи аврупоии тавассути русӣ воридшуда махсусиятҳои русӣ, таъсири умумии онҳо зоҳир шуда меистанд. Яъне, калимаҳои иқтибосии аврупоӣ ба забони тоҷикии мо воридшуда, бо обуранги махсуси русиашон фарқ мекунанд. Мавриди ба тоҷикӣ пурра мутобиқ намудани онҳо бояд ин махсусияти чунин калимаҳо ба эътибор гирифта шавад.

Иқтибосшавии фаровони калимаҳои русию аврупоӣ ба забони тоҷикӣ дар садаи XX бо он ҳама нуқсонҳои дар қабули онҳо рух дода, аз тағйирёбиҳои бузурги иқтисодӣ, саноатӣ ва кишоварзӣ дар сарзамини тоҷикон, аз пешрафти босуръати маориф, илм ва фарҳанги мардуми он шаҳодат медиҳад.

Мо аз ин фурсат истифода намуда оид ба мавзуи мазкур, ки мутобиқати забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикиро дар бар мегирад, кӯшиш ба харҷ додаем, то қадри имкон аз калимаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ дар забони тоҷикӣ мисолҳое оварда, тасдиқи гуфтаҳоро исбот намоем.

Калимаи ***«compagnie»****(1080с.) (лот.compania)-и* фаронсавӣ бошад, имрӯз дар байни ҷавонони тоҷик ҳамчун *«компания»* истифода мешавад, аммо дар асарҳои бадеӣ ва илмӣ ин калима тарҷумаи ***«ҷамоат, гурӯҳ, тӯда, фавҷ»***-ро доро мебошад:– *Marat, c'est dans ce cabaret que vous avez invité déjeuner trois Marseillais par* ***compagni****e [14, с.191]-Марат, ту дар ҳамин майхона, аз ҳар* ***фавҷ (гурӯҳ)*** *секасӣ марселиёнро даъват кардӣ [5, с.135].*

Калимаи *«costume» (1747с. ба маънои дигар соли 1662 аз калимаи um.costume «coutume»)* калимаи фаронсавӣ буда, тавассути дигар забонҳо ба забони мо иқтибос шуда, тарҷумаи ***«костюм»***-ро гирифтааст: *Il avait* ***un costume*** *sombre, un col cassé et une cravate bizarre à grosses raies noires et blanches [11, с.93].-… Дар танаш* ***костюми*** *сиёҳ, гиребончаи оҳарӣ ва ким-чӣ хел галстуки гайриоддии раҳҳояш паҳни сиёҳу сафед дошт [1, с.85].*

Калимаи ***«fabrique»*** (XIV «construction» аз лотинии fabrica аз калимаҳои faber, fabri маънои «artisan», «ouvrier» баромадааст) низ ба гурӯҳи калимаҳои аслии фаронсавӣ дохил мешавад ва дар тоҷикӣ тарҷумаи **«фабрика»**-ро медиҳад: *Et il ajouta, pensif:– En attendant il y a à Londres dix-huit* ***fabriques*** *de faux assignats [14, с.189]. -Ва ӯ андешамандона илова кард: -Ҳол он ки дар Лондон ҳаждаҳ фабрика бо сохтани пулҳои қоғазии фаронсавӣ машғуланд [5, с.134].*

Калимаи ***«film» (1889с.)*** бошад дар тоҷикӣ тарҷумаи ***«филм»***-ро медиҳад: ***Le film*** *était drôle par moments et puis vraiment trop bête [11, с.33]. -Баъзе ҷойҳои* ***филм*** *шавқовар бошанд ҳам, он дар маҷмуъ филми аблаҳонае буд [1, с.31].*

Калимаи аслии забони фаронсавии ***«kilomètre» (1790с.)*** дар забони тоҷикӣ тарҷумаи ***«километр»***-ро медиҳад: *Nous avons pris un autobus et nous sommes allés à quelques* ***kilomètres*** *d'Alger, sur une plage resserrée entr rochers et bordée de roseaux du côté de la terre [11, с.53]. -Мо ба автобус нишаста, аз Алҷазоир чанд километр дуртар, ба пляжи хурдакаке рафтем, ки дар байни шохҳо пинҳон буд, аз самти хушкӣ онро қамишҳо панаҳ мекарданд [1, с.50].*

Калимаи **«mètre»**- аз лотинии **metrum (1220с.)**, юнонии **metron** гирифта шуда, дар забони фаронсавӣ (mètre) мебошад ва ба забони тоҷикӣ чун ***«метр»*** *ворид гардидааст*: *Quarante-deux* ***mètres*** *de longueur, dix mètres de largeur, onze* ***mètres*** *de hauteur, telles étaient les dimensions de ce qui avait été le théâtre du roi et de ce qui devint le théâtre de la révolution[14, с.242]. -Бинои собиқи театри шоҳӣ, ки театри инқилобӣ шуда буд, чиҳилу ду* ***метр*** *дарозӣ, даҳ* ***метр*** *бар ва ёздаҳ* ***метр*** *баландӣ дошт [5, с.151].*

Калимаҳои ***«musée»*** *(лот.***museum-юн.mouseion***)* ва ***«musique»*** *(лот.musica юн.mousiké)* ба забони тоҷикӣ иқтибос шуда, маънои ***«музей, осорхона»*** ва ***«мусиқӣ»***-ро доро мебошанд: *Elle(la Convension) créait les écoles de musiques (les conservatoires) et les musées [14, с.261]. -Вай (Конвент) мактаби мусиқӣ ва музейҳо таъсис дод [5, с.168].*

Калимаи ***«orchestre»***, (юн.orkhestra)-и забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шуда, маънои ***«оркестр, созанда»***-ро медиҳад: *On dîna au bruit des fanfares dans les entre-sols du Palais-Royal, avec des* ***orchestres*** *de femmes battant du tambour et sonnant de la trompette[14, с.161]… -Дар болои Поле-Роял дар зери най ва нақора наҳорӣ мекарданд,* ***созандагон (оркестрон)*** *аз занон фароҳам омада буданд [5, с.110].*

Калимаи ***«plage»- (ит. Plaggia 1298)*** фаронсавӣ бошад, дар забони тоҷикӣ маънои ***«пляж»- (канори дарё ё баҳр, ки боби оббозӣ ва офтобхӯрӣ мебошад)***-ро медиҳад: *Nous avons*

pris un autobus et nous sommes allés à quelques kilomètres d'Alger, sur ***une plage*** *resserrée entre des rochers et bordée de roseaux du côté de la terre [11, с.53].-Мо ба автобус нишаста, аз Алҷазира чанд километр дуртар, ба* ***пляжи*** *хурдакаке рафтем, ки дар байни шохҳо пинҳон буд, аз самти хушкӣ онро қамишҳо панаҳ мекарданд [1, с.50].*

Калимаи ***«sergent»- (1050с.)*** ба калимаҳои аслии фаронсавӣ дохил шуда, ба забони тоҷикӣ аз ин забон иқтибос гардида, барои рутбаҳои ҳарбӣ истифода бурда мешавад ва дар тоҷикӣ низ тарҷумааш *«сержант»* мебошад: *Trente grenadiers, détachés en éclaireurs et commandés par* ***un sergent****, marchaient en avant à une assez grande distance du gros de la troupe [14, с.11]. -Сӣ нафар* ***гренадер****-афсарони яккачини кашшоф зери идораи* ***сержант*** *аз фавҷи асосӣ хеле дур мерафтанд [5, с.10].*

Калимаи ***«système»***-и фаронсавӣ бошад, аллакай, калимаи умумиистеъмолӣ шудааст ва ба забони тоҷикӣ иқтибос шуда, маънои ***«система»***-ро медиҳад: *Elle décrétait l'unité de code, l'unité de poids et de mesures, et l'unité de calcul par* ***le système*** *décimal [14, с.156]. -Вай ягонагии қонунҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноятиро, ягонагии ченакҳо ва вазн ва ягонагии ҳисоби* ***системаи*** *даҳиро бо декрет ҷорӣ кард [5, с.168].*

Калимаи ***«théâtre»(1200с.-(аз лотиниии theatrum)***-и фаронсавӣ бошад, дар забони тоҷикӣ тарҷумаи ***«театр»***-ро медиҳад: *Quarante-deux mètres de longueur, dix mètres de largeur, onze mètres de hauteur, telles étaient les dimensions de ce qui avait été* ***le théâtre*** *du roi et de ce qui devint* ***le théâtre*** *de la révolution [14, с.143]. -Бинои собиқи театри шоҳӣ, ки* ***театри*** *инқилоби шуда буд, чиҳилу ду метр дарозӣ, даҳ метр бар ва ёздаҳ метр баландӣ дошт [5, с.151].*

Албатта, калимаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ дар забони тоҷикӣ бисёранд ва мо наметавонем, онҳоро дар чанд саҳифаи мақола баррасӣ намоем. Аммо то қадри имкон кӯшиш намудаем баъзе калимаҳоро бо мисолу далелҳои илмӣ ва баъзеашонро дар шакли луғат қайд намуда бошем. Масалан метавон гуфт, ки дар шакли луғат калимаҳои зеринро ин ҷо нишон додаем: **theorie**- теория; **ciment**- семент, симон, соруҷ; **acteur**- актёр; **ananas**-ананас (номи растании тропикӣ ва меваи он, ки хушбӯй ва лазиз аст); **antenne**- антенна (асбоби қабул ё паҳнкунандаи мавҷҳои электромагнитӣ); **asphalte**-асфалт, **bombe**- бомба; **bactérie**-бактерия (организми бисёр хурди якҳуҷайра); **balcon**-балкон; **ballet**- балет; **banque**-банк; **brochure**- рисола, китобча, брошюра; **canal**- канал (канал, ҷӯйбор, канали (ҷӯйи) обёрӣ); **caoutchouc**- каучук; **capot**-капот (сарпӯши механизме, ки аз чанг муҳофизат мекунад); **casino**- казино (1. қиморхона 2. ҷойи истироҳат ва бозиҳои гуногун дар беруни шаҳр ва курортҳои мамлакатҳои хориҷӣ); **chimie**-химия, кимиё; **cinéma**-синамо; **cirque**-сирк; classique-классикӣ, классик (ходими забардаст ва аз тарафи умум эътирофгардидаи илм, адабиёт, санъат); **clinique**-клиника, бемористон (касалхонае, ки дар он ҷо ба ғайр аз табобати муқаррарӣ тачрибаи донишҷӯён ва кори тадқиқотии илмӣ гузаронида мешавад); клиникавӣ, клиника, бемористон; **dictée**-диктант, имло; **diplôme**-диплом; **disque**-диск; **épidémie**-эпидемия (паҳншавии умумии касалии сироятӣ); **garage**-гараҷ ва ғайраҳо.

Хулоса, иқтибосоти забонҳои аврупоӣ дар забони тоҷикӣ ҳам мустақим ва ҳам тавассути забонҳои русӣ дохил шуда, қабатҳои холигии забонро пурра намудаанд. Ҳатто аз забони бегона ба забони тоҷикӣ ворид гардидани баъзе аз ин калимаҳоро фарқ кардан хеле душвор мебошад.

Муқарриз: Замонов З.И. – н.и.ф., дотсенти ДМТ.

А Д А Б И Ё Т

1. Албер, К. Бегона / К. Албер. - Душанбе: Деваштич, 2007. - 150 с.
2. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос (калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ) / Т. Бердиева // Назарияи иқтибос. – Душанбе: ДМТ, 1991. – 127 с.
3. Будагов, Р.А. Человек и его язык / Р.А. Будагов. - М.: Изд. МГУ, 1974. - 259 с.
4. Виноградов, В.В. Избранные труды: Лексикология и лексикография / В.В. Виноградов. - М., 1977. – 312 с.
5. Виктор, Гюго. Наваду саввум / Гюго Виктор. - Душанбе: Деваштич, 2009. - 181 с.
6. Джумаев, Т.Б. Персидские заимствования во французском языке (лексико-семантический и грамматический анализ): дис. … канд. филол. наук: 10.01.19 / Т.Б. Джумаев. – Душанбе, 2018. – 200 с.
7. Крейн, И.М. Французские заимствования в английском языке XIX в.: автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.01 / И.М. Крейн. – М., 1963. – 17 с.
8. Крысин, Л.П. Иноязычные слова в современном русском языке / Л.П. Крысин. – М.: Наука, 1968. – 208 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. – Ҷ.I. - С.120.
10. Ҷумаев, Т. Зуҳури иқтибосоти фаронсавӣ дар забони форсӣ / Т. Ҷумаев // Паёми ДМТ. Бахши филологӣ. - Душанбе: Сино, 2017. - №4/4. - С.97-101.
11. Albert Camus. L'Etranger. / Camus Albert. - France: Gallimard, 1942. - 171 p.

12. Haugen, E. The analysis of linguistique borrowing. “Language” / E.Haugen. – 1950. - Vol. N 2.
13. Robert Dictionnaire de la langue francaise. - Paris: Hachete, 1993. - 2467 p.
14. Victor Hugo. Quatre-vingt-treize / Hugo, Victor. - Paris: Gallimard, 1979. - 632 p.
15. Walther, von Wartburg. Dictionnaire étymologique de la langue française. - Paris, 1932. - 682 p.

НИШОНАҲОИ САРФИЮ МАЪНОӢ, СОҲАИ ИСТИФОДАИ ИҚТИБОСОТИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ (МАХСУСАН АВРУПОӢ) ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола масъалаи асосӣ нишонаҳои сарфию маъноӣ ва соҳаҳои истеъмоли иқтибосоти забони фаронсавӣ дар забони тоҷикӣ ва мутобиқати онҳо дар забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Маълум гардид, ки як қатор калимаҳои аврупоӣ ва хориҷие, ки ба забони тоҷикӣ ворид гардидаанд, онҳо ба аломатҳои сарфию маъноии худ дар забони тоҷикӣ мутобиқ шудаанд. Дар мақолаи мазкур мисолҳо дар асоси адабиёти тарҷумашуда аз забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ барчида шудаанд. Ҳамзамон дар кор аз луғатҳои этимологӣ ва луғати калони Робер, ки дар он решаи асосии калимаҳои бегона нишон дода мешавад, мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар мақолаи мазкур ҷиҳати нигоҳдошти фонетикию овозии калимаҳои иқтибосшуда ба қонуну қоидаҳои забони иқтибосгиранда мутобиқ гардонида шудаанд. Ҳангоми баррасии ин мавзуъ ба мо муяссар гардид, ки ба якчанд асарҳои мутахассисони забоншиносӣ тоҷику форс ва фаронсавӣ ва сарчашмаҳои интернетӣ, такя намоем. Азбаски забони тоҷикӣ - форсӣ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад, ҳангоми ковишҳо ва ҷустуҷӯҳои асарҳои илмӣ бисёр калимаҳои ба ҳам монандро дар ин забонҳо, яъне фаронсавию тоҷикӣ, пайдо кардан мумкин аст. Ҳамзамон таҳлили элементҳои лексикии забони фаронсавӣ дар забони тоҷикӣ – форсӣ, ки аз рӯйи объекти истифода ба гурӯҳҳои махсус ва зергурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд ва онҳо ба шохаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ тааллуқ доранд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, муқоиса, забон, категория, калимаҳои иқтибосӣ, муносибати забонӣ, тарҷума, калимаҳои аслӣ, хусусиятҳои типологӣ.

МОРФОЛОГИЧЕСКИЕ И СЕМАНТИЧЕСКИЕ ЗНАКИ, ОБЛАСТЬ УПОТРЕБЛЕНИЯ ЦИТАТ ИЗ ИНОСТРАННЫХ (ОСОБЕННО ЕВРОПЕЙСКИХ) ЯЗЫКОВ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматривается основной вопрос изъявительных знаков и областей употребления франкоязычных цитат в таджикском языке, а также их сочетаемость в таджикском языке. Выяснилось, что иностранные слова, вошедшие в таджикский язык, адаптировались к знакам ряда европейских слов и их значениям в таджикском языке. В данной статье рассматриваются примеры на основе литературы, переведенной с французского на таджикский язык. При этом было решено использовать этимологические словари и толковый словарь Роберта, в которых представлены основные корни иностранных слов. В этой статье отдельные слова были адаптированы к законам и правилам цитируемого языка с целью сохранения фонетики и звучания. При рассмотрении данной темы мы опирались на работы таджикских, персидских и французских лингвистов и интернет-источники. Потому что таджикско-персидский язык относится к семье индоевропейских языков в ходе многовековых исследований и поисков науки в этих языках, т.е. во французском и таджикском, можно найти много похожих слов. В то же время при анализе лексических элементов французского языка в таджикско-персидском языке, исходя из объекта употребления, выделяются особые группы и подгруппы, которые относятся к разным ветвям общественной жизни.

Ключевые слова: лингвистика, сопоставление, язык, категория, заимствованные слова, языковые контакты, перевод, исконные слова, типологические особенности.

MORPHOLOGICAL AND SEMANTICS SIGNS, THE FIELD OF USING QUOTATIONS FROM FOREIGN (ESPECIALLY EUROPEAN) LANGUAGES IN THE TAJIK LANGUAGE

The article deals with the main issue of indicative signs and areas of use of French language quotations in the Tajik language, and their compatibility in the Tajik language. It turned out that foreign words that have entered the Tajik language have adapted to the signs of a number of European words and their meanings in the Tajik language. In this article, the examples based on the literature translated from French to Tajik language are considered. At the same time, it was decided to use etymological dictionaries and Robert's big dictionary, which represent the main roots of foreign words. In this article, the quoted words have been adapted to the laws and rules of the quoted language in order to preserve the phonetic and sound. When considering this topic, we managed to rely on several works of Tajik, Persian and French linguists and Internet sources. Because the Tajik-Persian language belongs to the family of Indo-European languages. during the researches and searches of centuries of science, many similar words can be found in these languages, i.e. French and Tajik. At the same time, the analysis of the lexical elements of the French language in the Tajik-Persian language, based on the object of use, is divided into special groups and subgroups, which belong to different branches of social life.

Key words: linguistics, comparison, language, category, quoted words, linguistic relationship, translation, original words, typological features.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумаев Тӯйчибой*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.** Тел.: **(+992) 931-24-14-44**

Сведения об авторе: ***Джумаев Туйчибой*** – Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент кафедры иностранных языков факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.** Тел.: **(+992) 931-24-14-44**

Information about the author: ***Dzhumaev Tuychiboy*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Foreign Languages, Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **dopemuhammad@yahoo.com.**
Phone: **(+992) 931-24-14-44**

УДК: 491.550-31

НАҚШИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИНОНИМҲО ДАР «НАФАҲОТ-УЛ-УНС» ВА «БАҲОРИСТОН»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Синонимҳо аз муҳимтарин воситаҳои бой гардидани таркиби луғавии забон ба ҳисоб рафта, барои пурраву ҷозибанок тасвир намудани предмет ва ҳодисаву воқеаҳои мухталиф мусоидат менамоянд. Тавассути онҳо фикр дилчаспу мухтасар, возеҳу пурмаъно ва таъсирбахш ифода меёбад [ниг.: 11, с. 17; 12, с. 14-17; 28, с. 118; 30, с. 24; 15, с. 105-106; 23, с. 78]. Аз ин рӯ фасоҳату балоғати сухан аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи дурусти истеъмоли синонимҳо вобаста аст.

Интихоби калима, дарки тобишҳои нозуки маъно ва обуранги услубии воҳидҳои луғавӣ аз паҳлуҳои муҳими сабки нигориш ба ҳисоб рафта, ба масъалаи синонимия алоқамандӣ дорад. Шахси эҷодкор ҳангоми ифодаи матлаб аз байни калимаву ифодаҳои бешумори таркиби луғавии забон ҳамонеро интихоб менамояд, ки ҳадафи ӯро возеҳу дуруст ифода карда тавонад. Саҳеҳу пурмаъно, муассиру хушоҳанг ва равшан ифода кардани фикр агар, аз як тараф, ба интихобу истеъмоли калима вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба ҷаҳонбинӣ, завқи бадеӣ, ғановати луғавӣ ва маҳорати сухандониву сухансанҷии ҳар эҷодкор вобаста аст. Дар эҷодиёти ҳар адиб истифодаи калима ва ифодаҳои шаклан гуногуну мазмунан ба ҳам наздик аҳамияти махсус дошта, дар муайян кардани маҳорати забондонии ӯ омили муҳим ба ҳисоб меравад [ниг.: 25, с. 19-27; 7, с. 91; 28, с. 119; 30, с.24].

Мавзуи муродифот дар сатҳи лексикология, фразеология ва грамматика баррасӣ шавад ҳам, он аз масъалаи марказии услубшиносӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, услуб ва тарзи нигориши ҳар эҷодкор бо синонимҳо ва хусусияти ҳаммаъноии калимаҳо алоқаи ногусастанӣ дорад [ниг.: 10, с. 90-91; 7, с. 91; 16, с. 64]. Ба андешаи забоншинос М. Муҳаммадиев: *«Масъалаи синонимҳоро ба назар нагирифта дар бораи услуби суханронӣ, воситаҳои забон, умуман, ифодаи фикр сухан рондан имконнопазир аст»* [11, с. 14]. Интихоби дурусту бамавқеъ истифода бурдани калима ва дар ин замина саҳеҳу бехато ифода кардани фикр вазифаи ҳар эҷодкор ба ҳисоб рафта, аз силсилаи синонимҳо интихоб намудани калимае, ки матлабро возеҳу таъсирбахш ифода намояд, ба ҳунару маҳорати эҷодии ӯ вобаста мебошад. Чунонки забоншинос Б. Камолиддинов зимни баррасии маҳорати нозукадоии устод Айнӣ калимаҳои ҳаммаъноро на танҳо як воситаи муҳими гурез аз такрори бемавқеъ дар асари бадеӣ меҳисобад, балки зуҳуроти камоли маҳорати *«суханварӣ ва сухангустарӣ»*-ро ба *«масъалаи муродифоти луғавӣ, тафовути тобишҳои маъно ва хусусияти услубии калимаҳои ҳаммаъно, ба тарзи интихобу мавқеи истеъмоли онҳо»* марбут медонад [6, с. 31]. Муҳаққиқ Т. Шокиров низ синонимҳоро аз маҳимтарин воситаи ифодаи матлаб, хушбаёниву равонӣ, пуробурангиву пурҷилоии фикр ҳисобида, нақши ин гуна вожаҳоро барои таъмини бадеияти асар муҳим арзёбӣ намудааст [ниг.: 32, с. 82-83].

Сарчашмаҳои пайдоиши синонимҳо дар забон мухталиф буда, *«ба қабатҳои услубӣ ва иҷтимоии таркиби луғавии забон вобаста аст»* [24, с. 59]. Калимаҳои иқтибосӣ яке аз сарчашмаҳои пайдоиши синонимҳо ба ҳисоб мераванд [ниг.: 4, с. 19-20; 24, с. 59]. Дар иртибот ба ин метавон гуфт, ки иқтибосоти арабӣ низ дар баробари ғанӣ гардондани таркиби луғавии забони тоҷикӣ яке аз сарчашмаҳои муҳими пайдоиш ва ташаккули синонимҳо ба ҳисоб мераванд. Дар ин бора муҳақиқ Т. Бердиева чунин мегӯяд: *«Арабиёт тавассути омилҳои иҷтимоӣ ва бешубҳа, омилҳои дохилизабонӣ дар маҷрои инкишофи луғавии забон дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ сабабгори гоҳ душворфаҳмӣ, гоҳ ғановати маъно…, маҳдудияти маъно ва инкишофи муродифот ва амсоли инҳо гаштааст»* [2, с. 6].

Дар асарҳои насрии Абдураҳмони Ҷомӣ низ муродифоти луғавӣ чун дар ҳама гуна асарҳои баландпояи бадеӣ хеле фаровон ба назар мерасанд. Бешубҳа, баррасию омӯзиши муродифот дар насри ин суханвари номӣ барои то андозае шинос гардидан ба лабораторияи эҷодии ӯ, муайян кардани тарзи баён ва меъёри интихобу истеъмоли сухан дар роҳи офариниши маънӣ ва мазмунҳои тоза мусоидат мекунад. Ба қавле *«ҳар гоҳ аз сарвати забон сухан равад, одатан чун далели раднопазир ба ғановат ва гуногунрангии*

муродифот рӯ меоваранд» [3, с. 5]. Вақте сухан аз интихобу истеъмоли калима меравад, боз ба синонимҳо муроҷиат менамоем, чунон ки А. А. Брагина мегӯяд: *«Ҳангоме ки кӯшиши бо диққати том андеша ва эҳсосоти худро баён кардан ё онро ниҳон доштан мекунанд, ба синонимҳо муроҷиат месозанд»* [3, с. 5].

Барои ифодаи мафҳум, мақсад ва андешаи худ интихоби дурусти калима ё ибораю таркиби беҳтарин ҳунар аст. Дар ин мақолаи илмӣ мо тасмим гирифтем, доир ба нақши иқтибосоти арабӣ дар ташаккули муродифоти луғавӣ дар асарҳои насрии Абдураҳмони Ҷомӣ – «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ул-унс» сухан ронем. Гуфтан бамаврид аст, ки иқтибосоти арабӣ дар ташаккули муродифоти луғавӣ дар асарҳои зикршуда мавқеи назаррас доранд ва барои рангину фасеҳ ва дурусту саҳеҳ ифода гардидани матлаби адиб мусоидат намудаанд. Масалан, нависанда барои ифодаи мафҳуми Худованд силсила калимаҳои арабию тоҷикии ***Аллоҳ, Ҳақ, Холиқ, Маъбуд, Раб, Худо, Худованд, Парвардигор***ро ба кор бурдааст:

*Сухан дар зоти **Ҳақ** ҷаҳл аст, ки ҳеч касро дар зоти **Аллоҳ** сухан нест...* [27, с. 182]; *Эй фарзанд! Вақте ки хидмати махлуқеро ҳамчу худ некӯ натавонӣ кард, хидмати **Холиқ**ро чӣ гуна ба ҷой тавонӣ овард?* [27, с. 329]; *Савганд ба иззати он **Маъбуд**, ки онро бор нахоҳам кард, магар бар пушти ту* [27, с. 696]; *Ва ҳам вай гуфта, ки дар Макка бисёр дуо мекардам, ки: «Ё **Раб**, дили маро ба худ ошоноиву шиносоӣ деҳ!»* [27, с. 153]; *Ман аз **Худо**и таоло шарм медорам, ба марде назар кунам, ки **Худо**и таоло ба вай назар намекунад!* [26, с. 373]; ***Худованд**, субҳонаҳу, туро мулки бузург додааст, занони бисёр кун, то фарзандони ту бисёр гарданд ва ёдгори ту андар ҷаҳон бимонад* [26, с. 374]; *...чаро водии нафс ва ҳаворо қатъ намекунад, то ба дил бирасад ва осори **Парвардигори** худ бинад?* [27, с. 168].

Муаллиф барои саҳеҳ ва мувофиқи мақсад ифода кардани фикр аз силсилаи муродифоте, ки мафҳуми Худовандро ифода менамоянд, ҳамонеро интихоб намудааст, ки аз ҷиҳати ифодаи эҳсосот ва мавқеи истеъмол дуруст аст. Албатта, гурӯҳи калимаҳое, ки барои ифодаи мафҳуми Худованд ба кор бурда шудаанд, аз ҷиҳати тобишҳои маъно фарқ мекунанд. Аз байни ин калимаҳо вожаи ***Ҳақ*** хусусияти ирфонӣ дорад. ***Маъбуд*** хусусияти китобӣ дошта, ба маънои умумии *«ҳар чизи қобили парастиш, предмети ибодату парастиш, чизе, ки онро ҳамчун Худо парастиш мекунанд, ба монанди бут, оташ ва гайра»* [1, с. 494; 18, с. 663] истеъмол мегардад. Дар асарҳои мавриди таҳқиқи мо ин калима ба маънои *«Худованди ягона, Офаридгори тамоми олам ва мавҷудот»* ба кор бурда шудааст. ***Худо*** бештар хусусияти умумиистеъмолӣ дорад. ***Раб*** ҳангоми муроҷиат дар сухани фасеҳу пуршукӯҳ ба кор бурда мешавад. ***Парвардигор, Аллоҳ*** ва ***Холиқ*** хусусияти китобӣ дошта, дар нутқи хаттӣ истифода мегарданд.

Ҳарчанд нависанда калимаҳои ҳаммаънои ***шайх*** ва ***пир***ро бо мақсади худдорӣ аз такрори бемарид ба кор бурдааст, вале доираи маънои калимаи аслии тоҷикии ***пир*** васеъ мебошад. Он бо калимаҳои зиёд ҳамнишин шуда метавонад. Калимаи арабии ***Шайх*** бошад, бештар ҳамчун истилоҳи динию тасаввуфӣ ба кор бурда мешавад. Аммо вожаи ***пир*** на танҳо ба маънои динию тасаввуфӣ истеъмол мешавад, балки дар ҳар касбу кор маънои *«устод (усто)»*-ро ифода менамояд [ниг.: 13, с. 161-162].

*Чун фориғ шуданд аз самоъ, мутрибро қазф афтод ва бар саҷҷодаи **Шайх** қай кард. **Пир** гуфт: «Ҳеч магӯед!»* [27, с. 263];

Ҳангоми таҳлили услубии муродифот дар осори ҳар эҷодкор бояд на танҳо истифодаи силсиланоки муродифот, ки ҳадафи гӯяндаро мушаххастар мегардонанд, ба инобат гирифта шавад, балки ба интихоби калима низ диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Дар осори илми забоншиносӣ муродифоти луғавиро ба хелҳо ҷудо кардаанд, вале ин таснифот бо баъзе тафовути ҷузъӣ асосан бо ҳам мувофиқ меоянд. Аз ҷумла, М. Ф. Палевская дар асари худ «Синонимы в русском языке» муродифотро ба хелҳои семантикӣ, услубӣ ва семантикию услубӣ ҷудо мекунад [ниг.: 14, с. 34]. Забоншинос Ҳ. Маҷидов бошад, онҳоро ба муродифоти мафҳумӣ (семантикӣ ё маъноӣ), услубӣ ва эҳсосӣ гурӯҳбандӣ намудааст [ниг.: 9, с. 80-81]. Бо вуҷуди ин, мо ҳангоми таҳлилу баррасии синонимҳо дар насри Ҷомӣ ҳадафҳои услубии калимаҳои наздикмаъноро меъёри асосӣ интихоб намудем, зеро муродифот объекти асосии фанни услубшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Албатта, яке аз сабабҳои истифодаи муродифот гурез аз такрори бемаврид аст, зеро *«забони вайрон ҳар гуна фикри бикрро ҳам барбод медиҳад»* [17, с. 26]. Абдураҳмони Ҷомӣ ки

аз маҳорати баланди сухангустарӣ бурхӯрдор буд, таркиби луғавии асарҳои ӯ хеле бою рангин мебошанд. Дар осори ӯ такрори бемавқеу забонзада шудани калимаву таркиб ва ибораҳо ба назар намерасад ва ин ба шарофати истифодаи дурусту моҳиронаи калимаҳои ҳаммаъно ба ӯ муяссар шудааст. Нависанда барои ифодаи як матлаб калимаву ифодаҳои гуногуни ҳаммаънои арабию тоҷикиро истифода мебарад, ки ин боиси фасоҳату назокати сухан ва зебоиву таъсирбахшии фикр мегардад:

Ҳарчанд таҷассус намуд ҷуз ***касрат****и тараддуд ва* ***бисёри****и омадшуд онро сабабе наёфт* [26, с. 359]; *Миёни Муовияву Уқайл ибни Абетолиб* ***дӯсти****и тамом буду мусоҳабати бардавом. Рӯзе дар роҳи* ***муҳаббат****ашон хоре афтоду бар чеҳраи* ***мувадда****ташон губоре нишаст* [26, с. 365]; ***Бим****и ман аз меҳмони пӯшида аст, на аз мизбони ошкор ва* ***тарс****и ман аз заҳри дандони мор аст, на аз захми пайкони хор. Агар на* ***ҳавл****и ин меҳмон хӯрдаме, мизбонро як луқма кардаме* [26, с. 474].

Дар мисолҳои боло калимаҳои ба ҳам муродифи ***касрат – бисёрӣ, дӯстӣ – муҳаббат – мувaддат, бим – тарс – ҳавл*** ба хотири гурез аз такрори ноҷо, забонзада нашудани калимаҳо ва гӯшхарош нагардидани матлаб ба кор бурда шудаанд, ки ин аз маҳорати баланди нигорандагӣ ва сухандониву суханшиносии адиб гувоҳӣ медиҳад. Аз байни ин калимаҳо ***касрат*** хусусияти китобӣ дошта, ***бисёрӣ*** умумиистеъмол мебошад. ***Дӯстӣ*** хусусияти умумиистеъмолӣ ва ***муҳаббат*** хусусияти китобӣ дорад, ***мувaддат*** дар забони имрӯза умуман дар истеъмол ба назар намерасад.

Абдураҳмони Ҷомӣ нависандаи мумтоз ва нуктасанҷ аст. Ӯ дар забони асарҳои насриаш унсурҳои забонӣ, ба хусус муродифоти воҳидҳои луғавиро самаронок ба кор бурдааст. Истифодаи дурусти муродифот имкон додааст, дар асарҳои нависанда фикр саҳеҳу воқеӣ ва матлаб дурусту образнок ифода ёбад, ки чунин тарзи ифодаи марғуб таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб намуда метавонад. Аз ҷумла нависанда бо мақсади таъмини равшанбаёнӣ аввал калимаи аслии тоҷикӣ ва баъдан муродифи арабии онро меорад:

Дар хабар аст, ки Худои таоло фардои қиёмат бо бандаи аз муфлисӣ ва бемоягӣ шарманда мегӯяд, ки фулон ***донишманд*** *ё* ***орифро*** *дар фулон маҳалла мешинохтӣ?* [26, с. 334].

Баъзан вожаи арабӣ бо синонимҳои тоҷикиаш шарҳ дода мешавад:

Балои азим мебинам, аммо ***ҳаво****, яъне* ***меҳру дӯстӣ*** *беш аз балост* [27, с. 57].

Умуман, дар асарҳои Ҷомӣ синонимҳои арабию тоҷикӣ ва тоҷикию арабӣ ҳам бо мақсади гурез аз такрори бемаврид ва ҳам бо мақсади тақвияти сухани нависанда ниҳоят зиёд истифода шудаанд. Ба монанди: *пой – қадам [27, с. 58], гом [27, с. 446] – қадам [27, с. 219], тавозуъ – фурӯтанӣ [26, с. 342], ҳилм – бурдборӣ [26, с. 355], бузург – шариф [26, с. 358], инсоф – дод [26, с. 358], карам – бузургворӣ [26, с. 367], роҳат – осудагӣ, меҳнат – фарсудагӣ [26, с. 427], дият – хунбаҳо [26, с. 432], закӣ – тезфаҳм [26, с. 439], тиҳӣ – холӣ [26, с. 472], дӯстӣ – рафоқат [26, с. 473], ҷафо – ситам [26, с. 475], сақар [27, с. 577] – дӯзах [27, с. 157], ҷаннат – биҳишт [27, с. 27], бузургон [27, с. 87] – кибор – [27, с. 39] – аҷилла [27, с. 81], фатӣ – ҷавонмард [27, с. 163], ҷавонмардӣ [27, с. 205] – футувват [27, с. 141], марг [27, с. 128] – мавт [27, с. 99], қатл – куштан [27, с. 147], вом [27, с. 151] – дайн [27, с. 643], равеҳ – оромӣ [27, с. 31] – осоиш [27, с. 270], киром – бузургон [27, с. 158], дурушти – ҷафо [27, с. 60], оҷур – хишт [27, с. 76], лаззат – хушӣ [27, с. 108], ёрон – ақрон [27, с. 110], заиф – барҷоймонда [27, с. 114], содиқ(он) – рост(он) [27, с. 114], атф – меҳрубонӣ [27, с. 224], дидор – зиёрат [27, с. 237], вафот [27, с. 248] – марг [27, с. 254], хиёр – бодиринг [27, с. 266], наздикӣ – қурб [27, с. 297], тавбих – сарзаниш [27, с. 319], писар [27, с. 327] – сабӣ [27, с. 328], хок – турбат [27, с. 376], тазарруъ – зорӣ [27, с. 377], ҳамида – писандида [27, с. 417], наздик(он) [27, с. 568] – муқарраб(он) [27, с. 525], дашном – сафоҳат [27, с. 568], барҷоймонда – маҷзум – мафлуҷ [27, с. 640], хайр – некӯӣ [27, с. 661], ҷалолат – бузургӣ [27, с. 713], мутааддид – бисёр [27, с. 750], намоз – ибодат [27, с. 757], мор – суъбон [27, с. 777], хуб(тар) – маргуб(тар) [27, с. 461]* ва ғайра.

Аз байни муродифоти дар боло зикргардида вожаҳои тоҷикӣ бештар умумиистеъмол буда, калимаҳои ҳаммаънои арабӣ хусусияти китобӣ доранд. Аксари чунин калимаҳои асливу иқтибосии арабӣ барои возеҳтару равшан ифода гардидани матлаб ва таъкиди сухан дар шакли ҷуфти синонимҳо истифода гардидаанд, ки сухани нависандаро боз ҳам фасеҳу пуртаъсиртар гардонидаанд. Аз ҷумла дар мисолои зерин ҷуфти синонимҳои ***мазаллату***

хорӣ, зул ва хорӣ, зиллату хорӣ, тавозуъ ва фурӯтанӣ, ягона ва беназир, аҷзу шикастагӣ, вақоҳату бешармӣ чунин хусусият доранд:

*Ва агар гӯянд: «Пешаи ту чист?». Гӯяд: «Иктисоби **мазаллату хорӣ»*** [26, с. 343]; *Агар тамаъро бипурсанд, ки падари ту кист? Гӯянд: «Шакк дар мақдур». Ва агар гӯянд: «Пешаи ту чист?» Гӯяд: «Иктисоби **зулл ва хорӣ»*** [27, с. 175]; *Дигар гуфт: «Бо хурдон дар ҳазлу фисус овехтан обрӯйи бузургӣ рехтан аст ва губори **зиллату хорӣ** ангехтан»* [26, с. 348]; *…чун дар ҷоҳи вай бияфзояд, вай дар **тавозуъ** ва **фурӯтанӣ** бияфзояд…* [27, с. 181]; *Аз аиммаи қавм ва аҷиллаи машоих аст **ягона** ва **беназир*** [27, с. 110]; *…бар **аҷзу шикастаги**и ман бибахшою шаколи ин ашколро аз пойи ҷаҳонпаймойи ман бикушой!* [26, с. 483]; *Ин чӣ **вақоҳату бешармис**т ва бевафоию **беозармӣ**, ки домани суҳбат аз ӯ дарчидӣ ва пойи иродат аз ӯ даркашидӣ?* [26, с. 403].

Дар мисоли охирон ба ғайр аз ҷуфти синонимҳои ***вақоҳату бешармӣ*** вожаи ***беозармӣ*** низ бо ҳар ду калима муродиф мебошад.

Чунон ки аз таҳлили мисолҳо бармеояд, нависандаи хушсалиқа бо истифода аз имконоти услубии муродифот калимаю ифодаҳои ҳаммаъноро барои тафсил додани мазмун, таъкиди фикр ва тасвири амалу ҳолат корбаст намуда, бо ин роҳ забони асарҳояшро муаассиру дилнишин гардонидааст. Аз ҷумла дар мисоли зерин муродифоти арабии ***заиф*** ва тоҷикии ***барҷоймонда*** барои тасвири ҳолат корбаст гардидаанд:

*Дасти ниёз бардоштам ва гуфтам: «Худовандо! **Заиф**аму **барҷоймонда** ва ба зиёфати ту омадаам»* [27, с. 114].

Чандомади чунин калимаҳои ҳаммаънои арабиву тоҷикӣ низ дар асарҳои мавриди тадқиқ ниҳоят ҷолиб мебошад. Масалан, нависанда вожаи аслан тоҷикии ***бузургон***ро ҳамагӣ 24 маротиба истеъмол намудааст. Муродифи арабии ин калима – шакли ҷамъи шикастаи ***кибор*** 39 маротиба ва муродифи дигари он – шакли ҷамъи шикастаи ***аҷилла*** 13 маротиба ба кор бурда шудааст. Ё калимаҳои тоҷикии ***ҷавонмард*** 20 маротиба, ***ҷавонмардӣ*** 10 маротиба, муродифоти арабии ин вожаҳо ***фатӣ*** 20 маротиба, ***футувват*** 15 маротиба корбаст гардидаанд. Калимаи тоҷикии ***дастархон*** дар асари нависанда умуман ба кор бурда нашудааст, вале синонимҳои арабии ин калима ***суфра*** 29 маротиба, ***моида*** 3 маротиба, ***натъ*** 1 маротиба ба назар мерасад. Аз ин маълум мешавад, ки дар баъзе ҳолатҳо майли нависанда, дар истеъмоли калимаҳои ҳаммаънои арабӣ бештар мебошад.

Чунин калимаҳои синонимии асливу иқтибосӣ ҳамчун ҷузъи маънодори феълҳои таркибии номӣ низ истифода шудаанд. Чунончӣ дар мисолҳои зерин калимаи арабии ***истиғфор*** ва муродифи тоҷикии он – ***омурзиш*** ҳамчун ҷузъи маънодори феълҳои таркибии номии ***истиғфор кардан*** ва ***омурзиш хостан*** калимаи арабии ***сайҳа*** ва муродифи тоҷикии он – ***бонг*** ҳамчун ҷузъи маънодори феълҳои таркибии номии ***бонг задан*** ва ***сайҳа задан*** истеъмол гардидаанд.

*Эй халифа, инро ҳам дигаре аз он гуноҳон шумору аз он маосӣ ангор, ки ҳамвора аз он **истиғфор мекунӣ** ва **омурзиш мехоҳӣ*** [26, с. 372]; *…**сайҳаҳои** бисёр **мезад** ва асари он ба ҳама маҷлисиён сироят мекард* [27, с. 614]; ***Бонг зад**, ки кист, ки ҳафтод ҳаҷ ба як шарбати об бихарад?* [27, с. 114].

Калимаи ***истиғфор*** исми амал ё масдари феъли навъи даҳуми забони арабӣ – إِسْتَغْفَرَмебошад [ниг.: 8, с. 321-324; 31, с. 353-354; 22, с. 257-258; 5, с. 27; 29, с. 57-62]. Он дар луғат ба маънои *«талаби авф ва омурзиш кардан (аз Худо), магфират хостан, тавба кардан, бахшиши гуноҳро хостан, калимаи «астағфируллоҳ»-ро ба забон овардан»* [20, с. 560; 18, с. 505; 1, с. 566] омадааст. Вожаи ***омурзиш*** калимаи аслии тоҷикӣ буда, ба маънои *«бахшидани гуноҳ, авф кардан, бахшидан, авфи гуноҳ аз тарафи Худо, бахшиш, аз хато гузаштан, авф, талаби авф, талаби бахшидани гуноҳ»* [21, с. 30; 18, с. 918-919] меояд. Ин ду вожа ба маънои *«талаби авф, талаби бахшидани гуноҳ»* синоним мебошанд. ***Истиғфор*** бо феъли ёвари ***кардан*** кор фармуда шуда, феъли таркибии номии ***истиғфор кардан***, ***омурзиш*** бо феъли ёвари ***хостан*** фаъли таркибии номии ***омурзиш хостан*** сохтааст, ки ин ду феъл ҳаммаъно мебошанд. Калимаҳои ***сайҳа*** ва ***бонг*** низ муродифанд. Маънои калимаи арабии ***сайҳа*** *«дод, фарёд, доду вой, бонг, наъра, фиғон, нола, галогула мағал»* [1, с. 452], *«бонг ва фарёди даҳшатангез, наъра»* [19, с. 179; 21, с. 195] мебошад. ***Бонг*** вожаи аслии тоҷикӣ буда, ба маънои *«фарёд, овоз, садо, махсусан садои баланд; овози баланд, садои ҷеғи ҳайвонот»* [18, с. 201; 20, с. 229] кор фармуда мешавад. Дар насри Ҷомӣ вожаҳои ***бонг*** ва ***сайҳа*** ба маънои

«доду фарёд, наъра, фиғон, садои махсусан баланд» ҳаммаъно шуда, ҳар ду бо феъли ёридиҳандаи ***задан*** феъли таркиби номии ***сайҳа задан*** ва ***бонг задан*** сохтаанд, ки ин феълҳо хусусияти синонимӣ доранд ва бо мақсади гурез аз такрори ноҷо кор фармуда шудаанд.

Ҷуфти синонимҳои арабию тоҷикӣ низ ҳамчун ҷузъи маънодори феълҳои таркибии номӣ ба кор бурда шудаанд. Чунинчи дар мисоли зерин ҷуфти синонимҳои ***тазарруъ*** ва ***зорӣ*** бо феъли ёридиҳандаи ***кардан*** омада, на танҳо феъли таркибии номии ***тазарруъ ва зорӣ кардан*** сохтаанд, балки таъсири сухани нависандаро дучанд намудаанд:

…пеши шайх ***тазарруъ ва зорӣ*** *карданд, то дуо кард ва он мард ба ҳоли худ бозомад* [27, с. 377].

Баъзан нависанда аз чунин синонимҳои асливу иқтибосии арабӣ калимаи нави ҳаммаъно месозад. Масалан, калимаи аслии тоҷикии ***тарс*** бо вожаи иқтибосии ***ҳавл*** муродиф мебошад. Нависанда аз ин ду калимаи ҳаммаъно бо суффикси **-нок** ва сифати феълии замони гузаштаи феъли ***задан (-зада)*** калимаҳои синонимии ***тарснок*** ва ***ҳавлзада*** сохтааст:

Тарснок *ва* ***ҳавлзада*** *аз хоб даромад* [27, с. 661].

Тарснок дар забони имрӯзаи тоҷикӣ маъмул аст, вале ***ҳавлзада*** шояд офаридаи нависанда бошад. Ин вожа хусуияти адабии китобӣ дорад ва онро дар қабати лексикаи адабии китобии забони адабии муосири тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Дар умум истифодаи дурусти синонимҳои арабию тоҷикӣ имкон додааст, дар асарҳои нависанда фикр саҳеҳу воқеӣ ва матлаб дурусту образнок ифода ёбад, ки чунин тарзи ифодаи марғуб таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб намуда метавонад. Аз байни муродифоте, ки дар асарҳои Ҷомӣ ба назар мерасанд, қисми зиёди вожаҳои аслии тоҷикӣ умумиистеъмол буда, калимаҳои ҳаммаънои арабӣ хусусияти китобӣ доранд. Аксари чунин калимаҳои асливу иқтибосии арабӣ барои возеҳтару равшан ифода гардидани матлаб ва таъкиди сухан дар шакли ҷуфти синонимҳо истифода гардидаанд, ки сухани нависандаро боз ҳам фасеҳу пуртаъсиртар гардонидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Баранов, Х.К. Учебник арабского языка / Х.К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
2. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. – Душанбе, 1991. – 128 с.
3. Брагина, А.А. Синонимы в литературном языке / А.А. Брагина. – М.: Наука, 1986. – 127 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1982. – Қ.1. – 464 с.
5. Исаева, Ф.А. Грамматикаи мухтасари забони арабӣ / Ф.А. Исаева, Ҳ.Қ. Муминов. – Душанбе, 1972. – Қ. 1. – 134 с.
6. Камолиддинов, Б. Нависанда ва забони адабии тоҷик / Б. Камолиддинов // Сухандонон сухан санҷида гӯянд. – Душанбе, 2005. – С.22-50.
7. Каримов, Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз / Ш. Каримов. – Душанбе, 1993. – 147 с.
8. Ковалёв, А.А. Учебник арабского языка / А.А. Ковалёв, Г.Ш. Шарбатов. – М., 1960. – 687 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – Ҷ.1. – 243 с.
10. Мухторӣ, Қ. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ / Қ. Мухторӣ. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 130 с.
11. Муҳаммадиев, М. Синонимҳо дар забони адабии тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе, 1962. – 162 с.
12. Муҳаммадиев, М. Хусусиятҳои услубии синонимҳо / М. Муҳаммадиев // Мактаби советӣ. – 1972. – № 9. – С.14-17.
13. Муҳаммадиев, М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. – 272 с.
14. Палевская, М.Ф. Синонимы в русском языке / М.Ф. Палевская. – М.: Просвещение, 1964. – 128 с.
15. Саидов, Н.С. Лексические и фразеологические особенности рассказов Абдулхамида Самада / Н.С. Саидов. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 254 с.
16. Сафаров, Ҳ.О. Стилистические особенности заголовка в газете / Ҳ.О. Сафаров. – Душанбе: Пойтахт, 2017. – 180 с.
17. Турсун-заде, М. Мысли о гражданской лирике / М. Турсун-заде // Таджикская советская литература. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1954. – С.189-199.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская Энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 952 с.
19. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Советская Энциклопедия, 1969. – Ҷ.2. – 948 с.
20. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.1. – 950 с.
21. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2. – 946 с.
22. Халидов, Б.З. Учебник арабского языка / Б.З. Халидов. – Ташкент: Учитель, 1965. – 656 с.
23. Ҳакимова, Ш.И. Муродифоти луғавӣ: баҳсҳо ва андешаҳо / Ш.И. Ҳакимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. – Душанбе: Сино 2010. – № 7 (63). – Қ.II. – С.78-82.

24. Ҳакимова, Ш. Муродифоти луғавӣ: дастовард ва муаммоҳо / Ш. Ҳакимова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. – Душанбе: Сино 2010. – № 7 (63). – Қ.II. – С.55-61.
25. Ҳошимов, С. Баъзе хусусиятҳои синонимҳо дар «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ / С. Ҳошимов // Масъалаҳои филологияи тоҷик. – Душанбе: УДТ, 1971. – С.19-27.
26. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон / Абдурраҳмони Ҷомӣ // Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – Ҷ.7. – 544 с.
27. Ҷомӣ, Абдурраҳмон Мавлоно Нуриддин. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс. Таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов / Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе, 2013. – 866 с.
28. Ҷумъаев, М. Хусусиятҳои лексикию семантикии «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / М. Ҷумъаев. - Душанбе: Эҷод, 2009. – 160 с.
29. Ҷумъаев, М. Навъҳои маъмул ва ғайримаъмули феъли солими забони арабӣ / М. Ҷумъаев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 96 с.
30. Ҷумъаев, М. Баъзе хусусиятҳои луғавию услубии синонимҳо дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / М. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филологӣ. – Душанбе: Сино, 2014. – № 4/2 (133). – С.24-30.
31. Шагаль, В.Э. Учебник арабского языка / В.Э Шагаль, М.Н. Меркин, Ф.С. Забиров. – М.: Военное издательство, 1983. – 784 с.
32. Шокиров, Т. Адиб, забон ва услуб / Т. Шокиров. – Душанбе, 2001. – 147 с.

НАҚШИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ ДАР ТАШАККУЛИ СИНОНИМҲО ДАР «НАФАҲОТ-УЛ-УНС» ВА «БАҲОРИСТОН»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Дар мақолаи илмӣ роҷеъ ба иқибосоти арабӣ ва нақши онҳо дар ташаккули муродифоти луғавӣ дар ду асари наср Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» сухан меравад. Ба андешаи муаллифи мақола калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла иқтибосоти арабӣ дар баробари ғанӣ гардондани таркиби луғавии забони тоҷикӣ яке аз сарчашмаҳои муҳимми пайдоиш синонимҳо ба ҳисоб мераванд. Чунин калимаҳои иқибосӣ дар ташаккули муродифоти луғавӣ дар асарҳои нависанда – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»-и мавқеи назаррас доранд ва барои рангину фасеҳ ва дурусту саҳеҳ ифода гардидани матлаби адиб мусоидат намудаанд. Нависанда барои саҳеҳ ва мувофиқи мақсад ифода кардани фикр аз силсилаи муродифот ҳамонеро интихоб намудааст, ки аз ҷиҳати ифодаи эҳсосот ва мавқеи истеъмол дуруст аст. Дар асарҳои наср нависанда калимаҳои иқтибосии арабӣ ҳам бо калимаҳои аслии тоҷикӣ ва ҳам бо дигар калимаҳои иқтибосии арабӣ хусусияти муродифӣ пайдо карда, барои худдорӣ аз такрори бемарид, мушаххас гардондани ҳадафи нависанда, таъмини фасоҳату балоғати калом, равшанбаёнӣ ва таъсирбахш гардидани фикр ба кор бурда шудаанд, ки ин аз маҳорати баланди нигорандагӣ ва сухандониву суханшиносии адиб гувоҳӣ медиҳад. Абдураҳмони Ҷомӣ нависандаи мумтоз ва нуктасанҷ аст. Ӯ дар забони асарҳои насриаш муродифоти воҳидҳои луғавиро самаронок ба кор бурдааст. Истифодаи дурусти муродифот имкон додааст, дар асарҳои нависанда фикр саҳеҳу воқеӣ ва матлаб дурусту образнок ифода ёбад, ки чунин тарзи ифодаи марғуб таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб намуда метавонад. Аз байни муродифоте, ки дар асарҳои Ҷомӣ ба назар мерасанд, қисми зиёди вожаҳои аслии тоҷикӣ умумиистеъмол буда, калимаҳои ҳаммаънои арабӣ хусусияти китобӣ доранд. Аксари чунин калимаҳои асливу иқтибосии арабӣ барои возеҳтару равшан ифода гардидани матлаб ва таъкиди сухан дар шакли ҷуфти синонимҳо истифода гардидаанд, ки сухани нависандаро боз ҳам фасеҳу пуртаъсиртар гардонидаанд.

Калидвожа: синоним, таркиби луғавӣ, калимаҳои иқибосӣ, калимаҳои аслӣ, иқибосоти арабӣ, ифодаи фикр, фасоҳату балоғати сухан, интихоби калима, тобишҳои нозуки маъно, обуранги услубӣ, сабки нигориш, нависанда, завқи бадеӣ, ғановати луғавӣ, маҳорати эҷодӣ, гурез аз такрори бемавқеъ, асари бадеӣ.

РОЛЬ АРАБСКИХ ЗАИМСТВОВАННЫХ СЛОВ В ФОРМИРОВАНИИ СИНОНИМОВ В «НАФАХОТ-УЛ-УНС» И «БАХОРИСТОН» АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

В научной статье рассматриваются арабские заимствованные слова и их роль в формировании лексических синонимов в двух прозаических произведениях Абдуррахмана Джами – «Нафахот-ул-унс» и «Бахористон». По мнению автора статьи, заимствованные слова, в том числе и арабские, наряду с обогащением лексического состава таджикского языка, являются одним из важнейших источников появления синонимов. Такие заимствованные слова играют значительную роль в формировании лексических синонимов в прозаических произведениях писателя – «Нафахот-ул-унс» и «Бахористон» и способствуют разнообразию и красноречивости, верному, ясному и точному изложению цели писателя. Для точного и целенаправленного выражения мысли из ряда лексических синонимов писатель выбирает то, которое является наиболее правильным, уместным и выразительным. В прозаических произведениях Джами арабская заимствованная лексика, проявляя синонимичный характер как с исконно-таджикскими словами, так и с другими арабскими заимствованными лексическими единицами, используется для воздержания от неуместного повтора, уточнения замысла писателя, обеспечения выразительности, ясности и эффективности выражения мысли. Это свидетельствует о высоком уровне мастерства, внимательности и красноречия писателя. Абдурахман Джами является выдающимся писателем, в совершенстве разбирающимся в тонкости слова. Он эффективно использует синонимию лексических единиц в своих прозаических произведениях. Правильное и грамотное употребление синонимических единиц позволяет в произведениях писателя реалистично и образно выражать мысль, и такой способ изложения может привлечь внимание читателя. Среди лексических единиц-синонимов, встречающихся в произведениях Джами, большинство исконно таджикских слов являются общеупотребительными, а синонимичные арабские слова имеют книжный характер. Для более четкого и

выразительного изложения цели и подчеркивания мысли многие из этих исконно-таджикских и арабских слов используются в виде парных синонимов, что способствует изящности и выразительности речи писателя.

Ключевые слова: синоним, лексический состав, заимствованные слова, исконные слова, арабские заимствованные слова, выражение мысли, понятливость и плавность речи, выбор слова, тонкие смысловые оттенки слова, стилистические окраски, стиль соченения, писатель, художественный вкус, лексическое богатсво, творческое мастерство, воздержание от неуместного повтора, художественое произведение.

THE ROLE OF ARABIC LOANWORDS IN THE FORMATION OF SYNONYMS IN "NAFAHOT-UL-UNS" AND "BAHORISTON" BY ABDURAHMAN JAMI

The scientific article deals with Arabic borrowed words and their role in the formation of lexical synonyms in two prose works by Abdurahman Jami – "Nafahot-ul-uns" and "Bahoriston". According to the author of the article, borrowed words, including Arabic, along with the enrichment of the lexical composition of the Tajik language, are one of the most important sources for the manifestation of synonyms. Such borrowed words occupy a significant place in the formation of lexical synonyms in the writer's prose works – "Nafakhot-ul-uns" and "Bahoriston" and contribute to diversity and eloquence, a true, clear and accurate presentation of the writer's goal. For an accurate and purposeful expression of thought from a number of lexical synonyms, the writer chooses the one that is the most correct, appropriate and expressive. In Jami's prose works, Arabic borrowed vocabulary, showing a synonymous character both with native Tajik words and with other Arabic borrowed lexical units, is used to refrain from inappropriate repetition, to clarify the writer's intention, to ensure expressiveness, clarity and efficiency of thought expression. This indicates a high level of skill, attentiveness and eloquence of the writer. Abdurakhman Jami is an outstanding writer who is perfectly versed in the subtleties of the word. He effectively uses the synonymy of lexical units in his prose works. The correct and competent use of synonymous units allows the writer to realistically and figuratively express the thought, and this way of presentation can attract the reader's attention. Among the lexical units-synonyms found in the works of Jami, most of the original Tajik words are commonly used, and synonymous Arabic words have a bookish character. For a clearer and more expressive presentation of the goal and emphasis on thought, many of these native Tajik and Arabic words are used as paired synonyms, which contributes to the elegance and expressiveness of the writer's speech.

Key words: synonym, lexical composition, borrowed words, original words, Arabic borrowed words, expression of thought, comprehension and fluency of speech, word choice, subtle semantic shades of the word, stylistic coloring, composition style, writer, artistic taste, lexical richness, creative skill, refraining from inappropriate repetition, a work of art.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумъаев Меҳроб Одинаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджиксий национальный университет, доцент кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-589-64-08**

Information about the author: ***Jumaev Mehrob Odinaevich*** – Tajik National University, Associate Professor of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-589-64-08**

УДК: 408.91

КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ МАЪНОҲОИ МАФҲУМӢ БО ОҲАНГУ ТОБИШҲОИ МУСБАТИ ЭҲСОСОТӢ (ЭМОТИВӢ) ВА ГУРӮҲҲОИ ОНҲО

Ҳайдаров М.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар он чиз, ки дар тафаккур мавҷуд аст, онро бо забон ифода кардан мумкин аст. Аммо инъикоси пурраи эҳсосот, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон аст, тавассути забон ғайриимкон мебошад. Аз ин боис, инсон барои худ санъатро офарид: санъати расм, санъати мусиқӣ, санъати ҳайкалтарошӣ ва ғ. Ихтирои санъати сухан низ аз ҷониби сухангустарони олам бо ҳамин мақсад ба роҳ монда шудааст. Чунки агар ифодаи эҳсосот ба воситаи забон намебуд, одам ҳеҷ гоҳ неку бадро аз ҳам фарқ намекард, зебоиро намеофарид. Табиист, ки ин падида дар офаридани асарҳои бадеӣ, ки инъикоскунандаи ҳаёти воқеии ин ё он халқ ва ё миллат мебошад, заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Албатта, дар ин маврид, калимаҳо, ки воситаҳои луғавии ифодаи эҳсосот ба ҳисоб мераванд, нақши муҳим доранд. «…калима дар забон дар баробари номгузорӣ кардан вазифаи эстетикӣ низ дорад. Яъне, агар дар забон воситаҳои баёни муассир ва ифодаҳои образноку маҷозӣ вуҷуд надошта бошанд, вазифаи таъмини муошарат ва ҳолатҳои гуногуни равонии инсон ғайриимкон гардида, эҷоди осори бадеӣ ва ё гуфтори шоиронаю эҷодкорона, ки муҳимтарин паҳлуҳои ифодаи эстетикии забон ба шумор мераванд, ғайриимкон мегардад» [9, с.221]. Ин нукта дар нигоштаҳои профессор Маҷидов Ҳ. хеле нозукона ишора гардидааст. Вай қайд мекунад, ки «Калима дар нутқи равон – мавридҳои гуфтору нигориш ва анвои сабку услубҳои мухталиф на фақат маъноҳои сирф луғавиро, балки тобишҳои дигари ба олами эҳсосот алоқаманд, мавқеъ ва мавридҳои истеъмолашро низ зоҳир мекунад» [5, с.193].

Дар ҷойи дигар вай таъкид мекунад, ки «таассуроти пайваста аз воқеият, олами объективӣ дар шуури инсонӣ ба сурати унсурҳои ҷудогонаи эҳсосӣ ва иродавӣ такмил ёфта меистанд. Ин унсурҳо дар як маврид дар шакли оҳангҳои ниҳоят баланд ва муаддаб, дар мавриди дигар дар сурати тобишҳои паст, ноҳинҷор зоҳир мешаванд» [6, с.157].

Ҳамин нуктаи назарро ба инобат гирифта, дар забони адабии муосири тоҷикӣ калимаҳоро аз бобати ифодаи эҳсосот ба ду гурӯҳи калон – калимаҳои ифодагари маънову тобишҳои эҳсосотии мусбат ва калимаҳои ифодагари тобишҳои эҳсосотии манфӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар маъноҳои эҳсосотӣ (эмотивӣ)-и чунин калимаҳо олами ботинии инсон, вазъи руҳиву равонии вай ба тариқи мусбат инъикос шудааст. «Мавриди маънидоди мавзуи калимаҳои муассир бояд танҳо вожаҳои пуробуранг аз назар гузаронида шаванд, зеро маҳз дар ҳамин гурӯҳ баробари ифодаи маъноҳои мухталиф боз ҷилваҳои ниҳоят нозуки эҳсосӣ, модалӣ ва ифоданокӣ дар шакли баҳодиҳиҳои мушаххас зоҳир шудаанд» [6, с.157].

Баъзан маъноҳои луғавии мафҳумӣ дар олоишҳои эҳсосотии мусбати латофат, зарофат, назокат, лутф, марҳамат, шукӯҳ, мутантанӣ, хоксорӣ, эҳтиром, нодирӣ ва монанди инҳо зоҳир мешаванд, ки маҳз дараҷаи муассирии нигоштаи ин ё он адиб аз истифодаи ҳамин гуна унсурҳои эҳсосӣ муайян карда мешавад. Бештар ин падида дар назм махсусиятҳои худро зоҳир менамояд. Ин фикрро муҳаққиқи шеъри тоҷикӣ Саломов М. низ қайд кардааст. Вай менависад, ки «… аксари муҳаққиқоне, ки доир ба маъно ва маъношиносӣ баҳс кардаанд, пеш аз ҳама, ба забони осори бадеӣ таваҷҷуҳи бештаре зоҳир кардаанд, зеро маҳз дар забони осори бадеӣ, махсусан, забони шеър, маъно бо тамоми тобишҳою ҷилоҳояш инъикос ёфта метавонад» [9, с.95]. Албатта, аслан дар кадом сатҳ инъикос ёфтани тобишу ҷилоҳои маъноҳои ин ё он калима ба истеъдоди нигорандагиву эҷодии адиб вобастагӣ дорад. Масалан, агар забони ашъори Лоиқро аз назар гузаронем, кифоят аст, ки ба хулосае оем, адиби сеҳрнигор дар интихобу истифодаи чунин калимаҳо бетараф нест. Вай вожаҳои **муҳаббатрез** ба маънои *«меҳролуд, меҳрубон»,* **хушнигоҳ** *«нигоҳи зебо»,* **шакарханда** *«хандаи зебо»,* **симинҳайкал** *«тани нуқрагин»,* **шаккарин** *«ширин»,* **оташнигаҳ** *«нигоҳи тез ба монанди оташ сӯзон»*-ро истифода бурдааст ва бо ин роҳ хушгӯйӣ ва нозукбаёнии худро маҳз ба тавассути ҳамин қабил калимаҳо ифода карда тавонистааст:

Ҳар гаҳ, ки бишмарӣ, эй **хушнигоҳи** ман,
Бо чашми ошиқӣ айбу гуноҳи ман.

Дар ишқи мо, бидон, ғайр аз дурангӣ нест,
Рӯйи сафеди ту рӯзи сиёҳи ман [27, с.355].

Буд вақте к-аз нигоҳҳои **муҳаббатрези** ӯ,
Дар вуҷудам субҳи фардо медамид
Ғунчаи бишкуфтае буду димоғи хотирам,
Ҳам ба ғоиб, ҳам ба ҳозир бӯйи онро мешамид [26, с.37].

Рафтӣ, рафтӣ дилбари **оташнигаҳ**
Рафтию бурдӣ ту ороми маро.
Рафтию бераҳбарам дар ними раҳ,
Рафтию бурдӣ саранҷоми маро [27, с.35].

Калимаҳои ифодагари тобишҳои эҳсосотӣ (эмотивӣ)-и мусбатро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

а) Ифодаи назокат. Вожаи назокат дар фарҳангҳо «нозукӣ, латофат, зебоӣ» маънидод шудааст. Ин ифода дар вожаҳое мушоҳида мешавад, ки дар ҳақиқат, шоир онҳоро барои тасвири образҳои мусбат мавриди истифода қарор медиҳад. Дар бештари чунин калимаҳо санъатҳои бадеӣ нақши муҳим доранд. Масалан, дар вожаи «лаъл» ҳамин падидаро мушоҳида кардан мумкин аст. Яъне, калимаи **лаъл,** ки дар асл ифодакунандаи *«як навъ санги сурхранги дурахшони қимматбаҳо»* аст, маҳз бо ҳамин сурхрангию дурахшониаш ба лаби маъшуқа монанд карда мешавад. Ба таври дигар истифодаи калимаи **лаъл** дар назм ба маънои *«лаби маъшуқа»* аст, ки дар он ҳам зарофат ва ҳам назокати махсуси шоирона ифода шудааст. Лаъл ба маънои лаби тасвиркардаи шоир дар зебоӣ аз лаби муқаррарӣ ба куллӣ фарқ карда, ба монанди лаъл сурх, ҷилодор ва дурахшону қиматбаҳо пеши назар ҷилвагар мешавад:

Эй ғунчадаҳон, ғунча зи **лаълат** дилтанг,
Тутӣ ба гаҳи такаллумат лолу гаранг [16, с.278].

Ҳадиси **лаъли** ӯ девонаам кард,
Чароғи рӯйи ӯ парвонаам кард.
Шавам то хонашини ишқи покаш,
Дар ин шаҳри калон бехонаам кард [21, с.75].

«Сарат бодо саломат» гуфта доим,
Ба ёди **лаъли** майнӯши ту будам.
Ҳамеша қисмати ту қисматам буд,
Рафиқи хубу ҳамдӯши ту будам [26, с.323].

Ба ҳамин монанд, калимаҳои **накҳат** *«бӯйи хуш»*, **гул** *«маҳбуба»*, **сарв** *«санами хушқаду қомат»*, **дилкада** *«муҳаббатгоҳ»,* **армуғон** *«ҳадя, туҳфа»*, **фусун** *«сеҳр, асрор»*, **биҳиштосо** *«маконе чун биҳишт» ва чанде дигарро мисол овардан мумкин аст:*

Гулшакар он гуна, ки дил мекашад,
Рашҳае аз ғунчаи хандони ӯст.
Себи Сифоҳон, ки бӯ шуд масал
Накҳате аз себи занахдони ӯст [16, с.43].

Гули ман, шавқи лабҳои ту дорам,
Умед аз чашми шаҳлои ту дорам.
Саропои ту дунёи таманност,
Таманнои саропои ту дорам [26, с.194].

Агар ба ҷониби сарву гулу суман дидам,
Ба ёди оразат, э **сарви** гулбадан, дидам [16, с.108].

б) Ифодаи ҳаяҷон. Калимаи ҳаяҷон аз забони арабӣ иқтибос шудааст ва дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маъноҳои «ҷӯшиши даруни одамӣ аз шавқ, шодӣ ё ғазаби аз ҳад зиёд; ба ҷӯшу хурӯш омадан, ҳолати изтироб» шарҳ дода шудааст. Адиб дар мавридҳои зиёд бо мақсади ифодаи ҳаяҷон чунин вожаҳоро истифода мекунад. Мисол, дар

калимаи **шӯридатолеъ**, ки маънои *«бахтбаргашта»*-ро дорад, ҳамин оҳангро мушоҳида кардан мумкин аст. **Шӯридатолеъ** сифати шахсест ё чизест, ки дар зиндагӣ аз ширинҳои ҳаёт бебаҳра аст. Дар мисоли зерин нидоҳои «эй» ва «оҳ» оҳанги ҳаяҷонро дар калимаи **«шӯридатолеъ»** боз ҳам афзудаанд:

То ба кай аз ту ситезам, оҳ эй дил, оҳ эй дил,
Туро куҷо аз ту гурезам, оҳ эй дил, оҳ эй дил.
То кай эй **шуридатолеъ,** то туро шодоб бинам,
Оби рӯйи худ бирезам, оҳ эй дил, оҳ эй дил [26, с.350].

Калимаҳои ифодакунандаи ҳаяҷони **шӯридахотир** ба маънои *«ошуфта»* низ дар қолаби калимаи шӯридатолеъ сохта шудааст. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки сарчашмаи сар задани ифодаи ҳаяҷон дар ин ду калима решаи «шӯрида» аз феъли **шӯридан**, ки маъноҳои «ба ҳаяҷон омадан, ошуфта шудан, ба ҷӯшу хурӯш омадан. 2. ба қаҳру ғазаб омадан, оташин шудан. 3. *мақ.* ба талотум афтодан, туғён кардан»-ро ифода мекунад, мебошад. Калимаҳои аз ин реша ба вуҷуд омада хеле зиёданд, ки ифодаи ҳаяҷон дар онҳо баръало мушоҳида мешавад. Мисол, **шӯридасар, шӯридарӯзгор, шӯридароҳ, шӯридарой** ва ғайраҳо.

Ё шабе дар оғӯши ёр,
Ё шабе аз теғи ағёр,
Ё ки бо пои равон бо ҳукми тақдир,
Ногаҳон дар роҳи ҳамвор,
Дар куҷо мемирӣ охир,
Шоири **шӯридахотир** [26, с.165].

Ба ҳаминҳо монанд калимаи **кафангулгун** ва ё гулгункафан, ки шоири ширинкалом Лоиқ дар шеърҳояш хеле зиёд истифода кардааст, маънои *«мақтул, кушташуда, шаҳид»*-ро дорад. Шарҳи ин калима хеле ҷолиб аст. Мувофиқи дини мубини ислом шаҳидшудагонро бекафан ва ношуста ба хок месупоранд. Ҳамон либоси дар тан доштаашон кафанашон ҳисоб мегардад ва аниқ, ки он либос хунолуд аст ва он ранги гулро мемонад. Аз ҳамин хотир, шоири ба эҳсосот додашуда барои пурра ва зебо ифода намудани фикраш калимаи **кафангулгун**ро, ки дар он ифодаи ҳаяҷон ва оҳангҳои таассуфу тавалло ифода гардидааст, истифода мебарад:

Шаҳидони **кафангулгуни** тоҷик,
Замин ғарқа шуда дар хуни тоҷик.
Магар дар арсаи таърихии зулм,
Бувад қурбон шудан мазмуни «тоҷик» [26, с.184].

Гули рӯят надида сер, сер аз хештан рафтам,
Ту андар ин Ватан хуш зӣ, ки қурбони Ватан рафтам.
Гули доҷе мабод аз зиндагӣ дар домани покат,
Ту, эй гулпираҳан, гул кун, ки ман **гулгункафан** рафтам [26, с.859].

в) Ифодаи хушӣ низ яке аз оҳангу тобишҳои мусбати эҳсосотӣ (эмотивӣ) ба ҳисоб меравад. Бештари вақт адибро зарур меояд, ки ҳангоми тасвири лаҳзаҳои нозуки хурсандӣ, некӣ, хубӣ, шодӣ, хушнудӣ ва монанди инҳо вожаҳоеро мавриди истифода қарор диҳад, ки маҳз чунин тобишҳоро ба пуррагӣ ифода карда тавонад. Албатта, ин унсурҳо зиёдтар дар назм мушоҳида мегарданд. Мисол, **гулбонг** *«садои булбул, ҳар гуна садои хуш»*, **гулбезӣ** *«гулнисорӣ, гулафшонӣ»,* **дилнавоз** *«дӯстдошта, маҳбуба»*, **анбарафшон** *«хушбӯй»*, **гулчин** *«сара, беҳтарин»*, **бозовард** *«ҳадя, туҳфа» ва монанди инҳо:*

Ояд аз ҳар санг **гулбонги** рубоб,
Дар сари ҳар кӯҳ хандад офтоб,
Бишнавам аз ҳар гулат бӯйи шабоб,
Тоҷикистон, кишвари ман,
Модари ман,
Модари ҷонпарвари ман [26, с.503].

Аз лабонат ханда гулрезӣ кунад,
Бар сарат Наврӯз **гулбезӣ** кунад.
Табъи ман ҳам гул кунад аз рӯйи ту,

Шеъри ман овезад андар мӯйи ту.
Бидруд, номаҳои пур аз оташи дарун,
Бидруд, ҳар чӣ доштам, то буд ошиқӣ!
Бидруд, ваъдаҳои фиребои **дилнавоз**,
Бидруд, оташи дилам! Бидруд, ошиқӣ! [26, с.190].

То туро мебинаму дил равшан аст,
Барзахи дӯзах бароям маъман аст,
То насиби ман туро бӯсидан аст,
Зиндагӣ **гулчини** инъоми ман аст [26, с.152].

г) Ифодаи эҳтиром барои адиб масъалаи ниҳоят муҳим ҳангоми тасвири ин ё он ҳодиса маҳсуб меёбад. Аз ин хотир, ин падида кайҳо диққати забоншиносонро ба худ ҷалб намудааст. Чунончи, забоншинос Ҷураева М. дар нигоштаҳояш доир ба воситаҳои луғавии ифодаи эҳтиром қайдҳои ҷолиберо пешниҳоди хонанда намудааст. Вай ифодаи луғавии эҳтиромро дар нигоштаҳои адибони асри XVI шартан ба се шоха ҷудо намудааст:

а) ғоибона ном бурдан аз рӯйи лақабу унвон ва аслу насаби шахс;

б) ифодаи бузургдошт;

в) ишораи боэҳтиром ва бузургдошти шахс [15, с.58].

Забоншиносони дигар калимаҳои ифодакунандаи оҳангу тобишҳои эҳтиромро ҳамчун категорияи луғавӣ ба эвфемизмҳо дохил менамоянд [4; 7; 11]. Дар яке аз таҳқиқот ин гурӯҳи калимаҳо ҳамчун услуби баланди нигориш ва ё гуфтор арзёбӣ гардида, ба гурӯҳи калима ва маъноҳои нарму гӯшнавоз ва вожаҳои муаддаб дохил карда шудаанд [12; 13; 14]. Дар забони адабии муосири тоҷикӣ низ ин қабил калимаҳо хеле зиёд ба чашм мерасанд. Мисол, вожаҳои **муборак** *«хуҷаста, табаррук»*, **бузургдошт** *«ҷашни гиромидошт»,* **иззатманд** *«муқаддам»*, **косадорӣ** *«муросокорӣ бо ҳамсоя»* (ки дар сурати ба ҳамдигар ирсол додани хӯрданиву ширинихо амалӣ мегардад), **арҷманд** *«соҳибэҳтиром»,* **аллома** *«олими бузург».*

Ба синни **мубораки** панҷоҳ расида буд ва ягона писарашро зан дода буд [19, с.186]. Шояд ба шарафи садсолагии ҷашни **бузургдошти** шоир ин роҳ обод гардад [25, с.26].

Оҳанги эҳтиром дар баъзе калимаҳои умумиистеъмол ҳангоми муроҷиат ба ашхоси соҳибэҳтиром, махсусан, аз забони тақводорҳо ниҳоят равшан мушоҳида мешавад. Масалан, **пирам** «муроҷиат ба пешвои авлод», **тақсир** «муроҷиат ба соҳибмансабон ва муллоҳо», **устод** «муаллим ё омӯзгори бузург» аз ҳамин қабил калимаҳои муаддабанд:

– Меҳмонхона дароед, **пирам**, монда шудед [23, с.21]. – Ҳа, **тақсир**, мункир намеоям, алҳамдулиллоҳ мусулмонам [24, с.43]. – Ҳазл кард Лоиқ ва фармуд: – **устод**, ману Сорбон ош пазем [25, с.36].

Дар баъзе аз сарчашмаҳои забоншиносӣ калимаву шаклҳои **очеш, додо, додош, бобош, амакашон, келин**, ки дар ифодаи мафҳумҳои хешутаборӣ ба кор бурда шудаанд, ҳамчун табу маънидод карда мешаванд. Гӯё ки «бо тақозои маданияти шарқ ва таъсири дини мубини ислом номи якдигарро ба забон гирифтани зану шавҳар убол мебошад. Аз ин ҷост, ки занон номи шавҳари худро ё мардон номи ҳамсари худро на фақат дар назди бегонагон, ҳатто дар назди фарзандонашон ҳам ба забон намегиранд» [4, с.75]. Ба ақидаи мо, дар ин маврид мафҳумҳои этнографии табу ва лингвистии эвфемизмҳо бо ҳам омехта карда шудаанд. Табу ҳамчун ҳодисаи этнографӣ расми баъзе аз мардумонеро ифода мекунад, ки бевосита номбар кардани он мамнуъ аст. Ба ин маънӣ табу истилоҳи этнографӣ аст, на забоншиносӣ, аз ҷумла калимаҳои ифодагари мафҳумҳои мамнуъро низ ба эвфемизмҳо мансуб медонанд, зеро ки дар онҳо низ ифодаҳои эҳтиром, муносибати эҳтиёткорона ба чиз ё каси дигар баръало намоён аст. Чунин калимаҳо бештар дар шакли эҳтироми хеле баланд муроҷиатро ифода кардаанд. Масалан, муроҷиат аз забони зан ба шавҳар:

– Охир, роҳи шумо дигар-дия, **дадош**, - гуфт Латофатбону бо алам [17, с.27]. Ин қадар чӣ ғусса мехӯред, **дадеш**! - мегуфт модари Мирак [22, с.74]. **Амакаш**, имрӯз рӯзи таваллуди Мирзо Ашраф будааст, як табрик намекунед?! – гуфт Ҳаловатбону [17, с.15].

Ин гуна калимаҳо дар мавридҳои зиёд танҳо эҳтиромро нисбат ба шавҳар дар бар гирифтаанд:

– Марҳамат, **амакатон** дар хона мешаванд, - гуфт Латофатбону [17, с.61]. – **Дадет** як-ду соат бад рафта мерасад [22, с.90].

Муроҷиати мард ба зан бо калимаву шаклҳои **очеш**, **очаш** низ зиёд ба назар мерасад, ки дар ин маврид он ифодагари эҳтиром нисбат ба зан мебошад:

Акнун **очеш** ҷойхоби маро парто, писарат барвақтар хобад… [22, с.55]. **Очеш**, писарам писари дуруст мешавад [22, с.55].

Калимаи **келин** низ дар баъзе мавридҳо оҳанги нармро қабул карда эҳтиромро таҷассум намудааст. Дар чунин маврид муроҷиат ё умуман сухан дар бораи зане меравад, ки келин будани вай шарт нест, масалан, зани ҳамсоя, келини ҳамсоя ё ягон шинос аз ҷинси зани шавҳардор ва монанди инҳо:

Худатон ягон шаб **келинро** гирифта ба ҳавлии мо биёед [17, с.140]. Хафа нашавед, **келин**! Созанда, ки ҳастем, ба ҳар ҷо рафтан мегирем [22, с.111].

Ин калима ба маънои *«завҷа»* низ оҳанги нарму муаддабро фаро мегирад:

Ин ҷо як ҷӯраи арақхӯр дорам, **келинатон** ӯро бад мебинад [22, с.37]. – Як-ду рӯз нотоб шуда будам: – гуфт вай дар меҳмонхона, – **келинатон** Ҳалимаҷон бисёр тарсид [22, с.37].

ғ) Ифодаи шукӯҳ: дабистон *«таълимгоҳ»*, **офоқ** *«олам, дунё»,* **ахтар** *«ситораи саҳна»*, **шер** *«паҳлавон»*, **мадфан** *«гӯр, қабр»*, **абадобод** *«абадӣ, ҷовидон»*, **адабгоҳ** *«мактаб».*

Бар **мадфани** модарам чу гул бигзорам,
Ман мӯйи сафеди хешро бишморам.
Чун панҷаи хуршед сарам бинвозад,
Аз панҷаи нарми модарам ёд орам [26, с.282].

Дар вожаҳои муаддаби ба монанди **соҳибдил, шарафманд, бузургдошт, бузургвор, барӯманд, олиқадр** оҳангҳои шукӯҳу шаҳомат бараъло мушоҳида мешавад. Дар ин маврид гӯянда ва ё нависанда бо як шукӯҳ ва ифтихори хосса сухан мегӯяд:

Мо дар оилаи **соҳибдилон** ба дунё омадаем [20, с.237]. Ба зиёрати хонаи Каъба **шарафманд гашта** [23, с.18]. Аҳли хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд, модари **бузургвораш** Моҳи Мулло ҳам ҳамон шаб лаҳзае хуфта натавонистанд [23, с.55]. Ба шарафи мавлуди 60-солагии фарзанди **барӯманд** қиблагоҳи Аълохон тӯй ва дастурхон ороста буданд [23, с.462]. – Ман аслу насаби шуморо намедонам, лекин шумо хоҳ авлоди шоҳ бошеду аз гадо ман ҳар дуи шуморо ба худ бародар мехонам ва илтиҷо дорам, ки чанд рӯзи дигар меҳмони **олиқадри** ман бошед! [18, с.47].

Оҳанги шукӯҳу шаҳомот ҳангоми доир ба сифати ягон шахс, предмет сухан кардан зоҳир мегардад. Дар ин маврид гӯянда ё нависанда мехоҳад, ки доир ба шайъи мавриди таърифу тавсиф қароргирифтааш бо ифтихор ва шаҳомоти хосса сухан гӯяд. Дар матни зерин калимаҳои **баландмақом** «соҳиби мартабаи баланд»**, саховатманд** «соҳиби хайру эҳсон»**, боҳашамат** «бузург»**, соҳибфарҳанг, сипосгузорӣ, бузургдоштӣ** «эҳтиром»**, бофазл** бо ҳамин мақсад кор фармуда шудаанд:

– Қурбон, –фалониро баҳо дода метавонед? – мепурсад роҳбари **баландмақоме** аз Қурбон Зардак [20 с.248]. Ин марди **саховатманд**, савобҷӯйро ҳамаи мо медонем [23, с.6]. Роҳбари дурандешу **соҳибфарҳанг** ва олами номусу нанг Эмомалӣ Раҳмон пеш аз ҳама фаромӯшшудагонро ёд овард ва кохи **сипосгузориву бузургдоштӣ** бунёд кард [23, с.402]. Ба бинои **боҳашамате**, ки кулбаи эшон дар ошёнаи чоруми он ҷойгир аст ва борҳо меҳмонашон будам, расидам [23, с.517].

Хулоса, дар таркиби луғавии забони адабии муосири тоҷикӣ калимаҳои ифодагари маъноҳои мафҳумӣ бо оҳангу тобишҳои мусбати эҳсосотӣ (эмотивӣ) хеле зиёд ба чашм мерасанд ва барои ҷаззоб ва пуробуранг ифода гардидани фикри гӯянда ва ё адиб мусоидат мекунанд. Хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо бештар дар матн ба назар мерасад. Табиист, ки ин падида дар офаридани асарҳои бадеӣ, ки инъикоскунандаи ҳаёти воқеии ин ё он халқ ва ё миллат мебошад, заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Маҳз ҳамин қабил калимаҳо дар тавлиди лаҳзаҳои олии эҷоди бадеӣ хидмат мекунанд ва гузашта аз ин, ҳамнишинии онҳо ба калимаҳои дигари ба онҳо наздик лаҳзаҳои гуворову дилнишини бадеиро ба вуҷуд оварда метавонанд. Вазифаи онҳо дар забон ба вуҷуд овардани муассирии нутқ мебошад.

Муқарриз: Дӯстзода Ҳ.Ҷ. – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Алефиренко, Н.Ф. Спорные проблемы семантики: Монография / Н.Ф. Алефиренко. – М.: Гнозис, 2005. – 326 с.
2. Арутюнова, Н.Д. Типы языковых значений: Оценка. Событие. Факт / Н.Д. Арутюнова. – М.: Наука, 1988. – 341 с.

3. Дӯстов, Ҳ. Маънои забонӣ ва навъҳои он / Ҳ.Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. - №7. – С.32-39.
4. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. – Душанбе, 1981. – 102 с.
5. Маҷидов, Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2014. – 351 с.
6. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Маҷидов. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – Ҷ.I. – 248 с.
7. Муҳаммадиев, М. Очеркҳо оид ба лексикаи забони адабии тоҷик / М.Муҳаммадиев. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 63 с.
8. Рахимова, Ш.Б. Средства выражения эмоции в русском языке / Ш.Б. Рахимова // Вопросы лингвистики. Сборник научно-исследовательско и научно-методических статьей. – Душанбе, 2004. – С.173-180.
9. Саломов, М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV) / М. Саломов. – Душанбе: Пойтахт, 2007. – 266 с.
10. Телия, В.Н. Коннотативный аспект семантики номинативных единиц / В.Н. Телия. – Москва: Наука, 1986.
11. Тоҳирова, Л. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Л.Тоҳирова. – Душанбе, 1967. – 110 с.
12. Ҳайдаров, М. Ифодаи эҳсосот дар эвфемизмҳои луғавӣ / М. Ҳайдаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – №4/5(94). - С.28-33.
13. Ҳайдаров, М. Вожаҳои муаддаб / М. Ҳайдаров // Илм ва фановарӣ. – Душанбе: Сино 2014. - №3. - С.76-79.
14. Ҳайдаров, М. Калимаҳои услуби баланд дар забони адабии муосири тоҷикӣ / М. Ҳайдаров. – Душанбе, 2018. – 160 с.
15. Ҷӯраева, М. Воситаҳои ифодаи эҳтиром ва фурӯтанӣ дар забони тоҷикии асри XIV / М. Ҷӯраева. – Душанбе, 2004. – 119.
16. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.8 / С.Айнӣ. – Душанбе, 1981. – 524 с.
17. Акобиров, Ю. Осмони соф / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 502 с.
18. Акобиров, Ю. Паёми Данғара / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 286 с.
19. Баҳманёр. Шоҳаншоҳ. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 241 с.
20. Ғоиб, М. Поси Ошноӣ / М.Ғоиб. – Душанбе, 2008.
21. Ғоиб, Ҳ. Барги сабзи ишқ / Ҳ.Ғоиб. – Кӯлоб: Садо, 1995. –100 с.
22. Икромӣ, Ҷ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро / Ҷ.Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. - 432 с.
23. Мирзоев, К. Ситораҳои паси абр / К.Мирзоев. – Душанбе, 2005. – 520 с.
24. Мирзоев, К. Марги бегуноҳ / К.Мирзоев. – Душанбе, 2012. – 527 с.
25. Сорбон. Лоиқнома. – Душанбе, 2001. - 192 с.
26. Шералӣ, Л. Куллиёт / Л. Шералӣ. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2001. - 724 с.
27. Шералӣ, Л. Девони дил / Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. - 492 с.

КАЛИМАҲОИ ИФОДАГАРИ МАЪНОҲОИ МАФҲУМӢ БО ОҲАНГУ ТОБИШҲОИ МУСБАТИ ЭҲСОСОТӢ (ЭМОТИВӢ) ВА ГУРӮҲҲОИ ОНҲО

Дар ин мақола калимаҳои ифодагари маъноҳои мафҳумӣ бо оҳангу тобишҳои мусбати эҳсосотӣ (эмотивӣ) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Чунки дар ҳақиқат, дар забони адабии муосири тоҷикӣ ин қабил калимаҳо зиёд ба чашм мерасанд, онҳо барои ҷаззоб ва пуробуранг ифода гардидани фикри гӯянда ва ё адиб замина фароҳам меоранд. Ҳар он чиз ки дар тафаккур мавҷуд аст, онро бо забон ифода кардан мумкин аст. Аммо инъикоси пурраи эҳсосот, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти инсон аст, тавассути забон ғайриимкон мебошад. Аз ин боис, инсон барои худ санъатро офарид: санъати расм, санъати мусиқӣ, санъати ҳайкалтарошӣ ва ғ. Ихтирои санъати сухан низ аз ҷониби сухангустарони олам бо ҳамин мақсад ба роҳ монда шудааст. Чунки агар ифодаи эҳсосот ба воситаи забон намебуд, одам ҳеҷ гоҳ неку бадро аз ҳам фарқ намекард, зебоиро намеофарид. Табиист, ки ин падида дар офаридани асарҳои бадеӣ, ки инъикоскунандаи ҳаёти воқеии ин ё он халқ ва ё миллат мебошад, заминаи мусоид фароҳам меорад. Албатта, дар ин маврид, калимаҳо, ки воситаҳои луғавии ифодаи эҳсосот ба ҳисоб мераванд, нақши муҳим доранд. Маҳз ҳамин қабил калимаҳо дар тавлиди лаҳзаҳои олии эҷоди бадеӣ хидмат мекунанд ва гузашта аз ин маҳз ҳамин калимаҳо, ҳамнишиниҳои онҳо ба калимаҳои дигари ба онҳо наздик, лаҳзаҳои гуворову дилнишини бадеиро ба вуҷуд оварда метавонанд. Дар ин мақола гурӯҳҳои калимаҳои ифодагари маъноҳои мафҳумӣ бо оҳангу тобишҳои мусбати эҳсосотӣ (эмотивӣ) низ бо як тартиби муайян нишон дода шудаанд.

Калидвожаҳо: калима, маъно, маънои эҳсосотӣ, маъношиносӣ, ҳаяҷон, хушӣ, эҳтиром, шукӯҳ.

СЛОВА, ВЫРАЖАЮЩИЕ СМЫСЛОВОЕ ЗНАЧЕНИЕ С ПОЛОЖИТЕЛЬНЫМИ ЭМОЦИОНАЛЬНЫМИ (ЭМОТИВНЫМИ) ТОНАМИ И ИХ ГРУППЫ

В данной статье обсуждаются слова, выражающие концептуальные значения с положительной эмоциональной окраской. Поскольку на самом деле в современном литературном таджикском языке таких слов много, они дают основу для привлекательного и красочного выражения мысли говорящего или пишущего. Все, что существует в мысли, может быть выражено в языке. Однако полноценное отражение эмоций, составляющих неотъемлемую часть жизни человека, через язык невозможно. Поэтому человек создал для себя искусство: искусство живописи, искусство музыки, искусство скульптуры и т. д. Изобретение искусства речи также было осуществлено ораторами мира для этой цели. Потому что если бы не было выражения чувств через язык, человек никогда бы не различал добро и зло, не создавал бы красоты. Естественно, это явление дает благоприятную основу для создания произведений искусства, отражающих реальную жизнь того или иного народа, нации. Конечно, в данном случае большую роль играют слова, которые рассматриваются как вербальные средства выражения чувств. Такие слова служат для создания высших моментов художественного творчества, а после этого эти слова, их сочетания с другими, близкими им

словами могут создавать приятные и душевные художественные моменты. В данной статье также показаны в определенном порядке группы слов, выражающих понятийные значения с положительной эмоциональной окраской.

Ключевые слова: слово, значение, эмоциональное значение, семантика, волнение, счастье, уважение, слава.

WORDS EXPRESSING MEANING WITH POSITIVE EMOTIONAL (EMOTIVE) TONES AND THEIR GROUPS

This article discusses words that express conceptual meanings with a positive emotional connotation. Since in fact there are many such words in the modern literary Tajik language, they provide the basis for an attractive and colorful expression of the thoughts of the speaker or writer. Everything that exists in thought can be expressed in language. However, a full reflection of emotions, which are an integral part of human life, through language is impossible. Therefore, man has created an art for himself: the art of painting, the art of music, the art of sculpture, etc. The invention of the art of speech has also been carried out by the orators of the world for this purpose. Because if there were no expression of feelings through language, a person would never distinguish between good and evil, would not create beauty. Naturally, this phenomenon provides a favorable basis for the creation of works of art that reflect the real life of this or that people, nation. Of course, in this case, words play an important role, which are considered as verbal means of expressing feelings. Such words serve to create the highest moments of artistic creativity, and after that these words, their combination with other words close to them, can create pleasant and soulful artistic moments. This article also shows in a certain order groups of words expressing conceptual meanings with a positive emotional connotation.

Key words: word, meaning, emotional meaning, semantics, excitement, happiness, respect, fame.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳайдаров Муҳаммадёр Маҳмадумарович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Mahmadumarzoda@mail.ru.** Тел.: **(+992) 904-02-20-06**

Сведения об авторе: ***Хайдаров Мухаммадёр Махмадумарович*** - Таджикский национальный университет, к.н.ф., доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Mahmadumarzoda@mail.ru**. Тел.: **(+992) 904-02-20-06**

Information about the author: ***Khaydarov Mukhammadyor Mahmadumarovich*** - Tajik National University, Candidate of Sciences, Associate Professor of the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **Mahmadumarzoda@mail.ru.** Phone: **(+992) 904-02-20-06**

УДК: 491.550:42

ХУСУСИЯТҲОИ САРФИЮ НАҲВИИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Шарифова А.Ш., Акобирова С.
Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон,
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар замони муосир омӯзиши забонҳо аз тарафи муҳаққиқон вобаста ба пешрафти замон ва технология мавриди пажуҳиши бештар қарор гирифта истодааст. Дар мақолаи мазкур мехоҳем, ки оид ба баъзе ҷумлаҳои пайрави пуркунандае, ки бар эзоҳи пуркунандаи бевоситаи сарҷумла меоянд, дар забонҳои муқоисашаванда маълумот диҳем.

Ҷумлаи пайрави пуркунандаи бевосита бар эзоҳи пуркунандаи бевоситаи сарҷумла ҳам меояд. Дар чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ пуркунандаи сарҷумла бо ҷонишинҳо ифода меёбад, ки он маънои умумӣ дорад, маънои конкретии он дар ҷумлаи пайрави пуркунанда ифода мегардад [2].

Воқеан, чунин хели ҷумлаи пайрави пуркунанда аз нигоҳи сохтор ва алоқаи наҳвӣ хеле қавию равшан аст: ***Инро*** *дониста монед,* ***ки*** *халифа* ***ин*** *қадар пулро барои шуморо ба худаш зан кардан сарф накардааст [1]; Шумо, рафиқ Пӯлод,* ***ҳаминро ҳам*** *фаромӯш накунед,* ***ки*** *бо кӣ гап зада истодаед [12]; Ту ҳаминро нагз дон ва аз хотират набарор, ки хандидан, завқидан* ***ин*** *хиёнат нест [4].*

Ҳамон тавре, ки аз мисолҳо равшан аст, ин ҷонишинҳо ба вазифаи пуркунандаи сарҷумла омада, мустақилияти нисбии сарҷумларо барҳам мезананд. Сарҷумла бо оҳанги махсус талаффуз гардида, ба ҷумлаи пайрави пуркунанда ниёз доштани он равшан мегардад. Ба ин вазифа ҷонишинҳои ишоратӣ **/ин, он, ҳамин, ҳамон/** ва таъинӣ **/ҳама/** истеъмол мешаванд: *Шоҳ он чӣ буд,* ***ҳама*** дар *боргоҳ ба паҳлавонон бахшид …* ***ҳар чӣ*** *дилат хоҳад,* ***ҳама*** *меёбӣ [9].* ***This*** *and the* ***other*** *points which are reflected in different parts of* ***this*** *very important document, are the real reflection of* ***this*** *Independence of Tajikistan* ***that*** *opened the way of further independently growth and development in the civilized history of humankind [14].*

Ин ҷонишинҳо аз лиҳози муносибати худ ба хабари сарҷумла ва устувору ноустувор будани худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

І. Ҷонишинҳое, ки бештар аҳаммияти услубӣ дошта, барои таъкид истифода мешаванд ва дар таркиби сарҷумла наомада ҳам метавонанд /ё истисно шуда метавонанд/.

2. Ҷонишинҳое, ки дар таркиби сарҷумла омаданашон ҳатмӣ буда, дар ташаккули хабари сарҷумла низ саҳм доранд [2].

Дар навъи аввали чунин ҷумлаҳо ҳам нақши асосии тобеъкунӣ бар дӯши хабари сарҷумла – феъл аст, зеро он аз лиҳози маънӣ ноқис буда, шарҳу эзоҳ ё иҷрои амалу ҳолати дигар – ҷумлаи пайрави пуркунандаро тақозо мекунад, ҷонишин барои таъкиду ифодасозии фикр истифода мешавад. Гӯянда ба вай задаи мантиқӣ дода, диққати шунавандаро маҳз ба ҳамон ҷалб менамояд.

Аз ин рӯ, чунин ҷонишинҳо дар алоқаи наҳвию маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда ва сарҷумла характери факултативӣ дошта, нақши фараҳӣ дорад:

Агар мақсадат бойҳо ва кулакҳо бошанд, ***инро*** *дониста мон,* ***ки*** *мо ҳеҷ вақт бойҳо ва кулакҳо****ро*** *ба колхоз роҳ намедиҳем [9];* ***Ҳаминро*** *аз хотир набарор****, ки*** *мо падару модари ту ҳастем [6].* ***Ин*** *ормони ҳазорсолаи миллӣ ва дастоварди бебаҳои таърихист, вазифаи ҷониву муқаддаси мост****, ки*** *онро ҳамаҷониба тақвият ва таҳким бахшем ва ояндаи дурахшони Ватан****ро*** *таъмин намоем [14].* ***Nobody*** *likes people, who think they know* ***everything*** *[15].* ***This*** *year, the people of Tajikistan have celebrated* ***their*** *great historical holidays, such as 15th anniversary of the State Independence, The Year Honoring the Arian Civilization, 2700th anniversary of Ancient City of Kulob. The mentioned celebrations* ***also*** *encouraged* ***our*** *nation to perceive an incontestable* ***truth that*** *only people in a united country, being self-conscious and alert and having national pride is able to prevent* ***itself*** *from disintegration in the conditions full of resistance and contradictions [14].*

Мисолҳо гувоҳи онанд, ки ҳиссачаҳо низ барои қувватнок кардани хусусияти ифоданокӣ – эмотсионалии ҷумла ва бештар таъкид намудани маънои ҷонишини ишоратӣ истифода мешаванд.

Ҳиссачаҳои **танҳо, фақат** барои аз миёни ҳодисаю воқеаҳои зиёд ҷудо кардани он чӣ ки дар ҷумлаи пайрав гуфта шудааст ва барои таъкид кардану заруртар будани он истифода мешаванд: ... **фақат ҳаминро** илова кардан мехоҳам, ки... амалдорон ва навкарони амир... *ба муқобили стансияи Қизилтеппа ҳаракат сар карданд [4]. **Nobody also** likes people **who** think they know **everything** [16].*

Ҳиссачаи **ҳам** барои таъкиди ҷонишини ишоратӣ истифода шудааст, ки тавассути он диққати шунаванда/хонанда/ ба ҷумлаи пайрав ҷалб мешавад*: **Инро ҳам** ифтихору сарбаландии худ медонем, **ки** ин хазинаи мероси пурсаховати сухан – забони адабии тоҷик, дар радифи забонҳои зиёди Ватан ва забонҳои дигари ҳиндуевропоӣ арзи ҳастӣ мекунад ва рушд меёбад [1]; **Ҳаминро ҳам** бояд иқрор кунам, **ки** муҳаббати ман бардурӯг ... бошад **ҳам**, самимӣ ва аз қалби ҷавонии соф омадани муҳаббати ӯ маълум шуда меистад [3]. The mentioned celebrations **also** encouraged **our** nation to perceive an incontestable truth **that only** people in a united country, being **self-**conscious and alert and having national pride is able to prevent **itself** from disintegration in the conditions full of resistance and contradictions [14].*

2. Гурӯҳи дигар ҷонишинҳое мебошанд, ки дар таркиби сарҷумла омаданашон ҳатмист. Маҳз ба туфайли ин ҷонишинҳо, ки ба вазифаи пуркунанда/-и бевосита ё бавосита/-и сарҷумла омадаанд, маъною вазифаи ҷумлаи пайравро равшан карда, дуруст тасниф кардан мумкин аст, дар сурати фурӯгузор шудани онҳо он ҷумлаи мураккаби тобеъ чун воҳиди наҳвӣ ё мавҷудияти худро аз даст медиҳад, ё маъною вазифаи ҷумлаи пайрав дигар мешавад. Бинобар ин метавон гуфт, ки онҳо як унсури асосии ташаккули чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мебошанд. Дар ин намуди ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баъзан ҷонишинҳои ишоратии **он, ин, ҳамин**, **ҳамон** муайянкунандаи ҷузъи номии хабари сарҷумла шуда меоянд ҷумлаи пайрави пуркунандаи бевосита бар эзоҳи онҳо*:*

*Ё раб, **ин қофиларо** лутфи азал бадрақа бод,*
__Ки__ аз ӯ хасм ба дом омаду маъшуқа ба ком.
*Хуш бисӯз аз гамаш, эй шамъ, **ки** инак ман **низ***
***Ҳам бад-ин** кор камар баставу барҳостаам [13].*

*Ҳафтаҳо дар интизори **он** аввалин бор Ҷавон бештар мафтуни **он** буд, **ки** дар давоми чандин моҳҳо дар пеши назари ӯ субҳ **ин** гуна ором, зебо ва навозишкорона медамид [8]. **These** analyses of 15 years of the new history of independent Tajikistan has proven **that** gained significant achievements in **this** period [14]. Major achievement **that** created a solid ground for the future successes was putting end to the civil war and establishment of peace in **this** community, **which** was attained by the constant efforts of Emomali Rahmonov – the President of the Republic of Tajikistan in June 27, 1997 [14.*

“Баъзан ҷонишинҳои ишоратие, ки бо ҳиссаи номии хабари сарҷумла дар таркиби изофӣ меоянд, пасоянди –**ро** мегиранд ва пуркунанда будани худро равшантар зоҳир мекунанд” [2].

*Ғами **онро** кам мехӯрем, **ки** сарвати маънавии бебаҳои мо ҳамеша пурҷило, гуворо ва ганӣ бошад [I]. It meant **that** the country’s leader remained faithful to the promise given in the XVI Session and brought peace to the people **tha**t suffered from the meaningless war [14]. It should be mentioned **that** for the last fifteen years, most of **all**, we have gained the great political achievements, the symbols of an independent state – Flag, State Emblem and National Hymn were adopted [14].*

Вале бояд қайд кард, ки дар чунин ҷумлаҳо ҳам баъзан ҷонишини ишоратӣ хусусияти услубӣ дошта барои таъкиди амали ҷумлаи пайрав истифода мешавад. Вазифаи тобеъ кардани ҷумлаи пайрав асосан ба маънои сарҷумла ва махсусан хабари он вобаста аст. Чунончи: ***Ҳеҷ кас** ҳадди онро надошт, **ки** аз болои онҳо ба ҷое рафта арз кунад [7]; **Nobody** study on static and dynamic muscles were continued by Prof.A.K.Koveshnicova, **who** received many interesting findings. In 1954 it was determined by her experiments on animals **that** static and muscles were different in the number of nerve fibers and the form of nerve* endings [14].

Метавон гуфт, ки дар таркиби изофӣ ба вазифаи хабар омадани ҷонишини ишоратӣ, баръакси ибораҳои типи **падарро орзу**, **Одинаро умед** мебошад.

Ҳукумати Тоҷикистон солҳои охир бо татбиқ намудани як қатор барномаҳо доир ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ дар мамлакат ба тараққиёти бонизоми иқтисоди миллӣ суръати тоза бахшида, мувффақ шуд, **ки** сатҳи зиндагии мардум**ро** то андозае беҳтар намояд [14].

Ҷонишинҳои пештар номбурдашударо низ бо алоқаи вобастагӣ/бо пасоянди –ро/ овардан мумкин. Дар он сурат маънои объектӣ доштани ҷумлаи пайрав равшантар мегардад. Масалан, дар ҷумлаҳои зерин муқоиса мешавад.

Ҳафтаҳо дар интизори ***он*** *будам,* ***ки*** *муаллим кай дарс****ро*** *аз ман мепурсида бошад... [10].*
Ҳафтаҳо ***онро*** интизор будам, **ки** муаллим *кай аз ман дарс****ро*** *мепурсида бошад...*

Ошиқи рӯйи ҷавоне хушу навхостаам
В-аз худо давлати ***ин*** *гам ба дуо хостаам.*
Ошиқу ринду назарбозаму мегӯям фош,
То бидонӣ, ***ки*** *ба чандин ҳунар оростаам [13].*

The new universal anatomical terms ***that*** *are used* ***all*** *over the world were established at the IV International Federal Congress of Anatomists in Paris 1955. But the anatomical terms* ***that*** *were established at that Congress were not used in the USRR. Keeping now carefully in mind* ***all which*** *I have been speaking of –* ***that*** *strange voice? That special kind of strength, and* ***that*** *surprising fact* ***that*** *no motive appears for murders of so much horror – let us look at the murders themselves. Keep in mind* ***that*** *no man heard one single, simple word* ***that*** *he had ever heard before [15*].

Вале ин на ҳамеша қобили қабул аст. Масалан, дар мисоли типи зерин чунин таркибро ҷумлаи пайрави хабар ташреҳ медиҳад. Ҳангоми ибораи изофиро ба ибораи вобастагӣ / бо пасоянди –**ро/** иваз кардан маънои ҷумлаи пайрав дигар шуда, объекти сарҷумла – ҷумлаи пайрави пуркунанда мешавад.

Дар сарзамини мо бо меҳрубонӣ ва меҳмоннавозӣ пешвоз гирифтани меҳмонҳо шоҳиди ***он*** *аст, ки мардуми советӣ ҷидду ҷаҳд доранд [3]. Дар сарзамини мо бо меҳрубонӣ ва меҳмоннавозӣ пешвоз гирифтани меҳмонҳо* ***онро*** *шоҳид аст,* ***ки*** *мардуми советӣ ҷидду ҷаҳд доранд. When Prof. Smirnov spoke about* ***the structure of the muscles he said that the muscles were formed by a mass of muscle cells****, the muscular fibers were connected together by connective tissue, the blood vessels and the nerves were in muscles [16].*

Қобили зикр аст, ки дар чунин ҷумлаҳо ҷонишини ишоратии забонҳои муқоисашаванда ҳам дар алоқаи грамматикии ҷумлаи пайраву сарҷумла саҳми калон доранд ва ҳам ҷанбаи услубӣ дошта, барои таъкид истифода мешаванд. Бинобар ин, дар сарҷумлаи чунин ҷумлаҳо ҷонишини ишоратӣ ҳатмӣ аст, зеро дар сурати истифода намудани он маъною вазифаи ҷумлаи пайрав тағйир меёбад;

Вай тарси ***онро*** *дошт,* ***ки*** *дар бозгашт Зайнаб ӯро бағал мегирад [5].*

Зулфи дилдор чу зуннор ҳамефармояд,
Бирав, эй шайх, ***ки*** *шуд бар тани мо хирқа ҳаром!*
Мурғи рӯҳам, ***ки*** *ҳамезад зи сари сидра сафир,*
Оқибат донаи холи ту фигандаш дар дом [13].

He was frightened ***of this*** *chance* ***that*** *Zainab take him wih her hand. For the first time, it was country's leader* ***who*** *made a speech in the session of the United Nations Organization and introduced Tajik people and Tajikistan to the world and informed* ***them*** *about the goals and aspirations of* ***this*** *independent state [14].* ***His*** *cry of hopelessness made* ***me*** *understand* ***that*** *he had lost* ***everything he*** *owned. It was the grave sound of* ***those*** *two, simple, well-known words, spoken in a whisper,* ***which*** *reached into* ***my*** *soul [16].*

Он ки *каззоб асту мегӯяд дурӯғ,*
Нест ӯро дар вафодорӣ фурӯғ [11].

Дар мисолҳои боло ҷонишини ишоратии **он** ба вазифаи пуркунандаи бевоситаи сарҷумла омадааст. Агар ин ҷонишин фурӯгузор гардад, маъною вазифаи ҷумлаи пайрав дигар мешавад. Зеро ҷумлаи пайрав объекти сарҷумла нашуда, сабаби иҷроиши амали сарҷумларо мефаҳмонад.

Мавриди зикр аст, ки барои бештар таъкид намудани ҷонишинҳои ишоратӣ/калимаҳои ҳамнисбат/ ҳиссачаҳои **“фақат”, “ҳам”** дар забонҳои муқоисашаванда истеъмол мешаванд. Гӯянда ҳодисаю воқеаҳо, факту далелҳоро номбар карда, дар охир якеашро тавассути ҳиссачаи “ҳам” таъкид мекунад. Агар ҳамин ҳиссача пас аз калимаи ҳамнисбат омада моҳияти онро, ки дар ҷумлаи пайрави пуркунанда ифода мегардад, таъкид намояд, дар он сурат калимаи ҳамнисбат барои мавҷудияти ин ҷумлаи мураккаби тобеъ ҳатмист. Мисолҳо*: дар охири ёддошти* ***худ ҳаминро ҳам*** *бояд ман қайд кунам,* ***ки*** *шиносоии ман ба “Наводир – ул- вақоеъ” дар ман танҳо инқилоби фикриро бедор карда намонд, балки ба сарам савдои насрнависиро ҳам андохт [1]. Ман* ***онро ҳам*** *медонам,* ***ки*** *дар ҳавлие, ки бемор*

бошад ва дар он ҷо чизе, ки хӯрданд, ба ***он*** *бемор* ***ҳам*** *аз он чиз ...мехӯронанд [12]."New to me, never saw anything like it before unless, it was a skull, or a death's head. It looks more like* ***that*** *than* ***anything else*** *I've ever seen". And you have no idea what caused* ***this*** *illness? Or rather this change in him? Has anything happened since I saw him?". "And you really think* ***that*** *bug is the cause* ***of this*** *trouble?" [16].*

Аз мисолҳо маълум аст, ки дар ин хел ҷумлаҳо калимаи ҳамнисбат /ҷонишини ишоратӣ/ ҳатмист. Дар сурати ихтисор шудани он ҳиссачаи "**ҳам"** низ бояд ихтисор шавад. Зеро ҳиссача на маънои умумии ҷумла, балки маҳз **объект** / калимаи ҳамнисбат/-ро таъкид мекунад, маънои /ё худи/ чизи таъкидшаванда дар ҷумлаи баъдӣ – ҷумлаи пайрав, ифода мегардад. Агарчи ҳам ҳиссача ва ҳам калимаи ҳамнисбат ихтисор шавад, обуранги эмотсионалӣ ва ифоданокии ҷумла мекоҳад.

Ҳиссачаи "фақат" барои аз дигар ҳодисаҳои ҳамҷинсаш ҷудо кардани он чӣ ки дар ҷумлаи пайрав гуфта шудааст ва барои таъкид намудани он, ки аз ҳамаи онҳо ҳамин заруртар аст [4] истифода мешавад. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ин ҳиссача маъмулан пеш аз калимаи ҳамнисбат меояд. Дар чунин ҷумлаҳо истеъмоли калимаи ҳамнисбат озод аст. Он ихтисор шуда метавонад. Ҳиссача ҳамон маънои таъкидиро ифода мекунад.

Вай ... бо ҳамкоронаш дуруст гап назад ва ба пурсишҳои зиёди онҳо ***фақат ҳаминро*** *гуфт, ки Истадро ба Ситорамоҳи хосса бурдан тайёр карда истодаанд [5]. – Вай ... ба ҳамкоронаш* ***ҳам*** *дуруст гап назад ва ба пурсишҳои зиёди онҳо* ***фақат*** *.... гуфт,* ***ки*** *Истадро ба Ситорамоҳи хосса бурдан тайёр карда истодаанд. It* ***was also*** *clear* ***that****, with very special strength and a very special kind of daring, an entrance into the window could be made the lightning-rod. "I wish you* ***also*** *to keep especially in mind* ***that*** *I have spoken of a degree and kind of strength very much beyond the usual [15].*

Калимаҳои ҳамнисбат гоҳ пеш аз хабари сарҷумла, гоҳо дар байни ҷузъҳои он ва гоҳо баъд аз хабар омада метавонанд. Агар калимаи ҳамнисбат баъд аз хабар дар охири сарҷумла омада бошад, таъкиди амалу ҳолати дар ҷумлаи пайрав ифодашаванда хеле қавию барҷаста буда, калимаи ҳамнисбат дар таркиби чунин ҷумлаҳо устувор аст.

Дин ва давлат аз ҳам ҷудонашаванда буданд ва инро надидан ё напазируфтан баробар бошад ба он, ***ки*** *кас амрҳои таърихӣ ва андозаҳои пешрафти шуури асримиёнагиро ба ҳукми фаромушӣ бидиҳад* [5]. Дар чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баъзан хабари сарҷумла номӣ буда, ба бандаки хабарӣ меояду ҷумлаи пайрави пуркунанда баъди он ҷойгир мешавад. **Инҳо** бехабар **аз он**, **ки** халифа шогирдони Бақоҷон борҳо аз ҷабру ҷафои вай, сахтгириаш ба назди кампир омада дарди дил кардаанд [5]. Чуноне ки дидем, калимаю таркибҳои ҳамнисбат яке аз воситаҳои ниҳоят муҳимми алоқаи наҳвии як гурӯҳи калони ҷумлаҳои пайрави пуркунанда ба сарҷумла мебошанд. Ҷумлаҳои пайрави пуркунандае, ки бар эзоҳи калимаю таркибҳои ҳамнисбат омадаанд, ба сарҷумла алоқаи мустаҳкамтар пайдо мекунанд. Чаро ки алоқаи наҳвӣ тавассути ду воситаи муҳимми грамматикӣ сурат мегирад. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда ҷонишинҳои ишоратии "**ин", "он", "ҳамин", "ҳамон"** бо пешояндҳо ва пасоянди **"-ро"** ба вазифаи воҳиди ҳамнисбати ин тарзи ҷумлаҳои пайрав равшан мешавад.

Ҳар он кас ки *шуд комрон дар ҷаҳон,*
Парастиш кунандаш кеҳону меҳон [11].

Кунун ***ҳар чӣ*** *гуфтам,* ***ҳама*** *гӯш дор*
Суханҳои хуб андар огӯш дор [11].

Бо амалӣ гаштани ***ин*** *иқдомот муяссар гардид, ки қисми зиёди аҳолӣ бо маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба кори муфид ҷалб гардад ва ба ин васила сатҳи бекорӣ дар кишвар коҳиш ёбад. Подоши* ***ин ҳама*** *корнамоиҳо маҳбубият ва маъруфиятест,* ***ки*** *Эмомалӣ Раҳмон дар миёни халқи мамлакат ва ҳазорон ҳамватанони бурунмарзӣ пайдо кардааст [14]. I wish you to keep* ***this*** *especially in mind* ***that*** *I have spoken of a degree and kind of strength very much beyond the usual. Such strength would be necessary for the success of* ***this*** *attempt [16]. You know* ***that*** *great force is needed in pulling out even twenty or thirty hair together. "Let me now turn to* ***what*** *was strange about* ***those*** *voices. Did you notice* ***anything*** *especially strange in* ***what*** *was told about them [*15].

Калимаю таркибҳои ҳамнисбат ба вазифаи пуркунандаи сарҷумла омада, маъною вазифаи пайвандаки **"ки"** ва ҷумлаи пайравро мушаххас менамоянд. Аз ин рӯ чунин ҷумлаҳои пайрав чун пуркунандаи тафсилӣ ба назар мерасанд. Масалан, дар мисолҳои

зерин муқоисаи таркибу калимаҳои ҳамнисбат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Яке аз мутафаккирон мегӯяд**, ки;** "Агар зан намебуд, мард **ҳам ҳеҷ гоҳ** ҳастии худро дарк намекард" [12]. *Пешвои миллат, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба мақоми зан дар ҷомеаи сиёсӣ баҳои баланд дода, чунин* ***қайд намудааст****: "Ҷомеае,* ***ки*** *гамхори зан-модар бошад, ӯ ба ояндаи худ кафолат дода метавонад. Давлате,* ***ки*** *барои зан-модар гамхор набошад, оянда имконияти давом додани ҳастии худро* ***ҳам*** *аз даст медиҳад" [14].*

*"****That*** *was* ***what they said****", said Dupin, "but that was not* ***what*** *was strange about* ***what they said****". I said that, while all agreed about the low voice, they could not agree about the high voice. Each is sure that it was not the voice of one of his own countrymen. Each said that: it was like the voice of someone he could not understand [16]. Dupin* ***said that****: "We will go back over the course of your thoughts from the moment in* ***which*** *I spoke to you until that of the meeting with fruiterer [15].*

Калимаю таркибҳои ҳамнисбат дар баъзе ҷумлаҳои мураккаби тобеъ устувор буда, чунин ҷумлаи пайрав танҳо маъною моҳияти онҳоро возеҳ мегардонад, аммо ҳамон калимаю таркибҳо ноустувор буда, дар алоқаи наҳвии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб характери факултативӣ дорад.

Хулоса, ҷумлаи пайрави пуркунанда бар эзоҳи пуркунандаи бевоситаи сарҷумла низ меояд. Дар чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ пуркунандаи сарҷумла бо ҷонишинҳое ифода меёбад, ки маънои умумӣ дорад, маънои мушаххаси онҳо маҳз тавассути ҷумлаи пайрав равшан мегардад. Ин ҷонишинҳо ба вазифаи пуркунандаи сарҷумла омада, мустақилияти нисбии онро барҳам мезананд. Дар чунин лаҳза оҳанги гуфтори сарҷумла аз нотамомии он ва ногузирии ифодаи ҷумлаи пайрави пуркунанда дарак медиҳад.

Ҷумлаҳои пайрави пуркунандае, ки бар эзоҳи пуркунандаи бевоситаи сарҷумла омадаанд, аз нигоҳи сохтор ва алоқаи наҳвӣ хеле қавӣ мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қ.II-III / С.Айнӣ. - Сталинобод: Нашриёти давл. Тоҷикистон, 1954. – 325 с.
2. Арендс, А.С. Наҳви мухтасари забони муосири адабии форсӣ / А.К. Арендс. - М., Л.: Нашр. АИ ИҶШС, 1941. - С.95-108.
3. Атобуллоев, С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик / С.Атобуллоев. - Душанбе: Дониш, 1957. – 193 с.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Сталинобод, 1956. – С.8-10.
5. Икромӣ, Ҷ. Шодӣ / Ҷ. Икромӣ. - Сталинобод: Нашриёти давл. Тоҷикистон, 1954. – 236 с.
6. Молчанова, Е.К. Асосҳои наҳви забони форсии миёна: автореф: дис.ном.илм.филол / Е.К. Молчанова. - М., 1963. – 19 с.
7. Расторгуева, В.С. Очеркҳо оид бо лаҳҷашиносии тоҷик. Нашр. 4 / В.С. Расторгуева. - М.: Нашр. АИ ИҶШС, 1941. - С.95-108.
8. Расторгуева, В.С. Забони форсии миёна / В.С.Расторгуева. - М.: Наука, 1966. - С.133-149.
9. Самаки айёр. Ҷ.VIII. - Душанбе: Ирфон, 1985. – 245 с.
10. Улуғзода, С. Навобод / С.Улуғзода. - Сталинобод: нашр. давл. Тоҷикистон, 1953. – 456 с.
11. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома / А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Ирфон, 1984. - Ҷ.I. – 389 с.
12. Қосимова, М.Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. - Сталинобод: Нашр.АИ ИҶШС, 1961. – 77 с.
13. Ҳофизи Шерозӣ. Ашъори гузида / Шерозӣ, Ҳофиз. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 568 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Президенти мо. – Душанбе, 2006. – 309 с.
15. Edgar P.Six tales of fear. – Washington, 1993. – 128 p.
16. Leigh Michael. Taming a Tycoon. - Canadian trade marks office, 1995. – 186 p.

ХУСУСИЯТҲОИ САРФИЮ НАҲВИИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Муҳаққиқ дар пажуҳиши мавзуи мазкур паҳлуҳои норавшан, ҷиҳати сохторӣ ва маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои муқоисашавандаро таҳқиқ кардааст. Ҷумлаи пайрави пуркунандае, ки бар эзоҳи сарҷумла меояд, бо ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони англисӣ ҳамчун пуркунандаи мураккаб *"Complex object"* баробар меояд. Бояд қайд кард, ки ҷумлаи пайрави пуркунанда аз нигоҳи сохтор ва алоқаи наҳвӣ хеле қавию равшан аст. Чи тавре ки аз мисолҳои мақолаи мазкур бармеояд, ин ҷонишинҳо ба вазифаи пуркунандаи сарҷумла омада мустақилияти нисбии сарҷумларо барҳам мезананд. Сарҷумла ба оҳанги махсус талаффуз гардида, ба ҷумлаи пайрави пуркунанда ниёз доштани он равшан мегардад. Ба вазифа ҷонишинҳои ишоратӣ **ин, он, ҳамин, ҳамон /**таъинӣ**/ ҳама** истеъмол мешаванд. Ин ҷонишинҳо аз лиҳози муносибати худ ба сарҷумла, устувор ва ноустувор будани худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. Ҷонишинҳое, ки бештар аҳаммияти услубӣ дошта, барои таъкид истифода мешаванд ва дар таркиби сарҷумла наомада ҳам метавонанд/ё истисно шуда метавонанд. 2. Ҷонишинҳое, ки дар таркиби сарҷумла омаданашон ҳатмӣ буда, дар ташаккули хабари сарҷумла низ саҳм доранд. Дар навъи аввали чунин ҷумлаҳо ҳам нақши асосии тобеънамоӣ бар дӯши хабари сарҷумла – феъл аст, зеро он аз лиҳози маънӣ ноқис буда, шарҳу эзоҳ ё иҷрои амалу ҳолати дигар ҷумлаи пайрави пуркунандаро тақозо менамояд, ҷонишин барои таъкиду ифодасозии фикр истифода мешавад.

Гӯянда ба вай задаи мантиқӣ дода, диққати шунавандаро маҳз ба ҳамон ҷалб менамояд. Аз ин рӯ, чунин ҷонишинҳо дар алоқаи наҳвию маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда ва сарҷумла хислати факултативӣ доранд.

Калидвожаҳо: ҷумла, пуркунанда, пайрав, сарҷумла, пуркунандаи мураккаб, ҷонишинҳо, ишоратӣ, таъинӣ, хабар, феъл, ҳиссача, муносибат, сарф, наҳв, тобеъ, зада, мантиқӣ.

СИНТАКСИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СЛОЖНОПОДЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ С ПРИДАТОЧНЫМ ДОПОЛНИТЕЛЬНЫМ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Сложноподчинённое предложение, которое следует за главной частью предложения, эквивалентно сложным придаточным предложениям в английском языке как «сложные дополнение». Следует отметить, что по следующие придаточные в сложноподчинённом предложении сильные и ясные, с точки зрения структуры и грамматической связи. Как следует из примеров данного статьи, эти местоимения берут на себя функцию сложного предложения с дополнением и разрушают относительную самостоятельность придаточного дополнителного предложения. Главное предложение произносится особым тоном, и становится ясно, что оно нуждается в придаточной части предложения. Указательные местоимения **этот, тот,** одно и то же /обозначение/ используются в этой функции. Эти местоимения делятся на две группы в зависимости от их отношения к существительному и их устойчивости и нестабильности: 1. Местоимения, которые имеют большее стилистическое значение, используются для выделения и не входят в предложение, или могут быть исключены. 2. Местоимения, которые должны фигурировать в составе предложения, а также способствовать формированию сказуемого предложения. В первом типе таких предложений основную роль в подчинении выполняет глагол, так как он недостаточен по смыслу, и требует пояснения или разъяснения или выполнения другого действия или условия подчиненного предложения, местоимение используется, чтобы подчеркнуть и выразить мысль. Говорящий выделяет его, ставя логическое ударение и обращает на него внимание слушателя. Поэтому такие местоимения имеют факультативный характер в грамматической и смысловой связи между дополнением и подлежащим.

Ключевые слова: предложение, придаточное, дополнение, главное предложение, указательные местоимения, сказуемое, глагол, частица, отношение, морфология, синтаксис, сложноподчинённое, ударение, логическое.

SYNTACTIC FEATURES OF COMPLEX OBJECT CLAUSES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In the study of this topic, the researcher investigated the ambiguous, structural and semantic aspects of the complex object clauses in comparable languages. The following complex object clauses, which follows the prepositional phrase, is equivalent to complex subordinate clauses in English as a "Complex object clauses". It should be noted that the following complex object clauses is very strong and clear in terms of structure and grammatical connection. As it follows from the examples of this article, these pronouns come to the function of complex object clauses and destroy the relative independence of the clause. The main sentence is pronounced in a special tone, and it becomes clear that it needs a complex object clauses. The demonstrative pronouns **this, that**, **this,** the same /designation/ are all used for the task. These pronouns are divided into two groups according to their relation to the noun and their stability and instability: 1. Pronouns that have more stylistic importance and are used for emphasis and are not included in the sentence may/or may be excluded. 2. Pronouns that must appear in the composition of the sentence and also contribute to the formation of the message of the sentence. In the first type of such sentences, the main role of subordination is on the head of the subject - verb, because it is defective in terms of meaning, and it requires an explanation or explanation or the performance of another action or condition of the follower clause, the pronoun is used to emphasize and express the thought. The speaker gives it a logical stress and draws the listener's attention to it. Therefore, such pronouns have a facultative character in the grammatical and semantic relationship between the object and the subject.

Key words: sentence, object, clause, preposition, complex object clauses, pronouns, indicative, destination, predicate, verb, particle, relationship, morphological, syntax, subordinate, stress, logical.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** - Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. К.Сеткина 2. Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Акобирова Сабагул Зайнутдиновна - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, муаллими калони кафедраи филогияи англисӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, г. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 988-64-46-76**

Сведение об авторах: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** - Медико-социального институт Таджикистана, к.ф.н., доцент, заведующий кафедры языков. **Адрес:** Республика Таджикистан, Душанбе, ул. К. Сеткина 2.
Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Акобирова Сабагул Зайнутдиновна - Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, старший преподаватель кафедры английской филология. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 988-64-46-76**

Information about the authors: ***Sharifova Adolathon Sharifovna*** - Medical and Social Institute of Tajikistan, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Languages. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. K. Setkina 2. Phone.: **(+992) 918-30-57-17**

Akobirova Sabagul Zainutdinovna - Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulugzoda, Senior Lecturer of the Department of English Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Phone: **(+992) 988-64-46-76**

УДК: 491.155-5

ГУРӮҲИ ҲАРФИ ИЗОФА ДАР ЗАБОНИ ФОРСИИ ИМРӮЗ АЗ НАЗАРИ НАҲВИ СОХТГАРОӢ

Муниф Абдулазиз Муниф
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рӯйкарди наҳви сохтгароӣ. Ба ақидаи назарияпардозони сохтгароӣ, ки забон нахустин абзоре барои иртибот миёни ҳамаи башар аст ва бар ин бовар ҳастанд, ки инсон ҳам наметавонд мафҳум ё муҳтавои ҷадид ва номаъруфро биёмӯзад, магар он ки битавонад онро бо дониши пешини худ, ки дар зеҳн дорад ва аз таҷриботи воқеии худаш ба даст биёяд. Ба ҳамин далел, ҳар тавҷеҳе, ки фарзияҳои назарияпардозон барои забон ироа медиҳанд, дар бораи ин поя чарх мезанад. Албатта алорағми ин нукта иштирок набояд ин табйинро аз назар дур дошт, ки бештарин ангораҳо ва равишҳое, ки зери унвони забоншиносии умумӣ қарор мегиранд, ихтилофи зиёде бо якдигар доранд. Ин ихтилоф гоҳе беш аз ихтилофи онҳо бо аксар ангораҳои суратгароёна аст. Ҳамчунин ба назар мерасад, ки носозгориҳои гунаҳои мутафовити суннатиро меъёри аҳаммияте, ки ҳар як барои далоили шинохтӣ, абъод ва стандарти таъсири матн ва радашиносиро бартарӣ медиҳанд, мушаххас мекунад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки ба пайваste, ки ҷойгоҳи ин ду дастурро нисбат ба якдигар ошкор месозанд, нигоҳ мекунем, сипас шолудҳои назарии онҳоро дар мавриди мутолиа қарор мегузорем [17, с.64].

Дар наҳви суннатӣ, бо таваҷҷуҳ ба рӯйкарҳои иртиботӣ ва маъношиносӣ таҳлил мешаванд. Бинобар ин нақши маъношиносӣ ва корбурдшиносӣ бисёр қобили таваҷҷуҳ аст. Ба тавре ки ҷудоӣ ва истиқлоли наҳв аз байн рафта ва сару кор миёни ин ҳавзаҳо пояҳои ин фарзияи забониро созмон медиҳад.

Сохтори наҳвӣ ва даллолӣ «syntactic & Semantic structure».

Мақулаҳои даллолии вижаеро дар забонҳо пайдо мекунем, аммо забонҳо ин мақулаҳоро ба таври мухталифе дар сохтори наҳвии худ ошкоро месозанд. Ҳамаи табоюни даллолӣ пояе дар забонҳо байни хабар ё гузора «predicate», истидлоҳои «arguments» он ва созандаҳои ғайри истидлолӣ, хабари рӯйдод ё ҷойгоҳро тавсиф мекунад ва ағлаб бо феъл баён мегардад. Истидлолҳо ширкаткунандагон дар он рухдодро муаррифӣ мекунанд. Аз ин рӯ, бандҳо ё иборатҳои ирҷоие ҳастанд, ки аксари ин бандҳо дар сурати гурӯҳҳои исмӣ пайдо шаванд. Созандаҳои ғайри истидлолӣ чизеро дар бораи замону макони рухдод ё ҷойгоҳи он ошкор мекунанд.

Созандаҳои наҳвии аслӣ, ки бо мавориди боло яксон ва баробар мебошанд, ба ин шарҳ аст: ҳаста (nucleus), дарбардорндаи хабар ё гузора мешавад, марказ (core), ки ҳаста ва истидлолоти онро дар бар мегирад ва ҳошия (periphery), ки дарбардорндаи ғайри истидлолот, гурӯҳҳо ва вожаҳое, ки марказро тавсиф мекунанд, мешавад. Дар идома, ҷумлаи зер бар ин таҳлил мешавад:

Бито сураташро дар утоқ бӯсид [6, с.36].

Мулоҳиза мешавад, ки хабари даллолии феъли «бӯсидан», ки ҳастаи наҳвии ҷумларо дуруст ва таҳия мекунад, аммо истидлоли он «сураташ = сурат + ӯ» аст ва ин ду созанда бо ҳам марказ ё ҳастаи ҷумларо ташкил диҳанд. Гурӯҳи ихтиёрӣ ё ғайри илзомии ҳарфи изофаи макон «дар утоқ», дар ҳошия меояд. Ин ҷо бояд илтифот кунад, ки ин таҳлил ба ҷои он ки бар табақабандии вожаҳо «исм, феъл, ҳарф, адот, сифат,...» тамаркуз дошта бошад, бар амалкард маътуф аст. Ба истидлолоти наҳвӣ ки дар марказ ё ҳаста меояд, истидлоли марказ ё ҳастаро меноманд, шояд мустақим ва ғайримустақим бошанд [11, с.109].

Ҳамчунин дар забони форсии имрӯз, баъзе аз истидлолҳое, ки дар нақши фоил «кунишкунанда» кор мекунад, нақши даллолии омил (agent) доранд. Бархе аз истидлолоте, ки дар нақши мфъул кор мекунанд, нақше назири кунишпазир (patint) доранд. Дар ин ҷо аз нақшҳои шумулёфта баҳрагирӣ мешавад, яъне гурӯҳе, ки аз навъи омил ҳастанд, асарпазир (undergoer) ва гурӯҳе, ки аз навъи кунишпазир, асарпазир мегӯянд. Ин нақшҳоро фаронақш (macrorole) номидаанд. Чунки ҳар кадоме аз онҳо дорои чанде аз нақши даллолии вижае ҳастанд. Асаргузор (actor) мумкин аст омил, васила ё таҷрибагар бошад, дар ҳоле ки асарпазир метавонад кунишпазир, дарёфткунанда «пазирнда» бошад. Ин масъаларо метавон дар ду намунаи зер ироа кард:

• *Ливони обро рӯйи миз гузошт* [6, с.106].



• *Бито кифу клосураш* (парвандааш- М.А.) *ба даст гирифт*. [6, с.13].



Дар ду ҷумлаи боло, вожаҳо аз қабили «ливони об, киф, клосураш» дорои нақш даллолии кунишпазир, пазирнда ва таҷрибагар ҳастанд, дар ҳоле ки ҳамаи ин вожаҳо асарпазир ҳастанд. Баъзе аз хабар як истидлоли имконпазир бошанд ва он истидлол метавонад ду нақши бузургро дошта бошад, аз қабили:

• *Модараш асабӣ аз лои дар берун омад ва дод зад.* [6, с.16].

• *Лоиҳаи маҷлис тасвиб шуд.* [5, с.28].

Бояд нишон дод, ки асаргузор ва асарпазир мутобиқи равобити фоилу мафъул нестанд. Ин адами таодулро метавон дар ҷумлаҳои зер ишора кард:

• *Бача шишаи ҳамаи панҷараҳоро шикаст.* [5, с.28].



• Шишаи ҳамаи панҷараҳо шикаста шуд. [5, с.26].



Дар ҷумлаи як, «бача» асаргузор ва «шишаи ҳамаи панҷараҳо» асарпазир аст, дар ҳоле ки дар ҷумлаи дувум, асарпазир дар мавқеияти фоил омадааст.

Гурӯҳҳои ҳарфи изофаи афзуда. Фарқ байни марказ ё ҳастаи ҷумла ва ҳошияи он бар пояи тамоюз байни истидлолиҳо ва ғайриистидлолиҳо мебошад. Ду навъи ғайриистидлолӣ ин аст: абзори гурӯҳе ё абзори гурӯҳҳои ҳарфи изофа ва абзори ғайри ҳарфи изофа ё қайдҳо. Абзори гурӯҳи ҳарфи изофаи тавсифкунандаи ҳаста ё марказ ҳастанд ва умдатан дар ҳошия намоён мешаванд. Бархе қайдҳо ҳам ҳаста ё марказро тавсиф мекунанд, мисли: «дирӯз» ва онҳо дар ҳошия меоянд. Мисоли барҷастатарини он гурӯҳҳои ҳарфи изофаи замонӣ ва маконӣ ҳастанд. Дар ин рурӯҳҳо, ҳарфи изофа ба самти ҳаста ё марказ дар гурӯҳҳои ҳарфи изофае, ки дар ҷойгоҳи наҳвии абзор ё адот пайдо шудааст, анҷоми нақш кунад. Афзудаҳо ҷойгоҳро, ки хабар ё гузора табйин мекунад, ба лиҳози замонӣ ва маконӣ таъйин мекунанд ва шомили иттилооти изофӣ ва ҳошияӣ ҳастанд ва ҳазфи онҳо муҷиби костиҳо дар сохтори ҷумла намешавад. Метавон гуфт дар забони форсӣ, дар афзудаҳое, ки, ба шакли гурӯҳи ҳарфи изофадор ҳастанд ҳарфи изофа муфод ё дарунмоя ва корбурди исмии пас аз худро ошкор кунад:

• *Бобак дар канори хиёбон таваққуф кард ва турмузи дастиро боло кашид.* [6, с.47].



• *Магар дар ин шаб чанд қарор аст дар зиндагии шумо такрор бишавад?* [6, с.149].



مبتدا غیر استدلالی است

ادات گروه اضافه (زمانی توصیف کنندهء هسته) فعل

Ин гурӯҳҳои боло, басомади бештаринро дар ҷумлаҳо доранд ва нақши шоистае дар табйини мафоҳими мавриди назари нависанда ироа мекунад. Низ донистаҳо ҳошияи гуногунро бар ҷумлаи ҳошия меафзоянд, алорағми ҳошиявӣ будан, ҳазфи онҳо дар бисёре аз мавозеъ далели беиртиботии муодил ва мусовии назароти нигоранда мешавад.

Гурӯҳҳои ҳарфи изофаи баёнкунандаи истидлол. Ин гурӯҳи ҳарфи изофа амалкарде аз маъношиносии хабар ё гузора ҳастанд ва ба воситаи он мушаххас мешаванд ва тибқи маъмул, ба ин гурӯҳҳо истидлоли ғайри мустақими ҳаста ё марказ гуфта мешаванд. Ба мафҳуми дигар, ҳарфи изофаи истидлоли ғайри фаронақшро, ки на асаргузор ва на асарпазир аст, ошкор ва табйин мекунад. Истидлолҳои мустақими ҳаста ё марказ онҳое ҳастанд, ки бо ҳарфҳои изофа аломатдор намешаванд, яъне асаргузор ва асарпазир ҳастанд, мисол:

• *Яъне ин ҳама вақт ҳаминҳоро ба ҳам мегуфтед?* [6, с.55].



Дар ин ҷумла, гурӯҳи таъйинкунандаи нақши даллолии дарёфткунанда дорад, ки дар форсӣ бо ҳарфи изофаи «ба» мушаххас мешавад. Шоёни зикр аст, ки дар ин гурӯҳҳо, ҳарфҳои изофа аз сӯйи дастурӣ ба истидлолҳои вижае тааллуқ дорад.

Аммо дар мавозеъе ки хабар ё гузора дорои ҷиҳат ва тавзеҳдиҳандаи ҳаракат ё рӯй овардан аз сӯи асаргузор аст, омили даллолӣ ё моддиро дарк мекунад, ин хабарҳо ё гузораҳо ағлаб мфъули ғайри мустақим мегиранд ва ҳарфи изофаи мулозими он аксаран «ба» мебошад. [9, с.171].

• *Падар дарсхониро ба писараш ёд дод.*



اثر گذار اثر پذير (مفعول غير مستقيم)

Дар ҷумлаи боло, гузораи «ба писараш» ҷиҳатдор мебошад ва кори асосӣ «падар» сар бар меовард ва дарёфткунандаи «писар» аст. Ҳарфи изофаи «ба» намоёни мафоҳими гуногун аст, вале ҷанбаи ҳамагонӣ ин самтнамоӣ аст ва бар сари мафоҳими дигаре қарор дорад.

Гурӯҳҳои ҳарфи изофаи мавзуи афзуда. Бо таваҷҷуҳ ба дастури сохтгароӣ, амалкарди гурӯҳи ҳарфи изофа ин аст, ки метавонад хабар ё гузора таъйин кунад ва бар маънои гурӯҳи феълӣ меафзояд. Аз беҳтарин намуна барои ин, гурӯҳи ҳарфи изофа бо феъле мисли «ба ҷо гузоштан» аст. Ин феълҳо бо ибораи маконӣ комил мешаванд, аммо ҳарфи изофаи феъли маконiро феъли мушаххас намекунад.

• *Баъд, як нақша ҷулӯи ман гузошт ва гуфт: «Шумо куҷо будед»?*



Дар ҷумлаи боло, ҳарфи изофаи «ҷулӯ» ба нақизи ҳарфи изофаи «ба», бо феълҳое мисли «додан», «нишон додан», бахши муҳимме аз маънои ҷумларо мерасонд. Бинобар ин бояд ҳарфи изофаи хабарӣ ё гузорагӣ дар назар гирифта шавад. Ба гурӯҳҳои ҳарфи изофае, ки дар ҷумлаи боло ба кор бурда, мавзуи афзуда дар марказ гуфта мешавад. М. Мишкотуддинӣ мегӯяд: "Ин гунаи хабар ё гузора, ибораи феълӣ бо қайди макон илзомӣ гуфта мешавад." [7, с.209].

Ба ин маъно, ки ба кор бурдани гурӯҳи ҳарфи изофаи қайди макон ба ҳамроҳи мушобеҳ «гузоштан» илзомӣ аст ва дар ҳолате ки гурӯҳи ҳарфи изофаи қайди макон дар гурӯҳи ёдшуда зоҳир нашавад, мафҳуми онро шунаванда мефаҳмад. Дар зимни баҳси феъли мураккаб, М.Д. Муқаддам менависад: "Тамоми афъоли мураккаб дар пайкараи забонӣ ба сурати истиорагӣ ба кор бурда мешавад. Ин хабарҳо ё гузораҳо печида аз пайванди гурӯҳҳои ҳарфи изофа ва шакли заифшудаи феъл, ки ба он навъи феъл мегӯянд, ташкил мешавад." [8, с.172].

Нуктаи дигар, ин аст, ки дар ин сохторҳои ду бахши хабар ё гузора, созаи феълӣ ва гурӯҳи ҳарфи изофаи хабарӣ ё гузорагӣ, як пайванди ҳастаи феълиро барпо мекунад. Бинобар ин аст, ки гурӯҳи ҳарфи изофа дар ин сохторҳои феъл, гурӯҳи ҳарфи изофаи маконӣ мебошанд.

Гурӯҳҳои ҳарфи изофа дар ҳошия. Гурӯҳҳои ҳарфи изофаи омил дар сохторҳои маҷҳул дар забони форсӣ, монанди:

•*Ӯ чӯбро бо арраи коғазӣ пора-пора мекунад.*

•*Арраи коғазӣ чӯбро пора-пора мекунад.*



فاعل (کنش کننده) هسته (مفعول مستقیم) غیر هسته ای (حاشیه) هسته (فعل)



Чунонки мулоҳиза мешавад, гурӯҳи ҳарфи изофа василае дар ҷумлаи якум метавонад ба самти ниҳод дар ҷумлаи дувум биёяд. Аз ин рӯ, ин ибораро метавон дар гурӯҳи истидлол дар ҳошияи «калимаҳои ғайриҳастаӣ, гурӯҳҳои ғайриҳастаӣ, ки кулли ҳастаро тавсиф мекунад» қарор дод.

Гурӯҳи ҳарфи изофа дар нақши хабар ё гузора. Дар забони форсӣ, иддаи дигаре аз гурӯҳҳои ҳарфи изофа вуҷуд дорад, ки дар табақабандӣ ба он ишорае нашудааст ва метавон онҳоро гурӯҳҳои ҳарфи изофаи ҳовии нақши хабар ё гузора гуфт. Онҳо ба ба ду гурӯҳ табақабандӣ мешаванд: маҷмуаи аввал бо унвони гузораи ғайрифеълӣ баррасӣ мешавад, ҳаста дар марказ дарбардорандаи гузора аст ва он амал ё мавқеиятиро тавсиф мекунад ва ағлаб феъл аст, мисли:

• *Умар устод аст.*

Калимаи «устод» ба унвони гурӯҳи ирҷоӣ кор намекунад, яъне мисли хабар ё гузора ба шахс далолат намекунад, балки вижагиро тавсиф мекунад ва амалкарди хабар ё гузора дорад ва феъли ин ҷумла фақат ҳомили замон аст ва ҳомили маънои аслии ҷумла дар тавсифи рӯйдод ё мавқеият нест. Аз ин рӯ, ҷумлае монанди:

• *Ба назараш Бобак ин хусусияти мусбатро дошт, ки ҳатто дар авҷи нороҳатӣ <u>миёни ҷамъ худдор</u> буд.* [6, с.159].



Мулоҳиза мешавад, ки гурӯҳи ҳарфи изофа дар нақши хабар ё муснад ё мутаммими ниҳод ба кор бурдааст. Дар воқеъ гурӯҳи ҳарфи изофа хабар ё гузораи ғайрифеълӣ ва баста ба марказ ё ҳаста аст, ҳарфҳои изофаи ин хабарҳо ё гузораҳо низ аз мақулаи хабарӣ ё гузорагӣ мебошад.

Аммо маҷмуаи дувуми гурӯҳи ҳарфи изофа дар нақши хабар ё гузора, ин аст, ки ин ҳовии хабарҳо ё гузораҳои истои маконӣ аст, мисли:

• *Бифармоед додош <u>туи пазироянд</u>*. [6, с.40].



مبتدا گروه حرف اضافه (خبر مکانی، مسند مکانی) فعل ربطی

Ҳамчунон ба назар мерасад, ки хабар ё гузораи ҷумлаи боло «*туи пазироянд*», истои маконӣ омадааст, ин гузора, ҳарфи изофаи ғайрифеълиро меноманд, бар макони рӯйдоди феъл далолат мекунад.

Хулоса, дар ин мутолиа, додаҳои забони форсӣ ҳовии анвои гурӯҳҳои ҳарфи изофае, ки ба унвони созандаҳои ҷудо ва мустақил ба кор мераванд, бар тибқи табақабандии фарзияи сохтгарой, мушаххас ва баррасӣ шудааст. Бинобар ин, ёфтаҳои ин мутолиа ба шарҳи зер аст:

• гурӯҳи ҳарфи изофа ба чаҳор бахш: гурӯҳи ҳарфи изофаи афзуда, гурӯҳи ҳарфи изофаи баёнгари истидлол, гурӯҳи ҳарфи изофаи афзудаи истидлол, гурӯҳи ҳарфи изофаи истидлол дар ҳошия, табақабандӣ мешавад;

• ба назари баъзе забоншиносон ва алоқамандон, ки гурӯҳи ҳарфи изофа абзорҳое нестанд, балки дар нақши мафъул ё дар нақши нишондиҳандаи мафъули ғайримустақим ва ё ба унвони хабар ва гузораи ҷумла пайдо мешаванд;

• бо таваҷҷуҳ ба феълҳое, ки гурӯҳи ҳарфи изофа бо он меоянд, ба чанд бахш табақабандӣ мешавад: гурӯҳи ҳарфи изофа бо феъли ногузари ноисто, гурӯҳи ҳарфи изофаи маконӣ ва ғайри маконӣ бо феъли рабтӣ ва гурӯҳи ҳарфи изофа дар сохторҳои феъли сабук;

• гурӯҳи ҳарфи изофа дар забони форсӣ ҳам ба самти созандаи вобаста ё мутаммим низ ба кор мебаранд.

Муқарриз: Саломов А. – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулазими Қариб. Дастури забони форсӣ / Қариб, Абдулазим. – Теҳрон: Ноҳид, 1373. - 312 с. [бо забони форсӣ].
2. Абдуррасули Хайёмпур. Дастури забони форсӣ / Хайёмпур, Абдуррасул. – Теҳрон: Сутуда, 1384. - 193 с. [бо забони форсӣ].
3. Абулҳасани Наҷафӣ. Мабонии забоншиносӣ ва корбурди он дар забони форсӣ / Наҷафӣ, Абулҳасан. – Теҳрон: Нилуфар, 1378. – 172 с. [бо забони форсӣ].
4. Алиашраф Содиқӣ. Ҳарфи изофа дар форсии муосир. Нашрияи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Табрез / Содиқӣ, Алиашраф. – Табрез, 1349. - №3-4. - С.441-470. [бо забони форсӣ].
5. Волӣ Ризой. Таҳлили нақшгаро аз корбурдҳои ҳарфи изофа дар забони форсӣ. Фаслномаи мутолиоти забонҳо ва гӯйишҳои Ғарби Эрон. №23. / Ризой, Волӣ. – Теҳрон, 1389. – 59 с. [бо забони форсӣ].
6. Марям Ҷаъфарӣ. Гулҳои шаббӯ / Ҷаъфарӣ, Марям. – Теҳрон: «Интишороти шодон», 1382. - 484 с. [бо забони форсӣ].
7. Маҳдӣ Мишкотуддинӣ. Дастури забони форсӣ, вожагон ва пайванди сохтӣ / Мишкотуддинӣ, Маҳдӣ. - Теҳрон: Самт, 1387. – 256 с. [бо забони форсӣ].
8. Муҳаммад Дабири Муқаддам. Пажуҳишҳои забоншинохтии форсӣ / Муқаддам, Муҳаммад Дабир. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ,1388. – 414 с. [бо забони форсӣ].
9. Муҳаммадризо Ботинӣ. Тавсифи сохтмони дастури забони форсӣ / Ботинӣ, Муҳаммадризо. – Теҳрон: Амири Кабир, 1374. – 195 с. [бо забони форсӣ].
10. Парвиз Нотили Хонларӣ. Дастури забони форсӣ / Хонларӣ, Парвиз Нотил. – Теҳрон: Банёди фарҳанги Эрон, 1355. – 366 с. [бо забони форсӣ].
11. Тақӣ, Ваҳидиёни Комёр, Ғуломризо Имронӣ. Дастури забони форсӣ / Комёр, Тақӣ Ваҳидиён, Имронӣ, Ғуломризо. – Теҳрон: Самт, 1386. – 136 с. [бо забони форсӣ].
12. Умед Табибзода. Дастури забони форсӣ бар асоси назарияи гурӯҳҳои худгардон дар дастури вобастагӣ / Табибзода, Умед. – Теҳрон: Нашри марказ, 1391. – 496 с. [бо забони форсӣ].
13. Халил Хатиби Раҳбар. Дастури забони форсӣ (ҳуруфи изофа ва рабт) / Раҳбар, Халил Хатиб. – Теҳрон: Саъдӣ, 1367. - 568 с. [бо забони форсӣ].
14. Хусрав Ғуломализода. Сохти забони форсӣ / Ғуломализода, Хусрав. – Теҳрон: Эҳёи китоб, 1374. – 344 с. [бо забони форсӣ].
15. Хусрави Фаршедвард. Дастури муфассали имрӯз / Фаршедвард, Хусрав. – Теҳрон: Сухан, 1384. – 708 с. [бо забони форсӣ].
16. Фердинанд де Соссюр. Давраи забоншиносии умумӣ. Тарҷумаи Куруш Сафавӣ / де Соссюр, Фердинанд. – Теҳрон, 1378. – 364 с. [бо забони форсӣ].
17. Ҷон Даблю Сонтрок. Равоншиносии тарбиятӣ. Тарҷумаи Саидӣ ва ҳамкорон / Сонтрок, Ҷон Даблю. – Теҳрон: Муассисаи хадамоти фарҳангӣ, 1387. – 624 с. [бо забони форсӣ].

ГУРӮҲИ ҲАРФИ ИЗОФА ДАР ЗАБОНИ ФОРСИИ ИМРӮЗ АЗ НАЗАРИ НАҲВИ СОХТГАРОӢ

Наҳвпардозони сохтгароӣ бар ин бовар ҳастанд, ки гурӯҳҳои ҳарфи изофаро ба се бахш табақабандӣ мекунанд: бахши аввал ҳарфи изофае, ки дар чорчӯби абзор ифои нақш мекунад; бахш дувум, ҳарфи изофае, ки яке аз истидлолҳои хабар ё гузора мебошад; бахши севум, ҳарфи изофае, ки нишонгари истидлоли хабар ё гузорааст ва бар далолати гурӯҳ низ меояд. Дар ин пажӯҳиш нишон медиҳем, ки гурӯҳи ҳарфи изофа дар забони форсӣ дорои нақшҳои мутафовит ва гуногун аст. Илова бар нақши абзор, метавонад ба манзалати нишонгари истидлол дар сохтори думафъулӣ ва гоҳе ба самти мафъули мустақим ва бархе нақшҳои дигаре ба кор биравад.Ҳамчунин, бо таваҷҷуҳ ба феълҳое, ки бо онҳо тазоҳур меёбанд ба даҳ бахш табақабандӣ шудаанд. Гурӯҳи ҳарфи изофаи ҳамроҳ бо феъли ногузари ноисто ё ҳаракатӣ, гурӯҳи ҳарфи изофаи ҷодор ва бечо ҳамроҳ бо феъли рабтӣ ва гурӯҳи ҳарфи изофа дар сохторҳои феъли сабук аз дигар маворидe аст, ки дар ин пажӯҳиш баррасӣ шудааст.

Калидвожаҳо: наҳвнависон, наҳвпардозон, гурӯҳи ҳарфи изофа, сохтгароӣ, афзуда, истидлол, хабар.

ПРЕДЛОЖЕНИЕ «АДЛОГА» В СОВРЕМЕННОМ ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКЕ В РАМКАХ СТРУКТУРНОЙ ГРАММАТИКИ

Грамматики структур предложений видят, что они разделят адлоги на три части: первая часть - адлоги, которые играют роль инструмента, вторая часть является аргументом, относящимся к предикату, или предикат и третья часть появляются в предложении как сказуемое и подтверждают значимость предложения адлога. В данном исследовании рассмотрены различные роли адлога в персидском языке. Помимо того, что он является инструментом, его можно использовать в качестве аргумента в структурах предложений, которые включают два объекта, иногда как прямой объект, и он играет другие роли в этой структуре. На фоне глаголов, которые следуют за адлогами, адлоги в данном исследовании разделены на десять типов: адлоги переходных глаголов или глаголов движения, широко используемые и малоиспользуемые адлоги, сопровождающие связующие глаголы, и адлоги в структурах вспомогательных глаголов. Все эти пункты затронуты в данном исследовании.

Ключевые слова: грамматики, предлжение «адлога», структура предложения, свободный член предложения, аргумент, предикат, сказуемое.

THE PREPOSITIONAL PHRASE IN MODERN PERSIAN LANGUAGE: A STUDY IN THE LIGHT OF STRUCTURAL GRAMMAR

Many of the structural grammarians divide the prepositions into 3 sections: The first one is the preposition that acts as a tool, the second section is the preposition which is an argument related to the predicate, and the third section is the preposition that comes as predicate in a sentence, and gives more semantic meaning to prepositional phrase as an adjunct. In this study, we will show that the prepositional phrase plays different roles in Persian language. As aside of being a prepositional itself, it can be used as an argument in phrases structures that include two objects, and sometimes as direct object, in addition to other roles in this structure. Looking at the verbs that it comes with it, this study has divided the prepositional phrase into 10 types: porpesitional phrase comes with intransitive verbs or action verbs, widely used and infrequently used prepositional phrase comes with copular verbs, and prepositional phrase comes with light verbs structures. All these subjects were discussed extensively in this study.

Key words: grammarians, theories of Grammar, prepositional phrase, structural, adjunct, argument, predicate.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муниф Абдулазиз Муниф*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи филологияи Эрон. **Сурога**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рудакӣ 17. E-mail: **Monif.almonif@gmail.com**. Тел.: **(+992) 933-34-43-22**

Сведения об авторе: ***Муниф Абдулазиз Муниф*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **Monif.almonif@gmail.com.** Тел.: **(+992) 933-34-43-22**

Information about the author: ***Monif Abdulaziz Monif*** – Tajik National University, doctor of Ph.D Department of Iranian Philology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Monif.almonif@gmail.com.** Phone: **(+992) 933-34-43-22**

УДК: 811.512.133.

АЗ ТАЪРИХИ ОФАРИНИШИ ЛУҒАТҲОИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ҳусейнова Г.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Луғатҳои тафсирӣ яке аз он манбаъҳое мебошанд, ки ҳар фарди бомаърифат ва худогоҳ дар бораи таърих ва офариниши чунин луғатҳо бояд тасаввуроте дошта бошад. Фарҳангҳои забоншиносӣ аз рӯйи мақсад ва усулҳои тавсифи луғатнигорӣ ба чанд намуд ҷудо мешаванд. Дар байни луғатҳои забоншиносӣ луғатҳои тафсирӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд, ки вазифаи онҳо шарҳ додани (тафсири) маънои калимаҳо ва тасвири истифодаи онҳо дар нутқ мебошад. Тафсир маънои воҳидии забонро аз нуқтаи назари тасвири оммафаҳмона ошкор мекунад ва одатан хосси луғатҳои филологӣ мебошад.

Луғатҳои тафсирӣ дар шуури мардум ҳамчун як махзани боигарии забон ва муҳимтарин манбаи маълумот дар бораи фаъолияти он қабул карда мешаванд. Дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон таъсиси луғатҳои тафсирии забонҳои миллӣ як ҷузъи муҳимми сиёсати забон ба ҳисоб рафта, бо барномаҳои махсуси давлатӣ дастгирӣ карда мешавад. Луғатҳои тафсирии алифбоии якзабона дар сатҳи муайяни рушди фарҳанги забони халқ он гоҳ пайдо мешаванд, ки аз як тараф, зарурати тавсифи умумии нормализатсияи лексикаи забонҳои халқӣ эҳсос мешавад ва аз тарафи дигар, забон ба қадри кофӣ инкишоф ёфтааст, ки луғатшиносонро бо чунин воситаҳои тавсиф таъмин намояд. Луғатнигории англисӣ низ дар рушди худ монанди тамоми лексикографияҳои ҷаҳон, ҳамон роҳи душвор ва тулониро тай кардааст. Сарчашмаҳои аввалини он, ба нахустин луғатҳои глоссарии асрҳои VII-VIII, ки давраи дини насрониро қабул намудани англисҳо буд, ба соли 597 рост меояд. Марҳилаҳои ташаккули луғат дар осори Август ва Мюррей, Эрдман ва Чо Си-Янг, Ҷексон ва ғайра муфассал баён шудаанд.

Луғатҳои тафсирӣ бештар мунтазам ва пайваста фонди луғавии забонро инъикос менамоянд. Аз рӯйи луғати тафсирӣ метавон дараҷаи инкишофи таркиби луғавии забонро муайян намуд. Чуноне ки В.Г. Гак қайд намудааст, офаридани луғати тафсирӣ далели «ба синни балоғат расидани»-и ҳамон забон ва камолоти забонии ҷомеа мебошад [1, с.13].

Аввалин луғати тафсирии калимаҳои душвор, барои забони модарии англисӣ пешбинӣ шуда, соли 1604 тартиб дода шуда буд. Онро муаллими мактаб ва руҳонии деҳа Роберт Кодрей тартиб дода буд, ки чунин номи дароз дошт: A Table Alphabeticall, contayning and Teaching the True Writing, and Understanding of Hard Usuall English Words, Borrowed from the Hebrew, Greek, Latin, or French, etc. With the Interpretation there of by plain English words, gathered for the benefit and help of all unskillful persons. (Ҷадвали алифбо, дорои навиштаҷоти ҳақиқӣ ва фаҳмиши калимаҳои душвори маъмулии англисӣ буда, аз забонҳои ибрӣ, юнонӣ, лотинӣ ё фаронсавӣ ва ғайра гирифта шудааст. Бо тафсири он бо калимаҳои одии инглисӣ, ки барои манфиат ва кумаки ҳама одамони камтаҷриба ҷамъ оварда шудаанд). Он аз 100 саҳифа иборат буда, тақрибан 2500 калимаро дар бар мегирифт. Дар саҳифаи аввал, яъне сарлавҳа, номи муаллиф Роберт Кодри сабт нашуда буд, вале чунин калимаҳо ба лотинӣ навишта шуда буд: «Хондан бидуни фаҳмидан монанди нахондан аст» [2, с.110].

Воридоти таърифии лексикографии луғати тафсирии Роберт Кодри танҳо аз се унсур ё се минтақаи функсионалӣ иборат буд: лемма, калимаи сарлавҳа; тафсири маънои он ва иқтибоси тасвирӣ дар шакли изҳороти ҷумла ё калимаи ягон ходими намоёни сиёсӣ ё ҷамъиятӣ. Аммо дар рафти таҳаввули луғатҳои тафсирӣ шумораи унсурҳои дохилии луғатнигорӣ тадриҷан зиёд мешуд.

Дар анъанаи тавсифи "калимаҳои душвор" боз якчанд луғат, ба монанди: An Expositour (1616) аз ҷониби Ҷон Буллокар, Луғати англисӣ (1623) аз ҷониби Генри Кокрэма, Glossographia (1656) аз ҷониби Томас Блоунт, New World of English Words (1658) аз ҷониби Эдвард Филлипс ва English Dictionary (1704) аз ҷониби Эдвард Кокер таҳия карда шуданд. Аз ин руйхат луғати Г. Кокрэмро, ки аввалин бор «Dictionary», (Луғат) номида буд, қайд кардан бамаврид аст, ки минбаъд аксари луғатҳои англисӣ бо ҳамин унвон номгузорӣ мешуданд. Дар давоми асрҳои XVII ва XVIII пайдошавии ин гуна луғатҳо давом ёфта, ҳаҷм ва адади нашри онҳо доимо меафзуд.

Аввалин луғатнигор, ки калимаҳои одии рӯзмарраро (илова бар калимаҳои душвор) ба луғати худ дохил кардааст, Ҷон Керси буд. Ин дар худи номи луғати ӯ дар соли 1702 инъикос ёфтааст: (A New English Dictionary: or, a Complete Collection of the Most Proper and Significant Words, Commonly Used in the Language; with a Short and Clear Exposition of Difficult Words). Луғати нави англисӣ: ё маҷмуаи мукаммали калимаҳои дуруст ва муҳимтарин, ки маъмулан дар ин забон истифода мешаванд; бо баёни кӯтоҳ ва саҳеҳияти калимаҳои душвор. Луғати Ҷ.Керси дар ибтидои асри XVIII ҳамчун як луғати «намунавӣ»-и забони англисӣ ба ҳисоб мерафт. Пайдоиши ин луғат дар таърихи луғатҳои тафсирӣ марҳилаи сифатан навро нишон додааст, зеро он давраи инкишофи забонро дар ҳаҷми мукаммал фаро гирифтааст [3, с.71]. Як иқдоми дигари муҳим дар сабки офариниши луғати тафсирии фарогири забони англисӣ, луғати Натаниел Бейли буд, ки этимологияи калимаҳоро пешниҳод намуда, ба ин васила анъанаи ба ҷузъи таркибии луғат табдил додани этимологияро оғоз кардааст. Дар василаи луғатнигории фарҳанги тафсирии Н.Бэйли (A Universal Etymological English Dictionary, 1721) шумораи доираҳои функсионалӣ, ба монанди: орфоэпӣ (талаффуз), этимологӣ (таърихи пайдоиш), семантикӣ (маъноӣ) зиёд шуданд. Он чизе, ки мо дар партави мавриди омӯзиш қарор додаем, хидматҳои шоёни Н.Бэйли мебошад, ки ӯ аввалин шуда дар луғат расмҳоро ҷой додааст, ки баъдан ба сохтори воҳиди фарҳангҳои тафсирӣ мунтазам ворид мешаванд. Дар луғат тақрибан 500 расм ҷой дода шудааст, ки онҳо тасвири визуалии терминҳои техникӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, муҳимтарин ҳодисаи забоншиносии асри XVIII, ба гуфтаи муҳаққиқони муосир нашри луғати Самуэл Ҷонсон: A Dictionary of the English Language (Луғати забони англисӣ) (1721) буд, зеро он имлои забони англисиро ислоҳ кард ва стандарти Британиёро муқаррар намуд, ки барои луғатнигории англисӣ дар самти оянда асос гузоштааст [3, с.26]. Дар фарҳанги С.Ҷонсон маводи луғавӣ шакли қатъии илмӣ пайдо намуд, ки дар он тамоми хусусиятҳои калима: орфографӣ, орфоэпӣ, этимологӣ, грамматикӣ, семантикӣ ва услубӣ инъикос ёфтааст. Дар фарҳанги мазкур муаллиф маънои калимаҳову вожаҳоро ҳудудгузорӣ ва рақамгузорӣ намуда, ҳамчунин иқтибосҳое, ки маънои калимаҳоро нишон медиҳанд, аз кадом асар ё муаллиф гирифташуданашонро нишонагузорӣ кардааст.

Ҳамин тавр, С.Ҷонсон дар луғати худ барои даҳсолаҳои наздик намунаи мувофиқи сохтор ва мазмуни дохилии луғатнигориро муқаррар кардааст. Дар таърихи луғатнигории англисӣ мавқеи асосиро ишғол намудани фарҳанги мазкур тасодуфӣ нест ва аз ҷониби олимони зиёде ҳамчун аввалин фарҳанги тафсирии забони миллии англисӣ эътироф шудааст [3, с.114]. Ин самт дар доираи як лоиҳаи бузурги луғатнигорӣ ба монанди, Луғати англисии Оксфорд - Oxford English Dictionary (1879-1934) идомаи арзанда гирифт. Таъсиси ин луғати тафсирӣ барои рушди луғатнигории таърихӣ замина гузошт, ки вазифаи он тавсифи насабномаи забонии ҳар як калимаи дар луғат овардашуда мебошад. Айни замон луғати англисии Оксфорд - Oxford English Dictionary (OED) аввалин луғат дар лексикографияи англисӣ ба шумор рафта, маҳсули беназири назария ва амалияи луғатнигорӣ ҳисобида мешавад.

Дар он тамоми корбурди калима, этимология ва тағйири маъно аз соли 1150, яъне дар давоми ҳафтуним аср гирд оварда шудааст. Азбаски луғати англисии Оксфорд (ЛАО) танҳо то сеяки аввали асри XX-ро дар бар мегирифт, зарурати идома додани солномаи луғавии забони англисӣ ба миён омад. Бинобар ин, дар соли 1957 нашриёти Донишгоҳи Оксфорд ба омода намудани як замимаи нави луғати Оксфорд дар 4 ҷилд оғоз кард, ки калимаҳои пас аз нашри соли 1879 ба забони англисӣ воридшударо инъикос мекард. Бо нашри ин иловаҳо солномаи луғатнигории забони англисӣ, ки беш аз 100 сол пеш оғоз шуда буд, ба рӯзҳои мо расонида шуд. Дар доираи ин самт яке аз калонтарин лоиҳаҳои луғатнигории замони нав - луғати забони миллии Амрико “Луғати сеюми нави байналмилалии забони англиси Вебстер” (1961) Webster’s Third New International Dictionary of the English Language идома дорад, ки дар муқоиса бо ЛАО миқдори назарраси воҳидҳои луғатнигорӣ дар вариантҳои забони англисӣ ба вуҷуд омад ва ба урфу одати минтақавӣ замима шударо (асосан дар Амрико) сабт менамояд. Дар ин луғат доираи таърихии вожаҳо танг карда шудааст, аммо аз тарафи дигар, 50 ҳазор калимаи нав ва 50 ҳазор маънои наве, ки аз соли 1934 ба вуҷуд омадаанд, дохил карда шудааст. Дар баробари ин, миқдори исмҳои хос ва баъзе истилоҳоти махсус хеле кам карда шуд. Фарқияти дигари назаррас байни луғати Вебстер ва ЛАО ин

тартиби таърихии ҷойгирии маънои калима дар маводи луғавӣ, яъне чунон ки дар забон пайдост, мебошад. Аввалин рақиби британиёии Оксфорд ин нашриёти Лонгман буд, ки соли 1978 “Луғати Лонгмани муосири англисӣ” «Longman Dictionary of Contemporary English» -и худро нашр кард. Бартарии асосии он аз ҷониби муаллифон истифода кардани 2000 калимаи маъмултарин барои тафсири воҳидҳои луғавӣ буд. Дар луғат низоми махсуси рамзгузории исмҳо, сифатҳо, инчунин сохти грамматикӣ истифода шудааст. Нашри “Longman of Contemporary English” (1978) пас аз Луғати “Advanced Learner’s Dictionary” дар шакли электронӣ нашр шуд. Корпуси забони электронии силсилаи Лонгман ба нашр шудан оғоз мекунад. Дар ин давра компютерҳо барои таҳрир, аз нав дида баромадан ва тартиб додани луғатҳои нав истифода мешуданд. Соли 1987 Луғати комилан нав – «Луғати забони англисии Коллинз COBUILD» «Collins COBUILD English Language Dictionary» ба вуҷуд омад, ки натиҷаи кор дар барномаи муштараки Collins Publishers ва Донишгоҳи Бирминген буд. Барнома равиши навро ба тавсифи калимаҳои забони англисӣ пеш гирифт ва он дар асоси худмушоҳидагии муаллифон набуда, балки дар заминаи маълумотҳои васеи компютерӣ, ки маҷмуи матнҳои муосири шифоҳӣ ва хаттии англисиро дар бар мегирад, асос ёфтааст. Соли 1987 ҳаҷми компютерии COBUILD зиёда аз 20 миллион калимаро дар бар мегирифт. Муваффақияти назарраси мураттибони "Луғати забони англисии Коллинз COBUILD" ин ворид намудани синонимҳо ва антонимҳо дар сохтори луғавии луғатнигорӣ буд. Мураттибони луғатҳои тафсирии «Collins COBUILD English Language Dictionary» ва нашрияи нави «Longman Dictionary of Contemporary English» солҳои 80-ум бори аввал ба шарҳ додани калимаҳо шуруъ намуданд, ки ин дастовардҳо тадқиқоти лингвистии охиринро дар соҳаи прагматика ва забоншиносии дискурс инъикос менамуд. Мақсади асосии онҳо дар контексти прагматикӣ тасвир намудани калима дар беҳтарин анъанаҳои таълими коммуникативии забони хориҷӣ буд. Баъдтар дар луғати тафсирии «Лонгман луғати забон ва фарҳанги англисӣ» - «Longman Dictionary of English Language and Culture» як навъи дигари тафсир пайдо шуд, ки ба хонандагон маълумоти фарҳангӣ ва минтақавӣ дар бораи референт бо сарлавҳа ишора шудааст, маълумот пешкаш менамояд. Дар марҳалаи ҳозираи инкишофи лексикографияи амалӣ шавқу ҳаваси ҳам ноширон ва ҳам истифодабарандагони луғатҳои тафсирӣ, на дар шакли чопӣ, балки дар шакли электронӣ ба табъ расида, зиёдтар аст. Айни замон бештари нашриётҳои пешбари ИМА ва Британияи Кабир луғатҳои тафсирии худро дар "шабакаҳои ҷаҳонӣ" дар шакли электронӣ ё дискӣ ҷойгир мекунанд.

Маврид ба ёдоварист, ки луғатҳои электронӣ нисбат ба намунаҳои чопии худ баъзе бартариҳо доранд. Иқтидори луғатҳои электронӣ барои ифодаи шакли фонетикии калимаро на танҳо ба ҳайси як вожа (бо истифода аз аломатҳои транскрипсия), балки тавассути сабти овозӣ, яъне истифодабаранда чӣ гуна аз ҷониби натоқи Британиё ё Амрико талаффуз кардани онро мешунавад.

Дар забони англисӣ ду намуди истилоҳи вожаи луғат ва ё фарҳанг мавҷуд аст, ки ба луғати таълимии русӣ мувофиқат мекунанд. Инҳо луғати мактабӣ (school dictionary) ва луғати омӯзишӣ (learners’ dictionary) мебошанд. С. Трап бо ишора ба баъзе норавшании ин истинодҳо, бо вуҷуди ин, ба далели урфу одатҳо, ба нигоҳ доштани чунин тақсимот исрор мекунад ва нишон медиҳад, ки луғатҳои мактабӣ ба соҳибзабонон (learners’ dictionaries) ва луғатҳои омӯзишӣ бошанд, ба хориҷиён (for non-native speakers) дахл доранд [9, с.159]. Таърихи офариниши луғатҳои таълимии забони англисӣ аз миёнаҳои асри XX оғоз ёфтааст. Ҳарчанд, ба гуфтаи А.П.Кови, пешгузаштагони ин гуна асарҳои лексикографӣ ҳанӯз дар солҳои 30-юми асри XX дар Шарқи Дур аз тарафи Майкл Вест, Ҳаролд Палмер ва А.С. Хорнбӣ дар шакли луғатҳои якзабона ба хориҷиёне, ки забони англисиро меомӯзанд, мураттаб шуда буданд. Аксари муҳаққиқони соҳаи луғатнигорӣ то ҳол ҳисобро аз соли 1948 дурустар мешуморанд. Ба гуфтаи Катрин Гётз-Воттелер ва Томас Ҳербст, нашри Луғати Advanced Learner аз ҷониби OUP дар соли 1948 дар таъсис намудани луғатҳои намуди нав як қадами ҳалкунанда буд. Қадами навбатӣ ин нашри Луғати Лонгман оид ба забони муосири англисӣ дар соли 1978 ба ҳисоб рафта, пас аз он таъсиси Луғати забони англисии Кобилд (1987) буд. Дар соли 1995, оилаи луғатҳои таълимии забони англисӣ бо нашри "Луғати байналмилалии Кембриҷ" «Cambridge International Dictionary» пурра карда шуда, соли 2002 бошад ба онҳо “Луғати пешрафти забони англисӣ Макмиллан”- «Macmillan English Dictionary for advances Learners» шомил гашт. Муаллифон хулоса мекунанд, ки

«имрӯзҳо дар бозор” панҷ навъи луғатҳои гуногун мавҷуданд, ки ҳама ба як гурӯҳи истифодакунандагон нигаронида шудаанд.

Лексикографон ин луғатҳоро якдилона "панҷгонаи калон"-и (то соли 2002 ин "чоргонаи калон" буд) луғатҳои омӯзишӣ, меноманд, ки дастоварди баландтарин дар ин соҳа мебошанд. Махсусияти асосии иртиботии луғатҳо на танҳо дар сохтори мушаххаси онҳо, балки дар самти прагматикии онҳо низ мебошад. Ба ақидаи С. Трап: «Луғатҳо, пеш аз ҳама, барои қонеъ кардани талабот ба маълумот сохта мешаванд ва махсусияташон дар он аст, ки онҳо на дар ҷустуҷӯи иттилооти ҷаҳонӣ, балки аз нуқтаи назар қарор мегиранд” [9, с.160].

Луғатшиносони гуногун, оиди нақши луғатҳо дар фарҳанги башарият баҳсу мунозираҳои зиёд намуда, хусусияти хосси онҳоро борҳо таъкид намуда, луғатро асбоб барои ба даст овардани дониш нисбат додаанд. Асбоби корие, ки бояд ниёзҳои хонандагони гуногунро қонеъ гардонад ва ҳангоми истифодаи забон, мушкилоти онро ҳал созад [6, с.26]. Пиет Сванпул дар як нашрияи худ дар бораи кӣ ва чӣ хел аз луғат истифода мекунад, се мушкилотеро номбар кардааст, ки ҳар як истифодабарандаи луғат бо онҳо рӯбарӯ мешавад: 1) чӣ тавр пайдо намудани иттилои зарурӣ; 2) онро ёфта, чӣ тавр фаҳмидан мумкин (comprehend) ва 3) он чизе, ки фаҳмидед чӣ гуна ба кор бурдан лозим ва баромадан аз вазъияте, ки боиси истифодаи луғат шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ, масъалаи дуюм махсусан дар сурати мавҷуд будани тасвири ғайривербалӣ, ки маънои калимаи лозимиро аниқ мекунад, бомуваффақият ҳал мешавад [8, с.57]. Ин мушоҳида таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб мекунад, зеро таъкид ба пуштибонии ғайривербалии таъриф ҳамчун воситаи муассиртарин воситаи равшансозии маънои вожа аст. Дар робита ба ин мушоҳида изҳороти Габриэл Штайнро мисол овардан ҷоиз аст: «Аз ҳамаи панҷ ҳиссиёт, қувваи босира дар рушди маърифатӣ ва забонии майнаи сари инсон нақши асосӣ дорад. Ва тасодуфӣ нест, ки қисми зиёд дар системаи таълимӣ дар асоси ин ҳиссиёти пешбаранда асос ёфтааст» [7, с.99]. Аз ҷумла, дар луғатҳои таълимӣ ва энсиклопедияҳо канали визуалӣ барои интиқоли маълумот дар формати пиктограмма хеле васеъ истифода мешаванд, зеро "расмҳо, нақшаҳо, аксҳо, ки ба ин нашрияҳо хоссанд, маълумоти дар мақолаҳои онҳо мавҷудбударо ба таври муассир равшан мекунанд" [7, с.50]. Вазифаи асосии мақолаи луғатнигории луғати тафсирӣ аз он иборат аст, ки ба хонанда барои дарки калимаи ба ӯ лозим миқдори муайяни маълумоти зарурӣ пешниҳод шавад. Барои ҳалли ин масъала мураттибони луғатҳо ҳам ба воситаҳои чопӣ ва ҳам визуалӣ рӯ меоранд.

Ҳамин тавр, хусусияти коммуникативии луғатҳои таълимӣ дар он аст, ки онҳо ба як қишри алоҳидаи хонандагон нигаронида шудаанд. Хусусиятҳои истифодабарие, ки луғатҳои таълимӣ ба онҳо дахл дорад, муҳтаво ва шакли пешниҳоди маводи луғатнигориро муайян мекунанд, ки он, пеш аз ҳама, ба васеъ намудани захираи луғавии хонанда нигаронида шудааст ва илова бар ин, ҳадафи он аз наздиктар шинос шудани ӯ бо фарҳанги ҷомеаи англисӣ мебошад. Бе луғати тафсирии забони англисӣ забонро омӯхтан ва дар амал истифода бурдани донишҳои омӯхташуда ғайриимкон аст, зеро луғатҳо нутқи моро ғанӣ ва саҳеҳ мегардонанд. Дар аксари ҳолатҳо, донистани тарҷумаи калима он қадар зарур набуда, фаҳмидани маънои он муҳим аст. Дар ин ҳолат, шумо метавонед онро бо ибораи дигар шарҳ диҳед ё ин ки ба матн дигар намуди сифатҳо, эҳсосоти мусбат ё манфиро илова кунед.

Бо тамоми гуногунии луғатҳои мавҷудаи онлайни англисӣ, интихоби манбаъҳои дуруст зарур аст. Ба он захираҳое, ки возеҳ ва осон истифода мешаванд ва ба шумо барои калима, ибора ва ҷумлаҳоро дар хотир нигоҳ доштан кумак мерасонад, бештар таваҷҷуҳ кунед. Дар боло баъзе аз беҳтарин луғатҳои тафсиркунанда қайд карда шудаанд ва ҳар шахс кӯшиш мекунад, ки аз онҳо беҳтаринашро барои истифодабарии худ интихоб намояд. Ҳангоми интихоби фарҳанг, мо бояд сатҳи дониши худро ба назар гирем, ки луғат бо кадом мақсадҳо истифода мешавад, масалан: барои омӯзиши забони хориҷӣ, муошират бо шарикони хориҷӣ, мутолиаи нашрияҳои байналмилалӣ ва ғайра. Бартарии калони дигар дар луғатҳои тафсирӣ имкони шунидани талаффуз, дидани транскрипсия ва тарҷума ба забони модарии истифодабаранда мебошад.

Имрӯзҳо забони англисӣ дар ҷаҳони муосир мавқеи бузургро ишғол намуда, барои аз худ кардан ва дуруст истифода бурдани он бояд тамоми нозукиҳои онро (грамматика, фонетика, таърихи забон, лексикология ва луғатнигорӣ ва ғайра) омӯзем. Дар бораи илми луғатнигорӣ метавон гуфт, ки ин илм бо тамоми бахшҳои забоншиносӣ алоқаманд буда,

маҳз бо вожанигорӣ сарукор дорад. Тартиб додани луғатҳо кори азим ва душвор аст. Пеш аз он ки ба тартиб додани ягон луғат оғоз намоем, таҷриба ва давраи татқиқоти дуру дарозро тай кардан лозим аст. Луғатҳо дар ҳаёти мо нақши бузург дошта, онҳо маълумотро аз насл ба насл таҳвил медиҳанд.

Луғатнигорӣ падидаи ниҳоят мураккаб буда, омӯзиши он усули татқиқоти хосси худро талаб менамояд, инчунин истифодаи маълумоти дигар илмҳо ба монанди лексикология, грамматика, услубшиносӣ, фонетика, таърихи забон, таърих, фалсафа, мантиқ ва кишваршиносиро низ тақозо мекунад.

Фикру мулоҳизаҳои забоншиносон оид ба як қатор проблемаҳои ин илм гуногунанд ва ин комилан табиист. Бо вуҷуди ин, вазифаи муҳими забоншиносон, ки дар соҳаи луғатнигорӣ кор мекунанд, ин саъю кӯшишҳоро муттаҳид карда, ба манфиати ҳам назарияи луғатнигорӣ ва ҳам амалияи таълими забонҳои хориҷӣ як умумият пайдо кардан аст.

Муқарриз: Мамадназаров А. – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Гак В.Г. Сопоставительная лексикология: на материале французского и русского языков / В.*Г. Гак*. – М.: Междунар. отношения, *1977*. – 264 с.
2. Мамадназаров А. Луғатнигории муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / А. Мамадназаров. Китоби дарсӣ. - Душанбе: МДМТ, 2021. – 461 с.
3. Ступин Л.П. Лексикография английского языка. Учеб. пособие для вузов / Л.П. Ступин. - М.: Высшая школа, 1985. – 167 с.
4. Томчаковский А.Г. Креолизованный текст в учебных толковых словарях английского языка (функционально-семантический аспект) / А.Г. Томчаковский // Записки романо-германской филологии. - 2009. - Вып.23. - С.204-215.
5. Хаютин А.Д. Очерки по истории развития лексикографии. Монография / А.Д. Хаютин. - М.: Канон Пресс-Ц, Кучково поле, 1998. – 119 с.
6. Bogaards P. Uses and users of dictionary / P.Bogaards // A practical Guide to Lexicography (Terminology and Lexicography: Research and Practice). Edited by P. van Sterkenburg. Amsterdam/Philadelphia: John Benjamins Publishing Company, 2003. - Vol. 6. - P.26-33.
7. Stein G. Recent Developments in EFL Dictionaries / G.Stein // Learners' dictionary: state of the art. Ed. by M.L.Tickoo. Singapore: Seameo regional language center. - 1989. - Anthology Series 23. - P.10-41.
8. Swanepoel P. Dictionary typologies: A pragmatic approach / P.Swanepoel // A practical Guide to Lexicography (Terminology and Lexicography: Research and Practice). Edited by P. van Sterkenburg. Amsterdam/Philadelphia: John Benjamins Publishing Company. - 2003. - Vol. 6. - P.44-69.
9. Tarp S. The foundations of the theory of learners' dictionaries / S.Tarp // Lexicographica. Edited by F.F.M.Dolezan and others. - Berlin/NY: Niemeyer, 2009. - № 25. - P.155-168.
10. Cambridge Advanced Learner's Dictionary & Thesaurus [Electronic resource]. – Mode of access: http://dictionary.cambridge. org/dictionary
11. Oxford Advanced Learner's Dictionary (OALD), Publisher. - Oxford University Press, 2005. - 7th edition. - -1780 p.
12. Burchfield, Robert. Studies in lexicography, Publisher / Robert Burchfield. - Clarendon Press, Oxford, Publication Date, 1987. – 194 p.
13. Henri, Béjoint Modern Lexicography: An Introduction.
14. Joseph Emerson Worcester, Johnson's English Dictionary, as Improved by Todd and Abridged by Chalmers; with Walker's Pronouncing Dictionary, Combined, to which is Added Walker's Key to the Classical Pronounciation of Greek, Latin and Scripture Proper Names. - Perkins and Marvin, 1830. - 1156 p.
15. Waster E. Einführung in die Allgemeine Terminologielchre und terminologische Lexikographie / E.Waster. - Wien, 1979. - T.1-2.

АЗ ТАЪРИХИ ОФАРИНИШИ ЛУҒАТҲОИ ТАФСИРИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур дар бораи таърихи офариниши фарҳангҳои тафсирии забони англисӣ сухан меравад. Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, имрӯзҳо забони англисӣ дар ҷаҳони муосир мавқеи бузургро ишғол намуда, барои аз худ кардан ва дуруст истифода бурдани он бояд тамоми қабатҳои онро омӯзем, ки ин ба луғатҳо вобастагии калон дорад. Луғатҳои тафсирӣ дар шуури мардум ҳамчун як маҳзани боигарии забон ва муҳимтарин манбаи маълумот дар бораи фаъолияти он қабул карда мешаванд. Дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон таъсиси луғатҳои тафсирии забонҳои миллӣ як ҷузъи муҳимми сиёсати забон ба ҳисоб меравад. Луғатҳои тафсирӣ бештар мунтазам ва пайваста фонди луғавии забонро инъикос намуда, хусусиятҳои орфографӣ, орфоэпӣ, этимологӣ, грамматикӣ, семантикӣ ва услуби калимаро нишон медиҳанд. Аз рӯйи луғати тафсирӣ метавон дараҷаи инкишофи таркиби луғавии забонро муайян намуд. Аввалин луғати тафсири калимаҳои душвор, барои забони модарии англисӣ пешбинӣ шуда, соли 1604 тартиб дода шуда буд, ки он аз 100 саҳифа иборат буда, тақрибан 2500 калимаро дар бар мегирифт. Бо мурури замон тартиб додани фарҳангҳои англисӣ рушд ёфта, дар нашрияҳои асрҳои минбаъда шумори калима ва ҳаҷми он хеле васеъ шуданд ва ҳатто дар луғатҳои ҳозира расмҳо ҷой дода шудааст, ки онҳо тасвири визуалии терминҳо мебошанд. Яке аз намунаҳои барҷастаи луғати тафсирии забони англисӣ ин луғати С. Ҷонсон Oxford English

Dictionary мебошад. Ин аввалин луғат дар лексикографияи англисӣ ба шумор рафта, маҳсули беназири назария ва амалияи лексикографӣ ҳисобида мешавад. Он имлои забони англисиро ислоҳ намуда, барои лексикографияи англисӣ дар самти оянда асос гузоштааст. Инчунин оилаи луғатҳои дигари таълимӣ низ хеле машҳуранд, ба монанди: Луғатҳои Вебстер, Лонгтам, Коллин, Кембриҷ ва Макмиллан. Таъсиси ин луғатҳои тафсирӣ барои рушди лексикографияи таърихӣ замина гузошта, вазифаи он тавсифи насабномаи забонии ҳар як калимаи дар луғат овардашуда мебошад.

Калидвожаҳо: луғатҳои тафсирӣ, лекскография, луғати Оксфорд, луғати Вебстер, забони англисӣ, фонди луғавӣ, забоншиносӣ, орфография, этимология, грамматика, семантика.

ИЗ ИСТОРИИ СОЗДАНИЯ ТОЛКОВЫХ СЛОВАРЕЙ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье рассматривается история создания толковых словарей английского языка. Как мы все знаем, сегодня английский язык занимает большое место в современном мире, и для того, чтобы его освоить и правильно использовать, нам необходимо изучить все его слои, что зависит от словарей. Толковые словари восприняты в сознании народа как сокровищница языкового богатства и важнейший источник информации о его деятельности. Во многих развитых странах мира создание толковых словарей является важной частью языковой политики. Толковые словари более систематически и последовательно отражают лексический фонд языка, показывают орфографические, этимологические, грамматические, семантические и стилистические особенности слова. По словарю можно определить уровень развития лексического строя языка. Первый словарь трудных слов, написанный для родного английского языка, был составлен в 1604 г. и состоял из 100 страниц, содержащих около 2500 слов. Со временем создания толковые английские словари эволюционировали, а в последующие века количество и объем слов в них значительно расширились, и даже в современных словарях есть картинки, являющиеся визуальными представлениями терминов. Одним из наиболее ярких примеров толковых словарей английского языка является словарь Самуэла Джонсона - Оксфордский словарь. Это первый словарь, который считается уникальным продуктом теории и практики в английской лексикографии. Он исправил орфографию английского языка и заложил основу будущей английской лексикографии. Большой популярностью пользуется и семейство других учебных словарей, таких как: словари Webster, Longtam, Collin, Cambridge и Macmillan. Создание толковых словарей положило начало развитию исторической лексикографии, задачей которой является описание лингвистической генеалогии каждого слова в словаре.

Ключевые слова: толковые словари, лексикография, Оксфордский словарь, словарь Вебстера, английский язык, лексика, лингвистика, орфография, этимология, грамматика, семантика.

FROM THE HISTORY OF CREATING ENGLISH EXPLANATORY DICTIONARIES

This article discusses history of the creation of explanatory dictionaries in English. As we all know, today the English language expended in the modern world, and in order to master using it correctly, we should to study all its layers, which depends on dictionaries. Explanatory dictionaries are perceived in the minds of the people as a treasury of linguistic wealth and the most important information source about its activities. In many developed countries of the world, the creation of explanatory dictionaries is an important part of language policy. Explanatory dictionaries more systematically and consistently reflect the lexical fund of the language. They show the spelling, etymological, grammatical, semantic and stylistic features of the word. According to the dictionary, you can determine the development level of the language lexical structure. The first dictionary of difficult words written for native English was compiled in 1604 and consisted of 100 pages containing about 2500 words. Over time, the creation of explanatory English dictionaries has evolved, and in subsequent centuries the number and volume of words have expanded significantly, and even modern dictionaries have pictures that are visual terms representations. One of the most striking examples of English explanatory dictionaries is the Samuel Johnson Dictionary - the Oxford Dictionary. It is is the first dictionary that is considered a unique product of theory and practice in English lexicography. He corrected the spelling of the English language and laid the foundation for the future English lexicography. The other family of educational dictionaries is also very popular, such as Webster, Longtam, Collin, Cambridge and Macmillan dictionaries. The creation of explanatory dictionaries marked the beginning of the development of historical lexicography, the task of which is to describe the linguistic genealogy of each word in the dictionary.

Key words: explanatory dictionaries, lexicography, Oxford Dictionary, Webster's Dictionary, English, vocabulary, linguistics, spelling, etymology, grammar, semantics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳусейнова Гулпарӣ Аҷикуллоевна*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимова 64/14. E-mail: **Gulpari786@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-73-09-58**

Сведения об авторе: ***Хусейнова Гулпари Аджикуллоевна*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14. E-mail: **Gulpari786@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-73-09-58**

Information about the author: ***Khuseynova Gulpari Ajikulloevna*** - Tajik State University of Finance and Economics, candidate of Philology, associate professor of the department of foreign languages. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova Str., 64/14. E-mail: **Gulpari786@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-73-09-58**

УДК: 42 (03)

ИҚТИБОСОТ ОМИЛИ АСОСИИ ҒАНИГАРДОНИИ ФОНДИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Абдулфайзов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иқтибосшавӣ ҳамчун як раванд ба ҳар як забон хос аст, аз ҷумла он як қисми ҷудонашавандаи таркиби луғавии забони англисӣ ба шумор меравад. Бо вуҷуди он ки забони зинда – падидаи доимо ташаккулёбанда мебошад, вожаҳои нав ба вуҷуд меоянд ва вожаҳои куҳна аз байн мераванд. Иқтибос ҳамчун воситаи ғанӣ гардонидани луғати имрӯзаи забони англисӣ мебошад, ки аҳаммияти муҳим дошта, нисбатан танҳо дар соҳаи этимологияи илмӣ, ичтимоию сиёсӣ бисёр истилоҳоте, ки марҳилаҳои иқтибосиро ташкил мекунанд, бештар аз забонҳои қадима мебошанд. «Иқтибос – раванде, ки дар натиҷаи он дар забон якчанд унсурҳои ғайризабонӣ (пеш аз ҳама, калима ё морфемаи решагӣ) ва инчунин худ як унсури ғайризабонӣ пайдо мешавад ва мустаҳкам мегардад. Иқтибос – як қисми ҷудонашавандаи раванди амал кардани забон ва тағйироти таърихии забон, яке аз манбаъҳои ғанӣ гардидани захираи луғавии забон мебошад» [1, с.46].

Вожаҳои иқтибосшуда дар забонҳои мухталиф ба бою ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ таъсири мусбӣ мерасонанд. Дар якчанд забонҳо чунон таъсир расонида шудааст, ки онҳо воқеан, дар таркиби луғавии забон акс ёфтаанд. Дар баъзе забонҳо дар даврaҳои гуногуни таърих иқтибосҳо чунон таъсир расонидаанд, ки ҳатто калимаҳои ёрирасон ба монанди ҷонишинҳо, пешояндҳо, аз дигар забонҳо иқтибос шудаанд ва вожаҳои ёрирасони аслии забонро берун сохтаанд.

Иқтибосҳо метавонанд бевосита ва тавассути миёнарав сурат гиранд. Забонҳои миёнарав, масалан, лотинӣ (тавассути забони лотинӣ ба забони англисӣ бисёр калимаҳои юнонӣ ворид шудаанд) ва забони фаронсавӣ (тавассути ин забон бисёр вожаҳои лотинӣ ва фаронсавӣ ба англисӣ ворид шудаанд) ба шумор мерафтанд.

Се усули асосии иқтибосшавии вожаҳо вуҷуд дорад: транскрипсия, транслитератсия ва тарҷумаи қарзӣ (калькирование).

Транскрипсия (усули фонетикӣ) — ин иқтибосшавии воҳидҳои луғавиест, ки ҳангоми он шакли овозӣ нигоҳ дошта мешавад (баъзан якчанд тағйироти шаклӣ мувофиқи хусусиятҳои фонетикии забон, ки дар он калима иқтибос мешавад, ба амал меояд). Бо ин усул калимаҳои футбол **(football)**, трейлер **(trailer)**, (джинсы) джинсҳо **(jeans)** ва ғайраҳо аз забони англисӣ ба забонҳои русиву тоҷикӣ иқтибос шудаанд. Ба забони англисӣ аз забони фаронсавӣ вожаҳои **regime, ballet, bouquet** ва монанди инҳо бо усули зикршуда иқтибос шудаанд.

Транслитератсия — ин усули иқтибосшавӣ, ки ҳангоми он навишти иқтибосҳо чунин тағйир меёбад: ҳарфҳои калимаи иқтибосшаванда бо ҳарфҳои забони модарӣ иваз мешаванд. Бо усули транслитератсия аз забони англисӣ ба забони русӣ калимаҳои круиз (англ. **cruise**), мотель (англ. **motel**), клуб (англ. **club**) иқтибос шудаанд. Бисёр номҳо аз забони англисӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ иқтибос шудаанд: Вашингтон (англ. **Washington**), Техас (англ. **Texas**), Лондон (англ. **London**). Дар забони англисӣ бисёр калимаҳои юнонӣ, лотинӣ ва фаронсавӣ вижагиҳои графикии худро нигоҳ доштаанд, ҳарчанд ки онҳо аз рӯйи қоидаҳои забони англисӣ хонда мешаванд.

Таърихи забони англисӣ дар муқоиса бо баъе забонҳо хело бой аст. Аз ҳамин сабаб, дар он калимаҳои иқтибосӣ хеле зиёданд. Қабул намудани дини масеҳӣ, паҳн шудани забонҳои скандинавӣ ва романӣ дар Англия ва истилои ҷазираҳои Британия аз тарафи нормандиҳо, рушди тиҷорат дар Британия ва робитаҳои фарҳангӣ боиси ташаккули таркиби луғавии забони англисӣ гаштаанд. Агар ба манбаи таърихии пайдоши ин забони такомулёфта назар афканем, моро зарур аст, ки таърихчаи мачрои сар задани онро дошта бошем. Дар қарни якуми то мелод, қисмати бузурги олам, ки имрӯз бо унвони Аврупо маълум аст, аз тарафи Империяи бузурги Рим истило гардида буд [9, с.7]. Дар ҳамшафати мардуми забтгардида қабилаҳои олмонӣ низ шомил буданд. Дар натиҷаи муносибатҳои фарҳангиву иқтисодӣ бо римиҳо дар рӯзгордориву шахрдории қабилаҳои олмонӣ

дигаргунии ҷиддие ба чашм мехӯрд. «Маҳз бо тавассути робитаи наздик бо римиҳо вожаҳои зерини баёнкунандаи номи меваҳо ва зироатҳо аз забони лотинӣ ворид гардидаанд. Забони лотинӣ забони мурда аст ва имрӯз касе бо он сухан намегӯяд. Аммо дар вожасозии забонҳои аврупоӣ он манбаи бисёр муҳимме мебошад ва донишмандон луғоти онро мутобиқи ҳадафҳои худ бо каме тағйири шакл ба маънои нав истифода мебаранд.

Аксарияти калимаҳои иқтибосшуда дар забони англисӣ аз ҷиҳати талаффуз, грамматика ва имло, аз калимаҳои маҳаллии он ба таври куллӣ фарқ доранд. Қабилаҳои олмонӣ дар асрҳои мелодӣ калимаҳои иқтибосии сершуморро аз забони лотинӣ қабул карда, онҳоро тавассути тиҷорат ба забони итолиёвӣ ворид карданд. Қисми зиёди калимаҳои забони олмонӣ ба забони лотинӣ гузаштаанд. Таърихнигорон қарни ҳафтуми то милодро аслан даврони насронишавии Англия меноманд, ки он таъсири амиқи худро ба захираи луғавии забони англисӣ гузошт. Забони лотинӣ бошад, забони расмии калисову ибодатхонаҳои кишвар маҳсуб меёфт ва дар натиҷа як қатор вожаҳои марбути дину расму русуми замон ба забони англисӣ ворид гардиданд, мисли: **«руҳонӣ» (“priest”- аз лот.“presbyter”), «епископ, усқуф» (“bishop”-лот. “episcopus”), роҳиб, шайх (“monk”- “monachus”), «роҳибия» (“nun”-лот. “nonna”), «шамъ» (“candle”-лот. “candle”- лот. “candela”).**

Бетаассуф метавон тазаккур дод, ки вожаҳои марбути соҳаи маориф низ манбаъ ва пайдоиши худро аз забони лотинӣ гирифтаанд, зеро мударрисони нахустдабистонҳои Инглистон, ки худ руҳониён ва шайхҳо ба шумор мерафтанд, тадрисро низ ба забони лотинӣ ба роҳ монда будаанд. Вожаҳои зерин тақвияти гуфтаҳои мо хоҳанд буд: **«мактаб, дабистон» (“school”), «мактаббача, талаба» ва «магистр» (scholar” – лот. “scholar (-is)”, “magister” – лот. “magister”).** Агар аз як тараф, ба рушду нумуи забони англисӣ дар қарни XV омилҳои чун тадвину нашри як зумраи асарҳои бадеӣ ва таҷаддуди адабиётшиносони классик мусоидат карда бошанд, аз тарафи дигар, эҳёи нашрхонаҳову робитаи густурда бо ҳамсарҳадон сабаби манзалати воло пайдо кардани он гардид. Воқеан, саҳми вожаҳои лотинӣ ва юнонии иқтибосгашта дар ин ҷода хело бузург буд, зеро номгӯи ҳафт илм **(«grammar»- грамматика), “logic” («мантиқ») ва “rhetoric” («риторика, илми маонӣ ва баён; илми суханпардозӣ»); “arithmetic” («ҳисоб»), “geometry” («ҳандаса»), “astronomy” («астрономия, илми ситорашиносӣ») ва “music” («мусиқӣ»)** дар макотиби тадрисшаванда, ки худ манбаи юнонӣ доштанд, сафи сохтори луғавии забони англисиро пур намуданд.

Якчанд решаҳои забони юнонӣ - лотинӣ дар таркиби вожаҳои забони англисӣ ба назар мерасанд: **audio-лот. гӯш кардан: auditorum-толори конфронс, audience-ҳозирин, biology-биология, biography-зиндагинома, centum-лот. сад, century-аср, сад сол centenary. Demos-халқ: democracy-ҳокимияти халқ, demography-илми омӯзиши омори инсон, grapho-навиштан, graphic-санъати навиштан, phonograph-асбоб барои таҳияи овоз, homonym-омоним, lexis - вожа; lexicon-луғат, lexicology-як шохаи забоншиносӣ, илм роҷеъ ба калимасозӣ, lexicography-луғатнигорӣ, Synonym-ҳаммаъно, antonym-зидмаъно, pseudonym-таҳаллус, лақаб Phonetics-фонетика, як шохаи забоншиносӣ, илми омӯзиши овозҳо, Scribe, scriptum-навиштан, навишташуда: describe-тасвир кардан, subscribe-номнавис кардан, scriptwriter-намоишноманавис, inscription-илҳом, telescope-дурбини ситорашиносӣ, telegraph-телеграф.** Дар забони англисӣ унсурҳои калимасозии забони хориҷӣ ба вуҷуд омад. Чун қоида, аффиксҳо ҷудогона иқтибос намешаванд, вале аз ҷараёни вожаҳои иқтибосӣ ҷудо карда мешаванд, ба асосҳои аслӣ ҳамроҳ шуда, бо онҳо вожаҳои нав месозанд. Дар забони англисӣ бисёр аффиксҳои забонҳои лотинӣ ва фаронсавӣ вуҷуд доранд: **anti-, re-, pro-, counter-, -ism-, -age-, -able-, -ous** ва дигарон.

Зери таъсири иқтибосҳо бисёре вожаҳои аслии забони англисӣ аз истифода берун шудаанд ва маънои худро тағйир додаанд.

Мисол, ба ҷойи калимаҳои қадимаи англисӣ, ки бевосита мафҳумҳои **«дарё, муҳориба, армия, астрономия, арифметика, поэзия (назм)»-ро ифода мекарданд, пайдо шудани вожаҳои фаронсавӣ, лотинӣ ва юнонии «river, battle, army, astronomy, arithmetic, poetry»,** ки онҳо тавассути забони фаронсавӣ ба забони англисӣ иқтибос шудаанд. Бояд ишора намуд, ки яке аз роҳҳои муайян кардани вожаҳои иқтибосӣ дар забони англисӣ ин омӯзиши амиқи пешвандҳо ва пасвандҳои вожасоз мебошанд. Пас, ин ҷо мо лозим донистем, якчанд пешванду пасвандҳо ва анҷомаҳои забонҳои лотинӣ ва фаронсавиро мавриди омӯзиш қарор диҳем, ки бо истифода аз онҳо дар забони англисӣ истилоҳоти илмӣ, бавижа фалсафӣ, сохта шудаанд. Аффиксҳои исмсози аз забони лотинӣ воридгардида: пасванди - **ism: agnosticism,**

antagonism, anthropologism, idealism, materialism, pluralism, pragmatism, realism ва ғ., пасванди -ion: cohesion, collision devotion, legion, opinion, session, union ва ғ., пасванди –tion: absorption, acceptation, action, accumulation, adaptation, condition, opposition, relation ва ғ.; аффиксҳои феълсози аз забони лотинӣ воридгардида: пасванди –ate appreciate, appropriate, assimilate, associate, create, cogitate, cognate , implicate ва ғ., пасванди –ute: constitute, distribute, dispute, substitute ва ғ., пешванди dis-: disarm, disappear, distract, disown, disagree, discrete ва ғ.; аффиксҳои сифатсози аз забони лотинӣ воридгардида: пасванди –ate: accurate, desperate, graduate ва ғ., пасванди–ant: arrogant, constant, important, ва ғ., пасванди –ent: absent, convenient, decent, evident, ва ғ., пасванди –or: major, minor, junior, senior ва ғ., пасванди –al: cordial, final, fraternal, maternal, ва ғ., пасванд –ar: lunar, solar, familiar ва ғ.; аффиксҳои исмсози аз забони фаронсавӣ воридгардида: пасванд –ance: arrogance, endurance, hindrance ва ғ., пасванди –ence: consequence, intelligence, patience а ғ., пасванди –age: courage, marriage, passage ва ғ., пасванди –ment: appointment, development ва ғ., пасванди –ess: tigress, lioness, actress, adventuress ва ғ.; пасванди сифатсози аз забони фаронсавӣ воридгардида: -ous: curious, dangerous, joyous, serious ва ғ. ; пешванди феълсози аз забони фаронсавӣ воридгардида –en: enable, endear, enact, enfold, enslave ва ғ.» [3, с.26].

Тибқи пажуҳишҳои забоншиносони муосир нақши забони фаронсавӣ дар рушду такомули забонҳои аврупоӣ хеле калон аст. Забони фаронсавӣ тавассути истилогарони нормандӣ ба Англия оварда шуд, ки ин боиси он шуд, ки дар забонҳои аврупоӣ ва ҷаҳон таъсири амиқ гузошт. Пас аз истилои скандинавиягиҳо бошад, нормандиҳо Инглистонро зери тасарруфи худ дароварда, дар натиҷаи робитаи фарҳангиву сиёсӣ сабаби ғанигардии захираи луғавии забони англисӣ гардиданд. Вожаҳои фаронсавӣ тавассути лаҳҷаву шеваҳои Нормандӣ ба ҳаёти ҷомеаи англисҳо ворид шудан гирифтанд, ки дар зер мо аз он истилоҳоти иқтибосии соҳаҳои мухталиф ёдовар хоҳем шуд:

Истилоҳоти марбути соҳаи маъмурият: **state, government, parliament, council, power; истилоҳоти ҳуқуқӣ: court, judge, justice, crime, prison; истилоҳоти ҳарбӣ: army, war, soldier, officer, battle, enemy; истилоҳоти соҳаи маориф: pupil, lesson, library, science, pen, pencil; вожаҳои ҳар рӯз истифодашаванда: table, plate, dinner, supper, river, autumn, uncle.**

Амалдорони Нормандӣ ва муҳоҷироне, ки дар шаҳрҳои ҷанубу ғарбии баъди ишғол кардани қисматҳои шимолии Фаронса шаҳрҳо ва ноҳияҳои сарҳадии Англия ба сар мебурданд, онҳо маъмулан бо забони фаронсавӣ гуфтугӯ мекарданд. Дар он замон ин забон бо номи Англо-Норман зикр мегардад. Аз асрҳои XIII-XIV сар карда, мавҷи нави таъсири забони фаронсавӣ тавассути мардуми бофарҳанг ва ботамаддуни Париж шуруъ гардид, яъне калимаҳои зиёде аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ ворид карда шуд. Ҳатто забоншиносон таъқиқ мекунанд, ки аз асри XIII то XIV бештар аз 10 000 калимаҳои фаронсавӣ ба забони англисӣ ворид гардиданд [9, с.22-23].

Аз асри XIV инҷониб 4000 калимаҳое, ки аз забони лотинӣ ба забони фаронсавӣ ворид шуда буданд, ба забони англисӣ ва дигар забонҳои аврупоӣ ворид гардиданд. Дар асрҳои миёна бошад, сарчашмаи калимаҳое, ки алоқаманд ба давлату давлатдорӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ мебошанд, забони фаронсавӣ буд.

Нисбат ба иқтибосоти қадимаҳои скандинавӣ иқтибосоти фаронсавӣ, ки дар давраи истилогариҳои нормандиҳо ба вуҷуд омадаанд, хусусияти тамоман дигарро доро мебошанд. Дар ин ҷо пеш аз ҳама бояд дар назар дошт, ки забони фаронсавӣ дар он давраҳо нисбат ба забони англисӣ мақоми болоиро соҳиб буд. Чун забони фаронсавиро ҳамчун забони қаср, ашрофони феодалӣ, муассисаҳои ҳукуматӣ, мактаб ва умуман ҳамчун забони асосии хат (дар радифи забони лотинӣ) медонистанд. Бо дарназардошти ин хусусият калимаҳои фаронсавӣ дар фарқият аз калимаҳои скандинавӣ дар умум ҳолат, образи ҳаёт, фаъолият ва манфиатҳои он қишри ҷамъиятиеро, ки аз забони фаронсавӣ истифода мебурданд, нисбатан равшантар инъикос мекарданд: **action — ҳаракат (ca. accioun — ҳаракат, айбдоркунӣ: аз стфр. accioun — англофр.); agreeable — дилписанд, мувофиқ (ca. agreable: аз стфр. agreable); beauty — зебоӣ (ca. beautee: аз стфр. beate); carpenter — дуредгар (carpenter: аз стфр. carpentier); duke — герцог (ca. duk: аз стфр. duc)** ва монанди инҳо.

Ҳукмронии забони фаронсавӣ дар нимаи дуюми асри XVI ба охир мерасад. Вале миқдори зиёди калимаҳои иқтибосӣ аз забони фаронсавӣ маҳз дар ҳамин давра ба миён меоянд. Дар охирҳои асри XVII ва ибтидои асри XVIII таъсири забони фаронсавӣ дар забонҳои аврупоӣ ва дар асрҳои баъдина дар забонҳои дигари дунё хеле назаррас буд. Аз

охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX забони фаронсавӣ яке аз забонҳои муқтадири дунё маҳсуб мешуд. Фаронса бисёр кишварҳои Африқои шимолӣ ва марказиро забт намуд ва дар ин кишварҳо забон ва тамаддуни худро густариш дод. Ин боиси он гардид, ки забони фаронсавӣ дар қаламрави ҷаҳон ҷойи сазоворро соҳиб гардад. Имрӯз забони фаронсавӣ яке аз забонҳои кории СММ мебошад. Ҳатто забони фаронсавиро забони дипломатия меноманд. Дар тули солҳои зиёд аз забони фаронсавӣ ба забонҳои аврупоӣ ва аз забонҳои аврупоӣ ба забони русӣ ва тавассути забони русӣ калима ва вожаҳои фаровоне ба хазинаи забони тоҷикӣ ворид гардиданд ва ин маҷрои босуръати иқтибосоти забонҳои лотинӣ, юнонӣ, скандинавӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ дар рушду нумуи хазинаи забони англисӣ нақши калидӣ бозиданд. Дар поён мехоҳем, ки якчанд вожаҳои иқтибосии забонҳои дар боло зикршударо аз лиҳози этимологӣ ва маъноӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Конвенсия (Convention) – ба забони тоҷикӣ маъноҳои зеринро ифода мекунад: қарордод, паймон, ҳуҷҷат, аҳднома, муоҳада, иҷлос, тавофуқ мебошад. Ин калима аз калимаи лотинии **conventio** ва фаронсавии **conventire** буда, англисҳо ин вожаро дар шакли **convention** ба хазинаи забони англисӣ ворид намуданд. Ин истилоҳ аз забони фаронсавӣ ба англисӣ баъдан ба забони русӣ ва аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ ворид гаштааст ва бештар ба маънои ҳуҷҷат арзёбӣ мегардад. **This is forbidden under the European convention on Human Rights. Тибқи конвенсияи (аҳдномаи) Аврупоии Ҳуқуқи Башар ин кор мамнуъ аст.**

Режим (Regime) –вожаи режим, як намуди ҳукмронӣ, як сохти давлатдорӣ, як низоми хос, қатънома, изҳори назари расмӣ, қарор, тасмими қотеъ мебошад. Ин калима аз калимаи лотинии **regimin** ва фаронсавии **regimen** гирифта шуда, англисҳо ин вожаро дар шакли **resolution** ба хазинаи забони англисӣ ворид намуданд. **Taleban regime violated women's rights. Режими толибон ҳуқуқи занҳоро поймол карданд.**

Саммит - вохӯрии сатҳи олӣ, вохӯрии сарони кишварҳо. Ин вожа аз забони англисии асрҳои миёна тавассути забони фаронсавӣ аз калимаи лотинии **primus**, ба захираи луғавии забони англисӣ ворид шудааст. Пас тавассути забонҳои англисӣ ва русӣ ба захираи луғавии забони тоҷикӣ ворид гардид [7, с.286].

Example: The Polish Prime Minister is to meet with the Bulgarian leaders in summit tomorrow to discuss bilateral and international issues. Пагоҳ нахуствазири Лаҳистон дар вохӯрии сатҳи олӣ барои баррасии масъалаҳои дуҷониба ва байналмилалӣ бояд бо роҳбарони Булғория вохӯрад.

Annexation -in corporation by joining or uniting – ҳамроҳкунӣ бо усули таҷовуз, забт, яъне усули пайвастшавӣ бо роҳи ғасб. Example: Hitler succeeded in **annexing** various parts of Europe to Germany without firing a shot. Гитлер дар **анексияи** (ғасби) қисматҳои гуногуни Аврупо бе тирпаронӣ муваффақ шуд. Аз калимаи лотинии **«annexus»** ва калимаи фаронсавии **«annexer»** вориди луғоти забони англисӣ гардид ва дар асри XIV бори аввал дар заминаи равобити байналмилалӣ мавриди истифода қарор гирифт [8, с.87].

Ҳадафи мо аз навиштани ин мақола аз он иборат аст, ки иқтибосоти хориҷӣ, махсусан забонҳои лотинӣ, юнонӣ, скандинавӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ дар ғанигардонии захираи луғавии забони англисӣ нақши хеле муҳим бозидаанд. Забони лотинӣ то асрҳои XVII забони калисо ва аҳли илми Аврупо буд. Забонҳои лотинӣ, юнонӣ, скандинавӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ бошанд, дар густариши илм, сиёсат, иқтисод ва фарҳанги Аврупо нақши калидӣ бозиданд. Бояд иқрор шуд, ки то замони Шекспир захираи луғавии забони англисӣ хеле кам буд ва дар тули солҳои зиёд забони англисӣ аз ҳисоби иқтибосоти хориҷӣ ғанӣ гардид. Ҳамин омилҳо боис шуд, ки калимаҳои зиёди ин забонҳо вориди забонҳои аврупоӣ, бавижа забони англисӣ гардиданд.

Муқарриз: Ҳайбуллоев Ш. – н.и.ф., ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода

А Д А Б И Ё Т

1. Антрушина, Г.В. Английская лексикология / Г.В. Антрушина, О.В. Афанасьева, Н.Н. Морозова. - М.: Высш. шк., 2001. - 342 с.
2. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. - М.: Высш. шк., 1978. – 347 с.
3. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе, 2007. – 1080 с.
4. Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий. - М.: Высшая школа, 1949. – 376 с.

5. Amosova, N.N. Etymologic basis of lexical structure of the modern English language / N.N. Amosova. - Moscow: Press for literature on foreign languages, 1956.
6. Arakin, V.D. Essays on history of English language (the fourth essay, historical essay of the development of lexical structure of the English language) / V.D. Arakin. - Moscow: Uchpedgiz, 1955.
7. Arakin, V.D. History of English language / V.D. Arakin. - Moscow: Prosveshenie, 1985.
8. Arbekova, T.I. Lexicology of English language / T.I. Arbekova. - Moscow: Visshaya schola, 1977.
9. Arnold, I.V. Lexicology of modern English language / I.V. Arnold. - Moscow: Press for literature on foreign languages, 1959.
10. Bagiyan, M.B. Loanwords in modern English language / M.B. Bagiyan. - Moscow: Press for Diplomatic Academy, MFA of Russia, 2003.
11. Bulakhovsky, L.A. Introduction to linguistics / L.A. Bulakhovsky. - Moscow: Uchpedgiz, 1954.
12. Mahdi Khiyoboni A comprehensive dictionary of political term / Khiyoboni, Mahdi. – Tehran, 1384. - 596 p.
13. New Webster's Dictionary of the English Language. College Edition. - USA, Fifth Print, 1989. - 1856 p.
14. T.D. Volosova. English Literature. 8th form, English Language Schools, 3rd ed. / Volosova, T.D. Hecker M.J., Rogoff V.V. - M., 1974.
15. Volodarskaya, E.F. Loanwords as reflection of Russian and English contacts / E.F. Volodarskaya // Issues of linguistics, 2002. - №4. - P. 96-118.

ИҚТИБОСОТ ОМИЛИ АСОСИИ ҒАНИГАРДОНИИ ФОНДИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба яке аз масоили муҳимми илми забоншиносӣ, яъне иқтибосот, ки сарчашмаи пайдоиши онҳо аз забонҳои лотинӣ, юнонӣ, скандинавӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ дар забони англисӣ бахшида шудааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки забонҳои лотинӣ, юнонӣ, скандинавӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ омили рушди сиёсат, иқтисод ва фарҳанг дар Аврупо мебошанд ва инчунин дар рушду такомули илми чаҳонӣ низ ҳиссаи беназир гузоштаанд. Дар Аврупо забони лотинӣ аввалан забони калисои католикӣ ва баъдан бо сар шудани давраи Еҳё забони илм дар қаламрави Аврупо гардид. Оғози давраи Еҳё, ки аз асри XIV то асри XVII давом кардааст, тули 300 сол забони аҳли зиёи Аврупо маҳсуб мешуд. Дар давраи Эҳё ва баъди он низ нақши забонҳои дар боло зикршуда хеле муассир буд. Пас мо дар ин пажуҳиши на чандон густурда ба хулосае омадем, ки нақши забонҳои лотинӣ, юнонӣ, скандинавӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ дар рушду такомули фонди луғавии забони англисӣ хеле таъсиргузор мебошад. Бисёре аз забоншиносони машҳури дунё дар заминаи иқтибосот пажуҳишҳои илмӣ анҷом додаанд. Дар раванди тадқиқот мо аз корҳои илмии Антрушина Г.В, Арнольд И.В, Амосова Н.Н, Аракин В.Д, Булаховский Л.А, Володарская Е.Ф, Смирнитский А.И, аз донишмандони тоҷик Камолидинов Б, Ҷамшедов П.Ҷ, Ҷоматов С. истифода намуда, як таассуроти муайянеро роҷеъ ба нақши иқтибосот дар рушди захираи луғавии забони англисӣ ҳосил намудем.

Калидвожаҳо: саммит, режим, аннексия, идеализм, мухолифин, муҳим, материал, давлат, шуро, додгоҳ, артиш.

ЗАИМСТВОВАННЫЕ СЛОВА - ОСНОВНЫЕ ФАКТОРЫ ОБОГАЩЕНИИ СЛОВАРНОГО СОСТАВА АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

Данная статья посвящается одной из важнейших проблем лингвистики - проблеме заимствованных слов, этимологическими источниками которых являются латинский, греческий, скандинавский, немецкий и французский языки в развитии словарного состава английского языка. Всем известно, что латинский, греческий, скандинавский, немецкий и французский языки являются основными источниками развития политики, экономики и культуры в Европе и внесли большие вклад в развитие мировой науки. Вначале в Европе латинский язык был языком католической церкви, но с возникновением эпохи Возрождения он стал языком науки на всей территории Европы. С начала эпохи Возрождения, которая длилась с XIV по XVII века, в течение 300 лет, он был языком интеллигенции Европы. С эпохи Возрождения и после нее роль вышеупомянутых языков была велика. В коротком исследовании мы пришли к такому заключению, что роль заимствованных слов из латинского, греческого, скандинавского, немецкого и французского в английском языке очень высока. Многие знаменитые зарубежные учёные провели исследования в области заимствованных слов. В процессе исследования мы использовали научные труды Антрушина Г.В, Арнольд И.В, Амосова Н.Н, Аракина В.Д, Булаховского Л.А, Володарского Е.Ф, Смирницкого А.И, таджикских учёных Камолиддинова Б, Джамшедова П. Дж., и Джаматова С., и получили определённое представление о роли заимствованных слов в развитии словарного состава английского языка.

Ключевые слова: саммит, режим, аннексия, идеализм, оппозиция, важный, материал, государство, совет, суд, армия.

BORROWING WORDS AS THE MAIN FACTORS OF ENRICHING ENGLISH VOCABULARY

The article is devoted to one of the important problems of the linguistics the problem of borrowing words which Latin, Greek, Scandinavian, German and French languages are the main origin of borrowing words in English vocabulary. It is clear to everybody that Latin, Greek, Scandinavian, German and French languages are considered the main sources of development Politics, economy, and culture in Europe and contributed much in the world science. First Latin language was the language of church, but with the appearance of Renaissance which began from XIV'th century and lasted till XVII th century almost continued 300 years and was considered the language of intelligent people. During Renaissance period and after it the role of above-mentioned languages also were the main origins of borrowing words in English language. In a short research we came to such conclusion that the role of Latin, Greek, Scandinavian, German and French languages are very high. Many famous foreign linguists and scientists spent researches in the field of borrowing words. We used scientific researches of Antrushina G. V, Arnold I. V, Amosova

N. N, Arakin V. D, Bulakhovsky L. A, Smirnitsky A. I, Volodarskaya E. F from Tajik scientists Kamoliddinov B., Jamshedov P. J and Jamatov S., in the process of research and got some presentation about the role of borrowing words on the enriching of English vocabulary.

Key words: summit, regime, annexation, idealism, opposition, important, material, state, ccouncil, court, army.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдулфайзов Сайднуридин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **saidnurudin abdulfayzov @ gmail.com. Тел**.: **(+992) 918-17-50-45**

Сведения об авторе: ***Абдулфайзов Сайднуридин*** - Таджикский национальный университет, к.ф.н., доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **saidnurudin abdulfayzov @ gmail.com. Тел**.: **(+992) 918-17-50-45**

Information about the author: ***Abdulfayzov Saidnuridin*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, assistant professor of the department of English language and comparative typology faculty of Asian and European languages. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **saidnurudin abdulfayzov @ gmail.com.** Phone: **(+992) 918-17-50-45**

УКД: 491.550

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Ҷамолов Ҷ.
Донишгоҳи давлатии Фарғона

Забон дар ҳар давру замон ба соҳибони он хизмат мекунад. Соҳибони забон пайваста дар ҳимояти забонанд, вагарна он ногузир завол меёбад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар ғамхории забони давлатӣ мебошанд. Эшон бо саъю талошҳои пайгирона ва ватандӯстона тавонистанд ба Тоҷикистон сулҳ ованд, ваҳдати миллиро таҳким бахшанд, сохтори давлати парокандашудаистодаро аз сари нав барқарор намоянд, дар рушди ҳамаи соҳоти хоҷагии халқи Тоҷикистон, аз ҷумла забони давлатии тоҷикӣ хидмати арзандаи хешро дареғ надоранд. “Эҳтироми бепоён ба забони миллӣ дар ҳама суханрониҳо ва паёмҳои табрикотии Президенти кишвар ба муносибати Рӯзи забон баён гардидааст, ки ин ҳама далели арҷгузорӣ ба забони модарӣ — ин ганҷи бебаҳои меросу фарҳанги миллӣ дониста мешавад” [1, с.5].

Президенти кишвар аз давраи пурталотуми ҷанги шаҳрвандӣ сиёсати созандаи забонро моҳирона амалӣ намуда, оид ба гиромидошт ва татбиқи як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии забон давра ба давра асноду дастурҳои муҳимро қабул карданд. Соли 1995 Комиссияи татбиқи Қонуни забон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд ва соли 1997 Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба тавсеа ва рушди забони давлатӣ ба тасвиб расид. Инчунин, соли 1998 бо Қарори Ҳукумати кишвар қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ тасдиқ гардид, ки ин ҳама дар натиҷаи хизматҳои шоёни Сарвари давлати Тоҷикистон ба даст омадаанд. Маҳз дар ин раванд аз ҷониби Ҳукумат соли 2008-умро соли “Забони тоҷикӣ” эълон доштанд ва ин иқдоми назаррас барои боло бардоштани мақоми забон, рушд ёфтани он дар тамоми гӯшаҳои гуногуни кишвар нақши боризи худро гузошт. Хизматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сиёсати забонии мамлакат бесарҳад аст. Чунки он кас тавонистанд баъди ҳазор сол ин забони шевои шоиронаро аз нав зиндаву барқарор гардонанд. Бо сиёсати хирадмандонаи худ 5-уми октябри соли 2009 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро имзо гузоштанд. Ин ҳодисаи фаромӯшнашавандае буд, ки марҳилаи беш аз бистсолаи татбиқи Қонуни забонро, ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ 22 июли соли 1989 қабул гардида буд, бо тағйиротҳо ҷамъбаст намуд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки забони миллӣ оинаи ҳар миллат маҳсуб меёбад. Ҳастиву рушди забон ҳам аз ҳастиву фарҳангу таъриху тамаддуни миллат гувоҳӣ медиҳад. Ҳифзи забон, ин ҳифзи миллат аст ва дар ин хусус таъкиди Пешвои миллат “Забони миллӣ симо ва пайкари миллат мебошад” [2, с.515], албатта, бесабаб нест. Номгузорӣ гардидани асари гаронбаҳои Пешвои миллат бо номи “Забони миллат-ҳастии миллат” худ гувоҳи ин гуфтаҳо ва мунъакиси садоқати Президенти кишвар ба забони милливу давлатӣ эътироф мегардад.

Маҳз бо саъю талош ва ғамхориҳои бевоситаи роҳбари давлат, баъди қабули таҳрири нави Қонуни забон (соли 2009) барои амалӣ намудани сиёсати забонӣ дар мамлакат ва дар амал ҷорӣ намудани талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ” дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи забон ва истилоҳот ба фаъолият шуруъ намуда, дар ҳаллу фасли бархе масоил мусоидат намуд.

Эътибори Пешвои миллат ба таърихи забону осори гузаштагонамон, ки бо забони шевои тоҷикӣ иншо шудаанд, дар ҳама Паёмҳову асарҳояшон падидор мегардад. Зеро фонди асосӣ ва захираи луғавии забони тоҷикӣ тули ҳазорсолаҳо маҳз тавассути осори онҳо ғаниву пойбарҷост ва ин забон “...ҳанӯз дар замони давлатдории Тоҳириён, Саффориён ва сипас Сомониён ҳамчун забони илму адаб ва забони расмию коргузории вазоратхонаҳо шуҳрат ёфта, бо ин забон дар Хуросону Мовароуннаҳр аввалин шеърҳо ва рисолаҳои илмию фалсафӣ эҷод гардидаанд”,- омадааст дар яке аз паёмҳои Пешвои миллат [1, с.31]. Ҷойи дигар ёдовар мешаванд, ки “Забони ноби модариамон моро ба даврони бисёр дури таъриху фарҳанги мардумамон пайванд медиҳад” [1, с.32]. Аз ин лиҳоз, барои рӯшанӣ андохтан ба гирехҳои нокушодаи таърихи забони тоҷикӣ бевосита камар бастани Пешвои миллат бесабаб нест, зеро “Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва

ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад” [4, с.3]. Натиҷаи заҳматҳои чандинсолаи эшон дар ин бахш китоби муҳташами “Забони миллат-ҳастии миллат”-ро рӯйи мизи ҳаводорони забони тоҷикӣ овард.

Ҳамин иқтибос кофист, ки муҳаббати Пешвои миллатро ба забони миллат ифода мекунад ва дар муқаддимаи китоби мазкур омадааст: *“Барои ман забони тоҷикӣ на танҳо воситаи гуфтугӯю муошират ба шумор меравад, балки болотар аз он, шиносномаи миллати азизам, руҳи поки гузаштагонам ва оинаи осори ниёконам мебошад. Аз ин рӯ, ман ба ин забони шевои шоирона сидқан арҷ мегузорам, бо ҳисси баланди ватандӯстӣ аз минбарҳои баланд бо ин забон сухан мегӯям, аз лаҳни шаккарину дилнишинаш лаззати маънавӣ мебарам ва ҳастиамро бо ҳастии забонам пайванд дониста, ин гавҳари хушоб ва дурри ҷаҳонтобро пайваста ситоиш ва тарғиб менамоям. Ба ин хотир, доир ба таърихи ташаккули забони тоҷикӣ мақолаву асарҳо таълиф менамоям, дар ҳар суханроним бузургию тавоноии онро таъкид месозам ва барои ҳифзу ҳимояш талош мекунам”* [5, с.4].

Яке аз масоили муҳимме, ки ба рушди минбаъдаи забон дар иртибот бо эҳёву посдошти суннатҳои ниёгон имрӯзҳо мавриди баҳсу мунозираҳои зиёд қарор мегирад ва ба ҳувияти милливу асолати забон, сиёсати забон дар мамлакат дахолат дорад, ин арзишҳои миллии халқамон дар ному насабсозии миллӣ маҳсуб меёбад. Пешвои миллат роҷеъ ба ин масъала мақоли “Номи зебо-нисфи ҳусн”-ро дар пайвастагӣ ба анъанаи номгузории ниёгонамон ёдрас намуда, эҳёи номҳои миллии тоҷикӣ ва ба танзим даровардани онҳову номҳои ҷуғрофиро яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати забонӣ қаламдод намуда, дар ин самт хотирнишон месозанд, ки: “...бегонапарастӣ дар самти номгузорӣ наслҳои ояндаро аз асолати таърихӣ дур мекунад, худшиносӣ ва ҳувияти миллии онҳоро коҳиш медиҳад, ки ба ин раванд ҳаргиз роҳ додан мумкин нест” [3]. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти қонунофари мамлакат чунин сиёсати миллатпарваронаи Пешворо дар ин раванд ба эътибор гирифта, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ” [6] дар боби 2, моддаи 20 ва дигар бандҳои ҷудогона номи шахс ва тартиби сабти насаб, ном ва номи падарро муайян кардааст. Эҳёи шаҳру ноҳияҳо ва кӯчаву хиёбонҳо бо номи шахсиятҳои бузурги халқамон, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Румӣ, Сино ва дигарон, ҳамчунин номҳои таърихии Суғд, Бохтар, Рашт, Хуросон, Истаравшан ва монанди инҳо ба фарҳангу тамаддуни халқамон низ ишорат мекунанд. Номҳо бо ифодаи маънои луғавии худ, ки ба таъриху тамаддуну анъаноти халқу миллату забонаш пайванд аст, бояд пойдор бимонад ва “*Набояд фаромӯш кард, ки номҳо чеҳраи воқеӣ ва таърихи гузаштагони ҳар қавму миллат мебошанд*” [3].

Риоя ба меъёрҳои забони адабӣ дар ҳама маврид яке аз талаботҳои муҳимми сиёсати забон дар пойдориву барқарории забони давлатӣ маҳсуб меёбад. Ин масъала низ ҳамеша мадди назари Пешвои миллат қарор гирифта, дар бобати хат ва имлои забони тоҷикӣ, ки яке аз муайянкунандаи меъёрҳои забони адабист, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Зеро чи дар давраи шуро ва баъди он гуногуннависӣ ва ба қоидаҳои мавҷудаи имло риоят накардан то ба имрӯз ба мушоҳида мерасад. Ин масъала дар баробари қабули Қонуни забон (соли 1989) мавриди муҳокима қарор гирифта, соли 1996 Пешвои миллат дар суханронии хеш дар маросими таҷлили рӯзи забон ишора карда буданд: *“Масъалаи таҳия ва ба тавсиб расондани қоидаҳои имлои хуби забони адабии давлатӣ низ аз масъалаҳои хеле муҳим ба шумор меравад”* [1, с.22]. Пешвои миллат соли 2008-ум ин масъаларо дар суханронии хеш бахшида ба Рӯзи забон, бамавридона қайд менамоянд: *“Дар воситаҳои ахбори омма, махсусан дар баъзе рӯзномаҳои ғайридавлатӣ, вайрон кардани талаботи имлои забони тоҷикӣ, чунончи бо ҳарфи сакта навиштани аввали калимаҳо, ба талаффузи арабӣ тобеъ кардани имло бе риояи хусусиятҳои савтии талаффузи забони модарии мо хеле ривоҷ ёфтааст”*. Дигаре аз масъалаҳои баҳснок дар ин хусус, ин гузариш ба хатти арабиасоси тоҷикист. Дар ин хусус соли 1998 Пешвои миллат дар паёми хеш нуқтаи қатъии назари хешро вобаста ба масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии кишвар баён карда, таъкид менамоянд, ки *“...кишвари мо ба табдили хатти криллӣ ба ягон хатти дигар ҳеҷ гуна ниёз надорад. Чунин аст мавқеи мо нисбат ба ин масъала” [1, с.56]*.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз кишварҳои сермиллат маҳсуб меёбад. Тибқи Сарқонуни мамлакат **“Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд”** [9] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ” имкон медиҳад, ки **“Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое,**

ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя ва инкишофи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва забони яғнобӣ шароит фароҳам меорад" [10]. Дар ин ҷабҳа мутобиқ ба асноди ҳуқуқӣ ба ҳамаи миллатҳо ва забони муошрати онҳо дар асоси тамоилҳои демократӣ шароитҳои мувофиқи зист ва муомилот роҳандозӣ шудааст. То ба имрӯз ба забонҳои аққалияти миллӣ фаъолият нишон додани муассисаҳои таълимӣ, нашри китобу рӯзномаву маҷаллаҳо ва барномаҳои садову симо аз сиёсати демократии забон дар ин минтақа гувоҳӣ медиҳад. Дар таъмини сулҳу осоиши кишвар, пеш аз ҳама, таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба ин масъала, албатта, бесабаб нест. Чуноне Пешво таъкид менамоянд: *"Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки бо мо дар як сарзамин зиндагии муштарак доранд, тибқи қонунгузорӣ дар интихоби забони таҳсил озод мебошанд. Мо ба ҳамаи забонҳо ва фарҳангҳо арҷ мегузорем*" [1, с.7].

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ": *"***Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳо дар интихоби озоди забони таҳсил тибқи қонунгузорӣ шароит фароҳам оварда мешавад***"* [10]. Дар амал тадбиқи худро ёфтани бандҳои ҷудогонаи қонуни мазкур аз устувории сиёсати Президенти мамлакат дар роҳандозии қонунҳо ва сиёсати забони давлатӣ дар ин раванд гувоҳӣ медиҳад. Имрӯзҳо дар макотиби миёнаи рӯзонаи Тоҷикистон мувофиқи маълумоти оморӣ насли наврас бо забонҳои зерин таҳсили илм менамоянд:

Маълумот дар аввали соли хониши 2020-2021				
МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ РӮЗОНА ВОБАСТА БА ЗАБОНИ ТАЪЛИМ				
Забони таълим	***Миқдори муассисаҳо***	***Миқдори синф***	***Шумораи хонандагон***	***Шумораи духтарон***
Тоҷикӣ	3206	71003	1604513	779563
Тоҷикӣ-русӣ	152	6747	196726	86722
Тоҷикӣ-Русӣ-Ӯзбекӣ	13	614	16247	7864
Тоҷикӣ-русӣ-Англисӣ	6	206	5371	2303
Тоҷикӣ-Ӯзбекӣ	351	9879	223232	111743
Тоҷикӣ-Ӯзбекӣ-Қирғизӣ	1	21	322	160
Тоҷикӣ-Қирғизӣ	28	512	7803	3816
Тоҷикӣ-Туркманӣ	5	139	2821	1348
Тоҷикӣ-Англисӣ	1	23	533	219
Русӣ	38	821	23636	9154
Русӣ-Англисӣ	2	26	513	277
Ӯзбекӣ	78	1263	22185	10985
Қирғизӣ	25	284	3672	1830
Туркманӣ	1	4	39	18
Англисӣ	3	86	1309	479
Ҳамагӣ	***3911***	***91628***	***2108942***	***1016431***

Қайд кардан бамаврид аст, ки назар ба маълумоти *https://tg.wikipedia*. мувофиқи барӯйхатгирии соли 2017-ум, 85% аҳолии кишварро тоҷикон, 13% ӯзбекон, 1% русҳо ва 1% дигар миллатҳо ташкил мекунанд. Имрӯзҳо миқдори аҳолӣ зиёда аз 9 миллиону панҷсад ҳазор нафарро ташкил менамояд ва мувофиқи пешгӯиҳои мутахассисони соҳаи демографӣ афзоиши аҳолӣ ҳамасола ба мушоҳида мерасад.

Мувофиқи Сарқонуни кишвар забони русӣ ҳамчун забони муошрати байнимиллӣ эътироф шудааст: "Забони русӣ ҳамчун забони муошрати байни миллатҳо амал мекунад" [9]. Чуноне дар боло ҳам қайд карда гузаштем, ҳарчанд русзабонҳо нисбати солҳои қаблӣ дар мамлакат миқдоран кам гардида бошанд ҳам, эътибори бевоситаи саркори давлат ва

Ҳукумати Тоҷикистон ба омӯзиши забони русӣ ва хориҷӣ зиёд ба мушоҳида мерасад. Дар кишвар баъд аз тоҷикон миқдори зиёди аҳолиро ӯзбекзабонон ташкил менамояд. Дар мамлакат бо ин забон 78 муассисаи таълимӣ ва 351 адад муассисаи таълимии бо забони тоҷикиву ӯзбекӣ фаъолият нишон дода меояд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол ба мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон равобити ногусастанӣ дорад. Пойдории чунин равобит ба кадрҳое, ки забони хориҷиро дар баробари ихтисоси худ аз бар намудаанд, эҳтиёҷ дорад. Ба ин масъала низ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар Паёмҳои хеш ба муносибати Рӯзи забон дар баробари донистани забони модарӣ, аз худ кардани ду-се забони хориҷӣ, бахусус русӣ ва англисиро зарур мешуморанд. *«Пешрафти минбаъдаи мамлакат, ба роҳ мондани робитаҳои гуногунсоҳа бо давлатҳои тараққикарда, яъне пайвастан ба ҷаҳони мутамаддин бе донистани забонҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама, русӣ ва англисӣ гайриимкон аст*» [12, с.87].

Дар ин раванд барои ҳалли саривақтии ин масъала соли 2003-юм Фармони Президенти кишвар барои омӯзиши забони хориҷӣ ба имзо расида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи давлатии ташкил ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004 -2014” қабул карда шуд. Мунтазам шуғл варзидан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар Паёмҳои минбаъдаи Сарвари давлат таъкид ёфта меоянд: *“Дар замони рушди босуръати илму техника ва технологияҳои нав ҷавонон бояд дар қатори забони давлатӣ на камтар аз ду забони хориҷиро низ донанд ва бо онҳо озодона муошират карда тавонанд”*,- омадааст дар Паёми соли 2010 ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ.

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки забони тоҷикӣ дар гузашта забони илму фарҳангу тамаддуни ориёиву осиёӣ ба шумор мерафт. Ба ин масъала Пешвои миллат таваҷҷуҳи алоҳида дошта, дар даврони шуро, ки забони тоҷикӣ хеле коста гардида буд, боз барои ба забони илм мубаддал гардонидани забони тоҷикӣ талошҳо зоҳир менамоянд. Аз ҷумла таъкид менамоянд, ки *“Забони мо дар мақоми забони илм таҷрибаи тулонӣ дорад, ки онро осори илмии гузаштаи мо бо он ҳама шуҳрату маъруфияти ҷаҳонӣ собит намудааст” [8].*

Барои рушди минбаъдаи забони давлатӣ Пешвои миллат донистани таърихи забону осори бо ин забон офаридашударо барои насли имрӯз зурурати ҳатмӣ ба ёд оварда, таъкид мекунад, *ки “Акнун замоне фаро расидааст, ки мардумро бештар бо намунаҳои беҳтарини осор ва забони ноби тоҷикӣ ошно созем, асолати забонро барои ворисони он, бахусус насли ҷавон бозгӯ намоем ва забони асили адабиро, ки замоне бо ҳадафҳои гаразнок ҳамчун забони куҳна маҳкум гардида буд, ба мақому мартабаи пешини он боз гардонем*” [1, с.12].

Президенти Тоҷикистон зимни мушаххас намудани рушди минбаъдаи забон соли 2010 таклиф пеш оварда буданд, ки Барномаи мукаммали рушди забон таҳияву тарҳрезӣ шавад ва барои ба забони илм мубаддал гардонидани он сохторҳои Академияи илмҳои Тоҷикистон бояд масъул бошанд. Ҳамин масъала дар Паёмҳои қаблии Пешвои миллат дар пайвастагӣ дар роҳи ба вуҷуд овардани истилоҳоти илмӣ низ таъкид ёфта буд: “Забони тоҷикӣ дар ҳамон вақт мақоми забони илму фарҳанг қарор мегирад, ки агар ба ин забон истилоҳоти илмӣ, аз ҷумла сабки нигориши илми муосир ба вуҷуд оварда шавад” [1, с.39].

Баробари ба ҳаёти ҷомеа воридшавии инноватсияҳо, ба таркиби луғавии забон низ вожаҳои вомӣ ва истилоҳоти зиёди соҳавӣ низ ворид мегарданд, ки мавридшиносона корбасти он ба риояти меъёрҳои забони адабӣ бояд мусоидат кунад. Истилоҳ хусусиятҳои ба худ хосси лингвистӣ дошта, ҳатто устод Айнӣ таъкид намуда буданд, ки “Истилоҳи фаннӣ ва илмӣ он қадар чизи ғайримуҳимме нест, ки як муҳаррир бо ихтиёри худ вазъу қабул намояд”. Дар ин ҷода дигар устодони забоншиносӣ тоҷик ҳам нуктаи назари хешро дар покдории забони миллӣ ва истилоҳот баён доштаанд. Аз ин ҷиҳат, Пешвои миллат дар аксар суханрониҳои хеш ба ин масъала ишорат карда, таъкид менамоянд, ки: “Ҳар шахсе, ки тақдири забон барояш азиз мебошад, зарур аст, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони дорои таърих ва осори беназир аз сели вожаҳои иқтибосӣ, ки имрӯз тавассути технологияҳои навин ва молу маҳсулоти хориҷӣ ба тамоми забонҳо ворид шуда истодаанд, ҳифз намоянд ва дар поку беолоиш нигоҳ доштану ба наслҳои оянда ба мерос гузоштани он саҳми ватандӯстонаи худро гузоранд” [7]. Пешвои миллат масъалаи истилоҳотро бошад, “аз масъалаҳои мубрами сиёсати давлатӣ оиди ба забон, бахусус забони давлатӣ арзёбӣ менамоянд” [1, с.13]. Дар ин давр, ки ба забони тоҷикӣ маҳдудиятҳои зиёд ҷорӣ гардида буд, як муддати муайян аз забони илм берун монд ва аз нав эҳё намудани вижагиҳои забон, ки

хосси масъалаҳои илмӣ, аз ҷумла истилоҳот аст, муддатеро тақозо мекунад. Ба ифодаи профессор Т.С. Шокиров “Забон ҳамон вақт забони илм шуда метавонад, ки ҳар як вожаву истилоҳи он мушаххас омӯхта шуда бошад. Ташхису таснифи дақиқи истилоҳот яке аз талаботи ҳатмии забони илм маҳсуб меёбад. Ҳоло забони адабии тоҷикии муосир, мутаассифона, забони воқеии илм нашудааст ва яке аз сабабҳо сермаъноӣ ва серсоҳавию сергунагии истилоҳот мебошад” [13, с.13].

Барои ба танзим даровардани истилоҳот ва аз нав барои ба забони илм мубаддал гардонидани забони адабии муосир бо супоришу раҳнамоии Пешвои миллат ин масъала яке аз бандҳои “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016 ва 2020-2030”-умро ташкил карда, роҷеъ ба ин масъала муддатест, ки Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Академияи илмҳо ва ҷалби олимони соҳоти гуногуни илм бо баргузории анҷуманҳои илмӣ барои роҳандозӣ намудани истилоҳоти ягонаи соҳоти мухталиф талош карда меояд, ки намунаи онро мо дар нашри фарҳангҳо, аз ҷумла “Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ” ва “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” ва чанд адабиётҳои илмии дигари оиди мавзуъ дида метавонем.

Яке аз сарчашмаҳои ғанигардонии таркиби луғавии забони адабии муосири тоҷик - ин забони зиндаи халқ ба ҳисоб меравад. Шеваҳои забони тоҷикӣ яке аз таҳқурсии забони адабии он маҳсуб меёбад. Забони адабии муосири тоҷикро мисли он ки аз забони адабии классикӣ наметавон ҷудо тасаввур кард, пайвандии онро ба шеваҳою лаҳҷаҳо низ наметавон нодида гирифт. Ибтидои омӯзиши забони адабӣ - ин забони модар, шеваи ҳудуди истиқомат аст. Дар ин замони ҷаҳонишавӣ ба лексикаи шеваҳо чӣ қадаре забонҳои бегона ҳуҷум овардаву муваффақ шаванд, теша бар решаи забони меъёрии мо мезананд. Мувофиқи талаботи Қонун “Дар бораи забони давлатӣ”: “Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои фарҳангӣ ба забони давлатӣ баргузор мегарданд” [1, с.13]. Аммо ин талаботро суханварони чорабиниҳои фарҳангиву тадбирҳои гуногуни давлатӣ ба пуррагӣ риоят намекунанд. Дар саҳнаҳо, филмҳо, видеоклипҳо, гузоришҳои “журналист-блогерҳо”-и шабакаҳои иҷтимоӣ вожаҳои ғайриадабӣ, шевагӣ, калимаҳои вомии нолозим ба мушоҳида мерасад. Манзури мо ин аст, ки забони адабии муосири тоҷик, забони меъёр, забони илм, забони муҳташам пурмалоҳат аст, бо воридшавии калимаҳои ноҷои шевагӣ ҳуснаш ба қубҳу шаҳомату малоҳаташ ба кароҳат табдил наёбад. Ин масъала, яъне омӯзиши шеваҳои забони тоҷикиро ҳам Пешвои миллат вазифаи тахассусии олимони соҳа ба инобат гирифта, дар Паёми соли 2019 таъкид менамоянд. Дар ин раванд чун муҳаққиқи таърихи халқу забони тоҷикӣ гом бардоштани Пешвои миллат намунаи ибрат барои тамоми олимону мутахассисони кишвар мебошад. Асарҳои “Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён”, “Забон ва ҳувияти миллӣ”, “Чеҳраҳои мондагор”, “Забони миллат - ҳастии миллат”, ки бо забони илмӣ-оммавӣ нигошта шудааст, барои тамоми хонандагон фаҳмову дастрас буда, мунъакиси таъриху забони халқи тоҷик аз бостон то ба имрӯз мебошанд. Ҳамзамон Пешвои миллат дар Паёмҳои хеш ба истиқболи Рӯзи забон аз забони давлатӣ ҳимоят карда, аз ҳар фарди Тоҷикистон, аз ҳамаи мақомотҳои ҳукумативу ғайридавлатӣ, аз олимони кишвар, васоити ахбори оммавӣ дархост пеш меоваранд, ки дар рушду такомули забони адабии тоҷик ҳиссагузор бошанд. Аз ҷумла, аз олимон дархост пеш меоранд, ки: “Вазифаи муҳимми олимони кишвар таҳқиқ намудани таърихи пурифтихори миллат, проблемаҳои фалсафа ва адабиёту фарҳанги бою рангоранги тоҷикон, поку бегазанд нигоҳ доштан ва таҳким бахшидан ба мақоми забони давлатӣ, тоза нигоҳ доштани забони муошират, эҷоду эҳёи забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ ва ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгон мебошад” [12, с.185].

Пешвои миллат дар ҳама Паёмҳои хеш ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ масъалаҳои ҷолибу мубрамеро таъкид менамоянд, ки дар рушду такмилу такомули минбаъдаи забони давлатӣ зарурат пеш омадаву давр онро тақозо менамояд. Қисме аз онҳо ҳалли худро ёфтаанд ва барои иҷрои қисми дигаре, мутахассисону мақомоти дахлдор машғуланд. Чунончи, **татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз масъалаҳои муҳимму ҳамешагист.** Ҷиҳати иҷрои муқаррароти Қонуни мазкур ба мақомоти марбута дастуру супоришҳои мушаххас дода шуда, иҷрои он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати доимӣ қарор дорад [14].

Муқаррар кардани меъёрҳои забони адабӣ, эътибор ба забони меъёр ва ҳусни баён аз масъалаҳоест, ки бидуни он рушди забони адабиву давлатиро тасаввур кардан

имконнопазир аст. Агар гӯем, ки ҳама ҳадафҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, тамоми талош ва кӯшишҳои зиёиёни тоҷику Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳамин мақсад нигаронида шудааст, ҳаргиз хато нахоҳад шуд. Дар заминаи эълон гардидани соли 2008-ум ҳамчун “Соли забони тоҷикӣ”, таҳияи “Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016 ва 2020-2030”, таҳрири Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар солҳои 1998, 2009 ва 2021, нашри “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” ва адабиётҳои зиёди дигар рушди забони адабии муосири тоҷик нуҳуфтааст. Пешвои миллат дар ин самт, пеш аз ҳама, тадқиқ ва нашри Грамматикаи илмии забони адабии тоҷикро дар асоси меъёрҳои нави забон, (Паёми 2010) истилоҳоти ҳамаи соҳаҳоро дар қолабҳои дуруст ва суннатии забони меъёр ба роҳ мондан (Паёми солҳои 2005 ва 2012), ба масъалаи иқтибос ва иқтибоспазирӣ муносибати масъулона ва таваҷҷуҳи доимӣ доштан (Паёми соли 2012), таҳқиқи фарогири лаҳҷаҳои гуногуни забони тоҷикӣ (Паёми солҳои 2008 ва 2019), ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ (Паёми соли 2012), таҷдид ва такмили китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ва усули таълими забони давлатӣ (Паёми соли 2012), эҳёи номҳои суннатии миллӣ, чуғрофӣ ва сабти матни овезаву рекламаҳо, номи тоҷиконаи ташкилоту муассисаҳо, нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ ва ғайра (Паёми соли 2012) таҳияву ташкили барномаҳои мустақил ва мукаммали компютерӣ, компютерӣ кардани забони тоҷикӣ (Паёми солҳои 2010 ва 2019), тарғиби забони давлатӣ тавассути васоити ахбори оммавӣ (Паёми солҳои 2012 ва 2019), дар интихоби вакилон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба вазифа таъин кардани роҳбарони вазорату идораҳо ва ташкилотҳо ба инобат гирифтани дар кадом сатҳ донистани забони давлатӣ (Паёми соли 2010) ва чанд нуктаҳои дигареро аз масъалаҳои муҳимми рушди давлатии забон дониста, дар пойтахти кишвар, шаҳри Душанбе, ҳамчун арҷ гузоштан ба хидмату заҳмати фарзонагони гузаштаи халқи тоҷик, ки забонро ҳифз карда ва барои мо ба ёдгор гузоштаанд, марказе бо номи “Қонуни забони тоҷикӣ” таъсис доданро зарур мешуморанд. Роҳандозӣ шудани фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз барои ҳалли масъала ва муаммоҳои забони давлатӣ нигаронида шуда, аз ҳисоботҳои раиси ин Кумита то кадом сатҳ амалӣ гардидани масъалаҳои забони давлатиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Лозим ба ёдоварист, ки “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030”, ки аз 28 ноябри соли 2020, таҳти рақами 647 бо қарори Ҳукумат тасдиқ ёфтааст, дар ҷомеаи Тоҷикистон татбиқ мегардад. Ин барнома аз ду зина иборат буда, зинаи аввал солҳои 2020-2025 ва зинаи дувум солҳои 2026-2030-ро фарогир мебошад.

Хидматҳои Ҷаноби олӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи дубораи забони форсии тоҷикӣ чун забони давлатӣ, забони тоҷикиро ба яке аз рамзу рукни асоси давлат ва миллат мубаддал намудаву чун муқаддасоти миллӣ эътибор пайдо кардани он дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳадду канор надорад. Забон аз нигоҳи Сарвари давлат оинаи таърихи дирӯзу имрӯзи миллат аст. Сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат дар самти сиёсати давлатии забон боз дар ин зуҳур мекунад, ки ӯ забони миллии тоҷикиро чун забони давлатӣ дар паноҳи давлат қарор додааст, заминаҳои ҳуқуқии рушди онро зина ба зина фароҳам меоварад, то ки забон дар баробари воситаи алоқаи байни одамон будан, вазифаҳои иҷтимоии худро тавонад, ки ба иҷро расонад. Танҳо дар чунин сурат, забони тоҷикӣ чун забони давлатӣ эътибор ва эътироф мегардад. Таҷлили ҳамасолаи Рӯзи забон бо шукӯҳу шаҳомати хосса дар ҳар гӯшаву канори Тоҷикистон натанҳо аз эътибори Сарвари давлат, балки аз эътибори Ҳукумату мақомоти дахлдор нисбати забони давлатӣ гувоҳӣ медиҳад. Яъне, забони тоҷикӣ дар замони истиқлол дубора пушту паноҳи худро дарёфтааст. Дар ҷашнҳои Рӯзи забони давлатӣ фаъол иштирок намудани ақаллиятҳои миллии кишвар ҳам гувоҳ аз шаффофияти Қонун дар ин самт ва эътибори Пешвову Ҳукумат ба забону арзишҳои миллии халқиятҳои мамлакат мебошад. Ақаллиятҳои миллӣ дар таҳкиму густариши забони давлатӣ, бо омӯзишу истифодаи он дар ҳаёти ҳамарӯзаашон ҳиссагузор мегарданд.

Аз омӯзишу таҳқиқи мавзуъ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки масъалаи забон ва эътибор ба он, як ҷузъи муназзами фаъолияти Пешвои миллатро дар эҳёву танзиму густариши он ташкил медиҳад.

Муқарриз: Шокиров Т. -доктори илмҳои филологӣ, профессори ДДҲБСТ

А Д А Б И Ё Т

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати давлатӣ дар бораи забон. - Душанбе: Шарқи озод, 2011. - 208 с.
2. Зафар Сайидзода. Тоҷикистони муосир. Масъалаҳои мусбрами истиқлоли миллӣ / Сайидзода, Зафар. – Душанбе, 2016. - 608 с.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 октябри соли 2010). Ресурси электронӣ.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат - ҳастии миллат. Китоби 1. - Душанбе: Эр-граф, 2016. - 516 с.
5. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат -ҳастии миллат. Китоби 2. - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. - 516 с.
6. Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ресурси электронӣ)
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 октябри соли 2012). Ресурси электронӣ.
8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 октябри соли 2017). Ресурси электронӣ.
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Боби 1, моддаи 2 (ресурси электронӣ).
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатӣ. Боби 1, моддаи 4 (ресурси электронӣ).
11. Маҷмуаи омори соҳаи маорифи ҷумҳурии Тоҷикистон, соли таҳсили 2020-2021. – Душанбе, 2021.
12. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ − Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2017. - 116 с.
13. Танзим ва корбурди истилоҳот дар забони давлатӣ (зери назари Д. Саймиддинов). - Душанбе: Маориф, 2014.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забон, 5 октябри соли 2019 (ресурси электронӣ).
15. П. Нуров. Фарҳанги наввожаҳои тоҷикӣ / Нуров П. – Душанбе, 2020. - 145 с.
16. Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016) ресурси электронӣ аз сайти сайти http://www.kumitaizabon.tj)
17. Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 (ресурси электронӣ аз сайти сайти http://www.kumitaizabon.tj)

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Дар мақола нақши забон дар ҷомеа, забони миллии тоҷикӣ ҳамчун симои миллат ва рукни асосии давлат баррасӣ ёфтааст. Забони давлатии Тоҷикистон дар паноҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардида, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду такомули забони давлатӣ, забони ақаллиятҳои миллӣ ва хориҷӣ матраҳ ёфтааст. Масъала ва муаммоҳои муҳимми забони давлатӣ, аз қабили таърихи забон ва осори ниёгон, тозагии таркиби луғавии забон, ному насабсозии миллӣ, ҷойномҳо (топонимҳо), ба забони илм табдил додани забони тоҷикӣ, масоили истилоҳот, омӯзиши шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ, муаммоҳои имло ва муҳимтар аз ҳама тадбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ”, риояи меъёрҳои забони адабӣ, эътибор ба забони меъёр ва ҳусни баён дар асоси суханрониҳо ва Паёмҳои Пешвои миллати тоҷикон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Маълумотҳои омории нуфуси аҳолӣ ва фаъолияти мактабҳо бо забонҳои мухталифи ҷумҳурӣ чун нишонаи беҳбудии вазъи забонҳо ва пешбурди сиёсати забонии давлат муаррифӣ гардидааст.

Калидвожаҳо: забони миллӣ ва давлатӣ, сиёсати давлатии забон, забони меъёр ва ҳусни баён, хат ва имло, таркиби луғавӣ, нутқи хаттӣ ва гуфтугӯӣ, лексикаи шеваҳо, истилоҳот, иқтибоспазирӣ.

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО ЯЗЫКА

В статье рассматривается роль языка в жизни общества, таджикского национального языка как образа нации и главной опоры государства. Рассмотрены Государственный язык Таджикистана, находящийся под защитой Правительства Республики Таджикистан, и роль основоположника мира и национального единства, Лидера нации, Президента Таджикистана Эмомали Рахмона в развитии и совершенствовании государственного языка, языка национальных меньшинств и иностранного языков. Важные вопросы и проблемы государственного языка, такие как история языка поэзия предков, чистота лексики языка, национальные имена и фамилии, топонимы, превращение таджикского языка в научный язык, вопросы терминологии, изучения таджикских стилей и диалектов, проблемы орфографии и, самое главное, выполнение Закона Республики Таджикистан «О государственном языке», соблюдение норм литературного языка, и высказывания из выступлений и посланий Лидера таджикского народа, посвящены Дня государственного языка. Статистические данные о населении и деятельности школ на разных языках страны представлены как пример улучшения состояния языков и продвижения языковой политики государства.

Ключевые слова: национальный и государственный язык, государственная языковая политика, нормативно-грамматический язык, письмо и орфография, лексический состав, письменная и устная речь, диалектная лексика, терминология, цитата.

THE ROLE OF NATIONAL LEADERS IN THE FORMATION OF THE STATE LANGUAGE

The article discusses the role of language in society, the Tajik national language as the image of the nation and the main pillar of the state. The state language of Tajikistan is reflected under the protection of the Government of the Republic of Tajikistan, and the role of the founder of peace and national unity, the leader of the nation, the President

of Tajikistan, Emomali Rahmon, in the development and improvement of the state language, the language of national and foreign minorities, is mentioned. Important issues and problems of the state language, such as the history of the language and the works of ancestors, purity of the vocabulary of the language, national names and surnames, place names (toponyms), turning the Tajik language into a scientific language, issues of terminology, studying Tajik styles and dialects, spelling problems and more importantly all implementation of the Law of the Republic of Tajikistan "On the State Language", compliance with the standards of the literary language, respect for the standard language and the goodness of expression based on the speeches and messages of the Leader of the Tajik Nation on the occasion of the State Language Day were discussed. The statistical data of the population and the activities of schools in different languages of the country are presented as a sign of the improvement of the state of languages and the promotion of the language policy of the state.

Key words: national and state language, state language policy, normative-grammatical language, writing and spelling, lexical composition, written and oral speech, dialect vocabulary, terminology, quotation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷамолов Ҷумъабой*** – Донишгоҳи давлатии Фарғона, унвонҷӯ, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш.Фарғона, кӯчаи Б.Марғилонӣ-105
G-mail: **jumaboyjamolov@gmail.com.** Тел.: **(+998) 99-300-85-68**

Сведения об авторе: ***Джамалов Джумабой*** - Ферганский государственный университет, соискатель, старший преподаватель кафедры языкознания. **Адрес:** Республика Узбекистан, г. Фергана, ул. Б. Маргилони-105.
G-mail: **jumaboyjamolov@gmail.com**. Тел.: **(+998) 99-300-85-68**

Information about the author: ***Jamalov Jumaboy*** - Ferghana State University, title seeker, senior lecturer of the Linguistics Department. **Address:** Republic of Uzbekistan, Ferghana city, B. Margiloni Str. 105.
G-mail: **jumaboyjamolov@gmail.com**. Phone: **(+998) 99-300-85-68**

УДК: 491.550-400

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЛУҒОТИ СОҲАИ СОХТМОН ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Мусаллам аст, ки инсон қодир аст бисёр корҳои наҷиброз аз худ намуда, ба худ шуғли дӯстоштаашро интихоб намояд. Яке аз навъҳои фаъолияти одамон санъати хонасозӣ ва сохтмон маҳсуб ёфта, таърихи хеле қадима дорад. Маҳорати хонасозӣ ва сохтмон аз насл ба насл гузашта, ба мисли дигар санъатҳо мардуми тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ машҳуру овазадор намудааст.

Чи тавре маълум аст, ёдгориҳои нахустини меъморӣ дар ҳудуди Тоҷикистон Мағораи Шахта (Помири Шарқӣ), Кӯҳи Бӯлиён (Данғара) ва Тутқавул (Норак) ба давраи неолит (X - VI ҳазор сол то мелод) мансуб буда, барои пешрафти санъати меъмории халқи тоҷик саҳми босазоеро гузоштаанд. Акси ҳайвонот ва мавҷудоти афсонавӣ дар деворҳои Мағораи Шахта, боқимондаи оташдонҳои нимкуравии сангӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва суфаҳои хос ва зиёда аз 40 ҳазор маснуоти асри санг, ки аз Тутқавул (соҳили чапи дарёи Вахш) пайдо шудаанд, нишон медиҳанд, ки ин мавзеъҳо бошишгоҳи қадимтарин қабилаҳои Эронӣ - авлодони тоҷикон мебошанд [3, с.23-25] .

Тавассути ин мероси таърихӣ мо метавонем аз дунёи тоҷикон, аз тарзи ҳаёт, зисту зиндагонӣ ва шуғли онҳо ошно гардем.

Гарчанде ҳодисаҳои таърихӣ ба рушду такомули ин санъат таъсири манфӣ расонида бошанд ҳам, аммо бо пешрафти ҷомеа шаҳрҳо ва ёдгориҳои нав пайдо шудаанд, ки ба рушду такомули фарҳангу маданияти тоҷикон таъсири бениҳоят калон гузошта тавонистаанд. Ин масъала диққати кулли донишмандонро ба худ ҷалб намуда, дар атрофи он фикру андешаҳои тоза рӯйи варақ омадаанд. Масалан, забоншинос С. Ҳалимиён чунин ибрози андеша намудааст: “Асри XVII низ дар таърихи инкишофи санъати меъморӣ яке аз марҳилаҳои муҳимтарин мебошад. Дар ин давра санъати меъморӣ ривоҷу равнақ ёфта будааст. Аз ин ёдгориҳои меъмории дар ин давра бунёдёфтаи Самарқанду Бухоро (мадрасаи Шердор, Тиллокории шаҳри Самарқанд, мадрасаи Лаби Ҳавз ва Абдулазизхон дар шаҳри Бухоро) шаҳодат медиҳад [11, с.42].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар Самарқанду Бухоро санъати меъморӣ хеле рушду нумуъ намуда буд. Мардуми Қаратоғи водии Ҳисор, ки аз деҳаи Даҳбеди Самарқанд муҳоҷир шуда омада буданд, ин пешаи аҷдодии ниёгонамонро бо тамоми нозукиҳояш дар ин мавзеъ идома дода истодаанд.

Гарчанде ки калима ва истилоҳоти ин бахш дар лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисор хеле зиёд ба назар расанд ҳам, аммо аз нигоҳи этнолингвистӣ то ҳанӯз ба ҳайси як асари илмии мукаммал мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор нагирифтааст.

Мусаллам аст, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ ин гурӯҳи калимаҳо мавқеи калонро ишғол намуда, ҳар яке аз онҳо дар мавридҳои муайян мавриди истифода қарор доранд.

Аслан, агар жарфтар назар афканем, дар нутқи мардуми ин мавзеъ дар соҳаи сохтмон ва меъморӣ калимаву истилоҳоте корбаст мешаванд, ки аз давраҳои пешини рушди забонамон маншаъ мегиранд. Масалан, истифодабарии калимаву истилоҳоти *чавкандӣ* [9, с.81], *дарбича* [9, с.99], *бинии дар* [9, с.48] аз ин шаҳодат медиҳанд.

Теъдоди калимаҳои иқтибосӣ низ дар луғоти соҳаи сохтмон ва меъморӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, ки дар дохили луғоти лаҳҷаҳои мазкур ҳазм шудаанд ва танҳо ба забоншиносон баромади ин калимаҳо ошно буда метавонад. Яке аз чунин калимаҳо калимаи “чавкҳандӣ” ба шумор меравад, Оид ба истилоҳи чавкандӣ забоншинос Ҳ. Маҷидов чунин ибрози ақида намудааст: “Бештари калимаҳои сершумори аз забонҳои ҳиндӣ воридшуда, ифодагари чунин ашё ва ҳодисаҳои ҳаёти воқеӣ мебошанд, ки барои мардуми мо бегона буданд. Баъзе аз чунин калимаҳо дар сарчашмаҳои ҷудогона дар шакли талаффузи аслиашон бо ҳамсадоҳои комию ҳалқӣ (чунончи чҳ, дҳ) ва баъзе унсурҳои дигари овозиашон оварда шудаанд: чҳап”, чоп”, чавкҳандӣ”, “шипанг”, ”чайла” [4, с.98].

Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он хеле ғановатманд мебошанд, аз ин лиҳоз, мафҳуми “хона”- ро мо дар калимаҳои *кулба*, *манзил, панаҳгоҳ, капа* пайдо

карда метавонем. Илова бар ин, ҳаминро зикр намуданием, ки гарчанде ҳамаи ин калимаҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор дар ифодаи калимаи “хона” корбаст шаванд ҳам, аммо ҳар яке аз онҳо мавридҳои истеъмоли худро доранд, масалан: Ҳами товистон йа *кулваҳак* месохтему беғурватак саромона дурун мекарем (Ш.Т.). *Манзилаки* падарем ба баретон, да унҷа шотим шай шуда хезам (Қ.Т.). Изаттой ба йа *паноҳгоҳ* даркор, укаҳакош яҷоя шуда, созан ҳиҷ гап не, то кайа салту сувайтак мегарад (Д.Т.).

Рӯшан аст, ки вожаи “хонадор” дар забони тоҷикӣ дар ифодаи мафҳуми ”соҳиби хона” омада метавонад. Дар ифодаи мафҳуми “оиладор” омадани ин калима низ дар баъзе мавридҳо ба назар мерасад, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ айнан чунин аст: Хайруллоҷона *хонадор* мекардем, мешуд, баъд беормон мемурдам (Ш.Т).

Инчунин, дар баъзе мавридҳо худи калимаи “хона” дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор сермаъноиро ба худ касб карда, метавонад ба маънои “шавҳар”ояд. Аммо бояд зикр намоем, ки ба ин маъно танҳо ҳангоми аз дунё гузаштани шавҳар танҳо зан корбаст менамояд. Дар ин маврид хусусияти сотсиолингвистӣ касб намудани калимаи “хона” ба назар мерасад, яъне корбурди калима вобаста ба вазъ. Якчанд ҷумлаҳоро ҳамчун мисол дар ин маврид оварда метавонем, аз қабили: Хонаме, хонаме, чува иқа ҷувон рафтие (Ш.Т.). Хонем, агар намемурд номи бевагийа намебардоштам (Д.Т.).

Рӯшан аст, ки ба мисли гӯйиши мардумони дигар мавзеъҳо дар гӯйиши мардуми ин мавзеъ низ синоними ҷуфти “*дару дуд*” ва “*дару девор”* корбаст мегардад, ки сирф хусусияти этнолингвистӣ доранд. Ба пайдоиши ҷуфти синонимии ”дару дуд” калимаи “дар” ва “дуд” нақши калон бозидаанд. Ин калима хеле маънои васеъ дорад, яъне маконе, ки ба он сарро дарун карда метавонӣ, он ҷое, ки хӯрок омода мешавад, дуд мебарояд. Дар рубоиёти мардуми ин мавзеъ низ синоними ҷуфти дару дуд хеле васеъ истифода шудааст:

Ёраки мана мусофир кард ғами дару дуд,
Россия рафту кард бо манак падруд.
Хонаҳаки очешба интизорӣ дорам,
Афсурдаву хастаам аз ғами ёри чашмкабуд.

Ҳангоми оғози кори сохтмон мардҳо калимаҳои “*кори хайр”, “хатмбахшон”-ро* вирди забон меоранд*: Кори хайра* ҳарчи тезтараш тезтар, фундамента, ки рехтем, хешу табора ба ёрдам даъват мекунем (Ш.Т.). Имрӯз отаҳакат *хатбахшона* гузаронданду симетаки хонаи Иззатулоҷона ҳашар кара рехта мондан (Ш.Т.).

Занҳо бошанд дар ин маврид бештар дар нутқашон вожаҳои “*бивисешанбегӣ”, “бивимушкулкушо”,* “*испандкунӣ”*, “*ҷину аҷинабарорӣ” -ро* мавриди истифода қарор медиҳанд: Очи Зиёдулло имрӯз занакоя *бивисешанбегӣ* ҷуғ задагӣ, барои хонаандозӣ Зиёдуллоҷон йа косаҳак умочак андохтаст.

Дар деҳаҳои водии Ҳисор низ ба мисли дигар мавзеъҳо хонаро дастаҷаъмона бо иштироки хешу табор ва ҳамсоягон месозанд. Корбаст гардидани калимаи “ҳашар” то ба итмом расонидани хонасозӣ вирди забони ҳамагон мегардад. Ёрдами хешу табор ва ҳамсоягон бошад, дар ибораи “*дасти ёрӣ дароз кардан*” ниҳон аст. Дар Помир ҳам хона коллективона сохта мешавад ва дар мавриди даъвати хешу табор ва ҳамсояҳо барои ёрӣ расонидан ҳангоми хонасозӣ калимаи ”kiruar”- ро истифода мебаранд [7, с.19]. Албатта, бояд иқрор шавем, ки дар водии Ҳисор низ истифодабарии воҳиди луғавии ”кироя” дар мавриди сохтани хона ба назар мерасад.

Ногуфта намонад, ки баъзе калимаҳоеро, ки дар нутқи мардуми намояндагони шеваи шимолии ин мавзеъ ба назар мерасанд, дар нутқи намояндагони шеваи ҷанубӣ вонамехӯрем, аммо калимаи “кироя” ба ин гурӯҳи калимаҳо дохил намешавад. Масалан: Устоя *кироя* кара то охираки товистон кулваҳака бардошта метониста бошем (Ш.Т.). *Кируя* бкнен устоҳора, наход пултон ба нараса (Т.Ҳ.).

Яке аз амалҳое, ки ҳангоми бардоштани хона ба сомон расонида мешавад ин андова кардан аст. Вожаи “*андова”* низ аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ гирифта, дар луғат ба ҳамин шакл, вале дигар маъно дарҷ гардидааст: *андова*- молаи устодони бано бошад; ва он афзорест бад он гилу гаҷ бар бому девор моланд [6, с.117]. Дар ин мавзеъ инчунин калимаҳои *қавусандова, гиландова, хасандова м*авриди истифода қарор доранд, ки ҳар яке аз онҳо дорои мафҳумҳои хос мебошанд.

Бояд ҳаминро иброз намоем, ки маросимҳои зиёде дар водии Ҳисор гузаронида мешаванд, ки бо рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ иртиботи зич дошта, боиси пайдо

гаштани баъзе аз калимаву истилоҳоти ин соҳа гардидаанд. Масалан, дар ин маврид калимаи “бурёкӯбон” -ро ҳамчун намуна оварда метавонем, ки дар луғат айнан дар ҳамин шаклу маънӣ омадааст: “*Бурёкӯбон* - киноя аз зиёфате бошад, ки дар хонаи нав кунанд” [6, с.197]. Илова бар ин, бояд зикр намоем, ки дар ифодаи мафҳуми “бурёкӯбон” дар аксари ҳолатҳо корбаст шудани вожаи “хонадароён” низ дар гӯйиши мардуми ин водӣ ба назар мерасад: Йа листак пичинак накаретон, духтаро, Ҳамида имрӯз *ханадароён* доштас (Ш.Т.).

Чи тавре дар боло қайд намудем, калимаву истилоҳоти соҳаи бинокорӣ ва сохтмон дар ин мавзеъҳо хеле зиёданд. Зиёдии мавод ба мо имкон дод, ки лексикаи ин бахшро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намоем:

2.4.1.Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи олотҳое, ки дар соҳаи сохтмон истифода мешаванд, метавонанд дар ҳар як лаҳҷа дар шаклҳои гуногун истифода гарданд. Масалан, *танув* (Т.Ҳ.) */ банд* (Қ.Ш.) */ респопча* (Ш.Т.) /, *канав* (риштаи ғафсе, ки тавассути он нақшаи биноро мекашанд)*; лом* (Ч.Т.). / *лъм* (Т.Ҳ.) *каланд* (Ҳ.Ҳ.) */ кетман* (Б.Т.), *болиға* (Ш.Т.) */ малатук* (Ч.Т.) (путк) *бел, теша, тешачаи лойтарошӣ, фона, белчаи лойтиййӣ, искана, зоғнул, чӯбхат, андовачӯб табар, қайроқ/ санги хоро* ва ғайра.

Рӯшан аст, ки аксарияти калимаву истилоҳоти ин соҳа дар забони адабии тоҷик низ айнан дар ҳамин шаклу маънӣ корбаст мешаванд, баъзеашон бо мурури замон ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гаштаанд. Масалан, истилоҳи “*искана”* дар гузашта шакли “*аскана*”- ро дошта, дар луғатҳои пешин низ айнан дар ҳамин шакл оварда шудааст: “*аскана* - авзоре, ки ба форсӣ бирма гӯянд” [9, с.23].

Калимаи “қайроқ” низ дар мавриди сохтани бино хеле зиёд истифода мешавад. Ин калимаро дар баъзе ҳолатҳо ибораи *“санги хоро”* иваз карда метавонад. Муодили калимаи “қ*айроқ*” дар гӯйиши мардуми Бадахшон калимаи “*afson”* ба ҳисоб меравад [8, с.77].

Инчунин, бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар гӯйиши мардуми Қаратоғи водии Ҳисор бошад, калимаи “қайроқ” дар дохили воҳиди фразеологии “нӯлаш қайроқ задагӣ” омада, ба маънои “маҳмадоно, ҳозирҷавоб, сергап” корбаст мешавад.

Дар мавриди истифодаи калимаи “чӯбхат” ҳаминро гуфтанием, ки гарчанде ин вожа баромади хеле қадима дошта бошад ҳам [9, с.81], аммо дар аксарияти ҳолатҳо ба мушоҳида мерасад, ки калимаи иқтибосии русии “*метр”*, ки ба меъёрҳои лаҳҷаҳои мазкур мутобиқ шуда, шакли “митир”-ро гирифааст, бештар дар истифода қарор дорад.

2.4.2. Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи масолеҳи сохтмон: *ров* / *сатун* / *сутун /шоқул* (чӯби, ғафсе, ки барои нигоҳ доштани бино истифода мебаранд)*; гил* / *лой*, *тахта, ров, бомпӯш, зардеворӣ, сементблок, лойблок, мех, бурё, сим, қум, санг, сангча, бетон, семент, гач, тахтасанг*, *қавус* ва ғайра.

Гарчанде муодили калимаи “*тахтасанг”* дар забони тоҷикӣ воҳиди луғавии “парних” ба ҳисоб равад ҳам*,* аммо ба ин шакл дар гӯйиши мардуми ин мавзеъ ба назар намерасад. Истифодабарии ин калима ҳатто дар забони адабии тоҷик низ ба назар намерасад. Танҳо дар луғатҳо дар ин шакл оварда шудааст: *Парних* - бар вазни зарних; тахтасангро гӯянд [6, с.233].

Теъдоди чунин калимаҳо дар забони тоҷикӣ хеле зиёданд, ки бо мурури замон мақому манзалати худро аз даст дода, ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол гузаштаанд. Масалан, дар гузашта калимаи “*қавус”* дар забони тоҷикӣ шакли “анбиа”-ро доштааст, ки ба маънои “ҳалоша ва хошоке, ки баъд аз пӯшидани хона бар бом андозанд, то ба болои он хоку гил резанд ва бияндованд” дар забони тоҷикӣ корбаст мегаштааст [6, с.115].

2.4.3. Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои хона: *айвон* (хонаи калоне, ки дар пеши хонаҳо сохта шишабандӣ карда мешаванд), *шарбатхона* (хонае, ки барои нигоҳ доштани ширинӣ ва шарбатҳо сохта мешавад), *тарабхона* (хонае, ки барои гузаронидани ҷашнҳо сохта мешавад)*, чойхона* (хонае, ки барои нӯшидани ҷой ва истироҳату фароғат сохта мешавад), у*стохона* (хонае, ки дар он ҷо асбобҳоро таъмир менамоянд), *майхона* (шаробхона), *қаҳвахона* (хонае, ки барои фурӯши қаҳва сохта шудааст), *қурутобхона* (хонае, ки барои тайёр намудани қурутоб сохта шудааст*), ошхона* (хонае, ки барои тайёр намудани хӯрокҳо сохта шудааст), *сартарошхона* (хонае, ки барои паст кардани мӯй сохта шудааст), *самбӯсахона* (хонае, ки барои пухтану фурӯши самбӯса сохта шудааст)*, болохона* (хонае, ки дар болои хонаи дигар сохта шудааст), *тагхона* (хонае, ки барои мустаҳкам нигоҳ доштани бинои асосӣ сохта шудааст), *қушхона* (хона барои мусофирон)*, меҳмонхона* (хона барои меҳмонон), *кӯдакхона* (хона барои кӯдакон), ҳезумхона (хона барои нигоҳ доштани ҳезум),

анборхона (хона барои нигоҳ доштани анҷомҳои рӯзгор), *хонаи зимистона* (хона барои зимистонгузаронӣ), *хонаи тобистона* (хона барои тобистонгузаронӣ), *тапакхона / саргинхона / чалмахона* (хона барои нигоҳ доштани саргин)*, хасхона / пахолхона / коҳдон / хошокхона* ва ғайра.

Калимаи *долун* (пешайвон) дар "Луғати шеваҳо" айнан дар ҳамин шакл дарҷ гардидааст [13, с.132]. Дар луғати "Бурҳони қотеъ" муодили истилоҳи "хони товистона" дар шакли зерин оварда шудааст: *парбор* бар вазни ҳар бор; хонаи тобистонаро гӯянд [6, с.226]. Парвора болохонаро гӯянд [6, с.233].

Истилоҳоти *келинхона, домодхона, тӯйхона, қушхона, мурдахона* вобаста ба вазъият ба амал омадааст. Аммо истилоҳоти *"қушхона"* аз асри Х1Х инҷониб дар ин мавзеъ мавриди истифода қарор дорад, ки оид ба ин муҳаққиқ Р. Ҷӯрабоев чунин иборози ақида намудааст: "Дар ҳавлиҳои бисёр давлатмандони деҳа меҳмонхонаҳои калон бунёд карда шуд ва онро" кӯшхона ном мебурданд. Дар "кӯшхона" савдогарони аз кишварҳои дурдаст омада хобу хез мекарданд. Ҳар савдогар мувофиқи муддати истифодаи "кӯшхона" ба соҳиби он ҳақ медод" [13, с.62].

Агар жарфтар ва амиқтар назар афканем, калимаи "анҷомхона" аз ду реша" анҷом" ва "хона" ташаккул ёфта, бояд маънои "хонае, ки дар он кор ба анҷом расонида мешавад" -ро диҳад, зеро маънои аслии калимаи "анҷом" дар луғат "интиҳо ва охири кор" омадааст [6, с.115], аммо дар гӯйиши ин мавзеъ калимаи "анҷомхона" ба маънои "хонае, ки дар он чизу чораро нигоҳ медоранд" корбаст мешавад.

Гарчанде дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор истилоҳи "*хасхона"* мафҳуми "хона барои нигоҳ доштани хас сохта шуда"- ро ифода намояд ҳам, аммо дар луғат маънои он ба тарзи дигар оварда шудааст: "*хасхона* –хонае, ки аз хасҳо созанд" [9, с.91]. Дар ин мавриди ҳам бо вазъи иҷтимоӣ маънои нав касб намудани калимаи "хасхона" ба чашм мерасад.

Мусаллам аст, ки аксарияти калимаву истилоҳоти соҳаи сохтмонро калимаҳои иқтибосӣ, махсусан иқтибосии русӣ- аврупоӣ ташкил медиҳанд. Дар гӯйишҳои ин мавзеъ дар айни замон ба ҷойи калимаи *"айвон*" калимаи иқтибосии "*балкон"* мавриди истифода қарор дорад, ки дар назари мо решаи ин калима ба калимаи форсии қадимаи "*болкона*" - бар вазни осмона рафта мерасад; даричаи мушаббакеро гӯянд, ки тилло ва ё нуқра ва амсоли он, ки аз даруни хона берунро тавон дид ва аз берун дарунро тавон дид; ва баъзе гӯянд *болкона* ба маънии шабака аст; ниҳояташ он ки аз оҳаку биринҷ ва ғайра бошад болкона хонанд ва он чи аз чӯбу устухон ва амсоли он бошад панҷара гӯянд [6, с.149].

Калимаи "лойчӣ" дар баъзе мавзеъҳо дар шаклҳои "лойзан" ва "гилкор" маъмул аст. Муҳаққиқ Ҳ. Бурҳонова ин калимаро гуногунмаъно меҳисобад. Ӯ мегӯяд: "Гилкор гуфта, на фақат андовачӣ, похсачӣ, лойчӣ (умуман касоне, ки фаъолияти худро аз лой сар мекунанд ва ин зинаро гилкорӣ меноманд)" [2, с.71].

2.4.4. Калимаву истилоҳоти ифодакунандаи навъҳои хона: *хонаи сангин, хонаи қамишӣ, хонаи чӯбин, хонаи лойӣ, хонаи хиштин, хонаи симентблокӣ, хонаи лойблокӣ, хонаи пластикӣ* ва ғайра.

2. 4. 5. Номи ашхоси бинокор: усто, нақшакаш, тановкаш, сангчин, симентшӯрон, овкаш,: *сементрез, хиштрез, хиштчин, деволзан, лойшӯрон, андовачӣ, шкатуркачӣ / қумшивоқчӣ, шифирпӯш / шифирзан, паталокзан, ровзан* ва ғайра. Муҳаққиқон М.Маҳмудов М. ва Ғ. Ҷӯраев калимаҳои "лойгар" ва "лоймон"-ро марбут ба лаҳҷаи Китоб меҳисобанд [5, с.176].

2.4.6. Амалҳое, ки ҳангоми сохтани хона ба сомон расонида мешавад: *тарошида, ноторошида, қумшувоқкара, андовакара, тегискара, симентшакида* ва ғайра.

Аз таҳлили мавод бармеояд, ки лексикаи соҳаи сохтмон як қисмати калони лексикаи лаҳҷаҳои водии Ҳисорро ташкил медиҳад. Онҳо ҳам калимаҳои лаҳҷавӣ, ҳам калимаҳои иқтибосӣ ва ҳам калимаҳои умумиистеъмолӣ буда метавонанд. Аксарияти калимаву истилоҳоти ин бахш аз давраҳои аввали рушди забонамон маншаъ мегиранд. Инчунин, натиҷагирӣ намудем, ки қисми зиёди калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми сохтмон ва меъморӣ дар гӯйиши ин мардум сермаъноиро ба худ касб намудаанд.

Муқарриз: Назарзода С. – д.и.ф., профессор, АМИТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева, Г.З. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ / Г.З. Абдуллоева. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 190 с.

2. Бурханова Х. Лексика гончарного производства в таджикском языке / Х. Бурханова – АКД. - Душанбе, 1982. - 24 с.
3. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна Китоби 1 / Б.Ғ. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1983. – 701 с.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. - 242 с.
5. Маҳмудов М. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1997. – 287 с.
6. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. / Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. - Душанбе: Адиб, 1993. – 280 с.
7. Некушоева Ш.С. Этнолингвистическое и сравнительное освешение предметно- бытовой лексики шугнано рушанской группы памирских языков: дис. канд. фил... наук / Ш.С. Некушоева. - Душанбе, 2010. – 162 с.
8. Розенфельд А.З. Заметки по лексике Ванчских говоров таджикско языка / А.З. Розенфельд // Иранский сборник. - М., 1963. - С.68-80 .
9. Сирочуддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят / Орзу, Сирочуддин Алихон. – Душанбе, 1992. - 238 с.
10. Трофимова Н.А Русская специальная лексика строительсива:теминографичкский аспект / Н.А. Трофимова // Вестник Томского унверситета. Языкрзнание и литературоведение. – Томск, 2022. – №1(219). – С.23-32.
11. Ҳалимова С.Ш. Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ / С.Ш.Ҳалимова. – Душанбе: Маориф, 1999. - 152 с.
12. Ҳусейнов Ҳ. Забон ва услуби “Одина” и устод Айнӣ / Ҳ.Ҳусейнов. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 254 с.
13. Ҷӯрабоев Р. Диёри шоир / Р. Ҷӯрабоев. - Душанбе, 1991. - 225 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 1. - Душанбе, 2016. – 516 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 2. - Душанбе, 2020. – 431 с.

ҶАНБАҲОИ ЭТНОЛИНГВИСТИИ ЛУҒОТИ СОҲАИ СОХТМОН ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Дар мақола оид ба луғоти соҳаи сохтмон сухан меравад. Зикр гардидааст, ки навъҳои фаъолияти одамон санъати хонасозӣ ва сохтмон маҳсуб ёфта, таърихи хеле қадима дорад. Муаллиф иброз менамояд, ки дар нутқи мардуми водии Ҳисор дар ифодаи мафҳумҳои сохтмон калимаҳое корбаст мешаванд, ки аз даврaҳои пешини рушди забонамон маншаъ мегиранд. Масалан, истифодабарии калимаву истилоҳоти бино, чавкандӣ, дарбича, бинии дар аз ин шаҳодат медиҳанд. Дар мақола зикр шудааст, ки худи мафҳуми “хона”- ро дар ин мавзеъ калимаҳои кулба, манзил, панаҳгоҳ иваз менамоянд. Инчунин, калимаи хона дар нутқи мардуми ин мавзеъ сермаъноиро касб намудааст. Дар ифодаи мафҳуми хона дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор синонимҳои ҷуфт низ мавриди истифода қарор мегиранд, ки синоними ҷуфти “дару дуд” ва “дару девор” намунаи онҳост. Муаллиф исбот карда тавонистааст, ки маросимҳои зиёде дар водии Ҳисор гузаронида мешаванд, ки бо рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ иртиботи зич дошта, боиси пайдо гаштани баъзе аз калимаву истилоҳоти ин соҳа гардидаанд, ки ба ин калимаи “бурёкӯбон” мисол шуда метавонад ва айнан дар ҳамин шакл омадааст. Муаллифи мақола ҳангоми таҳлили мавод ба хулосае омадааст, ки лексикаи соҳаи сохтмон як қисмати калони лаҳҷаҳои водии Ҳисорро ташкил медиҳад. Онҳо ҳам калимаҳои лаҳҷавӣ, ҳам калимаҳои иқтибосӣ ва ҳам калимаҳои умумиистеъмолӣ буда метавонанд.

Калидвожаҳо: луғот, сохтмон, лаҳҷа, шева, водии Ҳисор, калимаҳои иқтибосӣ, калимаҳои лаҳҷавӣ, калимаҳои умумихалқӣ, синонимҳои ҷуфт.

ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ СТРОИТЕЛЬНОЙ ЛЕКСИКИ В ДИАЛЕКТАХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

В статье говорится о лексике строительной отрасли. Отмечается, что виды человеческой деятельности, считающиеся искусством домостроения и строительства, имеют очень древнюю историю. Автор отмечает, что в речи жителей Гиссарской долины слова, используемые для выражения понятий, восходят к предшествующим периодам развития нашего языка. Об этом свидетельствуют, например, употребление слов и терминов бино (дом), чавканди (навес), дарбича (дверь), бини дар (ручка от дверей) и т. д. В статье упоминается, что само понятие «дом» в данном месте заменено словами «кулба-хижина», «манзил-жилище», «панаҳгоҳ-убежище». Также слово «дом» приобрело множество значений в речи жителей этой местности. Также в статье указывается, что при выражении понятия «дома» в говорах Гиссарской долины также используются парные синонимы. Автору удалось доказать, что в Гиссарской долине проводится множество обрядов, тесно связанных с развитием строительства и архитектуры, что привело к появлению некоторых слов и терминов в этой области. Примером может служить слово «бурёкобон», которое употреблено именно в такой форме. Автор статьи, анализируя материал, пришел к выводу, что лексика строительной отрасли составляет большую часть диалектов Гиссарского ущелья. Это могут быть диалектные слова, слова-цитаты и общеупотребительные слова.

Ключевые слова: лексика, строительство, говор, диалект, Гиссарская долина, заимствованные слова, диалектные слова, общеупотребительные слова, парные синонимы.

ETHNO-LINGUISTIC ASPECTS OF CONSTRUCTION VOCABULARY IN DIALECTS OF THE GISSAR VALLEY

The article talks about the vocabulary of the construction industry. It is noted that the types of human activity that are considered the art of house building and construction have a very ancient history. The author notes that in the speech of the inhabitants of the Gissar Valley, the words used to express concepts go back to previous periods in the development of our language. This is evidenced, for example, by the use of the words and terms bino (house), chavkandi (canopy), darbicha (doo). The article mentions that the very concept of “house” in this place is replaced by the words “kulba-hut”, “manzil-dwelling”, “panahgoh-shelter”. Also, the word "house" has acquired many meanings

in the speech of the inhabitants of this area. The article also points out that when expressing the concept of a house in the dialects of the Gissar Valley, synonyms of a couple are also used. The author managed to prove that in the Gissar Valley many rituals are performed, closely related to the development of the field of construction and architecture, which led to the emergence of some words and terms in this area, which can serve as an example of the word "buryokobon", which is in this form. The author of the article, analyzing the material, came to the conclusion that the vocabulary of the construction industry makes up most of the dialects of the Gissar Gorge. These can be dialect words, quotation words and commonly used words.

Key words: vocabulary, construction, dialect, dialect, Gissar valley, borrowed words, dialect.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, к.ф.н., доцент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Information about the author: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** – Tajik International University of Foreign Languages named after S.Ulughzoda, candidate of Philology, associate Professor of the Department of Tajik language. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev Str., 17/6. Phone: **(+992) 917-11-64-26**

УДК: 491.550

БАРРАСИИ МУРОДИФОТИ ЛУҒАВӢ ДАР ДОИРАИ КАЛИМАҲОИ ХОССИ ШЕВА

Раҳматуллозода С.Р., Қурбонов С.
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калима вобаста ба табиати лаҳҷаҳо ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор шуда, дар ин замина навгониҳои забон дар забони зиндаи халқ муайян карда мешаванд. Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ масъалаи муродифоти луғавӣ ҳамоно таҳқиқталаб ба назар расида, дар доираи имконоти маъниофаринии ҳиссаҳои нутқ таснифоти ин мавзуъ муҳим мебошад. Калимаҳои гуногуншакли ҳаммаъноро муродиф меноманд, ки онҳо «бо тобишҳои маъноӣ, мавқеъ ва дараҷаи истеъмолашон фарқ мекунанд» [1, 293]. Дар забоншиносии тоҷик хусусиятҳои муродифҳоба таври васеъ баррасӣ шудааст [ниг.: 8; 9; 10]. Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар тасниф ва таҳқиқи муродифот «қонуниятҳои зиёди мавҷудият ва истеъмоли ин категорияи ниҳоят муҳимми забон, ба хусус хосиятҳои фарқноки он, гурӯҳбандӣ, тафовут ва умумияти он аз вариантнокӣ, синонимияи воҳидҳои нутқ ва масъалаҳои монанди инҳо таҳқиқ нашудаанд»[9, с.75].

Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ низ ба омӯзиши муродифоти луғавӣ ва хусусиятҳои забонии онҳо асару мақолаҳои зиёд бахшида шудаанд[2; 3; 4; 5; 6; 12]. Баъзе омилҳо дар омӯзиши хусусиятҳои забонии муродифоти луғавӣ дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ мушкилӣ пеш меоранд. Ин нуктаро профессор Ш. Исмоилов чунин қайд намудааст: «аз як тараф, набудани адабиёти кофӣ доир ба ин масъала, аз тарафи дигар, то ҳол ба вуҷуд наомадани луғатҳои умумӣ ва хоссаи шевагӣ муайян намудани сарҳади калимаҳои синонимӣ, гунаҳо ва ҳодисаҳои синонимшавии ин калимаҳоро дар лаҳҷа душвор месозад» [7, с.246]. Таҳқиқи муродифоти луғавӣ дар доираи калимаҳои хоси шева мавзуи нав буда, дар мақола ба таври мухтасар баъзе хусусиятҳои муродифоти луғавиро дар асоси маводи тоҷикони ҳавзаи Сурхондарёи Ӯзбекистон ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ баррасӣ менамоем.

Дар асоси маводи мавҷуда муродифоти луғавиро асосан дар доираи се ҳиссаи нутқ (исм, сифат ва феъл)тасниф ва таҳқиқ намудем:

1. Муродифоти луғавии исм. Имконоти луғавию грамматикии исм нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ васеътар буда, дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои хоси шева муродифи зиёд доранд. Ба андешаи профессор С.Раҳматуллозода “Вожаи **хеш** чандин муродиф дорад. Калимаҳои **қавм, авлод, кънда, пъшт, реша, тъхм, камар, бех, вандо, зуйрот // зуйрод // зурйот // зърйот, гъзаштагон // гъзаштагийо,соҳибдарак // соҳивдарак, хешованд**, **хешътавор** ва ғайраҳо морфемаҳое мебошанд, ки дар ҳолатҳои услубӣ метавонанд калимаи «**хеш»-**ро иваз кунанд ва ҳудуди интишори онҳо тамоми шеваҳоро фаро гирифтааст»” [12, с.26].

Калимаи **сартӯла, тумса** (Сина), **сарнъхсин** (Шугнов) дар ифодаи фарзанди аввал корбаст мешаванд, барои ифодаи калимаи **чабера** калимаҳои **абоса, кафера, натеҷа, фарҳаваса, фирънваса** ба кор бурда мешаванд.

Вобаста ба ҳудуди интишор бо калимаҳои хоси муродифоти бештар пайдо мекунанд. Ба таври мисол, калимаи **бълуна** (Порвор) // **бънлов** (Куглик) // **бънлод** (Қӯшағба) дар ҷануб ба маъниҳои таҳкурсӣ ва маросими хонасозӣ меояд. Дар Хуфар калимаи **кандук** ба маънии зербинои хона корбаст шуда, ин калима дар Тӯда ба маънии **канаб, канабдона** низ меояд.

Бояд қайд намоем, ки дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда пасмондаи хӯрок бо калимаҳои зиёди лаҳҷавӣ ифода мешавад: **залла//зала** (Вахёии қаротегинӣ); **йунти́**(Тӯда); **ишки́** (Боймиш) // **шъшки́** (Ёзғанд) // **шушки** (Қӯрғонча); **кънъск** (Вахёии қаротегинӣ); **луҳидан** (Дараи Ниҳон) **пӯла** (Сина); **койида** (Ҷанубӣ Қӯлоб); **бӯза** (Бойсун); пучкари́ (Қӯрғонча); **бача;**(Ёзғанд, Самсолиқ, Ғеш); **ғарфа** (Ҷанубӣ Кӯлоб); **нимхоч** (Луғмон, Ҳакимӣ). Корбасти калимаҳои хоси шева барои ифодаи хӯрок, анвои хӯрданиҳову зарф ва асбобҳои нигаҳдории хӯрока назаррас буда, дар гӯйишҳои таҳқиқшаванда як навъи хӯрок, масалан **атола**, вобаста ба маҳалли интишор, урфу одати мардум ва масолеҳи дар он истифодашаванда даҳҳо номи хос пайдо мекунад: **гарсуз** (Кангурт, Ховалинг);**умоч** (Қаротегин, Қӯрғонча); **ҳадир** (Шулмак); **зириков** (Капалӣ); **зичбат** (тоҷикони Вахон); **кочи́** (Қаҳдара); **тъхмбат** (Бадахшон); **ҳавлотилтак** (Ёхсу, Ховалинг); **делачай** (Сина); **ҳалилоб (**Бойсун**)** ва ғ.

Дар доираи калимаҳои хоси шева ташаккули воҳидҳои луғавӣ заминаҳои лингвистию ғайрилингвисӣ доранд. Ба таври мисол, калимаи ҳақорат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо калимаҳои адабии китобии **хӯрӣ** (Бойсун, Ҳакимӣ) ва **дъшном** (гӯйишҳои ҷануб) ифода мешавад. Калимаи **хӯрӣ** дар шакли **ҳора** (Навдеҳ) ба кор бурда мешавад.Тобишҳои нави маъноӣ пайдо кардани калимаҳо як зинаи ташаккули воҳидҳои луғавӣ ба шумор меравад [ниг.:8, 22]. Феълҳои **навохтан** (Ялдамич) // **фълохундан** (Ҳичборак) дар ифодаи ҳақорат ба кор бурда мешаванд. Имрӯз дар забони адабӣ ҷойи калимаи аслан тоҷикии «хорӣ»-ро калимаи арабии **ҳақорат** гирифтааст. Дар лаҳҷаҳои ҷанубмуродифи он калимаи қадимаи **дашном** аст, ки ба қатори калимаҳои асили тоҷикӣ шомил мебошад. Дар лаҳҷаҳои Ҳакимӣ, Кӯлдара ва Қӯрғонча ин калимадар ифодаи ҳақоратистифода мешавад: *Хори́ба тъ вори́ мусъфед мезева-у?* (Ҳакимӣ) – Ҳақорат ба ту барин шахсони мӯйсафед оё мезебад?; *Мо-ра задан гуфта хори́ метан аврато*(Кӯлдара) – Занон «моро заданд» гуфта, онҳоро ҳақорат карданд;*Уно қад ба қад шуда йакдиге-шон-а хӯрӣ кардан* (Қӯрғонча) – Онҳо даст ба гиребон шуда, якдигарро ҳақорат карданд.

Дар осори Анварӣ ин шаклро мебинем:

Ҳон, эй санам, хорӣ макун морову озоре макун,
Оё, биё, боре макун, то дарди сар дорам туро [17, с.495].

Румӣ низ калимаи мазкурро ба ҳамин маънӣба кор бурдааст:

Ки маро пеши ҳашар хорӣ кунӣ,
Рӯзи равшан бар дилам торӣ кунӣ [14, с.401].

Муродифи он, калимаи ***дашном*** аз воҳидҳои серистеъмоли лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба ҳисоб меравад: *Дашном-уш кънен, ки қимат нафруша* (Дҷ.) – Ӯро ҳақорат кунед, то маҳсулоташро бо нархи гарон нафурӯшад.

Ин калимаи куҳантаърих дар осори шоирони классик фаровон истифода шудааст:

Ба душноми зишту овози сахт,
Ба тундӣ бишӯрид бо шӯрбахт [17, с.408].

Калимаҳои адабии китобӣ дар лаҳҷаҳо мавқеи муҳим дошта, муродифоти луғавии онҳо вобаста ба маҳалли корбаст васеъ мегардад. Калимаи **кашк**дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ номи таомест, ки аз кӯфтаи (ярмаи) лӯбиё, нахӯд, гандум ва каллаву поча тайёр мекунанд: *Гандъм-а чъкида кашк медозем* (Лахш) – Гандумро хуб кӯфта, баъдан кашк омода месозем; *Гандъми нимколапази шахнашида-ай, дълмъл-а месузунъм-ъ кашки савз менем* (Қаҳдара) –Гандуми нопухтаро бирён намуда, кашки сабзранг мепазем.Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои Бойсунба маънии таоме меояд, ки аз гандуму гӯшт ва равған тайёр мекунанд: *Дартқам кашк-а мехӯрам* (Дарбанд) – То сер шудан кашкро мехӯрам; *Оч-еш кашкойи бобойи́ мепухт-ай* (Қӯрғонча) – Модараш бисёр кашки бомаза мепухтааст ва ғ.

Ин калима муродифҳои луғавии зиёдро дар лаҳҷаҳо дорост. Ба таври мисол, Раҳматуллозода чун кашк истеъмол шудани калимаи танираро дар Дарвоз зикр менамояд:«**танира** – хӯрок, ки аз омехтаи гандуми кӯфта, чакка, қаламфур, мурч тайёр мешавад ва онро хушк мекунанд, дар зимистон онро тар карда мисоли кашк истеъмол мекунанд» [12, с.56].

Исмҳоитаърихии **ҳанг** ва **фара** дар ифодаи маъноӣқаробат дошта бошанд ҳам, гунҷоиши маъноии калимаи ҳанг васеъ ба назар мерасад.Дар лаҳҷаҳо бо гузашти вақт маъниҳои зиёди ин калима аз байн рафта, ба маънии қуввату дармон омадани он маъмул аст. Дар лаҳҷаҳои ҷануб корбасти онҳо чунин шарҳ ёфтааст: “Калимаи мазкур дар лаҳҷаҳои дигар (махсусан, гурӯҳи Кӯлоб, Қаротегин,вахиёи-қаротегинӣ) бо воҳиди луғавӣ фара иваз мешавад, ки он ҳатто дар худи Файзобод ҳам истисно нест. Масалан, чунин ҳолат мушоҳида шуд, ки намояндаи шева ҳам “ҳанг надоръм” ва ҳам “фара надоръм” мегӯянд. Ё худ ҳолатҳои аз калимаҳои “ҳанг” ва “фара” ба воситаи префикси бе- баробар сохта шудани сифатҳо (ҳамчун беҳанг-бефера ба маънии“беқувват”, “заиф”) ба назар мерасад. Умуман, калимаи ҳанг ба зами маҳдуд будани территорияи интишораш дар айни як мавзеъ ба муродифи худ барҳӯрда, аз бобати истеъмол ҳам мавқеи худро суст кардааст” [19, с.101].

Бояд қайд намоем, ки дар лаҳҷаҳои Бойсун низ ба маънии қуввату дармон омани онро мушоҳида намудем: *Хами Дароз-а ра-ш одам-а ҳанг-аш-а меканона* (Қӯрғонча) – Роҳи Хами Дароз ҳанги одамро меканад. Дар гӯйишҳои ҷанубӣ калимаи фара бештар дар ин маънӣ ба кор бурда мешавад: *Фарайи ай ҷо хестан надор-ум* (Даштиҷум) – Қуввати аз ҷой хестан надорам.

Омӯзиши муродифоти луғавӣ дар доираи калимаҳои адабии китобӣ ҷолиб буда, дар ин замина калимаҳои асил ҳуқуқи ба забони адабӣ ворид шудан доранд.

Калимаҳои хоси шеваи ифодагари асбобҳои мусиқӣ низ дорои як қатор хусусиятҳои забониянд. Калимаи **тула** ба маъниҳои ҷарима (Ярхаб); таҳхона (Мискинобод); ғарами ҳезуму санг (тоҷикони Вахон)омада, дармонтақаи Кӯлоб муродиф бо асбоби мусиқии **най** мебошад. Барои ифодаи калимаи най инчунин калимаи **тутак** дар аксари лаҳҷаҳои мавриди назар корбаст шуда, ин калимаба маъниҳои банди даст; номи беморӣ низ меояд. Барои ифодаи найи хурдшакл калимаи **дуду́** (тоҷикони Ишкошим) низ ба кор бурда мешавад.

Калимаҳои шеваи ифодагари мафҳумҳои тиббиву биологӣ муродифҳои зиёд доранд: **зуком**– *кезик* (Файзобод); *сурон* (Қӯрғонча); *сарору* (Вахё); **ҷоғ**–*алъхша* (Лахш, Пилдон); *анголак* (Қӯрғонча, Сина); **девона** – *тареле* (Қалъанак); *аксавара // акъсвара* (Қаротегин) ва ғ.

Дар лаҳҷаҳо калимаҳо муродифоти зиёди луғавӣ пайдо мекунанд, ки як роҳи ташаккули онҳо калимасозии мураккаб ба шумор меравад.Як қатор калимаҳои мураккаб мавҷуданд, ки онҳо аз ҳамнишинии калимаҳои мустақилмаънои забон ва ҷумлаҳои сода ба вуҷуд омадаанд. Дар таркиби луғати хоси шева ин навъи калимаҳо зиёд нестанд. Онҳо аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ,бештар исм сохта шудаанд: **шеркъшо** (Боймиш) байтбарак, як навъи бозии бачагон; **бадраф** (Даҳана) ҳоҷатхона;**нимбош** (Зелолак) навъи бутта; **шопаланг** (Данғараи Боло) чорпаҳлу, китфвасеъ; паҳлавонҷусса; **котабанд** (Порвор) афзори ороише, ки занон ба пешонӣ мебанданд; **мисрон** (Қазноқ) оҳани дарози паҳннӯг; **пинадуз** (Анҷироб) куҳнадӯз, дарбеҳгар; **бодрӯв** (Сина) барфтӯдаи дар натиҷаи шамолу тундбод пайдошуда; **борпуша // борпӯш** (Ховалин, Қӯрғонча) сӯзанӣ, матои махсус гулдӯзӣ шуда; **арқадор** (Сина) бемори саръ; **бурчин** (Мискинобод) парандаи ваҳшӣ ва ғ.

2. Муродифоти луғавии сифат. Калимаи **хароб** (лоғар) муродифи зиёди лаҳҷавӣ дорад: ***адашқа*** (Ховалинг) –ба маънии **одами хароби сиёҳи бадафт**; ***ирмонак; рикка***; ***тотаринг; муррук*** (Қӯрғонча); ***лок*** (Сарихосор); **чуркак** (Сина);***чакал*** (Дараи Мазор); ***чалфас*** (Навдонак); **рък** (Даҳана) газгӯшт, лоғар.Бар замии ифодаи мафҳуми **хароб** (лоғар) калимаи ***чакал***дар лаҳҷаҳои Қаротегинӣ ба маънии ***замини корами наздиҳавлигӣ***, калимаи ***чалфас*** дар аксари гӯйишҳои ҷанубӣ ба маъниҳои ноуҳдабаро, чиркин, беодоб ва ғ. истифода мешаванд.

Барои ифодаи калимаи **фарбеҳ** низ дар лаҳҷаҳо муродифоти зиёди лаҳҷавӣ корбаст шудаанд: **дабанг**(Бойсун); **дула** (Файзобод) – нисбат ба шахси фарбеҳи лундаи қадпаст; **манг** (Қӯрғлнча); **фърачов** (Порво, Ёл); **ғелаҳак** (Хумдон) –кӯдаки тануманд (фарбеҳ); **ғърсумба** (Ховалинг); **қърма** (тоҷикони Вахон); **ламбака** (Ғорон); **търсък** (Доғистон);**фадул** (Сариғор); **фатул** (Ғиҷовак) ва ғ.

Маводи гирдовардаамон аз он далолат медиҳад, ки ифодаи аломатҳои манфии мансуби инсон дар лаҳҷаҳо мавқеи устувор доранд ва нисбат ба аломатҳои мусбии инсон онҳо зиёдтар корбаст мешаванд. Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ муродифи адабии ин гурӯҳи луғавӣ камистеъмол мебошад. Барои намуна чанд мисол аз лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқ меорем:**аламон // аламон:** *дузди аламон* (Дараи Турбат) роҳзан; **босаҳма** (Ғеш) муболиғ, воҳимагар; **алас** (Ховалинг) саросема; **бахтак** (Хумдон) айёр, маккор, шайтон; **бушранг** (Порвоғ) ноуҳдабаро; **тъмса** (Балҷувон) одами якрав; **чалов** (Зарчаҳо)одами маккор; **пълох** (Сариғор) пиразани шаттоҳ (ҷангара); **галбарс** (Дараи Ниҳон) кундфаҳм, кудзеҳн; **панг** (Лахш) кундзеҳн, камфаҳм; **бъранг** (Кангурт) // **буранг** (Қӯрғонча) маиб (нисбат ба одам ва ҳайвон); **салтанг** (Ховалинг) бепарво, бекор; **кърух** (Қ.) гӯши хурд ва ба сари одам часпида; **ситагал** (Кулумбаи Боло) ифлос, чиркин;**веҳстанг // вестанг** (Ёхсу) ҳимматпаст; **гавр** (Зиракӣ) габр, якрав;**гизала // газила // гизела** (Кӯлдара) бадҷаҳл, бадхашм;**гоҷала** (Яғоғлик) гоҷ,пургӯй; **кавда** (Ёл) пургӯй; **качак** (Муминобод) сергап, пургӯй;**лақва** (Дараи ниҳон) пургӯй, сергап; **ғаттод** (Дарбанд) бадҷаҳл, бадхашм; **ғумор** (Сина) ноуҳдабаро; **доғди́**(Сина) бекорхӯҷа; **ирбат** (Қӯрғонча) безеб; **калпанг** (Анҷироб) ландаҳӯр; **лавда** (тоҷикони Бадахшон) бекорхӯҷа, ёвагард; **канос** (Ғорон) хасис, мумсик, чашмгурусна; **кърът** (тоҷикони Бадахшон) хасис, мумсик, чашмгурусн; **чафтал** (Коррез) // **шафтал** (Қ.) танбал, коргурез; ноуҳдабаро, фориғбол; хасис;**ормоли́** (Бойсун) ноумед; **лумса** (Бойсун) фарбеҳ;**лалуқ** (Бойсун) ноуҳдабаро; **муҳмал** (Бойсун) ноуҳдабаро; **шалтанг** (Дарбанд) ноуҳдабаро; **фъшк** (Ғелот) // **фъштък** (Боймиш) пучуқ; бинипачақ;**есар** (Бойсун) фаромӯшхотир; **сайқу** (Бойсун) дайду, ҳарҷогард;**канак** (Бойсун) чашмгуруснагӣ; **саноч** (Қӯрғонча) гурусначашм; **паторина**

(Ёл, Порвор) хасис, мумсик, гурусначашм; **кулангӣ́** (Карш) ғӯладинг; зиштрӯй; **лавлавӣ́**(Сина) фиребгар; каззоб; **лавлода** (Сина) қаллоб, фиребгар; **лавло** (Ховалинг) танбал; **ҳапалак** (Гурдхам) муфтхӯр, коргурез; **ҳатул** (Даҳани Шол) марди тануманди коҳил; **ҳорум** (Сина) танбал, муфтхӯр; **фатфала** (Ховалинг) безурёт; **лоҳаз** (Қӯрғонча) танбал; **шапаланг** (Қӯрғонча) ноуҳдабаро; **муҳмал** (Бойсун) ноуҳдабаро; **лакка** (Қӯрғонча) сода, гаранг; **лода** (Наврӯҳо) гаправ, суханрав; **маланг** (Фатҳобод) бепарво, фориғбол; **папар** (Ёл, Порвор) девонаавзоъ; **лаалун** (Анҷироб) хаста, шалпар, монда; **пархата** (Зарангак) девонавазъ; **съри́** (Хоҷағалтон) девонаавзоъ; **фатела // фатила** (Ёхсу, Ховалинг) фориғбол, бепарво; даҳаняла; **фисмуқ** (Сина) мулоимхунук; **турмуч** (Кӯлдара) бараҳна, луч;**фадул** (Ёл, Порвор, Сариғор) // **фатул** (Зарчаҳо) фарбеҳ; ландаҳур; фаҳӯл; танбал, коргурез; **фисфисак** (Сина) дамдузд, хапак; **ҳакари́** (Қӯрғонча) худхоҳ, худсито; **ҳамхър** (Ярхаб) бахил, ҳасуд, нотавонбин; **ҳарина** (Ховалинг, Қӯрғонча) якрав;**чадък** (Самсолиқ) зиштрӯй, бадафт, безеб; **чуғӯл** (Сина) хабаркаш; **ховач** (Лахш) жӯлида, пахмоқ; парешон; **ҷъртък** (Учқӯл, Кангурт) маҳмадоно; сабукфикр ва ғ.

Дар лаҳҷаҳои мазкур калимаҳои ифодагари аломати инсон фаъол ба назар мерасанд ва онҳо бо тобишҳои нозуки маъноӣ, инчунин доираи васеи муродифотӣ азмуодилиадабиихуд фарқ мекунанд. Андешаи муҳаққиқ А.Раҷабов қобили қабул мебошад, ки "Синонимҳо вобаста ба теъдоди калимаҳои ҳаммаъно ва наздикмаъно силсилаи синонимиро ташкил медиҳанд. Дар силсилаҳое, ки аз ду ва зиёдтар калимаҳо ба ҳамдигар синоним шудаанд, яке аз онҳо дар муҳити шеваи ҷанубӣ ба сифати сарсилсила ё доминант эътироф мегардад. Масалан, дар ин силсила калимаи арабии **аҳмақ** нисбат ба муродифҳои арабию тоҷикии худ бештар фаҳмо, серистеъмол ва барои ифодаи матлаб мувофиқтар мебошад ва доминант ё сарсилсилаи зерин эътироф ёфтааст: **аҳмақ –** аблаҳ – гӯл – нодон –бетамиз – кундфаҳм [13, с.59].

Калимаи **нодон** муродифоти зиёди луғавӣ дорад: **абох** (Войдара); **авла** (Қаҳдара); **калпанг // карпанг** (Қаротегин); **мазабър** (Ёл); **пакар** (Зиракӣ); **пук** (Хиҷборак); **пълелък** (Порвор); **фаҳ** (Сина); **галдир** (Файзобод; Қӯрғонча); **кавдон** (Зарчаҳо); **носипо** (Ховалинг); **фарт** (Сариғор) ва ғ.

Ин калимаҳо дар навбати худ вобаста ба маҳалли истифода ва мавқеи нутқ маъниҳои дигар низ доранд. Масалан, калимаи ***пакар*** дар лаҳҷаҳои Бойсун ба маънии **хаста шудан** низ корбаст мешавад; калимаи ***авла*** дар лаҳҷаи Лангари Шоҳ шакли ба тағйироти фонетикӣ дучоршудаи***обила*** мебошад; калимаи ***пук*** дар қисамати ғарбии Кӯлоб ба маънии ***коҳмайда*** ва дар Кулумбаи Поён ба маънии ***пири фартут*** меояд. Ин ҳадди охири маъниофарини калимаҳои мазкур намебошад. Дар лаҳҷаҳо вобаста ба табиати гӯйишҳо ва омилҳои дигари забонӣ калима тобишҳои нави маъноӣ пайдо мекунад.

Истифодаи сифатҳо дар лаҳҷаҳои тоҷикони Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ дар муқоиса ба муродифоти умумихалқӣ ва адабии худ устувор ба назар мерасанд: **ғаба** (Қӯрғонча) серриш; **ғавдал** (Коррез) // **ғабдал** (Тути Сиёҳак) маҷақ, пачақ; (Доробӣ) зич, анбуҳ; **ғайбар** (Қӯрғонча) бузург; **ғапа** (Чавроғи Боло) вайрон, вайрона, хароба; **ғижда** (Ҳакимӣ, Ҳасандара) ниҳоят, беҳад; **ғирбод** (Қӯрғонча) бузург, калон; **ғудали́** (Ховалинг) хӯшаи дондори ҷуворимакка; **ғул** (Дараи Ниҳон) камар; **ҷағал** (Қаротегин) душворбаро; **ҷағат** (Дуоба) қуллаи баландтарин ва касногузари кӯҳ; // **ҷағад** (Роғ) ҷангара ва ғ.Дар лаҳҷаҳои таҳқиқшаванда калимаҳои **ғапа** (Вахёии қаротегинӣ// **ғърамба** (Шимоли Кӯлоб); **кълета** (Обигарм) // **кындора** (Вағлел) // **калот** (Яхакпаст) ба маъноҳои хароба, вайрона, ҷойи фурӯрафт истифода гардида, ин калимаҳо дар минтақаҳои дигар маъноҳои дигар низ доранд. Аз омӯзиши маводи лаҳҷаҳо бармеояд, ки бештари калимаҳои хоси шева муодили адабии худро доранд.

Ифодаи ранг бо калимаҳои хоси шева назаррас аст: **латак** (Қӯрғонча) сиёҳ; **хинг** хиратоб; **сийала** (Ғорон) алобуло; **талғир** (Қаротегин,Қӯрғонча) ранги ҷигарии моил ба сиёҳӣ; **талон** (Даҳана) ранги аспи хокистарранги холдор; **пуштигул** (Булоқсайдон) гулобӣ; **бъҷилгун** хокистарранг; **зарлем // зардлем // зардлим** (Сарой, Сесанга) зардча, зардтоб; дар Бойсун **зардтағма**; **бӯрта** (Бойсун) малла ва ғ.

3. Дар лаҳҷаҳомуродифоти луғавӣ дар доираи феълҳо фаровон ба назар мерасад, ки таҳқиқи онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ба таври мисол, барои ифодаи феъли ***тарсидан*** ин воҳидҳои луғавии хоси лаҳҷаҳоба кор бурда мешаванд: **зъръмбидан:** *Ай ота-ш қадди́ аҷал* ***мезъръмбидай*** (Мингичар); **кебидан** (Куҳнабой); **пъркидан:** *Ай гърг* ***пъркид-ай,***

меларза (Лағмон); **рамидан:** *Ман хов бъдъм,* ***рамида*** *бедор шидъм* (Ёхсу);**ҳурмидан:** *Бово-м ай милисоо* ***ҳурмидай****-ъ ҷун-ш-а кач кад-ай* (Сунбула); **шъғак** (Қарахонӣ) ва ғ.

Феъли ***варамидан*** бо ин калимаҳои хоси лаҳҷа ифода ёфтааст: **алақароғ** (Кончӣ); **бъқи́** (Ҷалчит); **вармосидан**: *Саглес бърума-ай, ру-ш* ***вармосид-ай*** (Оби Лурд); **ваштидан** (Қалъаи Нав); **гъридан**: *Ҳоли́ да къҳо гушти гусфанд-у ови хънък-а хърда* ***гъридагист*** (Кӯлдара); **ғурридан**: *Ба санги калон зад, сараш* ***ғуррид*** (Қӯрғонча); **чоғар** (Ёл): *Ай ҷақидан-а ҷогър кади́-ку (Ёл).;* **ғубидан**(Дараи Ниҳон): *Ита ниго кунем* ***ғубида*** *бурома-ай* ва ғ.

Феълҳои зиёде бо калимаҳои хоси шева ифода мешаванд, ки мавқеи муродифи адабии онҳо дар лаҳҷаҳо устувор нест: **ғелмидан** (Дараи Ниҳон) омехта шудан; **ғунидан** (Дараи Турбат) халидан, даромадан; **ғучидан** (Дараи Ниҳон) // **ғичондан** (Қӯрғонча) фишурдан; **жовидан** (Сина) хоидан; **мунҷондан** (Бойсун) худро нигоҳ доштан; **жъвъқидан // жувуқидан** (Яшм) поймол (пахш, зер) кардан ва ғ.

Албатта, дар доираи як мақола баррасӣ намудани масъалаи муродифоти луғавӣ ғайриимкон буда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи он дар асоси лаҳҷаҳои тоҷикӣ муҳим ба шумор меравад. Маводи лаҳҷаҳои тоҷикӣ аз он далолат медиҳанд, ки дар забони зиндаи халққалимаҳои адабӣ бо силсилаи муродифӣ ифода гашта, вобаста ба маҳалли истифода, урфу одат ва тарзи зисти мардум онҳо ба тобишҳои нозуки маъноӣ дучор мешаванд. Дар заминаи таҳияи луғатномаҳои мукаммали лаҳҷаҳо масъалаи таҳқиқи муродифоти луғавӣ дар гӯйишҳои тоҷикӣ вусъат пайдо хоҳад кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобомуродов, Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш. Бобомуродов., З. Мухторов. – Душанбе, 2016.– 428с.
2. Гадоев, Н. Муродифҳо дар лаҳҷаи Тагнов / Н.Гадоев // Пажуҳиш ва дастовард (Маҷмуаи илмӣ). - Душанбе, 2007. – С.76-82.
3. Гадоев, Н. Таъбирҳои синонимӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубу шарқии Кӯлоб / Н. Гадоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе, 2012. – №4 (47). - С.259-265.
4. Джураев, Г. К вопросу о лексических синонимах в диалектном языке / Г. Джураев // Актуальные вопросы исследования иранских языков и диалектов. (Тезисы докладов). – М., 1974. – С.25-28.
5. Зайниддинова, З. Истилоҳи «хеш» ва калимаҳои ҳаммаънои он / З. Зайниддинова // Забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1984. – С.190-191.
6. Замонов, З.И. Корбурди синонимҳо дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ-шарқӣ / З.И. Замонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2015. – №4(9). - С.59-69.
7. Исмоилов, Ш Лексикаи лаҳҷаи водии Рашт / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 2018. - 334 с.
8. Камолиддинов, Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2012. –285 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосиритоҷик, Ҷ.1 Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 242 с.
10. Муҳаммадиев, М. Лексикаи забони адабии тоҷик / М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова, Ю. Нурмуҳаммадов. – Душанбе, 1997. – 190 с.
11. Неменова Р.Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.1 / Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1980. – 331 с.
12. Раҳматуллозода, С. Баррасии лингвистии гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғати лаҳҷа / С. Раҳматуллозода. - Душанбе: Маориф, 2014. – 234 с.
13. Раҷабов, А. Хусусиятҳои овоӣ ва сохтори юмаъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / А. Раҷабов (Рисолаи номзадӣ). – Душанбе, 2021. - 176 с.
14. Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ / Ҷалолуддин Румӣ. - Теҳрон, 2001. - 728 с.
15. Умаров, И.М. Синонимия в говоре Вахио / И.М. Умаров // Вестник ТНУ. - 2012. - №4(91). – С.120-125.
16. Ӯзбеков, С. Вожаҳои синонимӣ дар лаҳҷаи тоҷикони Андарақ / С.Ӯзбеков // Ганҷи сухан. - Хуҷанд, 2008. - Ҷ. 2. – С.299-234.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ (Ҷилдҳои 1-2). - Москва: Советская энсиклопедия, 1969. – 951с.; - 952 с.
18. Холов П. Фразеологическая синонимия говоров таджиков Самарканда / П.Холов // Тезисы докладов республиканской конференции молодых учёных и специалистов Таджикской ССР (секция языка и литературы). – Душанбе: Дониш, 1974. – С.21-23.
19. Ҷӯраев Ғ. Системаи лексикаи лаҳҷавии забони тоҷикӣ / Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе, 2017. - С.67.

БАРРАСИИ МУРОДИФОТИ ЛУҒАВӢ ДАР ДОИРАИ КАЛИМАҲОИ ХОССИ ШЕВА

Бо вуҷуди он ки масъалаи муродифот ва роҳҳои ташаккули онҳо дар забоншиносии тоҷик мавриди таҳқиқи мукамамал қарор гирифта бошад ҳам, дар ин самт мавзуъҳои баҳсталаб ва мубрам зиёд ба назар мерасанд. Дар лаҳҷашиносии тоҷик низ омӯзиши муродифот таҳқиқталаб боқӣ монда, таҳия нагаштани луғатҳои умумӣ ва хосаи шевагӣ муайян намудани ҳудуди интишори калимаҳои ҳаммаъноро душвор намуда, тобишҳои маъноии ин гурӯҳ ба таври бояду шояд арзёбӣ намешавад. Таҳқиқи муродифоти луғавӣ дар доираи калимаҳои хоси шева мавзуи нав буда, дар мақола ба таври мухтасар баъзе хусусиятҳои муродифоти луғавиро дар асоси маводи тоҷикони ҳавзаи Сурхондарёи Ӯзбекистон ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣбаррасӣ

менамоем. Маводи мавҷуда ба мо имкон фароҳам овард, ки муродифоти луғавиро асосан дар доираи се ҳиссаи нутқ (исм, сифат ва феъл) тасниф ва таҳқиқ намоем. Имконоти луғавию грамматикии исм нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ васеътар буда, дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ калимаҳои хоси шева муродифи зиёд доранд. Калимаҳои адабии китобӣ дар лаҳҷаҳо мавқеи муҳим дошта, муродифоти луғавии онҳо вобаста ба маҳалли корбаст васеъ мегардад.

Калидвожаҳо: муродифҳо, лаҳҷа, маъно, забон, луғат, калимаҳои хоси шева, роҳҳои инкишоф, шакли калима, маъноҳои нав, хусусиятҳои забонӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ЛЕКСИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ В КОНКРЕТНЫХ СЛОВАХ ДИАЛЕКТА

Несмотря на то, что вопрос о синонимах и способах их образования в таджикском языкознании был предметом обширных исследований, в этой области существует множество спорных и актуальных тем. В таджикской диалектологии изучение синонимов также нуждается в исследовании, отсутствие словарей таджикских диалектов затрудняет определение границ употребления слов-синонимов, и на этом основании семантические нюансы этой группы не изучены должным образом. Изучение лексических синонимов в рамках диалектных слов является новой темой, и в данной статье мы кратко рассмотрим некоторые особенности лексических синонимов на материале таджикских говоров Сурхандарьинского бассейна Узбекистана и южных говоров таджикского языка. Имеющийся материал дал нам возможность классифицировать и изучить синонимы преимущественно в рамках трех частей речи: существительное, прилагательное и глагол. Лексические и грамматические возможности имени существительного шире, чем у других частей речи, и в таджикских диалектах диалектные слова имеют множество синонимов. Литературно-книжные слова занимают важное место в диалектах, и их синонимизация расширяется в зависимости от места употребления.

Ключевые слова: синонимы, диалект, значение, язык, лексика, диалектные слова, пути развития, словоформа, новые значения, языковые особенности.

EXAMINATION OF LEXICAL REFERENCES WITHIN THE SPECIFIC WORDS OF THE DIALECT

Despite the fact that the issue of synonyms and ways of their formation in Tajik linguistics has been the subject of extensive research, there are many controversial and relevant topics in this area. In Tajik dialectology, the study of synonyms also remains in need of research, the lack of dictionaries of Tajik dialects makes it difficult to determine the boundaries of the use of synonymous words, and on this basis, the semantic nuances of this group have not been studied properly. The study of lexical synonyms within the framework of dialect words is a new topic, and in this article we will briefly consider some features of lexical synonyms based on the Tajik dialects of the Surkhandarya basin of Uzbekistan and the southern dialects of the Tajik language. The available material gave us the opportunity to classify and study synonyms mainly within the framework of three parts of speech: noun, adjective and verb. The lexical and grammatical possibilities of a noun are wider than those of other parts of speech, and dialect words in Tajik dialects have many synonyms. Literary and bookish words occupy an important place in dialects, and their synonymization expands depending on the place of use.

Key words: synonyms, dialect, meaning, language, vocabulary, dialect words, ways of development, word form, new meanings, linguistic features.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло*** **-** д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати ҶТ. **Суроға:** 734013, ш. Душанбе, кӯч. Беҳзод, 25. E-mail: **info@kumitaizabon.tj; saxidodi@list.ru.** Тел.: **(+992 37) 227-59-38; 919-00-21-78**
Курбонов Содиқ Ҳамроқулович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **kurbonzoda 64 @mail.ru**

Сведение об авторах: ***Рахматуллозода Сахидод Рахматулло*** - д.ф.н., профессор, Комитет по языку и терминологии при Правительстве Республики Таджикистан, член корр. НАНТ. Адрес: 734013, г. Душанбе, ул. Бехзод 25. E-mail: **info@kumitaizabon.tj; saxidodi@list.ru.** Тел.: **(+992 37) 227-59-38; 919-00-21-78**
Курбонов Содик Хамрокулович – Таджикский национальный университет, доцент кафедры таджикского языка и методики обучения таджикскому языку и литературу. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **kurbonzoda 64 @mail.ru**

Information about the authors: ***Rahmatullozoda Sahidod Rahmatullo*** - Doctor of Philological Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Vice chairman of the Committee on Language and Terminology under the Government of the Republic of Tajikistan. **Address:** 734013, Dushanbe, Str. Bekhzod 25. E-mail: **info@kumitaizabon.tj; saxidodi@list.ru.** Phone: **(+992 37) 227-59-38; 919-00-21-78**
Kurbonov Sodiq Hamroqulovich - Tajik National University, Associate professor, Departmen of Tajik Language, literature and methodology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **kurbonzoda 64 @mail.ru**

УДК: 491.155

ПАЖУҲИШИ МАВЗУИ «СУХАН» ДАР ЗАРБУЛМАСАЛҲОИ ФОРСӢ БО КОРЕЯГӢ

Ли Чум Хи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маъмулан бо сабаби касрати истифодаи як мафҳум, як истилоҳи ҷудогона ва ошноӣ бо вазоифу нақши он дар марзи забони гуфториву навишторӣ ағлаб зимни зуҳури эҳтиёҷ ба шарҳу тавзеҳи фарогир дар атрофи пешинаву зуҳур, сохтори он ва мавориди корбурдаш мо ба мушкил рӯ ба рӯ мешавем. Ба назар чунин мерасад, ки мафҳум ё истилоҳи мавриди назаар комилан барои мо ноошност. Ин амр зимни баррасии зарбулмасалу мақолҳо, ки бахши умдаи ҳар як забонеро фароҳам месозанд, сидқ мекунад. Зеҳни мо саршори зарбулмасалу мақолҳост, ки дар имтидоди замон онҳоро бар асари муошират мутолиа, шунидану ҳифз кардан, гирд овардаем. Ҳатто як фишори маъмулӣ бар зеҳн гоҳо сарчашмаи бархе аз масалҳои мавҷуд дар анбони зеҳнро барои мо ошкор месозад. Замоне, ки пурсише дар атрофи чистии масал дар миён меафтад мубҳамие барои мо эҷод мегардад, зеро мо бо истилоҳоти дигаре мисли ибораҳои фразеологӣ, воҳидҳои фразеологӣ, ибораҳои рехта, мусталеҳот, ибораҳои маҷозӣ ва ғайра ошно ҳастем. Инҷо масъалаи шабоҳату умумият ва фарқияти миёни ин вожагон моро водор ба тааммулу андеша менамояд. Албатта, дар атрофи ин мавзуъ дар забоншиносии ҷаҳон ва аз ҷумла ироншиносӣ таҳқиқоти пуршуморе анҷом шуда, ки бо иқтизои мавзуъ мо ба баъзе аз онҳо ишорат хоҳем намуд. Азбаски мавзуи аслии мақолаи мо қиёси зарбулмаслҳои форсӣ бо мақолҳои кореягӣ мебошад, нахуст нигоҳе ба ҷанбаи истилоҳиву маъноии масал меафканем. Манзур аз зарбулмасалҳо ҷумлаҳои кутоҳе мебошанд, ки бисёр вақт дорои оҳанги хос буда, шомили омӯзаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. Муҳимтарин хусусияти масалҳо ин кӯтоҳӣ ё муъҷазии онҳо ба шумор меравад. Яъне, ҷойгузинсозии маъниҳои зиёд дар бистари калимаҳои андак. Дар масалҳо ғолибан маъно маъмулу равшан аст ва аҳли забон ба саъю талоши зиёде мавзуъ ё матлаби дарҷшударо дарк менамояд.

Масалҳо мавриди истифода қарор мегиранд, вале нуқтае, ки ба он камтар таваҷҷуҳ мешавад, хусусияти равоншинохти корбурди масалҳоест, ки маъмулан ба шарҳи зер аст. Замоне, ки масале мавриди истифода қарор мегирад, дар зеҳни мухотаб ё шунавандаи аҳли забон ташбеҳе ба зуҳур мерасад ва мафҳуми масал бар мақсаду манзури гӯянда ҳамсониву мутобиқат пайдо мекунад. Дар ҷараёни ин амал зеҳни шунаванда ба ҳаммонандсозӣ, ё мушобеҳгардонии ду амр мепардозад. Масалан ба шахсе, ки барои анҷоми коре, ки шуданӣ нест, суде ҳам аз он ба бор намеояд, саъю талоши беҳуда мекунад мегӯянд: «бод дар коф гирифтан», ё «мушт бар ҳован кӯбидан». Ин ҷумлаҳои кӯтоҳ дар баробари зебоӣ маънии мавриди назарро ба куллӣ мерасонанд. Миёни амалу ҳаракат ва шайъ робитаи хос эҷод месозанд. Чунин робитае аз навъи ташбеҳ аст. Дар пардаи зеҳни мухотаб вусъату доманаи бод, ки аслан нопадидор аст, ба зухур мерасад, ки ҳаргиз дар кафи инсонӣ қарор намегирад. Ин тасаввур комилан ғайриимкон будани амалро равшан месозад.

Барои шарҳи бештар масъала метавон мисоли дигареро нақл намуд. Масалан шахсе амалеро анҷом додааст, ки боиси зарари модиву маънавии ӯ шудааст ва пушаймон аз кори карда ба гӯшае нишаставу доду бедод мекунад, ё гунаҳкор меҷӯяд. Дар чунин вазъе маъмулан изҳор медоранд: «Худкардаро даво не, вовайлои пинҳонӣ». Ҳарчанд ишорат мустақил аст, вале марбут ба матни масал нест. Ҳангоме ба зуҳур мерасад, ки ба амре берунӣ мутобиқат пайдо намояд ва масал аз ҷиҳати ахлоқӣ ва иҷтимоӣ амалро шарҳу баён намояд.

Дар чунин ҳолат корбурди масал боиси ҳалли масъала ва эҷоди сукуту хомӯшӣ мегардад. Ба навиштаи Ҳасан Анварӣ «дар гузашта масал ба унвони ҳуҷҷату бурҳон ба кор мерафта ва идаъоҳову даъвоҳои оммаи мардумро ҳаллу фасл ва ба унвони қонуни нонавиштае, ки ҳосили таҷрибаи наслҳост, амал мекардааст» [12, с.11].

Маъмулан зарбулмасалу мақолҳо муаллиф ё гӯяндаи хос надоранд. Муҳимтарин хосияти масалҳо кӯтоҳбаёнии онҳост

Масалҳо маҷмуаи суханоне мебошанд, ки аз таҷрибаи дуру дарози ҷамъӣ, ҳамагонӣ, аз дили қарнҳо сарчашма гирифтаанд. Зебоӣ ҷаззобияту кашандагии масалҳо натиҷаи сайқалхурдагӣ, таровишхӯрдагии онҳо дар тули асрҳост. Бо вуҷуди он ки зарбулмасалу

мақолҳо фарогири матнҳои содаву қобили фаҳманд, вале зимни бархӯрд хамчун падидаҳои печидаву шигифтангези забонӣ ҷилвагар мешавнд. Масалҳо аз як сӯ ҳамчун падидаҳои забонӣ шабоҳату ҳамсониҳои зиёде бо мусталиҳот ё фразеология доранд, аз сӯйи дигар ҳамчун воҳидҳои мантиқӣ ҷалби назар менамоянд. Ниҳоят ҳамчун наққошиҳои бадеӣ бо рангҳои равшану рабоянда воқеияти айнии зиндагиро муҷассам месозанд. Зарбулмасалу мақолҳо дар нутқи гуфториву муҳоварағӣ маъмулан ба сифати мафҳуми ягона қобили истифодаанд ва ҳеҷ тафовуте миёнашон мавҷуд нест.

Танҳо дар зехнияти мардум аст, ки миёни ин калимаҳо фарқ гузошта мешавад, ҷойи якдигарро иваз месозанд ва ба маънии як мафҳум пазируфта мешаванд. Дар забоншиносии муосир, то ба ҳол перомуни масъалаи моҳият ва таърифи зарбулмасалу мақолҳо назари ягонаву ҷомеъ мавҷуд нест. Дар фарҳангҳои муосир гоҳо ба ҷои зарбулмасалҳо мақол ва гоҳо баръакс ба кор гирифта мешаванд.

Яке аз вижагиҳои маъмули зарбулмасалу мақолҳо доштани муодилҳост. Баъд аз ба ивази як калима дар матни зарбулмасал муодили нав пайдо мешавад. Зарбулмасалу мақолҳо ҳамчунин дорои муродифҳоянд. Бо вуҷуди шабоҳатҳои зоҳирӣ доштани муодилу муродиф, муъҷазбаёнӣ, расоии маъно, нишонаҳои умумӣ инҳо ду мафҳуми ҷудогонаанд, ки бояд онҳоро аз ҳам фарқ намуд ва гурӯҳбандӣ кард. Ба андешаи забоншиносон яке аз меъёрҳои таъйинкундаи ҳарду марз миёни зарбулмасалу мақолҳо мавҷудияти тасвирсозии истиорӣ, яъне бозандешии ҷузъӣ ё комил, номутобиқатии маҷмӯи маъниҳои аслӣ мебошад.

Ба андешаи ҷонибдорони ин равия зарбулмасалҳо танҳо фарогири маънои маҷозӣ мебошанд. Бархилофи онҳо мақолҳо ифодагирӣ маънии аслӣ мебошанд. Шояд аз маъруфтарин таърифҳо дар шинохти зарбулмасалҳо андешаи фарҳангнависи муътабари рус Дал В.И. бошад, и назар додааст: «калимоти қисор, бештар дар либоси тамсил, киноя ё дар шакли ҷумлаҳои рӯзмарра; зарбулмасал шохисхои забон, гуфтори мардумӣ буда, таълиф карда намешавад, ба таври худҷӯш ба зуҳур мерасад» [2, с.348].

Аз таърифи мазкур метавон натиҷа гирифт, ки яке аз нишонаҳое, ки метавонад миёни зарбулмасалу мақолҳо ҳад бигзорад, фазои баста ё озоди онҳост. Масалан зарбулмасалҳо дар қиёс ба мақолҳо ҷумлаҳои содда ё мураккабе мебошанд, ки комилу анҷомёфтаанд. Мақолҳо бошанд сохтори озод дошта метавонанд, ҷумлаҳои нокомил бошанд.

Ба ақидаи муҳаққиқон зарбулмасалҳо дар нутқи инсонӣ банду басти инсиҷомёфтаву камолёфта доранд, дар ҳоле, ки мақолҳо камоли матлуби худро танҳо дар матн пайдо менамоянд.

Аз ҷониби дигар бояд таъкид сохт, ки дар қатори масалҳо аксар суханони пандомӯзу ҳикматомез ва ашъори масалгуна ва таъбир низ ба кор меравад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки онҳо бо масалҳо танҳо шабоҳату ҳамсонӣ дошта, дар асл ба онҳо баробар буда наметавонанд. Сабаби аслӣ ин аст, ки аксар суханони ҳикматомез гӯянда ва муаллифи муайян доранд. Масалан имрӯз бисёре аз суханони бузургони фарҳангу адаби мо мисоли Саъдӣ, Ҳофиз ба шакли масал даромадаанд. Махсусан дар осори ин намояндагони сабки ҳиндӣ дар ҳар байте мисраи дувумро метавон ба сифати масал пазируфт. Барои тасдиқи андеша чанд мисолеро аз осори Шайх Саъдӣ нақл мекунем: «Мол аз бахри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирдовардани мол», «Некбахт он ки хурду кишт ва бадбахт он ки мурду ҳишт», «Рафтану нишастан беҳ, ки давидану гусастан» [7, с.310].

Калимоти қисор ҳам ки аз бузургон нақл шуда ба ҳамин гурӯҳ дохил мегарданд. Валетаъбироте, ки дар китобҳои амсол мавқеияти ҳамсонеро ишғол намудаанд, истилоҳоте мебошанд, ки ҷанбаи луғавӣ доранд ва метавон онҳоро ба шакли масдарӣ баён намуд, дар фарҳангу луғатҳо ҷойгузин намуд, вале онҳоро наметавон ба масалҳо муодилу баробар донист.

Масалан: «Мо сарамонро дар осиё сафед накардаем», ки мешавад онро ба сурати «сарро дар осиё сафед кардан» овард. Сухани ҳикматомезест, ки ба сифати масал ба кор меравад. Ба ҷуз ин суханони ҳикматомез дар фарҳангу адаби мо теъдоди зиёди шеърҳо мавҷуданд, ки ҳамчун масал корбурд доранд. Албатта бархе аз ин гуна ашъор масалҳо сарчашмаашон масалҳоянд, ки дар матни шеър даромадаанд. Қисмате ҳам бо доштани ҷанбаи неруманди ахлоқиву иҷтимоӣ ба сурати масал даромадаанд. Тавре ки дар фарҳанг омада «масалҳо ва афсонаҳои омиёнаи манзум пурмаънотарин ва амиқтарин офаринишҳои ҳунарии тамаддунҳои гузашта ва нахустин қолаби шеърҳои ғиноӣ дар Эрон ҳастанд ва ба

ақидаи Маликушшуаро Баҳор деринаи пайдоии онҳо ба садаҳои пеш аз ислом мерасад» [15, с.1221].

Муҳаққиқи озарӣ Ф.И. Зулфиқорова бар ин назар аст, ки мусталеҳот, ибороту таъбироти рехта ва зарбулмасалу мақолҳоро бо шумори чанд вижагӣ бояд ба бахши фразеология дохил намуд. Мавсуф менависад: «онҳо [яъне, зарбулмасали мақолҳо, ибораҳои рехта, калимоти қисор Л.Ч.Х.] мисли дигар воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун матни ягона пазируфта мешаванд; Гузашта аз ин, мисли воҳидҳои фразеологӣ дар забон дар шакли тайёру комил вуҷуд доранд ва бо иқтизои ҳолоту мавридҳои муайян таҷдид мегарданд» [9, с.53-60]

Масъалаи дигари қобили мулоҳиза ба иллату заминаҳои зуҳури масалҳо гиреҳ мехӯрад. Аммо номуносиб нест таъкид гардад, ки забони форсӣ аз ҷумлаи чанд забони ангуштшумор дар ҷаҳон аст, ки дорои зарбулмасалҳои фаровон ҳастанд. Ин мавзуъ дар навбати худ натиҷаи чанд омил аст. Аввал ин ки забони форсӣ дар имтидоди замон тағйири зиёде накардааст. Масалан бо гузашти беш аз ду ҳазорсола боз ҳам забони Фирдавсӣ, Рӯдакӣ ва дар маҷмӯъ забони аҳди сомониёнро мефаҳмем, дар ҳоле ки бисёре аз миллатҳо забони гузаштагони хешро дарк намесозанд. Омили дигари қобили зикр пазириш ин нукта мебошад, ки зарбулмасалҳо «натиҷаи таҷрубаи тулонӣ ва табалвури барҳӯрдҳо ва зиндагии одамҳои гуногуну қарор гирифтан дар навасоноти зиндагӣ ва болову пойин будан, хушиву нохушӣ доштан, некбативу бадбахтиро озмудан, аз ин рӯ ба он рӯ шудан, дар маърази балоёи табиӣ ё ҳуҷуми ақвоми муҳоҷим қарор гирифтан ва авомиле аз ин даст аст» [12, с.18].

Тавре ки дида мешавад, заминаҳои зуҳуру камолоти зарбулмасалҳо масири тулониро фарогир аст. Дар ин росто шояд суоле ба миён ояд, ки зарбулмасалҳоро дар чи заминае бояд мавриди таҳқиқу мутолиа қарор дод. Ё ин ки дар зиндагии маънавии мо чи нақшеро метавонанд ифо намоянд.

Нахуст ин ки бо зарбулмасалҳо метавон аз зовияҳои мухталиф бархурд намуд. Масалан аз нигоҳи равоншиносии иҷтимоӣ халқиёти як миллатро метавон аз матни зарбулмасалҳо ба даст овард. Ё, ки аз ҷиҳати адабиёти татбиқӣ ё қиёсӣ зарбулмасалҳои як миллатро бо миллати дигар имкон дорад, ки татбиқ намуд. Танҳо дар чунин мавридҳо ҳаст, ки равшан мегардад, ки миллатҳо, башар дар ҳама атрофу акнофи дунё муштаракота зиёде дорад. Матни зиндагии қавму миллатҳо аз саҳнаҳои ҳамсону мушобеҳ саршор аст, ки намунаашро мо дар тору пуди масалҳо мебинем.

Дар бахши дуюми ин мақола қарор аст, зарбулмасалҳои форсӣ бо зарбулмасалҳои кореягӣ дар иртибот ба мавзуъҳои муайян мавриди қиёсу тадбиқ қарор бигиранд.

Яке аз мавзӯъҳои матраҳ дар фарҳангу адаби миллати ҷаҳон масъалаи фарҳанги сухан гуфтан аст. Агар дар адабиёти дилхоҳ қавму миллате дар ин замина таҳқиқ шавад, бидуни шак шавоҳиди пуршуморе атрофи одоби сухангӯӣ, мавқеияти сухан, шеваи ибрози сухан ба даст меояд. Воқеан сухан рукн ё силоҳи аслии инсон ат, ки дар амалӣ шудани тамоми аҳдофаш саҳми чашмгир дорад. Инсон тамоми нақшаҳои дар зеҳн парвораондаашро бо сухан баён месозад. Аз ин рӯ аст, ки дурусту беиштибоҳ сухан кардан дар матни зиндагӣ аҳамияту ҷойгоҳи болотар пайдо мекунад.

Аз сӯйи дигар таърихи инсонӣ бар асоси шавоҳиду падидаҳои воқеӣ гувоҳ бар ин аст, ки сухан ҳам офаринанда ва ҳам вожгунсоз аст. Ин аст, ки ҷанбаҳои созандаву сӯзандаи он дар зарбулмасалу мақолҳои ҳар миллате дарунмояҳо ҳамсониву шабоҳатҳои зиёде доранд.

Яке аз маъруфтарин масалҳо اول بچش بعد بگوی بی نمک است мебошад, ки дар забони форсӣ муодилҳои фаровон дорад аз ҷумла:

اول برو بخانه سپس میهمان طلب// حرف را باید هفت بارقورت داد// سخن را بسنج و به اندازه گوی// اندیشه کن کز اندیشه با مغز گردد سخن.

Ҳарчанд шавоҳиди нақлшуда дар маҷмуъ баёнгари як матлаб аст, вале тааммул дар атрофи ҳар яке метавонад мавзӯи тозаеро равшан созад.

Масалан дар матни «Аввал бичаш, баъд бигӯ бенамак» нуктае, ки қабл аз ҳама ҷалби назар мекунад, таносуб ва мантиқи қавӣ миёни вожагон аст.

Маънии аслӣ дар матн возеҳ аст, аммо маънии мавриди назар зимни амале гирифтани тасмими дуруст аст, ки андеша ва омодагии қаблиро мехоҳад.

Бояд гуфт, ки ин маънӣ дар забони кореягӣ ҳам мавҷуд аст, танҳо тарзи ифода ва шеваи ҳушдор додан ҳам шабоҳату ҳам тафовут дорад. Барои қиёс гоҳо матнҳо дар ҳарду забон шомили шумораанд. Масалан, дар зарбулмасали форсӣ «ҳарфро ҳафт бор бояд қурт

дод» шумораи ҳафт омада бошад, дар зарбулмасали кореягӣ «се бор фикр кун в баъд бигӯ» рақами 3 омадааст [1].

Албатта, корбурди рақамҳо барои нишон додани ҷиддият, аҳаммият ва расидан ба тасмиму натиҷаи дилхоҳ аст. Дар ҳама ҳолатҳо мухотаб инсон аст, ки бояд эҳтиётткор бошад, то ба вартаи хаттову иштибоҳ нарасад.

Дар зарбулмасали дигари корегӣ ин андеша талқин мегардад, ки бидуни тааммулу андеша сухан гуфтан оқибати нохушоянд дорад. Заруру ҷазои мустақим кабл аз ҳама ба гӯяндаи сухан мерасад: «беэҳтиёт [беандеша] сухан гуфтан зояндаи балост, ё ки: сухани пурту пало барои муҳокимаи эҳзор мешавад [2-3].

Дар забони форсӣ бошад, ин маъниро зарбулмасалҳои зерин мерасонанд:

بهوش باش که سردر، سر زبان بکنی // زبان سرخ سر سبزمی دهد برباد// طوطی ز زبان خوش در دام افتد.

Агар дар ҳар се мисол маънии аслӣ ё таъкид бар ҳушёриву зиракӣ, эҳтиёткорӣ дар тасмимгирист, вале нигоҳи гузаро ба ҳар яке дар алоҳидагӣ метавонад матолиби ҷолиберо пешорӯ биёрад. Барои возеҳияти бештар ба мисоли дувум нигоҳ меандозем. Забони сурх, ки ибораи калидӣ аст ва ранг низ ба маънии аслӣ далолат мекунад, аммо дар бахши дуюм манзур аз «сари сабз» маҷоз аст. Яъне зиндагӣ, ҳаёт, умри одамӣ, ки бо туфайли гуфтори ноандешидаву баёни забон имкон дорад, хатарзо ё марговар бошад.

Бояд арз намуд, мавзуи мазкур дар фарҳангҳои зарбулмасалу мақолҳо абъоди васеъ дорад. Намунаҳо ва муодилҳои мухталифи мазмуни болоӣ талқингари ин амр хастанд, ки инсон ба хотири ҳифзу эмин нигоҳ доштани хеш бояд аз ҳама имконоти муяссараш истифода намояд. Онҷо ки иқтизояш хомӯшӣ аст, бояд хомӯш бошад. Чун сукуту хомӯшӣ инсонро аз доми макру фитна раҳоӣ мебахшад. Беҳуда нест, ки дар масали форсӣ чунин омадааст:

در فتنه بستن، دهان بستن است که گیتی به نیکی به نیک و بد آبستن است.

Дар фарҳанги кореягӣ низ ба ин мазмун зарбулмасале ҳаст: «Беҳтарин доруе, ки фитнаро мебандад, хомӯшӣ аст» [4].

Корбурди зарбулмасалу мақолҳо дар матни афсонаву ривоёт гувоҳ бар ин аст, ки зимни истифодаи онҳо тамоми тобишҳои маъноӣ таъсиргузорӣ ва марзи коргариашон таъйин шудааст. Масалан бо шумори ин ки сухан дар густаришу иттилоърасонӣ суръати селосо дорад, дар истифодаи бамавқеъ ва санҷидашудаи он таъкид шуда. Чун сухан агар нобаҷо аз даҳан бурун гардад, ба қавми зарбулмасали дигар «оби рехтаро наметавон ҷамъ кард».

Масалан дар байте, ки ҳукми масалро дорад, ин маънӣ чунин омадааст:

اگر طوطی زبان می بست در کام، نه خودرا در قفس می دید ونه دام.// سخن کان گذشت از میان دو تن پراکنده شد بر سر انجمن.

Бар хилофи зарбулмасали форсӣ дар зарбулмасали кореягӣ ба нерӯи сухан дармавриди суръати пароканиш таъкид шуда. Барои расонидани ин маънӣ ба «пой» надоштани сухан ишорат шуда, ки узви ҳаракат аст, вале адами он барои сухан хеҷ монеае эҷод намесозад: «сухане, ки по надорад, масофати зиёд меравад».

Дар бархе аз мисолҳо ба таври возеҳ ба ҷанбаи хатарзойи забон таъкид мешавад, ки дар асл манзур аз забон боз ҳам ҳамон сухан аст.

Бархе аз масалҳо сарчашмаи мазҳабӣ-динӣ доранд, аз аҳодиси набавӣ ахз шудаанд. Дар матни онҳо ба хосияти хатарноки забон ишорат шудааст.

Барои мисол дар ин байт, ки аз ҳадиси набавӣ гирифта шуда, ба ин нукта ишорат шудааст.

آدمی مخفی است در زیر زبان// این زبان پرده است برد رگاه جان

Чунин мазмуне дар зарбулмасали кореягӣ ба такя ба ҷанбаи хатарзойи забон баён гардидааст: «зери забон теғ дорад».

Ин хусуссият дар як байти форсӣ, ки мубаддал ба масал шуда, бисёр дилнишину гӯшнавоз бозтоби бадеӣ ёфтааст. «Теғи забон»-ро бегуноҳе тавсиф кардаанд, ки маҳкум ба ҳабси якумрӣ аст:

نیست در عالم ایجاد به جز تیغ زبان، بی گنتهی که سزاوار به حبس ابد است.

Матлаби дигаре, ки ба сухан ва корбурди он пайванд мехӯрад ба низоми сухан гуфтан дахл дорад. Маъмулан дар зарбулмасалу мақолҳои аксари қавму миллатҳо ба мавзӯи камҳарфӣ, муъҷаз баён намудани марому мақсад бармехӯрем. Чунин масалҳое аз як ҷанбаи

панду андарзӣ доранд, аз сӯйи дигар бар зарурати фарҳанг, тартибу низоми хос далолат менамоянд.

Қобили зикр аст, масалҳо ҳаргиз сиришти бадомӯз надоранд, балки ба некиву кори хайр ҳидоят менамоянд ва нишонгари хираду заковати инсонӣ мебошанд.

Муҳаққиқону донишмандон зарбулмасалҳоро навъе аз баёни андеша шинохтаанд, ки таҷрубаи дерини мардумро, дарку тасаввури онҳоро нисбат ба арзишҳои ахлоқӣ фарогиранд. Ба ақидаи олими рус Буслаев Ф.И. зарбулмасалҳо «осори адабие ба шумор мераванд, ки ифодагари мазҳари зиндагӣ, донишу хирад ва арзишҳои ахлоқии мардум мебошанд» [1, с.4].

Яке аз вижагиҳои маънирасонӣ дар матни зарбулмасалҳо ба гунаи ғайри мустақим баён ё зикри матлаб аст. Масалан яке аз зарбулмасалҳои маъруфи форсӣ-тоҷикӣ ин масал: «Сухан бисёр дону андаке гӯй, якеро сад магӯй садро яке гӯй». Равшан аст, ки дар матни он таъкид рӯйи камҳарфӣ аст ва амр ҳам мустақим аст. Бар хилофи он дар зарбулмасали дигар агарчӣ ҳадаф боз ҳам ҳушдор ба хотири кутоҳбаёнӣ аст, вале баён ғайри мустақим аст. Ба ҷойи изҳори матлаб вожагоне истифода шудаанд, ки ба сухан гуфтан робитаву пайванде надоранд:

یک دسته گل دماغ پرور// از خرمن صد گیاه بهتر

Дар муодили кореягии ин масал нахуст такя рӯйи кам гуфтан аст ва ҳамзамон таъкид ба ин ки амал бояд намуд на ҳарзагӯӣ: «Суханро бояд кам гӯйи ва амал биёварӣ [5] дар муодили дигараш мавзӯи дирангу таъхир накардан дар кор зикр гардида ва тааммулу таваҷҷуҳ дар ибрози сухан ҳушдор дода мешавад:

Кор бояд бидуни маътал кард ва сухан боэҳтиёт бояд гуфт [6].

Баррасиву таҳлили мавзӯи сухану хомӯшӣ, касро ба чунин натиҷа мерсонад, ки зуҳури зарбулмасалу мақолҳо натиҷаи мушоҳидаву таҷрибаҳои тӯлонӣ, донишу хирад, ҳисси дарки тамизи фавқулодаи нухбагони гумноманд, ки дар адвори мухалиф дар ҷомеаи инсонӣ зиндагӣ кардаанд.

Дар бархе аз амсол гуфтану хомӯш будан бо ҳам қиёс мешаванд ва ҷойгоҳу мартабаи онҳо таъкид мешавад:

اگر گفتن سیم باشد، خاموشی زر است// پشیمان ز گفتاردیدیم بسی، پشیمان شد از خاموشی کسی

Дар фарҳанги мардуми Корея низ мавзӯи мазкур доманаву миқёси васеъи маъноӣ дорад. Масалан зиёдсуханӣ, пурҳарфӣ дар нигоҳи мардуми ёдшуда нишони заъфу нотавонии инсон аст. Аз сӯйи дигар таъкид мегардад, ки ба мардуми пургӯй набояд эътимод намуд:

Сухан зиёд гӯяд, тавоноӣ надорад [7].

Сухан зиёд гӯяд, қобилияти эътимод кам[8].

Дар боло гуфта шуд, ки зарбулмасалу мақолҳо марзе мебошанд, ки дар домани он тамоми паҳлӯҳои ҷаҳони маънавии инсонро, рафтору кирдорашро, бархӯрдашро бо ҷомеаи инсонӣ метавон ба мушоҳида гирифт. Ҳамаи ин мавзӯъҳо ба таври мустақиму ғайри мустақим ба масъалаи сухан гуфтан иртибот мегиранд.

Масалан қотеияту ҷиддият, ки хоси хислати инсон аст, дар матни масалҳо махсус қайд шудааст. Ба ин шавоҳид таваҷҷуҳ намоем:

حرف حساب جواب ندارد//حرف حساب یک کلمه است// حرف مرد یکی است.

Дар ин мисолҳо ба ду нукта диққати хос шуда. Нахуст ба вазну пухтагӣ, камоли сухан, ки шуниданаш ба ҷуз ризоят, иктифо чизи дигаре надорад. Дувум ба усулият ва ҷиддият дар таслими амре.

Алорағми ин дар фарҳанги кореягӣ ин ҷанба бо доштани ҳамсониҳо бо нукоти дигар гиреҳ мехӯрад.

Дар намунаҳои поёнӣ аввалан ба ҷиддияту муҳиммияти сухани мард таъкид мешавад ва бо пеш кашидани мавзуоти дигар афзалияту бартарии бахши аввали мавзӯи матруҳа асоснок мегардад:

Сухани ҷавонмардро як калима бас ва асби хубро як шалоқ бас; Як калимаи марди далер аз ҳазор сиккаи тилло сангинтар [10, с.11].

Дар амри сухан гуфтан, ки дар муносибату мушкилоти конуни инсонӣ ҳузури доимӣ дорад, мавзӯи ростиву дурустӣ, ростқавлӣ, устуворӣ дар мунсибати гуфторӣ нақши чашмгир дорад. Дар як зарбулмасали форсӣ барои шинохти бузургии инсон ростиро дар гуфтор, музаян сохтани забонро бо ростӣ, меъёр қарор доданд.

هر آن کسی که به گفتار راست// زبان را بیاراست و کژی نخواست// حرف مرد زینت مرد است.

Дар фарҳанги мардуми Корея низ ба инмаънӣ масалҳо ҳастанд, танҳо бо каме тағйири бахши аслии зарбулмасал:

Мисол дар масале таъкид шуда, ки иҷрои қавли дода, боиси эътимоду маҳбубияти соҳиби қавл мегардад.

Қавл бояд иҷро шавад, то эътимоди маҷзубият аз даст наравад [12].

Дар зарбулмасалҳои марбут ба сухан перомуни арзишу ҷойгоҳи сухан низ матолиби арзишмандеро метавон пайдо намуд.

Муҳимтарин арзиши зарбулмасалҳо дар он зоҳир мешавад, ки дар матне кутоҳу муъҷаз ҷаҳоне аз маъниро бо тамоми паҳнову густурдагӣ пеши назари мухотабон ҷилвагар месозанд.

Мухотабро водор месозанд, ки дар атрофи мавзӯи матруҳа бияндешад, тасмим бигирад. Дар забони форсӣ зарбулмасали маъруфест:

حرف شنیدن ادب است

Бо истифода аз мазомине, ки дар матни он нуҳуфта аст, метавон як романи муфассал таълиф намуд. Матолиби дигаре, ки дар домани масалҳо барҷастагӣ дорад ба мабдаъ ё сарчашмаи сухан, ба сухангӯ пайванд мехӯрад. Дар масале баён гардида, ки инсон бояд аз сухан аз гуфтори дигарон суд ҷӯяд, баҳра бигирад ва ҳамзамон андешаву орои хешро барои баён дошта бошад.

سخن کز دوست آری شکر است آن، گر خود بگوید دگران است.

Дар фарҳанги зарбулмасалҳои кореягӣ назик ба ин мазмун масале мавҷуд аст, вале дар он ба арзишу баҳои сухани волидайн дар зиндагии фарзандон таъкид шудааст: ҳарфи волидайнро гӯш кунед, ҳатто мавқеи хоб ҳам нон хоҳед пайдо кард [13].

Тавре ки дида мешавад, конун ё мабдаи сухан ровии сухан нақши намоён дорад. Замоне, ки ба сухани волидайн такя мешавад, заминааш таҷрубаи рӯзгор, марҷаъи донишу хирад аст, ки омӯзаи ахлоқӣ-тарбиятӣ дорад.

Дар поён бояд қайд намуд, ки дар ин навишта ҳарчанд зарбулмасалу мақолҳои форсиву кореягӣ танҳо дар атрофи як мавзӯъ мавриди қиёсу татбиқ қарор гирифтанд, вале бар асоси онҳо метавон натиҷа гирифт, ки дар матни онҳо қабл аз ҳама мо ба арзёбиву таҳлили ҳиссӣ отифии саҳнаҳову ҳолати мухталифи зиндагӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки тадриҷан моро ба марзии андӯхтаҳо, таҷрубаҳои зеҳну хиради инсонӣ дар иртибот ба мазоҳири ҳастӣ мекашонад.

Муқарриз: Сафаров У. – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Буслаев, Ф. Исторические очерки русской народной словестности и и исскуства: в 20 Х.Т.С.П.Б. / Ф.Буслаев. – 1961. - Т.1. – 1196 с.
2. Даль, В.И. Большой толковый илюстрированный словарь, русского языка / В.И. Даль. - М: Астрель; АСТ, Транзиткнига, 2006. – 348 с.
3. Дубова, И.Т. Феномен менталитета: психологический анализ / И.Т. Дубова // Вопросы психологии. - 1993. - №5.
4. Корогли, Х.Г. Персидские пословицы. Издательство Восточной литературы / Х.Г. Корогли. – Москва, 1961. – 364 с.
5. Маслова В.А. Лингвокультурология / В.А. Маслова. - М.: Академия, 2011. – 208 с.
6. Пословицы русского народа. Часть I. - М: Художественная литература, 1984. – 380 с.
7. Солеҳов М. «Гулистон»-и Саъдӣ (бо шарҳи вожаҳо ва таъбироту ифодаҳо) / М.Солеҳов, Ф. Ҳайдаров. – Душанбе, 2015. – 416 с.
8. Телия, В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический, лингвокультурологические аспекты / В.Н. Телия. – М., 1996. – 288 с.
9. «Ученые записки» Академического государственного университета [Язык и литература №4, 1963.
10. بهمن دهگان فرهنگ جامع ضرب المثل های فارسی. نشر آثار. تهران. 1383-1100 ص.
11. خدایار امیر مسعود. اندرز ها و مثال های مصطلح در زبان فارسی.خورشید. تهران. 1366-640 ص.
12. فرهنگ امثال [با کوشش حسن انوری]. جلد اول. انتشارات سخن، تهران 1284 687 ص.
13. دهخدا علی اکبر. امثال و حکیم[جلد اول] انتشارات امیر کبیر تهران . 1376- 572 ص.
14. فرهنگ ضرب المثل های مشهور ایران. انتشارات اغوان تهران. 1370-509 ص.
15. فرهنگ نامه ی ادب فارسی. تهران .1381
16. شکورزاده ابراهیم. ده هزار مثل فارسی و بیست و پنج هزار معادل آنها. آستان قدس رضوی. مشهد 1372-980 ص.
17. فرهنگ ادبیی فارسی. جلد دوم. سازمان چاپ و انتشارات وزارت فرهنگ و ارشاد اسلامی. تهران. 1381-1538 ص.

ПАЖУҲИШИ МАВЗУИ «СУХАН» ДАР ЗАРБУЛМАСАЛҲОИ ФОРСӢ БО КОРЕЯГӢ

Мақолаи мазкур бо таҳлилу арзёбии мавзӯи «سخن» дар зарбулмасалу мақолҳои форсӣ ва кореягӣ ихтисос дорад. Равшан аст, ки дар ин авохир дар забоншиносии тоҷик таваҷҷуҳи муҳаққиқони ҷавон ба таҳқиқи амсолу мақол рӯ ба афзоиш аст. Махсусан таҳқиқоти қиёсиву татбиқии самти мазкур миёни забонҳои мухталиф сурат мегирад. Гап дар ин аст, ки зарбулмасалу мақолҳо руҳу равони мардумро мунъакис месозанд. Дар манзари зарбулмасалу мақолҳо мо дарку тасаввури хешро аз воқеияти айнӣ эҳсос менамоем. Қобили қайд аст, ки дар макола асосан диду назаргоҳхои таъмимёфтаи олимон перомуни умумият ва фарқиятҳои зарбулмасалу мақолҳо, ҷойгоҳи онҳо дар ҷомеаи фарҳангӣ ва адабӣ ва заминаҳои пайдоишу шеваи истифодаи онҳо дар вазъияту ҳолатҳои мушаххаси зиндагӣ ва матни адабӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Масъалаи дигаре, ки дар мақола таҳқиқ шуда, таҳлили қиёсии зарбулмасалу мақолҳои форсӣ ва кореягӣ мебошад. Масъалаи мазкур метавонад дар заминаи маъноӣ таҳқиқ гардад. Маъмулан зарбулмасалҳо дар чаҳорчӯби маъноии ҳуд қонунмандиҳои асосии воқеиятро муҷассам сохта, ба сурати бадеӣ падидаҳои ҳастӣ, вижагиҳои фарҳангӣ - ахлоқии мардумро тасвир месозанд. Ба андешаи муҳаққиқон зарбулмасалҳо хусусияти умумиятбахшӣ дошта, дар матни онҳо мо ба таҷрубаи дерина, донишу хиради милали ҷаҳон ва ба ҷаҳонбинии онҳо нисбати ҷаҳони перомун ошно мешавем. Дар қиёс бо зарбулмасалҳо мақолҳо ҷанбаи маъноиро дар сатҳи лозим умумият намебахшанд, балки ба сурати ҷумлаи алоҳида ифода менамоянд. Мавзӯи «سخن» дар зарбулмасалҳои фаврӣ ва кореягӣ маъмулан ҳамчун воситаи бадеӣ, бо шеваҳои гуногуни маъноӣ ифода шудааст.

Калидвожаҳо: зарбулмасал, мақол, форсӣ, кореягӣ, таҳлили қиёсӣ, «سخن» [сохан], забоншиносӣ, умумият, фарқият.

СРАВНИТЕЛЬНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ТЕМЫ «سخن» [СЛОВО] В КОНТЕКСТЕ ПЕРСИДСКИХ И КОРЕЙСКИХ ПОСЛОВИЦ И ПОГОВОРОК.

Данная статья посвящена сравнительному анализу темы «سخن» в контексте персидских и корейских пословиц и поговорок. Известно, что в последное время в таджикском языкознании наблюдается небывалый интерес к пословицам и поговоркам. Проводится сравнительное изучение данного направления на уровне разных языков мира. Дело в том, что пословицы и поговорки составляют важнейший пласт духовной культуры, являются выражением духа народа, именно в контексте пословиц мы видим отражение восприятия объективной действительности. Следует отметить, что на статье в основном рассмотрены и обобщены взгляды ученых, языковедов относительно общности и различия, аспекты возникновения и способы выражения пословиц и поговорок, их место в конкретной жизненной ситуации и в литературном контексте. Другим рассматриваемым вопросом является сравнительний анализ корейских и персидских пословиц и поговорок. Данный вопрос может быть разграничен на семантической основе, которая заключается в разной степени обобщенности его значения. Обычно пословицы отражают в своих значениях закономерности действительности, показывают в художественной форме жизненные явления, культурно-поведенческие особенности народа. Пословицы, по мнению исследователей, имеют обобщающий характер. Именно в текстах пословиц мы наблюдаем древний опыт и мудрость народов мира, их мировоззрение относительно окружающего мира. По сравнению с пословицами, поговорки на должном уровне не обобщают значения, а выражаются в форме отдельного предложения. Тема «سخن» в персидских и корейских пословицах обычно выражена как художественное средство и реализована различными смысловыми способами.

Ключевые слова: пословица, поговорка, персидский, корейский. сравнительный анализ, «سخن» [слова], лингвистика, общность, различие.

COMPARATIVE STUDY OF THE THEME «سخن» [WORD] IN THE CONTEXT OF PERSIAN AND KOREAN PROVERBS AND SAYINGS

This article is devoted to a comparative analysis of the topic "سخن" in the context of Persian and Korean proverbs and sayings. It is known that recently in Tajik linguistics there has been an unprecedented interest in proverbs and sayings. A comparative study of this direction is carried out at the level of different languages of the world. The fact is that proverbs and sayings constitute the most important layer of spiritual culture, are an expression of the spirit of the people, it is in the context of proverbs that we see the reflection of the perception of objective reality. It should be noted that the article mainly considers and summarizes the views of scientists, linguists regarding commonality and differences, aspects of the emergence and ways of expressing proverbs and sayings, their place in a specific life situation and in a literary context. Another issue under consideration is a comparative analysis of Korean and Persian proverbs and sayings. This question can be delimited on a semantic basis, which consists in varying degrees of generalization of its meaning. Usually, proverbs reflect the patterns of reality in their meanings, show life phenomena, cultural and behavioral characteristics of the people in an artistic form. Proverbs, according to researchers, have a generalizing character. It is in the texts of proverbs that we observe the ancient experience and wisdom of the peoples of the world, their worldview regarding the world around them. Compared to proverbs, sayings at the proper level do not generalize meanings, but are expressed in the form of a separate sentence. The theme "سخن" in Persian and Korean proverbs is usually expressed as an artistic means and implemented in various semantic ways.

Key words: proverb, saying, Persian, Korean. comparative analysis, "سخن" [words], linguistics, generality, difference.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ли Чум Хи*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи филологияи Эрон. **Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: **(+992) 935-32-13-97**

Сведения об авторе: ***Ли Чум Хи*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры иранской филологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-32-13-97**

Information about the author: ***Lee Jum Hee*** - Tajik National University, Doctor PhD of department of Iranian Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Phone: **(+992) 935-32-13-97**

УДК: 8.811

ТАФСИРИ СЕМАНТИКИИ КАЛИМАҲОИ ДИСКУРСИВӢ

Абдуалиев Б.С.
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

Дискурс мафҳуми тавоноест, ки дар он ҳар як муҳаққиқ чизе аз худаш мегузорад ва аз ин рӯ, то ҳол дар илми забоншиносӣ таърифи якхелаи он вуҷуд надорад. Мафҳуми дискурс, ҳатто дар худи забоншиносӣ, ки дар он ҷо пайдо шудааст, бо номуайянии худ машҳур аст. Илова бар ин, азбаски муомила дар чорроҳаи забоншиносӣ бо дигар илмҳо пайдо шудааст, файласуфҳо, фарҳангшиносон ва муаррихон низ дар тафсири он саҳми арзанда гузоштаанд. Аз ин рӯ, барои муайян кардани вижагиҳои ин истилоҳ, баррасӣ хоҳем кард, ки калимаҳои дискурсивӣ то кадом андоза дар нутқ истифода мешаванд ва чӣ гуна мавқеъ доранд.

Ба калимаҳои дискурсивӣ ифодакунандаи тобишҳои мухталифи маъно (умумкунӣ, истисно, таъкид, маҳдудият) ба мисли *“умуман”, “ҳатто” “мисли”, “танҳо”* ва ғайра дохил мешаванд.

Дар мақола якчанд ҷумлаҳоро аз осори адибони тоҷик ҳамчун мисол меорем, ки дар дохили ин ҷумлаҳо калимаҳои дискурсивӣ истифода шудааст.

Танҳо *як тӯдаи фосиқ, ки аз ҳисоби бадбахтиву нокомии дигарон соҳиби давлату сарватанд, ташнаи ҷанганд* [13, с.14].

Аз хидматгорону навкарон ва нигаҳбонони Султон Маҳмуд касе намонд, ***танҳо*** *Аёз буд, ки аз қафои подшоҳ асп меронд* [14, с.128].

Рӯзи гузашта Аҳмадҷони Машкоб гуфта истода буд, ки ҳолаш бисёр бад аст , ман ***ҳатто*** *чӣ тавр ҷаноза хондан ва дафн кардани ӯро фикр карда монда будам...* [12, с.124].

Ошиқи тасвиркардаи Ҳилолӣ то абад ба маъшуқааш вафодор аст ва ӯ ҷононаро ***ҳатто*** *аз ҷон беҳтар медонад* [11, с.5].

Ҳатто *назар ба софигарии кӯҳистонӣ ва сададилии табииву хурдсолиаш гумон бурда мешуд, ки ҳанӯз аз дараҷаи зебоии худ чандоне хабар ҳам надорад* [9, с.33].

Ҳатто *яке аз достонҳои “Бӯстон”-ро бахше аз фасли гумшудаи “Аҳди Атиқа” ҳисоб кардаанд, ки таърихи аҷиб ва шунидание дорад* [14, с.5].

Ҳатто *боре Бухоро рафта аз калонон ба номи ҳоким хатти илтимосӣ овардам ва илтиҷо намудам, ки рухсат диҳад, модари кампирамро ҳамроҳи худ бубарам* [9, с.88].

Аммо Одина ба таъсири ҳолате, ки аз видои бозмондагонаш рӯй дода буд, қуввати сухан гуфтан надошт, ***ҳатто*** *гуфта мешавад, ки ҳуш ҳам надошт* [9, с.93].

Ҳатто *Зиёуддинзода аз қушбегӣ ва қозикалон ҳам хат гирифта дод. Бо вуҷуди ин ҳоким розӣ нашуд* [9, с.90].

Тарк кардани шахсе дуруст нест, ки агар ӯ ҳам ***мисли*** *ту рафтор пеш гирад ва тарки туро писандида дорад, сахт пушаймон гардӣ ва вуҷуди туро ба хароби орад* [14, с.128].

Шаб онҳоро ***мисли*** *ин ки гӯсфандонро ба кӯра меронанд, ба ҷойи шабхобиашон меронданд* [15, с.206].

Шамшер ҳанӯз дар кафаш буд, савор фуромада онро гирифтанӣ шуд, ***лекин*** *ба осонӣ гирифта натавонист, панҷаи Виркан ба қабзаи шамшер маҳкам фпшурда шуда, гӯё ки часпида монда буд,* ***мисли*** *он буд ки паҳлавон дар дами ҷонканӣ ҳам шамшер аз даст додан ва таслим шудан намехоҳад* [15, с.149].

Чун Музаффархон бойро бад дида монда буд, ӯ дар зиндагии ин амир ба амалу мансаби наве умедворӣ надошт, магар ин ки боз ***мисли*** *воқеаи таъини беки нави Қабодиён як омади кор шуда монд* [16, с.182].

Солдатҳои казак - табақаи ҳарбиёни имтиёзнок дар Русияи тоинқилобӣ, ки ҳукумати подшоҳӣ онҳоро барои муҳофизати сарҳадҳо ва ***умуман*** *тартиботи ҳукуматдории худ истифода мебурд...* [9, с.51].

Ин аҳвол дар Маскав ва ***умуман*** *дар пахтаи тозашуда буда, аз деҳқон бошад, пахтаи хом-пахтаи пунбадонадор аз рӯйи нархи қатъӣ харида мешуд* [9, с.48].

Аҳадхон ҳам дар зиндагии падараш аз додани амале ба вай на танҳо худдорӣ мекард, балки ӯро ***умуман*** *фаромӯш карда буд* [16, с.182].

Хайрият, *ки ман дар он вақтҳо дар Бухоро набудам, вагарна ба дидани он ҳама хунрезиҳои ноҳақ тобоварӣ карда натавониста мемурдам* [9, с.141].

Дар забоншиносии муосир ба чунин вожаҳои зикршуда истилоҳи «вожаҳои дискурсивӣ» ном дода мешавад [3, с.43].

Нақши вожаҳои дискурсивӣ аз он иборат аст, ки онҳо дар фазои мубоҳиса нақши фаъоли дарки матнро ичро мекунанд, ки ба сухангӯ (нависанда) имкон медиҳад, то тобишҳои гуногуни модалиро баён кунад. Дар байни воситаҳои лексикию грамматикӣ дар интиқоли тобишҳои маъно ҳиссачаҳое ҳастанд, ки маъноҳои гуногунро ифода намуда, нутқро ифоданоктар, аз ҷиҳати маъно сермазмун мегардонанд, нақши махсус мебозанд. Инчунин калимаҳои муқаддимавиро метавон ба калимаҳои мубоҳисавӣ мансуб кард, ки тобишҳои гуногуни муносибати гӯяндаро ба хабари ӯ ифода мекунанд.

Мушкилоте, ки дар фаҳмонидани маънои ин гуна вожаҳо ба донишҷӯёни хориҷӣ дар марҳилаи пешрафтаи омӯзиш ба вуҷуд меояд, аз он иборат аст, ки семантикаи онҳоро мисли семантикаи калимаҳо бо лексикаи мушаххас, воқеӣ ва ҳатто абстрактӣ тавсиф кардан мумкин нест. Ин маънои онро дорад, ки калимаҳои дискурсивӣ ашё ё мафҳумҳоро номбар намекунанд. Онҳо воситаҳои махсуси баёни муносибати гӯянда ба мазмуни нутқ буда, дар болои матн чӣ тавр кор кардани маърузачӣ, фикру ақидаи ӯ ва ғайраро инъикос мекунанд. Муқаррароти гӯянда нисбат ба қисми пешниҳоди баён як *фарзия* ё *фарзияи мафҳумии* баёния ва худи калимаи мубоҳиса мебошад, ки вазифаи он ба ин ё он муқоисаи муносибати гӯянда нисбат ба он муқаррар карда мешавад [1, с.82].

Дар масъалаи тафсирҳои дискурсӣ муҳаққиқони зиёд ақидаҳои гуногун доранд. Аз ҷумла муҳаққиқи рус Ю.С. Степанов чунин қайд мекунад: «Мафҳуми дискурс (фаронсавӣ - discours ва англисӣ - discourse) дар ибтидои солҳои 70-ум ба таври васеъ истифода мешуд. Дар аввал ба маънои наздик ба он маъное, ки дар он истилоҳи «стили функсионалӣ» (сухан ё забон) дар забоншиносӣ истифода шудааст. Аз сабаби он, ки бо истилоҳи зиндаи «сабки функсионалӣ» – «дискурс» тақозо шуд, вижагиҳои мактабҳои забоншиносии миллӣ шуд. Забоншиносони англосаксон бошанд, ба мафҳуми калимаҳои дискурсивӣ ба як мавзуъ, ба истилоҳ берун аз анъана - ҳамчун хусусияти матнҳо муносибат мекарданд. «Дискурс» дар фаҳмиши онҳо аслан матнҳоро дар воқеияти матниашон ва дар вижагиҳояшон ифода мекард...” [3, с.97]. Танҳо баъдтар забоншиносони англосаксонӣ дарк карданд, ки «дискурс» на танҳо «додани матн», балки як навъ мавқеест паси ин системаи «додашуда», махсусан грамматика. Аз нуқтаи назари фалсафаи забоншиносӣ бошад, дискурс мушаххассозии нутқ дар шеваҳои гуногуни мавҷудияти инсон аст.

Мутобиқи талабот ва қоидаҳои таълими забон, хонандагону донишҷӯён ва умуман ҳамаи илмомӯзон бояд калимаҳои дискурсивиро азхуд кунанд, хусусиятҳои маъно ва вазифаи онҳоро дар нутқ, инчунин имконоти онҳоро донанд ва вобаста ба семантикаи ифодашаванда истифода баранд [8, с.11]. Пӯшида нест, ки рушди интуитсияи забонӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ нақши муҳим дорад, аз ин рӯ, азхудкунии калимаҳои дискурсивӣ барои дарки матни забони хориҷӣ мусоидат намуда, ба рушди салоҳияти коммуникативӣ ва нутқӣ мусоидат мекунад. Бо истифода аз системаи махсуси машқҳои дидактикӣ омӯзгор метавонад матнҳои аслиро ҳамчун мавод барои кор истифода барад. Ба инҳо паёмҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, блогҳо, матнҳои бадеӣ ва ғайра дохил мешаванд. Арзиши чунин маводи дидактикӣ дар он аст, ки онҳо бо мақсади таълимӣ офарида нашудаанд, балки стратегияҳои воқеии коммуникативии дискурсро инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, фаъолияти вожаҳои дискурсӣ дар ин гуна матнҳо бештар ифодакунанда ва тасвирӣ хоҳад буд. Ҳангоми истифодаи матнҳои аслӣ, бояд принсипи дастрасии мундариҷа ва тарҳрезии забонро дар хотир дошт. Омӯзгор бояд матнҳоро дар ҳолати душвории дарки онҳо мутобиқ созад, аз онҳо калимаҳои нофаҳморо хориҷ карда, онҳоро бо синонимҳо иваз намояд, инчунин тарҳи грамматикии онҳоро сода намояд [5, с.16].

Калимаҳои дискурсивӣ истилоҳест, ки шояд он қадар маълум нест. Ин як соҳаи нисбатан нави забоншиносӣ, хеле фаъол ва мураккаб аст. Шояд калимаи "дискурс" бештар маълум бошад - ин номи матни мувофиқест, ки дар вазъияти муайян ва бо вазифаҳои муайян

талаффуз мешавад. Дар асл, ин чизест, ки мо ҳангоми истифодаи забон мубодила мекунем. Маълум аст, ки ҳар як матн аз калимаҳо иборат аст. Ва ба ин маъно, эҳтимолан, ҳама вожаҳо дискурсивӣ мебошанд. Аммо мубоҳисаро ба маънои танг гурӯҳи махсуси калимаҳо меноманд: на исм, на феъл, на сифат, на ба ибораи дигар, ядрои асосие, ки бори асосиро дар интиқоли вазифаи маънои бар дӯш дорад, балки чунин нофаҳмоии тарҷумаи калимаҳо хеле душвор аст [2, с.163].

Калимаҳо ва ибораҳои дискурсивӣ (ё аломатҳои дискурсивӣ, дискурсивҳо) вожаҳо ё ибораҳои ғайримуҳим мебошанд, ки “раванди дискурсии байни сухангӯ ва мухотабро (шунавандаро)” танзим мекунанд. Хусусияти дискурсивҳо дар он аст, ки онҳо «на бештар муносибати байни унсурҳои пораи воқеиятро, ки дар изҳорот тавсиф шудаанд, ҳамчун муносибати байни унсурҳои сохтори дискурс, ки ҳамчун вазъияти коммуникативӣ фаҳмида мешаванд, инъикос мекунанд». Аз ин рӯ, омӯзиши вожаҳои дискурсӣ асосан аз рӯйи маводи нутқи шифоҳӣ сурат мегирад. Ҳамчун унсурҳои гуфтугӯи шифоҳӣ, нишонгузорҳои дискурсивӣ бо ҳиҷоҳои дароз ва кӯтоҳ, инчунин бо имову ишораҳое, ки бо нутқ ҳамроҳӣ мекунанд, зич алоқаманданд [4, с.221].

Дар забоншиносии анъанавӣ калимаҳои дискурсивиро бештар ҳиссачаҳо меноманд ва ин калимаҳоро дар нутқи шифоҳӣ истифода накардан барои одам хеле мушкил аст. Назорат кунед, ки чӣ тавр шумо дар муҳити табиӣ муошират мекунед. Эҳтимол, қариб ҳар як ҷумла бо "а", ё бо "хуб", ё бо "хайр" ва баъзе дигар калимаҳои дискурсивӣ оғоз мешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки ин калимаҳо ҳеҷ маъно надоранд, аммо дар асл онҳо доираи бузурги маъно мебошанд ва ин маъноҳо хеле муҳимманд [1, с.87].

Мисол:

***Хайр**, дилатон сиёҳ нашавад, садқаи якдама хурсандиатон қунетон намакҳаромро!* [12, с.39].

***Хайр,** ягон илоҷаш ёфт мешудагист* [16, с.19].

***Хайр**, ин гапҳоро монему ба сари мақсад биёем* [16, с.67].

***Хайр,** то пагоҳ ягон гап мешудагист* [16, с.52].

***Хайр, биё** мон! Бисёр лоф мазан, тез бош, обатро нӯшу воқеаро гӯй, ин чӣ ҳодиса аст, ки шаҳрро зеру забар кард* [9, с.141].

***Хайр, биё мон!** Худатро бисёр накоҳон, гуфтаи худат барин, онҳо воқеаҳои гузашта, шояд аз ин ҳодисаҳо иборат гирифта, фақирону коргарони мо ҳам дар оянда ҳушёрона кор қунанд* [9, с.141].

***Ҳай-ҳай**, ин хуб мол будааст, бегиҷони хурдӣ ба ҳамин нусха як тӯб сатин супориш карда буд, боби ин шахс аст,- гуфта ба яхдон андохт* [9, с.71].

***Албатта,** ман бо ин «ислоҳкории» бемантиқонаи модаркалонам қаноат накардам ва парешонҳолиам давом кард. **Лекин** дар рӯзи дуюми ин суҳбат ҳақиқати он даъво ба ман равшан гардид* [10, с.186].

***Хуб** нигоҳ накардан он сӯ истад, – гуфт модаркалонам, – ҳеҷ нигоҳ накард. Киромиддин аз зағорахӯрӣ ба бемории бадҳазмӣ гирифтор шуд* [10, с.185].

***Хуб** гирем, ки Аҳмад-махдум калонгир нест, гирем, ки ӯ нифоқ ва мунофиқро бад мебинад, бинобар ин, ба саломи калонони мадраса ҷавоб намегардонад* [10, с.181].

***Хуб**, барову худатро ба ман бинамой, баъд меравам* [15, с.45].

***Хуб,** мо ин хатои туро ба лиқои ту бахшидем. Шунида будам, ки хотуни Бухоро хушлиқост, вале гумон накарда будам, ки то ба нн дараҷа соҳибҷамол бошад* [15, с.149].

***Хуб,** сиҳат-саломат ҳастен?* [16, с.21].

***Хуб,** бирав, мардак, аз паи корат бишав* [16, с.72].

***Хуб,** пулро ба тоқча гузор, ман ба он даст намерасонам — молу чизи дунё ба ман ҳаром аст* [16, с.78].

***Хуб,** ин гап ба ман ҳам маъқул! Ҳамин тавр шавад!..* [16, с.279].

***Бале** ин аз ҳама ҷазоҳо бадтар аст!* [12, с.124].

Бо ташаккули дастгоҳи махсуси тавсифи калимаҳои мубоҳисавӣ ва пайдоиши кӯшишҳои эҷоди луғатҳои мувофиқи масъалаи хусусияти миллии вожаҳои дискурсивӣ, мавҷудияти воҳидҳои семантикии универсалӣ ва калимаҳое ба миён омад, ки хусусияти фарҳангии ин ё он забонро ифода мекунанд [4, с.111]. Инчунин, маълум шуд, ки дар

забонҳои гуногун миқдори калимаҳои дискурсивӣ гуногун буда, мавқеи истифодаи онҳо низ гуногун аст. Масалан, онҳо дар забонҳои олмонӣ, итолиёвӣ ва ҳам дар фаронсавӣ хеле зиёд мавҷуданд, аммо, дар забони англисӣ шумораи онҳо камтар аст.

Азбаски дар забони тоҷикӣ чунин калимаҳо зиёданд, ҳангоми таълими забонҳои хориҷӣ онҳоро хуб аз худ кардан лозим аст, зеро донишҷӯён бояд калимаҳои дискурсивии забонҳои гуногунро бо ҳамдигар муқоиса карда тавонанд. Дар таълими забонҳои хориҷӣ, ба назари мо, масъала на дар ворид кардани калимаҳои дискурсивӣ ба контекстҳои гуногуни нутқ, балки дар тафсири ин воҳидҳо аст. Масалан, дар забони русӣ воситаҳои шифоҳӣ (вербалӣ) ва ғайришифоҳӣ ифодаи розигӣ ва норозигӣ бисёранд. Зеро онҳо бисёртар имову ишораҳоеро дар бар мегирад, ки посухҳои муколама мебошанд. Аксар вақт як имову ишора дар забонҳои гуногун дорои семантикаи муқобил аст [1, с.19].

Хусусиятҳои мафҳуми маъноии воситаҳои баёни ризоият имкон медиҳанд, ки онҳоро ба синфи калимаҳои дискурсивӣ нисбат диҳем. Меъёри асосии ин «норавшан»-ӣ мафҳуми ин воситаҳои забонӣ мебошад, ки фақат дар мубоҳиса тафсири каму беши якранг доранд. Ин хусусият ба ҳама воситаҳои изҳори ризоият дахл дорад.

Калимаҳои дискурсивӣ ва воҳидҳои ба онҳо наздик дар забоншиносии ватанӣ объекти таваҷҷуҳи муҳаққиқон мегарданд. Аммо бояд таъкид кард, ки дар ин тадқиқот асосан аз асарҳои олимони хориҷӣ аз ҷумла муҳаққиқони рус истифода шудааст. Ба гуфтаи муҳаққиқ Б. Фрейзер, проблемаи имкони ба ҳам омадани «мафҳумҳои дискурсивӣ» дар забонҳои гуногун ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд [5, с.18].

Ҳамин тариқ маълум мешавад, ки воҳидҳои забонии ин намуд аз ҷониби олимони гуногун мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба таври гуногун тасниф шудаанд. Барои ин кор таснифоти калимаҳои дискурсиро интихоб кардан лозим аст, ки ба ҳадафҳои боло мувофиқ бошад. Аммо, аввал бояд душвории муайян кардани вожаҳои дискурсивиро аз рӯйи вижагиҳои маъно ва мавқеи онҳо дар гуфтор қайд кард. Меъёрҳои таъкиди вожаҳои дискурсивӣ таърифи ба истилоҳ доираи вожаҳои дискурсивӣ ва семантикаи дискурсивиро дар назар доранд [5, с.52] Бисёр калимаҳо дар баробари калимаҳои дискурсӣ маънои ғайридискурсӣ доранд. Агар ҷузъи маъноӣ нисбатан фаҳмо бошад (маънои семантикии калимаҳо ба инобат гирифта мешавад), он гоҳ муайян кардани мавқеъ метавонад баъзе мушкилотро ба бор орад. Ҳангоми таҳқиқ кардани калимаҳои дискурсӣ гурӯҳбандии онҳо аҳаммияти калон дорад [6, с.25]. Дар айни замон миқдори зиёди тавсифи калимаҳои алоҳидаи дискурсивӣ ва гурӯҳҳои онҳо вуҷуд доранд, ҳатто луғатҳои махсуси чунин воҳидҳо ба вуҷуд омадаанд (Луғати вожаҳои сохтории забони русӣ).

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки равишҳо ба таснифи калимаҳои дискурсивӣ хеле гуногунанд. Масалан, дар «Грамматикаи забони русӣ», ки соли 1954 нашр шудааст, мушоҳида мешавад, ки муҳаққиқ Н.С. Поспелов се навъи асосии воҳидҳои калимаҳои дискурсивиро ҷудо кардааст. Ин категорияи калимаҳо аз рӯйи табиати худ бо калимаҳои муқаддимавӣ, ки эҳсосоти аслии ҳақиқии инсонро ҳангоми суханронӣ нишон медиҳанд, муқоиса карда мешавад [6, с.72].

Мавзуи омӯзиши фаъолияти вожаҳои дискурсивӣ дар забон бо чандин сабабҳо муҳим аст. Якум, ин ки чунин калимаҳо ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд, дуюм, асарҳои илмии махсусе, ки ба ифшои моҳияти функсионалӣ ва сохтории калимаҳои дискурсивӣ бахшида шудаанд, вуҷуд надоранд (махсусан дар забоншиносии тоҷик).

Тағйирпазирии вожаҳои дискурсивӣ ҳамчун воситаи ифодаи ризоият ва ихтилоф бо доираи васеи муносибати гӯянда ба мазмуни баён, яъне маҷмуи муносибатҳои маъноӣ, ки фарзияи баёнро тағйир медиҳанд, дар натиҷаи он муқаррар мегардад [7, с.113].

Мафҳуми мубоҳиса бисёрҷанба аст, ҳамон тавре ки мафҳумҳои сухан ва матн гуногунҷанбаанд. Дар илмҳои гуманитарии муосир истилоҳи «дискурс» дар асоси ҳадафҳо, объект ва предмети ҳар як илм ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари мафҳум ва маъно, дискурс ин фаъолияти интерактивии иштирокчиёни муошират, барқарор ва нигоҳ доштани алоқа, мубодилаи эҳсосӣ ва иттилоотӣ, таъсир ба ҳамдигар, бо ҳам пайвастани стратегияҳои зудтағйирёбандаи коммуникатсия ва таҷассуми шифоҳӣ ва ғайришифоҳии онҳо дар амалияи муошират мебошад. Аз нуқтаи назари психологияи забоншиносӣ, дискурс – ин корбурди гузариш аз аломати ботинӣ ба лафзии беруна дар

равандҳои тавлиди нутқ ва тафсири он бо назардошти намудҳои иҷтимоию равонии шахсиятҳои забоншинос мебошад [8, с.10].

Таҳлилҳои забоншиносии калимаҳои дискурсивӣ ба муайян кардани услуби муошират, фарқ кардани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дар навъҳои жанри онҳо, муайян кардани параметрҳои вазифавии муошират дар асоси воҳидҳои он (хусусиятҳои услубҳои функсионалӣ) нигаронида шудааст.

Бар асоси назарсанҷие, ки мо анҷом додем ва манобеи мутолиашуда дар интернет ба хулосае омадем, ки вожаҳои мубоҳисавӣ бояд танҳо дар заминаи дуруст истифода шаванд. Вожаҳои дискурсивиро аз нутқ комилан хориҷ кардан мумкин нест. Ҳамин тавр, калимаҳои дискурсивӣ як гурӯҳи махсуси калимаҳо мебошанд, ки тарҷумаи онҳо душвор аст. Дар назари аввал инҳо калимаҳои қариб “паразитӣ” ҳастанд, аммо дар асл онҳо барои муаллиф ва ҳам барои мухотаби нутқшунаванда комилан заруранд. Онҳо ба ташаккули гуфтор мусоидат намуда, ҳамоҳангии матнро таъмин мекунанд [9, с.17].

Бояд қайд кард, ки татқиқоти калимаҳои дискурсивӣ дар забоншиносии тоҷик ҳоло мавқеи худро наёфтаанд ва дар ин самт омӯзишҳо низ ниҳоят каманд. Дар хотима бояд гуфт, ки яке аз проблемаҳои муҳимтарини ҷомеаи мо мушкилоти маданияти нутқ мебошад. Дар мактаб, дар донишгоҳ, дар матбуот ва телевизион суханро мувофиқи меъёри забон мешунавем ва дар муошират забони дигареро истифода мебарем, ки аз меъёр холист. Аксарият бешуурона дар нутқи худ калимаҳои дискурсивиро истифода мебаранд. Дар нутқи калонсолон калимаҳои гурӯҳи муайян мавҷуданд, вале таркиби сифатии ин унсурҳо ба маданияти умумии шахс, вазъияти нутқ, омилҳои психологӣ вобаста аст.

Муқарриз: Юсупова З. – д.и.ф., дотсенти ДДБ ба номи Н.Хусрав

А Д А Б И Ё Т

1. Баранов, А.Н. Политический дискурс: методы анализа тематической структуры и метафорики / А.Н. Баранов [и др.]. - М.: Фонд ИНДЕМ, 2004. - 94 с.
2. Бобырева, Е.В. Религиозный дискурс: ценности и жанры / Е.В. Бобырева // Научный журнал Московского гуманитарного университета: Знание, понимание, умение. - 2008. - №1. - С.162-167.
3. Григорьева, В.С. Дискурс как элемент коммуникативного процесса: прагмалингвистический и когнитивный аспекты: монография / В.С. Григорьева. - Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2007. - 288 с.
4. Карасик, В.И. Языковой круг: личность, концепты, дискурс / В.И. Карасик. - Волгоград: Перемена, 2002. - 477 с.
5. Полякова, Л.С. Язык. Текст. Дискурс / Л.С. Полякова // Научный альманах. - 2009. - № 7. - С.87-91.
6. Чернявская, В.Е. Дискурс власти и власть дискурса / В.Е. Чернявская. - М.: Флинта: Наука, 2006. - 136 с.
7. Сергеева Е.Н. Типа как эвиденциальный маркер в русской разговорной речи // Acta linguistica Petropolitana. Труды Института лингвистических исследований. – 2010. - Т.6. - № 3. - С.149-153.
8. Титова Н.С. Структурные и семантические особенности сочетания на самом деле в текстах научных работ М.М. Бахтина / Н.С. Титова // Вестн. Том. гос. ун-та. - 2015. - № 392.
9. Айнӣ, С. Одина (повест) / С. Айнӣ. - Душанбе, 2014. – 192 с.
10. Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.
11. Бадриддини Ҳилолӣ. Ғазалиёт / Ҳилолӣ, Бадриддин. - Душанбе: Ирфон, 1968. – 251 с.
12. Икромӣ, Ҷалол. Духтари оташ (роман). / Ҷалол Икромӣ. - Душанбе: Адиб, 2009. – 560 с.
13. Сафиева, Г. Зан ва ҷанг / Г. Сафиева. - Душанбе: Деваштич, 2004. – 43 с.
14. Саъдӣ. Достонҳои дилангез аз “Бӯстон”. - Хуҷанд: Ношир, 2015. – 236 с.
15. Улуғзода, С. Ривояти суғдӣ: қиссаи таърихӣ / С.Улуғзода. - Душанбе: Адиб, 2002. – 220 с.
16. Улуғзода, С. Восеъ (роман) / С.Улуғзода. -Душанбе: Ирфон, 1969. – 360 с.

ТАФСИРИ СЕМАНТИКИИ КАЛИМАҲОИ ДИСКУРСИВӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш менамояд, ки хусусият ва тафсири калимаҳои дискурсивиро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ муайян намояд. Зеро калимаҳои дискурсивӣ унсурҳои муошират мебошанд, ки ба ҷойгиршавии изҳорот ва пайвастани қисмҳои он дар сатҳи семантикӣ, инчунин ифодаи ниятҳои гуногуни муаллиф мусоидат мекунанд. Инчунин дар мақола муаллиф дар бораи мафҳум ва мавқеи истифода шудани калимаҳои дискурсивӣ дар забоншиносӣ маълумотҳоро аз ақидаҳои муҳаққиқони забоншинос баррасӣ намудааст. Омӯзиши калимаҳои дискурсивӣ як соҳаи нисбатан нави забоншиносӣ ба шумор рафта, раванди ниҳоят мураккабро дар бар гирифтааст. Ин вожаҳои ба истилоҳ муқаддимавӣ-модалӣ аз ақидаҳои мавҷудбуда дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва аъзои ҷумла берун мераванд, зеро онҳо дар изҳорот нақши махсус доранд. Омӯзиши фаъолияти ин гуна воҳидҳо дар партави рушди минбаъдаи забоншиносии матн муҳим аст, зеро онҳо дар сохтани калимаҳои дискурсивӣ нақши хеле муҳим доранд. Дар мақолаи илмии худ вожаҳои дискурсивиро бо калимаҳои муқаддимавӣ-модалӣ муқоиса намудем, зеро ҳарду синфи калимаҳо семантикаи якхела доранд,

яъне онҳо ҳамчун нишондиҳандаи эҳсосоти воқеии шахс нисбат ба як падида хизмат мекунанд. Дар назари аввал инҳо калимаҳои қариб паразитӣ ҳастанд, аммо дар асл ҳам барои муаллиф ва ҳам барои шунаванда комилан заруранд. Зеро онҳо ба бунёди дискурс мусоидат мекунанд ё чунон ки забоншиносон то ҳол мегӯянд, ҳамбастагии матнро таъмин мекунанд.

Калидвожаҳо: калимаҳои дискурсивӣ, муошират, нутқи шифоҳӣ, калима, талаффуз, лафз, забоншиносӣ, муҳаққиқон, грамматика, семантика, мафҳум, услуби муошират, ақидаҳо.

СЕМАНТИЧЕСКАЯ ИНТЕРПРЕТАЦИЯ ДИСКУРСИВНЫХ СЛОВ

В данной статье автор пытается определить природу и толкование дискурсивных слов в письменной и устной речи. Ведь дискурсивные слова являются элементами коммуникации, способствующими расположению высказывания и связи его частей на семантическом уровне, а также выражению различных намерений автора. Также в статье автор приводит мнения лингвистов о понятии и позиции использования дискурсивных слов в языкознании. Изучение дискурсивных слов является относительно новой областью лингвистики и включает в себя очень сложный процесс. Эти так называемые вводно-модальные слова выходят за рамки существующих представлений о частях речи и членах предложения, поскольку им отводится особая роль в высказывании. Изучение деятельности таких единиц важно в свете дальнейшего развития лингвистики текста, поскольку они играют очень важную роль в построении дискурса. В нашей научной статье мы сравнили дискурсивные слова с вводно-модальными словами, поскольку оба класса слов имеют одинаковую семантику, то есть служат показателем реальных чувств человека к явлению. На первый взгляд, это почти слова-паразиты, но на самом деле они совершенно необходимы как автору, так и адресату выступления. Потому что они способствуют построению дискурса или, как еще говорят лингвисты, обеспечивают связность текста. В социолингвистике дискурс - это общение людей, который рассматривается с точки зрения их принадлежности к определенной социальной группе или применительно к той или иной ситуации типичного речевого поведения, например институционального общения.

Ключевые слова: дискурсивные слова, общение, устная речь, слово, произношение, языкознание, исследователи, грамматика, семантика, концепт, стиль общения, идеи.

SEMANTIC INTERPRETATION OF DISCURSIVE WORDS

In this article, the author tries to determine the nature and interpretation of discursive words in written and oral speech. After all, discursive words are elements of communication that contribute to the location of the statement and the connection of its parts at the semantic level, as well as the expression of the various intentions of the author. Also in the article, the author discussed information from the opinions of linguists about the concept and position of using discursive words in linguistics. The study of discursive words is a relatively new area of linguistics and involves a very complex process. These so-called introductory-modal words go beyond the existing ideas about parts of speech and sentence members, since they have a special role in the utterance. The study of the activities of such units is important in the light of the further development of text linguistics, since they play a very important role in the construction of discourse. In our scientific article, we compared discursive words with introductory-modal words, since both classes of words have the same semantics, that is, they serve as an indicator of a person's real feelings towards a phenomenon. At first glance, these are almost parasitic words, but in fact they are absolutely necessary for both the author and the addressee of the speech. Because they contribute to the construction of discourse, or, as linguists still say, ensure the coherence of the text. Therefore, the expressiveness of this class of words cannot be considered satisfactory. In sociolinguistics, discourse is the communication of people, which is considered from the point of view of their belonging to a particular social group or in relation to a particular situation of typical speech behavior, for example, institutional communication.

Key words: Discursive words, communication, oral speech, word, pronunciation, linguistics, researchers, grammar, semantics, concept, communication style, ideas.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуалиев Бахтиёр Сафарович*** - Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва рушди неруи инсонӣ. **Суроға:** 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бохтар, кӯч. Н.Хусрав 73. E-mail: **abdualievb87@mail.ru.** Тел.: **(+992) 777-07-65-85, 100-07-65-85**

Сведения об авторе: ***Абдуалиев Бахтиёр Сафарович*** - Институт энергетики Таджикистана, старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин и развития человеческих интеллектов. **Адрес:** 735162, Республика Таджикистан, Бохтар, ул. Н.Хусрав 73. E-mail: **abdualievb87@mail.ru.** Тел.: **(+992) 777-07-65-85, 100-07-65-85**

Information about the author: ***Abdualiyev Bakhtiyor Safarovich*** - Institute of Energy of Tajikistan, Senior Lecturer of the Department of Humanitarian Disciplines and the Development of Human Intelligence Sciences. **Adress:** 735162, Republic of Tajikistan, Bokhtar, N.Khusrav Str.,73. E-mail: **abdualievb87@mail.ru.** Phone: **(+992) 777-07-65-85, 100-07-65-85**

УДК: 491.550-56

ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ

Сафаралиева М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Як ҳиссаи ганҷинаи луғавии забони тоҷикиро чунин ибораю ҷумлаҳои рехтаи хушобуранг ва пурмаъно ташкил медиҳанд, ки дар забоншиносӣ воҳидҳои фразеологӣ меноманд. Онҳо аз ҷиҳати манбаи пайдоиш бо зиндагӣ, урфу одат, ҷаҳонбинӣ ва ақлу заковати мардумӣ пайвастагӣ доранд. Дар онҳо зимни мафҳуме як лаҳзаи рӯзгор, сабақи зиндагӣ, муносибат ва таассуроти нек ё бад инъикос ёфтааст. Аз ҳамин сабаб, маънӣ дар воҳидҳои фразеологӣ хеле нозук, пӯшида, вале рангин ва пурҷозиба ифода меёбад. Вазифаҳои услубии онҳо аз чунин табиати нозуку сарпеч падид меоянд [3, с.90].

Воҳидҳои фразеологӣ офаридаи халқанд ва дар забони зиндаи тоҷикӣ ва ҳам дар забони адабии китобӣ дар истифодаанд. Онҳо дар тули асрҳо суфтаву равон ва шево гардидаанд.

Таҳаввулоти воҳидҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, таркиббандӣ, иборасозию ҷумлабандӣ аввал дар забони воситаҳои ахбори омма инъикос меёбанд, чунки матбуот, телевизион ва радио инъикоскунандаи вазъи кунунии унсурҳои луғавӣ, фразеологӣ, калимасозию таркиббандии забони адабии тоҷикӣ ба шумор мераванд. Ҳар дигаргуние, ки дар забон ба вуҷуд меояд, пеш аз ҳама, тавассути матбуот дар калимаю истилоҳоти нав ифода мегардад. Бесабаб нест, ки инкишофи забонро, қабл аз ҳама, аз рӯйи забони воситаҳои ахбори омма, хусусан, рӯзномаҳо таҳлилу таҳқиқ мекунанд [16, с.70].

Воҳидҳои фразеологӣ низ дар забони расонаҳои хабарӣ, ба хусус дар воситаҳои электронии ахбори омма, мавқеи муҳим мебозанд. Онҳо як ҳиссаи ганҷинаи забони мардумӣ буда, ба гуфторҳои радиоию телевизионӣ руҳияи забони зинда мебахшанд. ВФ дар силсилаи муродифоти луғавию фразеологӣ низ мавқеи хос доранд, бинобар ин, дар интихоб ва мавқеи корбурди муродифҳо ва саҳеҳу дақиқ ифода кардани фикр аҳаммияти калон касб мекунанд. Бар замми ин, мафҳумро образнок ва маъниро пӯшида ифода мекунанд. Аз ин рӯ, дар жанрҳои публитсистии бадеии маводи рӯзномаҳо воҳидҳои фразеологӣ бештар ба кор бурда мешаванд.

Дар воситаҳои ахбори омма воқеаю ҳодисаҳои рӯзмарраи ҳаёти ҷомеа ба тарзи таъҷилӣ инъикос карда мешаванд. Барои таҳрири ҳарҷонибаи мавод фурсат наметмонад. Бинобар ин, эҳтимоли рӯй додани баъзе нуқсонҳои забон дар матбуоти ҷорӣ ва телевизиону радио ба назар мерасад [16, с.72]. Азбаски дар ВФ нисбат ба калима сохту таркиби наҳвӣ мураккабтар ва тарзи ифодаи маъно ҳам пӯшидатар аст, дар корбурди онҳо нуқсонҳо содир мешаванд.

Аз ҳамин сабаб, ҳам дар навиштаҳои кормандони воситаҳои ахбори омма, хусусан, дар рӯзномаҳо, бояд воҳидҳои фразеологӣ ва, умуман, меъёри забони адабӣ, комилан, риоя карда шавад [16, с.72].

С.Айнӣ аз забони зиндаи гуфтугӯйӣ ифодаҳои образнокеро чида гирифта, дар мақолаҳояш кор фармудааст, ки дар асоси ташбеҳ, муболиға ва дигар санъатҳои сухан шакл гирифта, таркибан устувор гардидаанд.

Чунон ки маълум мегардад, С.Айнӣ ибораҳои фразеологиро дар мақолаҳояш моҳирона кор фармудааст. Нависанда тавассути воҳидҳои фразеологӣ мақсади худро басо табиӣ ифода кардааст.

Ибораҳои рехта бо калимаю таркибҳои одӣ ҳаммаъно шуда омада, барои чида, сара карда гирифтани таъбирҳои матлуб имкониятҳои луғавии забонро фаровонтар менамоянд. ВФ мисли калима мафҳумҳои ашё ва аломатро ифода мекунанд.

Дар мақолаҳои солҳои 20-уми нависанда як қатор воҳидҳои фразеологие ба чашм расиданд: *қути лоямут, меҳмони нохонда, Аҳмади порина, дарди бедаво, абри даргузар ва ғайра.*

ВФ-и ***«Аҳмади порина»*** *«ба монанди пештара, чӣ хеле ки буд, ҳамон тарз мондааст, бетағйир* ифода гардидааст. Ин ВФ обуранги ҳиссии манфиро ифода мекунад. Инчунин,

нависанда ифодаи *«сайфу қалам»*-ро истифода кардааст, ки ҳарчанд он замон маъмул ва пуртаъсир буд, аммо хусусияти рехтагӣ пайдо накард:

Ба ҳама фуқарои косиба ва миллатҳои маҳкума озодӣ доданд, … «сайфу қалам»-ро, ки ҳукми нигини Сулаймонро дорад, ба мо пешкаш карданд, аммо мо: «*Ман ҳамон **Аҳмади порина**, ки будам, ҳастам*» мегӯем, на ба сайф рағбат дорем, на ба қалам [2, с.154].

ВФ-и **нӯши ҷон намудан** ба маънои *ҳаловат бурдан,* **дарди бедаво** ба маънои мушкиле, ки осон шуданаш ғайриимкон аст, кор фармуда шудааст, аммо дар матни дигар *ҷамеи дардҳои Ватанамон даво ёфт* гуфта, ҳал шудани мушкилеро дар назар дорад. Инчунин, **абри даргузар** ба маънои *гузаранда будан*. *Тамошобинӣ кардан* – киноя аз *бепарвоӣ, бечуръатӣ*, *форигболӣ:*

… ҳилагарони ваҳшӣ баъд аз ин гӯшти аҳли Шарқро ба равғани худи аҳли Шарқ бирён карда, нӯши ҷон намоянд. [2, с.119]. …ба кӯшиш ва ҳиммати мардонаи ҷавонони сусиёлист *ҷамеи дардҳои Ватанамон даво ёфта*, садчандони аввал касби мазоё ва шараф хоҳад кард [2, с.153]. …ҳангоме ки Ҳукумати Шуравии Туркистон ба фармоиши Ҳукумати Шуравии марказии Русия аксари кори идораи Туркистонро ба супурдан ба дасти мусулмонон қарор додааст, мо *тамошобинӣ мекунем*, мо ҳанӯз ин ҳама сели инқилобро ***абри даргузар**,* ин ҳама *шӯру ғавғо*ро талотуми ҳавои айёми баҳор мепиндорем [2, с.104].

Ба саҳрои адам фиристодан варианти *ба асфалассофилин фиристодан буда,* ба маънои нестшавӣ омадааст.

Зеро агар ҳамаи падару модар аз тарбияи атфол *даст кашанд*, пайдост, ки дар муддати бист сол, мунтаҳояш то чил сол ҷунбандае аз фарзанди инсон дар рӯйи дунё нахоҳад монд [2, 220]. Оре, дар натиҷаи ин ноҳаққориҳо тамоми ранҷбарони дунё, балки тамоми фарзандони одам ба як шури интиқомҷӯёна бархоста, *дунёро аз хошоки вуҷуди ин оқоён пок карда*, *инсонияти* ҳақиқиро дар арсаи зуҳур хоҳанд овард [2, с.246]. Чун ранҷбарони Русия аз ин кушторҳои бемаънӣ *ба фиғон омада*, ҳукумати императорӣ ва ҷонишини ӯ Ҳукумати муваққатаро *аз по дароварда*, мехостанд ба як инқилоби иҷтимоӣ ватани харобшударо таъмир намоянд, хоинони дохилӣ ва хориҷӣ – душманони бани навъи инсон, яъне аксулҳаракатчиён ва сарватдорони Русия бо ҷаҳонгирон як шуда, фурсат надода *бар сари* Русияи харобшуда ва ранҷбарони бараҳна ва гурусна *рехтанд* [2, с.213]. *Эрон солҳои дароз* боз дар зери фишори давлатҳои ҷаҳонгири Фарангистон *ҷон меканад* [2, с.216].

Солҳои дароз воҳиди фразеологии номӣ буда, ба маънои *солҳои тулонӣ, як умр дар зери фишори касе мондан* омада, *ҷон кандан* воҳиди фразеологии феълист ва ба маънои *азоб кашидан* омадааст.

Воҳидҳои фразеологии дар мақолаҳои С.Айнӣ истифодашуда низ вобаста ба тақозои матн ва муносибати нигоранда ба муҳтавои асосии он ҷилоҳои тоза ба тоза пайдо мекунанд: *Ҳуш аз сар парида, тоқат ба бадан хайрбод гуфт*. Дар *баҳри хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтам [1, с.54].*

Ин матн саршор аз таъбирҳои рехтаи мардумист, вале ҳар кадоми онҳо бо обуранги тоза: Таъбири асл *ҳуш аз сарам парид,* яъне кӯтоҳшудаи *мурғи ҳуш аз сарам парид, тоқатам тоқ шуд*, на *тоқат ба бадан хайрбод гуфт*. Қолаби асл ва мукаммали *ба хаёлот фурӯ рафтан – дар баҳри (дарёи) тахайюлот фурӯ рафтан* аст. Ин матн аз он шаҳодат медиҳад, ки С.Айнӣ чунин таъбирҳои рехтаи мардумиро дар қолаби асл хуб шинохтааст ва қудрате дорад, ки аз асли тадбир дур нарафта, онро бишканад ва ба таркиби он унсурҳои гуногуни луғавиро ворид намояд.

Воҳидҳои фразеологии ***ҳуш аз сари касе рафт, ҳуш аз сари касе парид, ақлу ҳуш аз сари касе парид*** ба маъноҳои *1. ҳайрон, моту мабҳут шудан 2. сахт тарсидан* [15, с.625] омадаанд.

Ибораҳои *чашм дӯхтан*, *дида дӯхтан*, *назар дӯхтан, нигоҳ дӯхтан* аз ҷиҳати маъно фарқе надоранд, аммо воҳиди фразеологӣ бо калимаи *чашм* (*дида, назар*) маъмул буда, калимаи *нигоҳ* камистеъмол ва хосси услуби фардии нависанда ба ҳисоб меравад.

Масалан, дар матнҳои зерин чунин вариантнокӣ ба чашм мерасад:

– назар андохтан, чашм андохтан, чашм дӯхтан;

– чангол задан, чанг ба домони рӯзнома задан, чанг ба домони сайфу қалам задан;

– ба ҷаҳаннам фиристодан, ба асфаласофилин фиристодан;

– камари ҳиммат бастан, камари итоат бастан, мижгони шуҷоат бастан;

– аз по даровардан, аз по дарандохтан;

– ба торҳои асаби касе нохун задан, ба захми касе намак пошидан.

1. Ҳар касе, ки *ба* аҳвол ва тарзи идораи ҳукумати Бухоро *назар андозад*, гуфтаҳои моро чун офтоби чоштгоҳӣ равшан ва ҳувайдо мебинад [2, с.144]. 2. …қитъаи Силезияи Боло, ки полокҳо дар он ҷо *чашм андохта буданд*, ба ёрмандии Франсия ба муқобили Олмония фитнаҳо эҷод карданд [2, с.245]. 3. Зеро мардуме, ки имрӯз «нон» гуфта ҷон медиҳанд, табиӣ тухму донаи мамлакатро, ки дар оянда мояи умедворист, бо паранда ва чарранда ва чорпоёне, ки воситаи зироат ҳастанд, ҳамаро хӯрда, дар оянда низ *чашми худро* ба ҷойҳое, ки озуқа мавҷуд аст*, хоҳанд дӯхт* [2, с.255].

Дар ФИР се маънои ВФ-и феълии «*назар андохтан*» зикр ёфтааст: 1. нигоҳ кардан, 2. чизеро ба пеши чашм овардан, 3. мулоҳиза кардан [14, с.679].

Маънои аввал ба амали воқеии дидани чизе, ба чизе нигоҳ кардан далолат мекунад. Ин маъно дар асарҳои бадеии С.Айнӣ бисёр мушоҳида мешавад, ки он ҳам дар матн тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мекунад.

Дар мақолаҳои публитсистии солҳои бистуми С.Айнӣ ин ВФ ба маъноҳои дуюму сеюм ба кор бурда шудааст:

(Матни 1.) Дар ин матн «*ба аҳвол… назар андозад*» маънои иҷтимоию сиёсӣ дошта, аз маънои ба чизе нигаристан ба куллӣ фарқ мекунад: тарзи идораи Ҳукумати Бухороро, аслан, бо чашми сар не, бо чашми ақл мулоҳиза, муҳокима кардан мумкин аст. Мисли ҳамин дар матни 2-юм низ «таъсир ва муносибати Инқилоби Уктабр» мавриди мулоҳиза, таҳлилу тадқиқ қарор доданро ифода мекунад.

Дар мисолҳои дигар ВФ «*чашм андохтан*» бо чунин тобиши маъно аз «*назар андохтан*» фарқ мекунад, ки ба манбаъҳои моддии кишвар бо мақсади ғаразнок, бо тамаъ амал карданро ифода мекунад. Маълум мешавад, ки вариантҳои «*назар андохтан*» ва «*чашм андохтан*» бо табдили исми «назар» ба «чашм» ба вуҷуд омадаанд. С.Айнӣ аз ҳамон имконоти вариантҳои ВФ-и феълӣ бо мақсади дақиқ ифода намудани матлаб ва зоҳир намудани муносибати салбии худ моҳирона фоида бурдааст.

ВФ-и «назар (чашм) андохтан (афкандан)», аслан, ба чизе сатҳӣ як нигоҳ карданро ифода мекунад, ки баъзан тасодуфан воқеъ мегардад. Бо ин тобиши маъно антоними «*чашм дӯхтан*» аст, зеро ин ВФ тобишҳои маъноии ба як нуқта нигаристан ва як муддат тул кашидани нигоҳро ифода мекунад.

Дар истифодаи ин ВФ низ С.Айнӣ ба ҷанбаи иҷтимоӣ, маърифатии он бештар эътибор додааст. Ҷолиб аст, ки нависанда онро бо обуранги услубии муътадил ё мусбат ба кор мебарад:

1.Ҳар касе ки *ба* аҳвол ва тарзи идораи ҳукумати Бухоро *назар андозад*, гуфтаҳои моро чун офтоби чоштгоҳӣ равшан ва ҳувайдо мебинад [2, с.144].

Дар ифодаи шуғл варзидан бо кору амале ба таркиби он калимаи «домон» ворид мешавад, ки бо даст ё чанг задан таносуби маъноии наздик дорад:

2. Мо пеш аз он ки таъсир ва муносибати Инқилоби Уктабрро ба олами Шарқ нависем, лозим аст ба аҳволи ин олам, ки пеш аз инқилоби Уктабр буд, *як назар андозем* [1, с.63]. 3. …қитъаи Силезияи Боло, ки полокҳо дар он ҷо *чашм андохта буданд*, ба ёрмандии Франсия ба муқобили Олмония фитнаҳо эҷод карданд [2, с.245].

Маълум аст, ки мафҳуми «рӯзнома» ва таркиби рехтаи солҳои бистуму сиюми асри гузаштаи ҳаёти сиёсию маърифатии ватанамон «сайфу қалам» бо маънои «домон» иртиботи маъноие надорад. Дар ин ҷо калимаи мазкур маънои умумии кору пайкор ва фаъолияти аъзоёни ҷомеаро бо оҳанги даъват ифода намудааст. Чунин вожаю таркибҳо дар матбуоти даврӣ ифодагари руҳияи инқилобии ҷомеаро барҷаста ифода менамуданд. С.Айнӣ ҳам аз ҳамин имконоти услубии забони матбуоти онзамона бо камоли майл фоида бурдааст.

Дар матни чорум **чашм дӯхтан** омадааст, ки дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ба ду маъно омадааст: 1. *Ба касе ё чизе бодиққат нигоҳ кардан, нигоҳ карда мондан, интизор шуда мондан. 2. Ба касе, чизе бо нияти бад, бо чашми бад нигоҳ кардан, ба касе, чизе ҳарисона нигаристан, тамаъ кардан* [15, с.375]. *М*ан *ду чашмамро ба ӯ дӯхтам* (С.Айнӣ).

Дар матни панҷум ВФ-и *чашми тамаъ дӯхтан* омадааст, ки маънои дуюми дар фарҳанг овардашударо дар бар мегирад, яъне *ба касе, чизе бо нияти бад, бо чашми бад нигоҳ кардан, ба касе, чизе ҳарисона нигаристан, тамаъ кардан.* Дар ин ҷо ин ВФ-ро нависанда кӯтоҳ ва муъҷаз ба маънои «*сармоядорони Ғарб бо мақсади фоида ба даст овардан ба Шарқ ҳуҷум кардан ҳастанд»* овардааст.

Дар матнҳои зерин нависанда ба воситаи исми **чангол** чанд варианти воҳиди фразеологӣ сохтааст, ки ВФ-и «*ба чизе даст задан*» ва вариантҳои он «*ба чизе чанг задан*», «*чангол задан*», аслан, амали номатлуб, кирдори густохонаро ифода мекунад. Ин ВФ ҳам ба маънои моддӣ «*даст ба табақи ош зад*» ва ба амали бад машғул шуданро ифода мекунад.

1. Кордорони Ҷумҳурияти Тоҷикистонро лозим аст, ки дар ин кор ҷиддитар кӯшиш карда, ба василаҳои китобҳозиркунӣ *чанг зананд* … [1, с.86]. 2. Барои расонидани ин гурӯҳ, мо маҷбурем ба тарафи матбуот илтиҷо барем, *ҳама якдилу якзабон шуда чанг ба домони рӯзнома занем*, яъне ҳеҷ фурсатро аз даст надода, ба воситаи рӯзномаҷот фикри худро танвир ва маълумоти худро тавсеъ намоем [2, с.104]. 3. …агар мо ҳаёт хоҳем, бояд фурсат нагузаронда, *чанг ба домони сайфу қалам занем* [2, с.155].

Чанг задан-1. ба коре машғул шудан, ба коре қасд кардан. 2. *ба чизе, касе дарафтодан, часпидан* [15, с.358].

Чанг задан мисли «*ба коре даст задан*» обуранги ҳиссии манфӣ дорад. С.Айнӣ инро сарфи назар кардааст. **Чанг задан**ро ба маънои мусбат кор фармудааст.

Чанг ба домони сайфу қалам задан. Ин ВФ-и мусбат буда, ба маънои *ба коре машғул шудан, ба коре қасд кардан* истифода гардидааст.

ВФ-и *аз чанголи фалокати хонумонсӯзи гуруснагӣ эмин мондан* дар матни зерин ба маънои *аз гуруснагӣ ҳалок нашудан* ва *пеши роҳи гуруснагиро гирифтан* истифода гардидааст:

Дар сурати муованати умумӣ аст, ки як қисми бани навъи мо *аз чанголи фалокати хонумонсӯзи гуруснагӣ эмин монда*, тухму донаю ҳайвоноти воситаи зироат ва зиндагониашон солим буда, дар оянда барои зироат ва фалоҳаташон роҳ ва имкон монад [2, с.255].

Ифодаи ВФ *чангол задан* маънои чизеро дар зери итоати худ даровардан, ба чизе зарар расониданро дошта, маънои манфӣ дорад. Аз вақте ки англисҳо ба Миср *чангол задаанд*, ҳамеша осори ҳаяҷон дар муқобили эшон дида мешавад [2, с.158].

Чангол задан чор зинаи манфӣ дорад:

1) ба чизе даст задан;

2) чанг задан;

3) чангол задан;

4) панҷа андохтан.

Дар матнҳои зерин нависанда ба воситаи исми *панҷа* чанд воҳиди фразеологӣ сохтааст: *панҷа андохтан*, *асири панҷаи зулм будан, дар зери панҷаи чизе асир будан, дар панҷаи касе гирифтор шудан, аз панҷаи касе эмин будан:*

Давлати Англис барои *панҷа андохтан* ба ин рақиби нав низ ҳозирӣ мебинад [2, с.246]. Русияе, ки дар роҳи инқилоб ва озодӣ ба тамоми аксулҳаракатчиёни дохилӣ ва хориҷӣ мубориза карда, ба ҳамаи душманони худ ғалаба намуда, меҳнатро аз сарват ва сармоя халос кард, имрӯз *дар панҷаи балои осмонӣ* ва фалокати ногаҳонӣ гирифтор аст [2, с.254].

ВФ-и *панҷа андохтан* ва *асири панҷаи зулм будан* – обуранги ҳиссии манфӣ дорад.

Нависанда барои ҷаззобу чашмрас шудани эҷодиёти худ ҳамеша аз ифодаҳои муносиб ва аз ганҷинаи бойи луғавии забон моҳирона истифода мебарад:

Чун дар ҷанги охирини панҷсола аз ҳама зиёдтар ***хун****и ранҷбари Русия* ***рехт***, аз ҳама зиёдтар *қути лоямут*и деҳқонони Русия ***аз даст рафт***, умуми ранҷбар ва деҳқон ва аскари Русия, алами инқилобро бардоштанд, Николай ва итбоашро *ба ҷаҳаннам фиристоданд*, чун диданд, ки Ҳукумати муваққата (ҳукумати Керенский) аз хатти ҳаракати ҳукумати Николай раҳсипор шуда, ба хаёли гирифтани Истомбул ва нишондани салиб бар сари манораи масҷиди Аясофия ҷангро давомат кунонад, онро низ *аз миён бардошта*, шурои аскару деҳқон ва ранҷбарро ба ихтиёри комила бар сари кор оварданд… [2, с.117]. Баъд аз он ки Бухоро мавқеи маданӣ ва илмии аввалии худро *аз даст дод*, боз шуҳрати аввалияш боқӣ монд, вале дареғо, ки ин шуҳрат иборат аз як ***шуҳрати козиба*** гардида буд [2, с.186].

Воҳидҳои фразеологии «*ба ҷаҳаннам фиристоданд*» варианти «*ба асфалассофилин фиристодан*» буда, ба маънои *нобуд кардан* омадааст, бори дуюм чун ҳаммаънои воҳиди фразеологии «*аз миён бардоштан*» истифода шудааст. Воҳидҳои фразеологии «*ба ҷаҳаннам фиристодан*» ва «*ба асфалассофилин фиристодан*» обуранги ҳиссии манфӣ доранд ва дар матни публитсистӣ ҳиссиёти манфии нигорандаро барҷаста ифода мекунанд. Истифодаи

чунин унсурҳои луғавию фразеологии муассирмаъно яке аз хусусиятҳои услуби забони публитсистии солҳои баъди инқилоб ба шумор мераванд. Ин тамоми нигориши публитсистӣ на танҳо дар мақолаҳои С. Айнӣ, балки дар навиштаҳои рӯзноманигорону адибони дигари солҳои бистуму сиюми садаи гузашта низ мушоҳида мешавад.

Инчунин дар ин ҷо ВФ ***шуҳрати козиба*** истифода гардидааст, ки сохтаи С.Айнӣ аст. Ин ВФ дар шакли ***субҳи козиб, субҳи содиқ*** машҳур аст, **субҳи козиб** ин субҳи дурӯғин, яъне нисфи шаб бо равшан шудани осмон кас фикр мекунад, ки рӯз шудааст, аммо ин субҳи дурӯғин аст, ки **субҳи козиб** мегӯянд. Аммо **субҳи содиқ** дамидани субҳ, ҳангоми саҳар, ки ин субҳи ростӣ аст. С.Айнӣ ба ҳамин ВФ пайравӣ намуда ВФ ***шуҳрати козиба*** сохтааст, ки маънои ***шуҳрати дурӯғинро*** дорад.

Дар матнҳои зерин *камари ҳиммат бастан, камари итоат бастан* ва *мижгони шуҷоат* истифода гардидаанд, ки («инвариант») варианти пурраи он ВФ-и «*камари ҳиммат бастан*» аст. Аз ин вариантҳо аз ҳама асосӣ «*ба коре камар бастан*» буда, аз ҳама маъмули он «камари ҳиммат (итоат) бастан» аст. Инчунин, ВФ-и *«дасти дӯстӣ дароз кардан»* омадааст, ки маънои *ёрӣ расондан ба касе*ро дар бар мегирад. Дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ду маънои ин ВФ дарҷ гардидааст: *Дасти дӯстӣ дароз кардан // Дасти ёрӣ додан – ба касе ёрӣ додан, кумак кардан, мададгорӣ кардан [13, с.308].*

Аз вариантҳои ин ВФ аз ҳама асосӣ *даст дароз кардан ба чизе, дасти дӯстӣ (ёрӣ, мадад…)* маънои мушаххас дорад.

Ҳамин буд, ки тохтутози Колчок, тазйиқи Деникин, ҳуҷуми Юденич, таҳдиди Англис ва Франсия ҳам *ба мижгони шуҷоати ҷавонмардони инқилоб нарасонд* [2, 145]. Дар натиҷаи ин ғалабот, дували кӯчаки ҳамсоя *дасти дӯстӣ* ва мусоламат *дароз карданд*, уламои бетараф ва ҳунарварони мутахассиси *дудила якдила шуда,* ба хидмати Ҳукумати Шуроӣ *камари итоат бастанд* [2, с.145]. Мунтазир бошанд, ки ранҷбарони Русия барои истихлоси Шарқ ***камари ҳиммат бастаанд***… [2, с.119].

Аз по даровардан (дарандохтан) ба маънои *куштан* омадааст, ки ин архаизми ВФ мебошад. Дар матни зерин варианти воҳиди фразеологии *«аз по даровардан» «аз по дарандохтан»* ба маънои нест кардан истифода шудааст:

…ашхоси мазкур ҳамаи ин корҳоро аз шахси рафиқ Акобир дониста дар садади *аз по даровардани* ӯ шуданд [2, с.211]. Ба ранге, ки се сол боз дидем ва тафсилоташро дар ҷароид хондем, ҳамаи душманони дохилӣ ва хориҷиро *аз по дарандохтанд* [2, с.213].

Ибораи фразеологии «*чизеро ба гардани касе бор кардан*» низ дар мақолаҳо маънои сиёсию иҷтимоӣ пайдо карда, дар вариантҳои гуногун истифода шудааст:

Муттафиқҳо баъд аз он *ба гардани коргарон*и Олмон *бори сангинро гузоштанд*, ҳоло ба тақсими Туркия шуруъ кардаанд [2, с.102]. …ҳукумати Эронро, ки ҷуз номе беш намонда буд, ба аҳдномаҳои мутааддида *дар зери борҳои хеле сангин андохта буданд* [2, с.242]. Лекин дар халос кардани Шарқ *вазифаи бузург* ***ба гардан****и худи аҳли Шарқ* ***меафтад…*** [2, с.119].

Дар зери борҳои хеле сангин андохта буданд – ВФ киноя аз ҳоли бад.

Дар аснои мусофират *гарму сарди дунёро бисёр чашид*, ба маҳофил ва маҷолиси расмӣ ва ғайрирасмии дувал ва милали мухталифа дохил шуда, ба ақидаи сиёсии эшон вуқуфи тамом пайдо кард, ба ҳақиқати «масъалаи Шарқ» ва роҳи истихлоси Шарқ пай бурд [2, с.114].

ВФ-и *гарму сарди дунёро чашидан, дидан, паси сар кардан* ба маънои *таҷрибадор* омадааст, ки нисбат ба одамони калонсол гуфта мешавад ва дар ин матн низ ба ҳамин маъно омадааст, яъне *таҷрибаи зиёде пайдо кардан.*

Қавми тотор ва бошқирд, ки *солҳои дароз заҳри дар зери ҳукумати император буданро чашидаанд*, … урдуҳои мустақил омода мекунанд [2, с.133].

ВФ – *заҳри чизеро чашидан* ба маънои азоб кашидан, дар зери меҳнати сангин асир мондан омадааст.

Ҳуш аз сар парида, тоқат ба бадан хайрбод гуфт. Дар баҳри хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтам *[2, с.151].*

Ҳуши касе аз сар парид-1. Ҳайрон, моту мабҳут шудан, 2. Сахт тарсидан [15, с.625].

Дар ин матн чанд нуктаи тарзи корбурди ВФ-ро қайд кардан лозим аст:

Аввалан, се ВФ-ро дар як матн паси ҳам кор фармудан худ аз маҳорати адиб дар истифодаи ин ганҷинаи забони мардумӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дуюм, ВФ-и «Ҳуш аз сар парид» дар шакли кӯтоҳшудаи (универбатсия) – «*мурғи ҳуш аз сар парид*» ва ВФ-и «*дар баҳри хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтан*» дар шакли комил, бидуни ихтисори калимаи бунёди ибора – *ба хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтан* истифода гардидаанд.

Сеюм, ба тарзи такмилёфта ва эҷодкорона ба кор бурдани ВФ-и «*тоқати касе тоқ шуд*», «*тоқат ба бадан хайрбод гуфт*» далели он аст, ки С.Айнӣ аз табиати сохту таркиби чунин воҳидҳои забон огоҳии комил дорад, бинобар ин, ба маъно халал ворид накарда, вариантҳои нав эҷод карда метавонад.

Дар баҳри хотирот ва тахайюлот фурӯ рафтан варианти комили ин воҳиди фразеологӣ буда, ба маънои *дар бораи чизе фикр кардан* истифода мешавад.

Дар ин ҷо *«Тоқат ба бадан хайрбод гуфт»* варианти *«тоқати касе тоқ шуд»* аст, инчунин *тоқат ба бадан хайрбод гуфт*-муродифи ВФ *//косаи сабри касе лабрез шуд* ва таркибҳои феълии *// бетобу тоқат шуд // сабру тоқат карда натавонист* аст.

Ҳамин тавр, ҳангоми самаранок истифода намудани ВФ ҳодисаи вариантнокии онҳо бояд ба инобат гирифта шавад, зеро ҳар як варианти ВФ метавонад чун воситаи муассири забон дар образофарӣ, таъсирбахшии матлаб корбаст шавад. Ҳамзамон ҳар адибе, ки дар заминаи ВФ-ии маъмул варианти нав меофарад, ба таркиби ВФ компонентҳои нав илова мекунад ва ё сохт ва таркиби гунаҳои воҳидҳои фразеологиро тағйир медиҳад, бояд аз бойигарии луғавию фразеологии забони тоҷикӣ, нозукиҳои маъноӣ ва мавриди кор фармудани онҳо ба хубӣ огоҳ бошад. Аз таҳлили маводи мақолаҳои устод Айнӣ бармеояд, ки нависанда гунаҳои гуногуни воҳидҳои фразеологиро моҳирона ба кор бурда, баъзан бо ғарази услубӣ гунаҳои маъмули воҳидҳои фразеологиро такмил додааст.

Хулоса, ҳар як нависанда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар эҷодиёташ воҳидҳои фразеологии навро бо ягон ғарази услубӣ ва ё обуранги услубӣ истифода намояд. Ҳангоми тадқиқи мақолаҳои солҳои 20-уми С.Айнӣ маълум гардид, ки адиб дар асоси варианти маъмул вобаста ба талаботи фикр ва тақозои услуби эҷодиаш гунаҳои нави воҳидҳои фразеологиро сохта, дар мақолаҳояш кор фармудааст.

Муқарриз: Мирзоева М.Ҷ. – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1974. – 264 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт / С.Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1977 – Ҷ.9. – 480 с.
3. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён / Б.Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. – 118.
4. Камолиддинов, Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Б.Камолиддинов. –Душанбе, 2007. – 52 с.
5. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б.Камолиддинов. –Душанбе: Интернюс, 2001. – 171 с.
6. Камолиддинов, Б. Сухандонон сухан санҷида гӯянд / Б.Камолиддинов. –Душанбе: Оптима, 2005. – 200 с.
7. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
8. Маҷидов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологӣ ва калима / Х.Маджидов // Мактаби советӣ. – 1984. –№4. – С.19-21
9. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе, 1982. - 104 с.
10. Маҷидов, Ҳ. Таркиби лексикии воҳидҳои фразеологӣ / Ҳ.Маҷидов // Мактаби советӣ. – 1986. – №10. – С.25-28.
11. Мирзоева, М.М. Воҳидҳои фразеологии асарҳои С.Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ / М.М. Мирзоева. - Душанбе: Матбуот, 2008. - 160 с.
12. Мирзоева, М.М. Доир ба тарҷумаи воҳидҳои фразеологии «Марги судхӯр» / М.М. Мирзоева // Ҷашнвораи устод Айнӣ. - Душанбе: Сино, 2000. – С.4-7.
13. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Нашри дувум бо илова, такмил ва ислоҳ. – Душанбе, 2006. – 784 с.
14. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта / М.Фозилов. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – Ҷ.1. – 952 с.
15. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта / М.Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1964. –Ҷ.2. – 802 с.
16. Шодиев, Б. Хусусиятҳои лексикию фразеологии очерку қиссаҳои Мутеулло Наҷмиддинов / Б.Шодиев. - Душанбе 2013. - 155 с.

ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ ПУБЛИТСИСТИИ С. АЙНӢ

Дар мақола сухан дар бораи ибораҳои фразеологӣ ва корбурди онҳо дар осори адибон меравад. Муаллиф иброз менамояд, ки як ҳиссаи ганҷинаи луғавии забони тоҷикиро чунин ибораю ҷумлаҳои рехтаи хушобуранг ва пурмаъно ташкил медиҳанд, ки дар забоншиносӣ воҳидҳои фразеологӣ меноманд. Онҳо аз ҷиҳати манбаи пайдоиш бо зиндагӣ, урфу одат, ҷаҳонбинӣ ва ақлу заковати мардумӣ пайвастагӣ доранд. Дар онҳо зимни мафҳуме як лаҳзаи рӯзгор, сабақи зиндагӣ, муносибат ва таассуроти нек ё бад инъикос ёфтааст. Аз ҳамин сабаб маънӣ дар воҳидҳои фразеологӣ хеле нозук, пӯшида, вале рангин ва пурҷозиба ифода меёбад. Вазифаҳои услубии онҳо аз чунин табиати нозуку сарпеч падид меоянд. Воҳидҳои фразеологӣ офаридаи

халқанд ва дар забони зиндаи тоҷикӣ ва ҳам дар забони адабии китобӣ дар истифодаанд. Онҳо дар тули асрҳо суфтаву равон ва шево гардидаанд. Воҳидҳои фразеологӣ низ дар забони расонаҳои хабарӣ, ба хусус дар воситаҳои электронии ахбори омма, мавқеи муҳим мебозанд. Хулоса, ҳар як нависанда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар эҷодиёташ воҳидҳои фразеологии навро бо ягон ғарази услубӣ ва ё обуранги услубӣ истифода намояд. Муаллиф инчунин таъкид месозад, ки ҳангоми тадқиқи мақолаҳои солҳои 20-уми С.Айнӣ маълум гардид, ки адиб дар асоси варианти маъмул вобаста ба талаботи фикр ва тақозои услуби эҷодиаш гунаҳои нави воҳидҳои фразеологиро сохта, дар мақолаҳояш кор фармудааст.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, забони зиндаи халқ, забони адабии китобӣ, забони расонаҳои хабарӣ, услуб, обуранги бадеӣ, публитсистика.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ В ПУБЛИКИСТИЧЕСКИХ СТАТЬЯХ С. АЙНИ

В статье говорится о фразеологических словосочетаниях и их употреблении в произведениях писателей. Автор указывает, что часть лексики таджикского языка состоит из таких красочных и многозначительных словосочетаний и предложений, которые в языкознании называются фразеологизмами. Они связаны с народным бытом, обычаями, мировоззрением и интеллектом по источнику своего происхождения. В них отражается момент повседневной жизни, урок жизни, отношения и хорошее или плохое впечатление. По этой причине смысл выражен во фразеологизмах очень тонко, замкнуто, но красочно и привлекательно. Их стилистические функции вытекают из тонкой и упрямой натуры. Фразеологизмы создаются народом и употребляются как в живом таджикском языке, так и в литературном языке. С годами они стали более и изящными. Фразеологизмы также играют важную роль в языке средств массовой информации, особенно в электронных СМИ. Мы приходим к выводу о том, что каждый писатель старается использовать в своем произведении новые фразеологизмы с тем или иным стилистическим уклоном или стилистическим оттенком. Автор также подчеркивает, что в ходе исследования статей С.Айни 1920-х годв. стало ясно, что писатель создавал новые типы фразеологизмов и использовал их в своих статьях на основе популярного варианта в зависимости от потребностей своего мышления и художественного стиля творчества.

Ключевые слова: фразеологизмы, живой язык народа, литературный язык, язык средств массовой информации, стиль, художественный стиль, публицистика.

PHRASEOLOGICAL COMBINATIONS IN THE PUBLIC ARTICLES OF S. AYNI

The article deals with phraseological phrases and their use in the works of writers. The author points out that part of the vocabulary of the Tajik language consists of such colorful and meaningful phrases and sentences, which are called phraseological units in linguistics. They are associated with folk life, customs, worldview and intellect according to the source of their origin. They reflect a moment of everyday life, a life lesson, relationships, and a good or bad impression. For this reason, the meaning is expressed in phraseological units very subtly, closed, but colorful and attractive. Their stylistic functions stem from a subtle and stubborn nature. Phraseological units are created by the people and are used both in the living Tajik language and in the literary language. Over the years, they have become more and more elegant. Phraseologisms also play an important role in the language of the media, especially in electronic media. We come to the conclusion that every writer tries to use new phraseological units with one or another stylistic bias or stylistic shade in his work. The author also emphasizes that in the course of the study of S. Aini's articles of the 1920s. it became clear that the writer created new types of phraseological units and used them in his articles on the basis of a popular version, depending on the needs of his thinking and the artistic style of his work.

Key words: phraseological units, living language of the people, literary language, mass media language, style, artistic style, journalism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафаралиева Манижа Рӯзиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 918-12-86-03**

Сведения об авторе: ***Сафаралиева Манижа Рузиевна*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры стилистики и литературного редактирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 918-12-86-03**

Information about the author: ***Safaralieva Manizha Ruzievna*** – Tajik National University, graduate of the Department of Stylistics and Literary Editing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Str., 17.
Phone: **(+992) 918-12-86-03**

УДК: 811.222.1-8

НУФУЗИ ЗАБОНИ ФОРСӢ БА ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ САВОҲИЛӢ

Ахмедова М.Н.
Донишгоҳи федералии (Волга) Қазон, Русия

Аҷиб аст, ки имрӯз забони форсӣ барои мардуми соҳили ҷазираҳои шарқии Африқо ошно аст. Дар забон ва гуфторашон вуҷуди вожаҳои форсӣ аз ин гувоҳӣ медиҳад ва дар ин мақола кӯшиш намудем, таъсири забони форсӣ бар забон ва адабиёти савоҳилӣ аз замонҳои қадим то имрӯзро баррасӣ намоем.

Забони савоҳилӣ ё суоҳилӣ забони расмии кишварҳои Танзания, Кения, Уганда ва Ҷазираҳои Комор буда, ба ҷуз ин, дар қисматҳои шарқии ҷумҳурии Конго, Мозамбик, Нигерия, Камерун, шимолу ғарбии ҷазираи Мадагаскар, нимҷазираи Сомали ва ҷазираҳои наздики Занзибар паҳн шудааст. Он яке аз забонҳои муҳимми қитъаи Африқо маҳсуб мешавад ва алҳол тақрибан 135 миллион нафар дар Африқои Шарқӣ бо ин забон ҳарф мезананд. Ин забон дар қитъаи Африқо ба ҳадде паҳн шудааст, ки Воле Шоинка, нависандаи маъруфи ниҷерӣ, барандаи ҷоизаи Нобел, соли 1991 дар яке аз суханрониҳои худ дар як конфронс дар Ганна пешниҳод кардааст, ки забони савоҳилӣ забони расмии муттаҳидшавии Африқо дониста шавад.

Ҳарчанд забони савоҳилӣ шомили гурӯҳи шарқии оилаи забонҳои банту аст, аммо ба он таъсири зиёди забонҳои арабӣ ва то андозае форсӣ ба чашм мерасад.

Воқеан, ин забони нисбатан ҷавон аст, ки дар заминаи воридшавии воҳидҳои луғавии арабиву форсӣ ба таркиби забони банту, аз оғози паҳншавии ислом дар ин қаламравҳо ба ташаккулёбӣ шурӯъ кардааст. Баъдтар, ба забони савоҳилӣ иқтибосҳои забонҳои аврупоӣ (португалӣ, инглисӣ, олмонӣ ва ғ.). дохил шудаанд.

Олимон бар ин назаранд, ки ин забон дар натиҷаи робитаи наздики арабҳо ва муҳоҷирони форсӣ бо аҳолии маҳаллии соҳили Африқои Шарқӣ, ки ҳанӯз дар қарнҳои VII-VIII ба тиҷорат машғул буданд, пайдо шудааст, ба ин худи номи забон аз арабии «саҳел» ё «саваҳел», яъне «соҳил» ё «мардумони соҳилӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Забони савоҳилӣ ва мавҷудияти вожаҳои форсӣ дар ин забон ёдбуди ҳазорон соли пеш аз эрониён аст, ки дар соҳилҳои шарқии ҷазираҳои африқоӣ маскан гирифта буданд ва тавонистаанд дар Африқои Шарқӣ шаҳр-давлати тавоно, ба унвони «*давлати Шероз*» эҷод кунанд, ки маркази он Килва (ҷазирае дар соҳилҳои имрӯзаи Танзания) буд.

Нуфузи эрониёни шерозӣ дар Африқои Шарқӣ аз лиҳози густариши фарҳанг ва тамаддуни эронӣ дар миёни бумиёни африқоӣ осори равшане гузоштааст. Маълумоти ҷолиб дар бораи сукунати шерозиён - мардуми Шероз дар соҳили Африқои Шарқӣ, нақши таърихии онҳо ва таъсиргузорӣ бар забони мардуми ин минтақаи африқоӣ - дар мақолаи Саид Мсаиди «Гуногунии генетикии ҷазоири Коморҳо...» [15] оварда шудааст.

Дар осори И.С.Илларионов [4], А.Ю.Москвитина [5] дар бораи сохтори қавмӣ-иҷтимоии мардуми савоҳилӣ ва ҷойи ишғолкардаи шерозиён дар пайкарбандии (конфигуратсия) сиёсии ҷомеаи маҳаллӣ маълумотҳои ҷолиб оварда шудааст.

Ривоятҳои шифоҳӣ аз он дарак медиҳанд, ки муҳоҷирон аз минтақаи Шероз, аз ҷанубу ғарбии Эрон, бевосита дар бандарҳои гуногуни қора ва ҷазираҳои Африқои Шарқӣ аз асри X шуруъ карда, дар минтақаи байни Могадишо (Сомали) дар шимол ва Софала (Мозамбик) дар ҷануб сукунат кардаанд [7].

Дар хусуси иртибот ва таъсири забони форсӣ ба забонҳои маҳаллии Африқои Шарқӣ дар пажуҳиши Уолд Б. низ зикр шудааст. Нависандагони арабии садаҳои аввали ҳичрӣ низ дар таълифоти худ аз муҳоҷирони аввали форсизабон дар ин манотиқ ёдовар шуда, ишора кардаанд, ки халифа Ҳорунаррашид дар гузоришҳои шаҳрҳои Африқои Шарқӣ дар бораи шумораи аҳолии эронитабор маълумот гирифтааст ва маълум гардидааст, ки онҳо тавонистаанд ба забони аҳолии маҳаллӣ таъсир расонанд [18, с.991].

Бар замми густариши расму ойинҳои ибтидоии эронӣ дар миёни аҳолии соҳили ҷазираҳои Африқои Шарқӣ, забони форсӣ ба муҳити бумии африқоӣ дар шаҳрҳои «*давлати Шероз*» роҳ ёфт. Ҳамин тавр, имрӯз садҳо вожаи форсӣ дар вожагонии забони савоҳилӣ, забони мардуми Африқои Шарқӣ, мавҷудияти худро пайдо кардаанд.

Худи номи Занзибар - **"ĀzanzebarĀ"** аслан вожаи порсӣ аст, ки аз ду реша иборат аст - **Ā"zanjĀ**" ё "**zangĀ**" ба маънои "сиёҳ" ва "**barĀ**", ки ифодагари як минтақаи хос, яъне "ҷойи сиёҳпӯстон", дар талаффузи порсӣ "**زنگبار**" [**zang-ebār**] ва ҳамчунин дар бархе аз матнҳои бостонии ин минтақа бо номи "**زنگستان" [zangestān]** ишора шудааст, ки аз ду реша - "занг" ва пасванди "**stān / estān**" таркиб ёфта, ифодакунандаи як минтақаи мушаххас, яъне ба ҳамин маънои "ҷойи сиёҳпӯстон" мебошад. Номи хиёбони бузурге дар ҷазираи Занзибар "Фарузани" аст, ки низ вожаи аслии форсии **"فروزان" [foruzān]** ба маънои "дурахшон, рахшон; хомӯшнашаванда» аст, ки дар он як тупи калони ҷангӣ бо дарозии 2 метр маҳфуз аст, ки онро яке аз подшаҳони Салҷуқии Эрон ба Султон бин Саид дар Занзибар туҳфа карда буд.

Дигар аз ёдгориҳое, ки аз замони ҳузури эрониҳо дар Африқои Шарқӣ боқӣ мондааст, ҳаммоми "Кидичи" мебошад, ки соли 1847 сохта шуда, дар масофаи 10 километр аз шаҳри Занзибар ҷойгир аст. Ин ҳаммом ба ҳаммомҳои эронӣ, ки дар қарнҳои XVI-XVII сохта шудаанд, хеле шабоҳат дорад. Ҳаммоми "Кидичи" мисли ҳаммоми "Ганҷалихон" дар шаҳри Кирмони Эрон чанд ҳавз дорад. Дар дари ҳар як толори ҳаммом порчаҳои ашъори форсӣ кандакорӣ шуда, бо қолаби гаҷӣ анҷом дода шудааст.

Таъсири меъмории эронӣ дар сабки сохтмонии шерозӣ дар шаҳрҳои мухталиф, аз ҷумла дар Занзибар ва Килва дида мешавад. Бинои 8-сутун ё "Ҳафизиа", ки дар майдони бузурги шаҳри Занзибар воқеъ аст, биноест, ки Ҳофизияи шаҳри Шерози Эронро ёдоварӣ мекунад. Таърихи бунёд ва номи бинокорони ин сохтмон маълум нест, аммо ба далели шабоҳати комили ин бино бо мақбараи лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ, афроди огоҳ аз фарҳангу таърихи Эрон ба он номи **Â«HafiziÂ»** гузоштаанд.

Вожаҳои форсӣ дар забони савоҳилӣ на танҳо дар алоҳидагӣ, бо ифодаи маъниҳои луғавии худ мавриди истифода ҳастанд, балки дар таркиби ибораҳо, бо вожаҳои худи он забон мустаъмаланд. Ҳангоми ифодаи ранг дар забони савоҳилӣ вожаи форсии "ранг" **رنگ [rang]** - бо ҷузъи ифодакунандаи ҳамон ранг истифода мешавад, масалан: хокистарранг - ***a ranga ya kuivu***, сабз - ***a ranga ya kiyani***, норанҷӣ - ***a ranga ya machungwa***, бунафш - ***a ranga ya uruyani***, қаҳваранг - ***a ranga ya kavavia*** ва ғ.

Инчунин сифати ифодакунандаи ранги фирӯзӣ: **{-a} feruzi** "фирӯзаранг" аз номи санги "фирӯза" - **feruzi فیروزه [firuze]** сохта шудааст.

Аз дигар луғоти серкорбурди ҳаррӯзае, ки аз забони форсӣ вориди савоҳилӣ шудааст, метавон ин вожаҳоро номбар кард: модар - **māmā**, падар - **bābā**, ошкоро - **wazi** аз порсӣ - **باز [bāz]** ва **واز [vāz]** меояд, бурҷ - **mnara مناره [manāre],** калисо - **kanisa کنیسه** [**kanise**], биҳишт, фирдавс – **ferdausi فردوس [ferdows],** дунё – **dunia** бар маънои «коинот», «ҷаҳон», «нур» **دنیا [donyā],** тоҷ – **taji تاج [tāj]**, ҳамчунин дар таркиби феълии ***vika taji*** тоҷ гузоштан, бар тахт нишастан, шоҳ- **shah شاه [šāh]**; шайх- **shaha شیخ [šeykh]** шайх, пир, сардори қабила, майдон- **medani میدان [meydān],** инчунин маънои «минтақа»-ро ҳам ифода мекунад, девон- **diwani** «шуро», «узви шуро» аз форсӣ **دیوان [divān]** бар ҳамин маънӣ ворид шудааст.

Аз вожаҳои ифодакунандаи номи растаниҳо метавон инҳоро ном бурд: **gulabi** – гулобӣ, меваи дарахти «**mgulabi**», бодом– **badamu بادام [bādām],** чой - **chai چای [čāy].**

Дар хусуси вожаи "**gulabi"** тавзеҳ додан бамаврид аст, ки вожаи "гулоб" - **گلاب [golab]** дар форсӣ маънои оби гули садбаргро дорад (**gol** "садбарг", **āb** "об") ё ранги гулобӣ. Шояд, вақте ки мардуми шерозӣ дар соҳилҳои Африқо меваи личиро дидаанд, ки ранги гулобӣ дорад, онро бо вожаи форсӣ ***gulabi*** номидаанд, бо мурури замон ба ин калима морфемаи гурӯҳи 3 *m-* илова шуда, ***mgulabi*** шудааст, барои ифодаи меваи "личи" аст [7, с.129].

Вожаҳои форсӣ дар калимасозии забони савоҳилӣ низ фаъол истифода шудаанд. Аз зумраи чунин вожаи калимасоз калимаи ***barafu*** «ях, барф» **برف [barf]** аст. Калимаи ***barafu*** дар забони савоҳилӣ хеле сермаҳсул ва пуркорбурд аст, масалан, мафҳуми ***mashine ya barafu*** «яхдон»; барои ифодаи уқёнуси Яхбастаи шимолӣ ибораи ***Bahari ya Barafu ya Kaskazini*** истифода мешавад, ки дар ин таркиб ***bahar*** – «уқёнус», ***ya*** – нишондиҳандаи генеативӣ, ***kaskazini***– «ба шимол»; яъне мафҳуми "баҳр / уқёнуси ях дар шимол" - ро ифода менамояд. Барои ифодаи "ях, кӯҳи ях" бошад, таркиби ***pande la barafu*** истифода мегардад ва мафҳуми "ях кардан, ях задан" маънои шакли ***ganda barafu a*** мебошад.

Бархе аз вожаҳо ҳангоми вориди забони дигар гаштан, дучори тағйири маъноӣ мешаванд, яъне дар заминаи маънои аввалаи худ, маънои дувуми навро касб мекунанд, ки дар забоншиносӣ

ин ҳодисаи забониро тағйири семантикӣ меноманд. Масалан, ***dawati*** дар савоҳилӣ ба маънои “қаламдон, ҷузвдони қалам ва васоили навиштorӣ” аст, ки аз маънои аслии форсии худ **دوات [davāt]** ба маънои “сиёҳидон” ва “ранги сиёҳ барои навиштан” чандон дур нарафта, иртиботи луғавӣ- семантикӣ дорад.

Ё худ вожаи– ***shisha*** бар маънои “соати шенӣ (регӣ)" мустаъмал аст, яъне аз шиша сохта шудани ин навъи соат далолат мекунад, ки аз асли маънои форсии он **شششه [šiše]** ифодаи нав гирифтааст.

Вожаи – ***desturi*** дар савоҳили маънои «одат», «анъана»- ро ифода мекунад, ки аз асли форсӣ **ستور [dastur]** дастур «қоида», «фармон» дучори тағйири маъноии семантикӣ шудааст.

Бархе аз вожагон дар раванди ҷойгузинии худ, яъне ассимилятсияи маҳаллӣ, дар талаффуз дучори тағйири овоӣ - фонетикӣ гардидаанд, аз ҷумла, вожаи – ***bei*** бар маънои “нарх, арзиш” эҳтимол меравад, ки аз форсии **بها [bahā]** гирифта шудааст, ки бо ҳамин маънии «нарх» роиҷ аст, чун дар забони тоторӣ, ҳамин вожаи форсӣ ҳамчун ***бәя*** **[bäyä]** барои ифодаи «нарх», «арзиш» аз худ шудааст [7, с.129]. Ҳамчунин вожаи ***nayruzi*** **نوروز [nowruz]** Наврӯз ҷашни бостонии эронӣ, низ бар тағйири овоӣ дучор шудааст.

Воҳидҳои луғавии форсӣ, ки дар таркиби забони савоҳилӣ роиҷ ҳастанд, асосан бо исмҳои хосси марбут ба зиндагии рӯзмарра, падидаҳои табиат, фаъолияти хоҷагидориву иқтисодӣ мебошанд, вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои абстрактии марбут ба эътиқод, ниҳодҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра камтар маъмуланд.

Бояд гуфт, ки бо гузашти чандсад сол вожаҳои архаистии форсӣ на танҳо аз корбурд берун рафтаанд, баръакс, вориди фонди луғавии забони савоҳилӣ шудаанд. Бисёре аз ин вожаҳои форсӣ дар замони ҳукмронии шерозиён бар ҷазираҳо ва соҳилҳои Африқои Шарқӣ ба забони муқимиёни маҳаллӣ ворид шуда, бештари ин вожаҳо истилоҳоти марбут ба қонунгузорӣ ва ҳукумат, тиҷорат, киштиронӣ, кишоварзӣ, нассоҷӣ, либосворӣ, ороиш, меъморӣ, асбобу анҷоми рӯзгор ва амсоли инҳоро ташкил медиҳанд.

Бархе аз пажуҳишгарон бар ин назаранд, ки форсӣ пас аз арабӣ дувумин забонест, ки таркиби вожагонии забони савоҳилиро ташкил медиҳад. Кнапперт, забоншиноси маъруфи инглисӣ дар асари худ “Чаҳор қарни назми савоҳилӣ: Таърихи адабиёт ва тазкира”, бо ишора ба даҳҳо вожаҳои аслии форсӣ, ки дар забони савоҳилӣ вуҷуд доранд, таъкид кардааст, ки вожаи нассоҷии форсӣ дар қадимтарин матни забони савоҳилӣ корбурд шудааст. Вай иддао мекунад, ки бисёре аз ин вожаҳо дар замони ҳукмронии шерозиён мустақиман аз форсӣ ба савоҳилӣ ворид шудаанд ва бархе аз онҳо тавассути забонҳои дигар, умдатан арабӣ ва гурӯҳе аз забонҳои ҳиндӣ ба мисли урду ва гуҷаротӣ ворид шудаанд. Ин вожаҳо асосан ба киштиронӣ ва кишоварзӣ иртибот доранд [11, с.59].

Профессор Крумм дар мавриди теъдоди вожаҳои аслии шарқӣ дар забони савоҳилӣ ҳамчунин ба 78 вожаи форсӣ, ки мустақиман вориди савоҳилӣ шудаанд ва 26 вожаи форсӣ, ки эҳтимол тавассути арабӣ вориди воҳиди савоҳилӣ шудаандро ишора кардааст [12, с.27].

Пажуҳишгари дигар зимни баррасии таъсири забонҳои шарқӣ ба савоҳилӣ 290 вожаи аслии форсиро дар луғати забони савоҳилӣ, ки аз тариқи балуҷҳои Эрон дар садаи XIX ворид шудааст, ки дар қасри султонҳои Уммон дар Занзибар хидмат мекарданд, шумурдааст. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки забони форсӣ бар замми давраи ҳокимони шерозӣ ҳатто дар асрҳои ахир ҳам тавонист нуфузи худро дар забони савоҳилӣ нигоҳ дорад [13, с.228].

Таркиби луғавии забони савоҳилӣ миқдори зиёди вожаҳои хориҷиро дар бар мегирад, ки даврaҳои гуногуни таърихи мустамликадорӣ ва рушди Африқои Шарқиро инъикос мекунанд.

Вожаҳои форсӣ, зоҳиран дар забони савоҳилӣ дар замоне, ки тоҷирони шерозӣ ё ҳамроҳони онҳо байни ҳам ба забони форсии модарии худ ҳарф мезаданд, пайваст шудаанд. Бо гузашти вақт, забони маҳаллии банту иқтибосоти забонҳои арабӣ, форсӣ, аврупоӣ ва дигар забонҳоро ба худ пазируфт, ки дар ин омехтагӣ забони савоҳилӣ рушд кард. Аз назари теъдод дар "Луғати савоҳилӣ-русӣ", ки зери таҳрири Н.В. Громова [6] мураттаб гардидааст, наздики сӣ вожаи форсӣ мавҷуд аст [7, с.128]. Онҳо асосан бо номҳои мушаххасе ифода ёфтаанд, ки мафҳумҳои гуногуни рӯзмарраро ифода мекунанд. Ҳамчунин якчанд калимаҳои дорои маъноҳои интизоъӣ ё абстрактӣ, ки марбут ба дин ва тарзи ҳаёти иҷтимоӣ алоқаманданд, вуҷуд доранд. Дар истилоҳоти морфологӣ, фонологӣ ва луғавӣ-семантикӣ аломатҳои азхудкунии амиқи эронӣ аз ҷониби забони қабулкунанда - банту пайдо шудаанд [7, с.128].

Бояд гуфт, ки дар замони султонҳои усмонӣ дар Занзибар ва дигар ҷазираҳо ва манотиқи соҳилии Танганика султонҳои Зангибар низ забони форсиро меомӯхтанд, зеро он забони сарбозони артиш ва посбонони султон буд. Асосан муҳофизони боэътимоди султон сарбозони эронитабори аз балуҷӣ интихобшуда буданд ва ин сарбозон танҳо ба забони форсӣ ҳарф мезаданд, аз ин рӯ, султонҳо маҷбур буданд, форсиро биомӯзанд, то бо онҳо тамос бигиранд [1, с.99-100].

Инчунин ҷолиб он аст, ки дар натиҷаи равобити тулонии баҳрии Эрон ва соҳилҳои Африқои Шарқӣ, бахусус дар замони ҳукмронии Шероз, забони савоҳилӣ низ дар навбати худ ба забони форсӣ таъсири андаке гузошта, ба қаламравҳои порсӣ нуфуз кардааст. Ба ин далел он аст, ки дар як деҳаи соҳили бандари Бандар Аббоси Эрон сокинони ин деҳа ба забони савоҳилӣ ҳарф мезананд ва аҳдодони онҳо, ки дар як вақт дар соҳилҳои Африқои Шарқӣ сукунат доштанд, баъдан ба соҳилҳои ҷанубии кишвари Эрон кӯчидаанд.

Дар мавриди адабиёт бошад, мавзуи таъсири адабиёти форсӣ ба адабиёти савоҳилӣ ба таври куллӣ таҳқиқ нашудааст. Далели қавие, ки адабиёти форсӣ ба адабиёти савоҳилӣ таъсир кардааст, ашъори шеваҳои *утенди* (***utendi***) ва *утензи* (***utenzi***) аст. Услуби иншо ва эҷоди ин навъҳои шеър ба адабиёти форсӣ ба ҳадде шабоҳат дорад, ки бархе аз пажуҳишгарон бар ин бовараанд, ки манбаи сабки ин шеър ва насри утенди аз Эрон аст. Ва иддае аз пажуҳишгарон, аз ҷумла Ҷ.Кнапперт бар ин бовараанд, ки тамоми сабкҳо дар шеъри савоҳилӣ аз забони форсӣ гирифта шудаанд [11, с.59].

Достони ҳамосавии машҳури "Қиссаи Фумо Лионго" низ намунаи барҷастаи илҳом аз достонҳои ҳамосаи эронӣ аст. Фумо Лионго, як қаҳрамони маъруф, ки дар қарнҳои XIII-XIV сокинони соҳили шимолии дарёи Танаро муттаҳид карда, бар зидди истилогарон меҷангид, аз қабилаи “бавурӣ” эронитабор будааст. Анъанаи тасвири шикор дар баъзе достонҳои ҳамосавии савоҳилӣ хеле гуногун ифода ёфтааст, ба ғайр аз он ки шикор дар шаклҳои гуногун дар байни ин қабилаҳо паҳн шудааст, лаҳзаҳои шикорӣ, ки аз достонҳои ҳамосаи эронӣ баргирифта шудаанд, низ вориди ин достонҳо гардидаанд.

Бузургтарин шоҳкори назми забони савоҳилӣ «Инкишофӣ» (***Inkishafi***), ки солҳои 1810-1820 таълиф шудааст, асари шоири бузурги савоҳилӣ Сайид Абдуллоҳ бинни Алӣ бинни Носир мебошад, ки худ зери таъсири ашъори форсӣ қарор дошт ва махсусан аз ашъори шоири бузурги Эрон Ҳофизи Шерозӣ илҳом гирифта, сабки ӯро намунаи ибрат интихоб кардааст.

Умари Хайём низ дар адабиёти савоҳилӣ нуфузи муҳим дорад ва тарҷумаи маҷмуаи ашъори ӯ ба забони савоҳилӣ ба намояндагии боз ҳам бештари адабиёти форсӣ дар миёни бумиёни Африқои Шарқӣ табдил ёфт, ки дар ин хусус Гиббе А.Г. дар пажуҳиши худ роҷеъ ба таъсири форсӣ дар Танзания ва адабиёти савоҳилӣ ва ҳам нақши таърихии эрониён (шерозиҳо) дар соҳилҳои Африқои Шарқӣ зикр намудааст [9, с.68].

Бисёре аз шоирони қадимии савоҳилӣ ба ҷуз Ҳофизу Хайём Саъдиро низ хуб медонистанд ва бо ашъору сабки ӯ ошно буданд. Шеъри чаҳормисра “чаҳорият”, ки дар шеъри савоҳилӣ хеле маъмул аст, аз сабки рубоиёти форсӣ гирифта шудааст. Дар марҳалаи кунунӣ забон ва адабиёти савоҳилӣ низ зери таъсири адабиёти форсӣ қарор гирифта ва бархе аз китобҳои форсӣ, аз қабили "Моҳии сиёҳи кучулу" ("***Mahi-ye seyah-e kočulu***")-и Самад Баҳрангӣ аз англисӣ ба савоҳилӣ тарҷума шудаанд. Тарҷумони ин китоб нависандаи маъруфи савоҳилӣ Роберт Ҳусейн аст.

Бо таваҷҷуҳ ба нуфузи забони форсӣ дар забони савоҳилӣ ва вуҷуди вожаҳои форсӣ дар ин забон, мардуми Африқои Шарқӣ дар баробари вожаҳои арабӣ омодаанд, ки ин вожаҳоро ҳифз кунанд. Бо мурури замон, ин вожаҳои забони форсӣ ба тағйироти муайяни овоӣ, сарфу наҳвӣ ва маъноӣ дучор шудаанд. Азбаски худи эрониҳо мусулмон буданд, дар таркиби забони модарии онҳо луғоти арабӣ, бавижа истилоҳоти динӣ истифода бурда мешуданд, ки онҳоро ба забони маҳаллии банту низ ворид кардаанд. Аз ин рӯ, дар мавриди вожагони форсӣ, бояд онҳоро, пеш аз ҳама, ба унвони луғоти мусулмонии арабӣ-форсӣ дар забони савоҳилӣ ҳисобид.

Пажуҳишгоҳи илмии забони савоҳилӣ дар Танзания (**The research Institute of Kiswahili language**), ки бузургтарин маркази илмии кишвар дар соҳаи омӯзиши забони савоҳилӣ мебошад, дар тули чанд даҳсолаи охир барои нигоҳ доштани лексика ва сохтори калимаҳо корҳои зиёдеро анҷом дода, дастур (грамматика)-и забони савоҳилро навиштааст. Ҳамчунин, ин муассиса як луғати бузурги тафсирии забони савоҳилӣ мураттаб кардааст, ки дар он вожаҳои форсӣ ва арабие, ки дар забони савоҳилӣ вуҷуд доранд, номбар гардида, аз вожаҳои қадимӣ мисолҳо оварда шудааст. Луғати этимологии савоҳилӣ аз ҷониби шуъбаи забон ва адабиёти савоҳилии

Донишгоҳи Дор Эс-Салом тартиб дода шуда, соли 2001 нашр шудааст. Дар ин луғат решаҳои бархе аз вожаҳои арабӣ ва форсӣ, ки вориди забони савоҳилӣ шудаанд ва ҳоло вожаҳои аслӣ дар ин забон ҳастанд, номбар шудааст.

Муқарриз: Қосимов О.Х. – д.и.ф, профессори ДДТТ ба номи А. Сино

А Д А Б И Ё Т

1. Арабаҳмадӣ Амирбаҳром. Таъсири забони форсӣ дар забон ва адабиёти савоҳилӣ / Амирбаҳром, Арабаҳмадӣ // Сухани ишқ: маҷмуаи мақолаҳо. Маҷаллаи вижаи семоҳаи пажуҳиш ва иттилоъот дар бораи забон ва адабиёти форсӣ дар ҷаҳон. Созмони фарҳанг ва мутолиоти исломӣ. – 2006. - №31-32. - С.99-106 (ба форсӣ).
2. Громова Н.В. Теоретическая грамматика языка суахили / Н.В. Громова, Н.В. Охотина. – М.: Наследие, 1995. – 318 с.
3. Громова Н.В. Учебник языка суахили. МГИМО(У) МИД России / Н.В. Громова, Н.Т. Петренко. – М.: Гуманитарий, 2004. – 514 с.
4. Илларионов И.С. Этнополитические проблемы современного Занзибара (этнос островных суахили в 1960–1970 годы) / И.С. Илларионов // Советская этнография. – 1982. – № 1. – С.46–55.
5. Москвитина А.Ю. Этносоциальные аспекты политической истории Занзибара / А.Ю. Москвитина // Вестник СПбГУ. Политология. Международные отношения. – 2017. – Т.10. – Вып. 2. – С.114-122.
6. Суахили-русский словарь. Под ред. Н.В. Громовой. – М.: Изд-во Ключ-С, 2012. – 716 с.
7. Юзмухаметов Р.Т. Персидские лексические заимствования в языке суахили / Р.Т. Юзмухаметов // Вестник ЧГПУ им. И.Я. Яковлева. – 2020. – №3 (108). – С.125-132.
8. Arabahmadi, A. Immigration of Shirazis to Africa: The beginning of a new era in East Africa. In: Historical Role of the Iranians (Shirazis) in the East African Coast, Proceedings of the Conference held February 2-3, compiled by the Cultural Council of the Islamic Republic of Iran Embassy in Kenya. 2001. - Pp. 151-164.
9. Gibbe, A.G. “Persian (shirazi) impact in Tanzania” In Historical Role of Iranians (shirazis) in the East African coast / A.G. Gibbe. – Nairobi, 2001. - P.68.
10. Chittick H.N. The Shirazi colonization of East Africa / H.N. Chittick // Journal of African History. – 1965. – Vol.6. – № 3. – P. 275-294.
11. Knappert, J. Four centuries of Swahili verse: A Literary History and Anthology / J.Knappert. - Publisher: Heinemann, 1979. – 323 p.
12. Krumm, B. Words of oriental origin in Swahili. The Sheldon press / B. Krumm. - London, 1940. - P.27.
13. Lodhi, A.Y. Oriental influences in Swahili / A.Y. Lodhi. - Goteborg university of Goteborg, 2000. - P.228.
14. Maw J. Swahili Language and Society. School of Oriental and African Studies / J.Maw, D.J. Parkin. – Wien: Afro-Pub, 1984. – P.279-281.
15. Msaidie S. et al. Genetic diversity on the Comoros Islands shows early seafaring as major determinant of human biocultural evolution in the Western Indian Ocean // European Journal of Human Genetics. – 2011. – URL: https://www.ncbi.nlm.nih.gov/pmc/articles/PMC3039498/.
16. Nimtz A.H. Islam and Politics in East Africa: The Sufi Order in Tanzania / A.H. Nimtz. – Minneapolis: University of Minnesota Press, 1980. – URL: www.jstor.org/stable/10.5749/j.ctttt8b3.
17. Fattakhova A.R. Arabic loanwords in Tatar and Swahili: Morphological assimilation / A.R. Fattakhova, N.G. Mingazova // Journal of Sustainable Development. – 2015. – Vol. 8., Iss. 4. – P. 302-308.
18. Wald, B. Swahili and the bantu languages in The words major languages / B.Wald. - Oxford University Press, 1987. - P.991-1014.

НУФУЗИ ЗАБОНИ ФОРСӢ БА ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ САВОҲИЛӢ

Способ постановки вопроса об основе языка, из простой структуры которого возникают другие проблемы, относится к трансформационной грамматике, на которой основана парадигматическая теория. Однако представители трансформационного учения, опираясь на лексическую норму и морфологическую общность, объединяют синтаксически разные парадигматические модели.

Этому способствовали два мотива: во-первых, попытка за пределами опыта увидеть природу языковой системы разными способами, и, во- вторых, попытка подытожить конкретное систематическое наблюдение, степень определенной двусторонней связи грамматической структуры.

Естественно, что правильность первой мотивации можно обосновать только путем внимательного изучения второй мотивации.

Например, авторы исследования «Основы порождающей грамматики русского языка» С.К. Шаумян, [17], П.А. Соболева аргументируют возможность трансформации одних грамматических структур в ряд других грамматических структур, ибо *«... создание одного словосочетания живого языка из другого языка на основе лексических и грамматических моделей трансформационным способом описывается так»: Ин ҷавон писари Темурмалик буд. Ин ҷавон-писари Темурмалик. Писари Темурмалик аст ин ҷавон. (Этот молодой человек был сыном Темурмалика. Это юноша сын Темурмалика. Сын Темурмалика - этот молодой человек.)// Вай сардори як дастаи шашкаса шуд – Вай ба як дастаи шашкаса сардор шуд. Сардори дастаи шашкаса ин аст. Ба дастаи шашкаса сардор интихобшуд. // Он стал главарем группы из шести человек \\ Он главарь группы из шести человек. Это главарь группы из шести человек. Его избрали главарем группы из шести человек).*

Очевидно, что эти производные модели не принадлежат к этим семантическим вариантам, и живой язык не имеет ничего общего с этими грамматическими структурами. Эти семантические варианты ограничиваются схожестью описываемой ситуации, но не определяется ни буквальное, ни языковое значение понятия «ситуация». В результате в качестве семантических вариантов предстают синтаксические модели, которые не отличаются ни размером, ни характером синтаксических отношений. *(Сравните: Домани модарам ва гилеми патдор тар шуд./ Домани модарам ва гилеми патдори таршуда)* (*Подол матери и ворсистый ковер стали мокрыми). / Стали мокрыми подол матери и ворсистый ковер),* не соответствуют синтаксической абстракции *(сравните: Токҳо ҳосили фаровон доданд – Ҳосили фаровони токҳо) (Виноградники дали обильный урожай. - Обильный урожай виноградных лоз).*

Парадигматический ряд Д. Уорта служит синтаксической структурой корреляции (двусторонней связи), а также разнородными моделями, одна из которых является коммуникативной единицей, другая - подробным (популярным) названием предмета, а третья - неполным компонентом сложного предложения.

По мнению Д. Уорта: «Гиперпарадигма происходит от гипертагмы» [20]. Например: *Мо ба паси парда даромада ба ӯ салом додем (Мы зашли за занавес и поздоровались с ним). - Ман ба паси парда даромада салом додам. Я зашел за занавес и поздоровался с ним). Салом аз ҷониби ман дода шуд (Привет дан с моей стороны.) Ғалоғуларо шунида ҳамсояҳо баромаданд (Услышав шум, соседи вышли). Ҳамсояҳо ғалоғуларо шунида баромаданд. (Соседи, услышав шум, вышли). Ҳамсояҳои ғалоғуларо шунида баромадагӣ. (Соседи, вышедшие услышав шум). Ҳамсояҳое, ки ғалоғуларо шуниданд, баромада буданд (Те соседи, которые услышали шум, вышли).*

Многоаспектные отношения между рядом активных структур (имеющих двустороннюю связь) без определенных ограничений во многих исследованиях с разными названиями, включая трансформационные, парадигматические,синонимические, функциональные,

словообразовательные с различными понятиями парадигмы применяются в синтаксисе. Современное состояние синтаксической науки позволяет согласовать характер дифференцированного подхода к ряду поисковых событий. Важность этого дифференцированного действия была признана различными исследователями, такими как П. Полталл. Они, совершенствуя трансформационный ряд, который определен «классиком» структурализма Хомским, стремятся разделить грамматические и семантические отношения, а также включить в эту группу важные семантические компоненты, в том числе вводить модальные отношения (повелительные, вопросительные и т.д.) в основную структуру предложения до трансформации.

Важный шаг в представлении парадигматического структурирования в русской лингвистике был предложен Адамеем [1], который в иерархической сложности парадигматической структуры заключается в разделении трансформаций, изменений и вариантов. Немецкие русоведы Габка и Д. Радтке пришли к выводу, что трансформационные возможности не входят в систему структур, являющихся синтаксическими синонимами. До них, ещё в 1961 году, Е.А. Седельников в своей статье отмечал внутренние и межформенные трансформации [Седельников 1961, с.68].

В.С. Храковский [14] прилагает усилия различать деривационную трансформацию и словообразование, а также содержание трансформации, которые приводят к синонимичным результатам, и их широкое использование выходит за рамки грамматической структуры одного языка. Параллельные модели между языками, которые появляются при переводе с синонимичных или подобных понятий, но другими грамматическими средствами, также называются трансформацией.

В целом в лингвистике термин «трансформация» воспринимается как модель, значение которой изменилось в результате преобразования, поскольку правило трансформации не принимает во внимание единство грамматических функций моделей. Под трансформацией понимается способ изменения значения, грамматическая функция, которая используется для различных лингвистических целей. В этом случае важно четко определить их синтаксическую функцию.

Н. Хомский и З. Харрис спорят о начальной и второй нормах с С.К. Шаумяном [13, с.417], потому что считают неуместным направление трансформации от предикативного словосочетания к непредикативному. Например*: Если мы применим к определению строгий дистрибутивный критерий, то именно положение определений должно иметь приоритет перед существительными. Вобаста ба ҳамин мо аз рӯйи одат – "Мизи калон" мегӯем, на қолаби ҳосилаи он – "Миз аст калон // Миз калон аст."*

Марде қоматбаланди шофбурут. В зависимости от этого мы традиционно говорим - «Большой стол», а не его производная модель -

«Стол - большой // Стол является большим». Высокий мужчина с густыми усами. / Мард қоматбаланди шофбурут аст Высокий мужчина имеет густые длинные усы // Қоматбаланди шофбурут аст мард // С густой бородой является мужчиной.

В этой дискуссии обе стороны используют понятие грамматических моделей, не делая различия между коммуникативными и некоммуникативными грамматическими единицами. При этом грамматической особенности прилагательного (детерминанта) не дается приоритет без учета его синтаксической функции. Нахождение прилагательного в начале словосочетания или на втором месте является производным понятием и зависит от точки зрения исследователя. Следует отметить, что грамматическая норма не определяется ни одной из сторон, поэтому грамматическая цель эксперимента с трансформациями не уточнена. Приведенные примеры о различных объяснениях трансформационных и парадигматических отношений, в частности, должны подтвердить важность поиска дальнейших способов сведения в одно базовых понятий и разделения их основ и признаков. Если рассматривать распространенное понятие парадигмы как совокупность вариантов некоторых инвариантов с учетом их сходства и различия, то здесь проявляется важность двух функций:

а) выявление инварианта, в котором остается сходство в вариантах; б) систематизация тех признаков, по которым варианты совместимы с инвариантами и противоречат друг другу. Чтобы установить систематическую связь между большим количеством информации в речи,

будь то двусоставным, будь то односоставным, будь то глагольным или безглагольным, целесообразно сделать неизменной или соответствовать исходной структуре. Например: *Ман аз Зувайр ба Боғи Зоғон кӯчидам (Я переехал из Зувайра в Боги Зогон. – Медонам. (- Знаю). – Зувайр ба ман ҳаром шуд (Зувайр мне погано). – Офтоба холӣ аст (-Кувшинная лейка пуста); Ватани кас ба кас ҳеҷ вақт ҳаром намешавад. (- Родина никому никогда не станет в тягость). Субҳи босафо. Қишлоқи Гулистон ба оғӯши рӯз медарояд (Ясное утро. Поселок Гулистон входит в объятия дня). Ҷанг давом мекард (Война продолжалась). Сангтарош хулоса баровард (Каменотес сделал вывод). Фаридун дигар намеояд (Фаридун больше не придет Дорбоз омад (Канатоходец пришел); Духтарак рӯз мешуморид ва интизор буд. Интизори рӯзи шанбе (Девушка считала дни и ждала. Ждала субботнего дня). Ҳаво торафт гирифт мекард. Аз дуродур садои тундар меомад. Барқ шӯъла мезад. Борони сел (Небо все больше закрывалось. Небо всё больше хмурилось Вдалеке слышался гром. Сверкала молния. Пошёл проливной дождь. Проливной дождь).*

Многие признаки, входящие в одну группу, согласно которой структурные варианты соответствуют исходной модели, образуют три основные модели:

1) тип, форма, грамматические виды;
2) структурно-смысловые формы;
3) грамматические синонимы.

В первом случае первичная структура находится в постоянной пропорции с вариантными структурами, которые различаются грамматическими понятиями времени и модальностью (парадигма – по Н. Шведовой), а также для определения рамок форм первичных структур с грамматическим понятием лица, которые охватывают предикативный элемент:*(Меҳмонон дохили хона шуданд. (Гости вошли в дом.) Меҳмонон дохили хона мешаванд. (Гости входят в дом.) Бигзор меҳмонон ба хона дохил шаванд. (Пускай гости войдут в дом). Кӯдакон шодӣ мекарданд (Дети радовались). Кӯдакон шояд шодӣ кунанд. (Дети, возможно, порадуются.) Бачагон ҳам ба тарафи хонаҳошон нигоҳ карда давиданд. (Дети, посмотрев в сторону своих домов, побежали). Бачагон ба тарафи хонаҳошон нигоҳ карда медаванд. (Дети бегут, посмотрев в сторону своих домов). Бигзор бачагон ба тарафи хонаҳошон нигоҳ карда даванд. (Пускай дети побегут, посмотрев в сторону своих домов). Бегущие дети посмотрели в сторону своих домов Гаравбандӣ тамом шуд (Закончилось заключение пари). Шояд гаравбанди тамом шавад. (Возможно, закончится заключением пари). Шояд гаравбандӣ тамом шуда бошад. (Возможно, закончилось заключением пари). Падарат одами айбҷӯй аст. (Твой отец - человек, ищущий недостатки. Ту айбҷӯй хоҳӣ шуд. (Ты будешь человеком, ищущим недостатки, Онҳо айбҷӯй буданд (Они были людьми, ищущими недостатки). Шогирдон пас аз хӯрдани чояшон ба мактаб меомаданд (Воспитанники после чаепития приходили в школу). Шогирдон пас аз хӯрдани чояшон ба мактаб хоҳанд омад (Воспитанники после чаепития придут будут идти в школу); Фойтун савор шудан мехоҳед? (Хотите прокатиться на фаэтоне?). Фойтун савор мешавед? (Будете прокатиться Прокатитесь на фаэтоне?); Рӯз бевақт шуд. (Стало поздно). Рӯз бевақт мешавад. (Становится поздно) // Рӯз бевақт хоҳад шуд. (Будет становиться поздно). Уже становится поздно*

Модели, различающиеся грамматическим значением, могут быть сгруппированы в одну похожую группу по структуре и значению.

Во втором случае исходная структура в ряде структурно- семантических моделей предложений согласно модально-волюнтативным отношениям субъекта действия включает в себя понятия экспрессии, вопроса и отрицания. В этом случае изменение разных групп может находиться в пределах одной модели. Например: *Ғойирхон волии Таррорбанд (Утрор) буд. (Гойирхан был правителем Таррорбанда (Утрора)). Ғойирхон волии Таррорбанд (Утрор) шуд. (Гойирхан стал правителем Таррорбанда (Утрора)). Ғойирхон воли Таррорбанд шудан мехоҳад// намехоҳад. (Гойирхан хочет/не хочет стать правителем Таррорбанда (Утрора)). Магар Ғойирхон воли Таррорбанд аст? (Разве Гойирхан является правителем Таррорбанда (Утрора)*

Здесь в вариантной структуре сходство моделей и содержания остается неизменным. В семантическом различии, которое начинается с помощью вспомогательных слов, возникает интонация, меняющая значение, но не меняющая структурную основу - значение предложения.

В третьем случае первичная структура является основой синтаксической группы. Здесь характер отношения иной: ряд связан с подобием (единством) исходного смысла, основанным на структурно- семантической модели, но единство модели не сохраняется, противопоставление выражается посредством выражения данного значения с подходящими дополнительными оттенками. Сравните: средства выражения первоначального значения «вещь и ее классификация: *Ӯ хурсандӣ мекунад (Он радуется). Ӯ хурсанд аст (Он рад). Ин одам мактабдор буд (Этот человек содержит частную школу). Ӯ соҳиби мактаб аст (Он владелец школы); Касби ӯ мударрисӣ аст (Его профессия – учительство); Мактабдорӣ шуғли ӯст (Содержание частной школы – это его занятие); Аноргул ҳангаш канд. (Аноргуль пришла в замешательство). Ҳанги Аноргул кандааст (Аноргуль находится в замешательстве) // Ҳанги Аноргул меканад. (Аноргуль приходит в замешательство; Восеъ сарашро пойин андохта сукут кард. (Восе склонил голову и замолчал. // Ваҷоҳати тираи ӯ нагбатхез ва балоангез буд. (Его мрачная внешность была отталкивающей и зловещей. Восеъ ҳам ҳайрон шуд ва ҳам қаҳраш омад (Восе был одновременно удивлен и разозлен зол. Ӯ хушҳол менамуд (Она выглядела счастливой. Восеъ аз ин гапҳо дилгир шуд, ба танг омад (Восе от этих слов было скучно стало тоскливо и он расстроился). Ин хабар Восеъро мушаввашхотир карда монд (Эта новость встревожила Восе).*

Каждый из этих рассмотренных вариантов можно считать парадигмой предложения.

Методика семантического синтаксиса и возможность использования разных типов предложений и вариантов определяется структурно-семантической особенностью предложения, положением модели среди других вариантов в грамматической системе языка. Синтаксические производные свойства исходного варианта, связанные со сменой моделей, расположены во внешнем слое поля. Компоненты предложения, наименее предикативная особенность которых осложнена дополнительными семантическими оттенками, образуют периферию синтаксического поля.

Грамматическое изменение или грамматическая парадигма предложений разного типа в полной мере отражена в трудах Н.Ю. Шведовой [18]. Нами определены категории модальность, время и лицо как компоненты предикативных категорий в приведенных выше разделах. Теперь прольем свет на некоторые его аспекты.

В нижеследующем тексте приведено множество грамматических структур, которые усложняются своими некоторыми общими и индивидуальными особенностями. Из конкретного варианта предложения выделяем структурный инвариант, его исходную форму и определяем, насколько она соответствует производному варианту.

Приведенные примеры обладают такими оттенками значений:

1. *Духтар меҳмони аёли ман шуда буд (Девушка была в гостях у моей семьи).*
2. *Дилором-каниз пагоҳба тӯй меравад (Дилором-служанка идет завтра на свадьбу).*
3. *Дар берун созандаҳо ҳам чорқарс дойра зада, ба саломатии қудоҳо суруд мехонданд. (Снаружи музыканты тоже играли в барабан (доира) ладонями и пели за здоровье сватов).*
4. *Ҳамагон аз ҷониби Сангистон ба ин тарафи дарё менигаристанд (Все смотрели со стороны Сангистана на другой берег реки)*
5. *Ҷавон саросемаву ошуфтаҳол фарёд зад (Закричал юноша торопливо и растерянно):*

– Раҷаб-мерган меояд!! (Раджаб-охотник идет!.

6. *Ҳар як одами беозортарин ҳам душмане ва бадхоҳе дорад (У каждого безобидного человека есть враг и недоброжелатель).*
7. *Бо шунидани ин ном ҷамоат якбора безобита гардид (Услышав это имя, сообщество сразу встревожилось).*

Нижеследующие примеры имеют следующие оттенки значения:

1) номинативно-глагольная модель (перечисление) со значением действия лица-субъекта: *(Духтар меҳмони аёли ман шуда буд).*

2) двусоставная назывная определенная модель или со значением специальности: *(Раҷаб-мерган)*

3)двусоставная модель со значением владения (притяжения): *(Ҳар як одами беозортарин*

ҳам душмане ва бадхоҳе дорад (Девушка была в гостях у моей семьи)

4) номинативная модель со значением ограниченного или распространенного явления: *(Роҳи сафар беинтиҳо менамуд (Дорога путешествия казалась бесконечной)*

5) двусоставная номинативно-адъективная модель со значением признака вещества: *(Хонаи ман - хонаи худатон. (Мой дом – ваш дом).*

Из набора грамматических значений, характерного для предикативной оси, в модели каждого предложения:

Предложение (1) - действие прошедшего времени реальной модальности третьего лица;

Предложение (2) – действие будущего времени реальной модальности третьего лица;

Предложение (3) – действие настоящего времени реальной модальности третьего лица.

Предложения (4) и (5) - настоящее время реальной модальности, в примерах (4) и (5) также можно отметить действие третьего лица, но для этих предложений необязательно иметь личную парадигму, в сравнении с предложениями (1) и (3) возможны те же примеры. Другие пары предложений, помимо структурных и лексических различий, противопоставляются сегодня как измененный грамматический вариант той же модели. Например:

- *с точки зрения модальности и лица – Соҳиби тӯйҳо ба Фаридун инъомҳо мебахшиданд (Хозяйка свадьбы преподнесла Фаридуну подарки);*
- по модальности и лицу – *Ҷавонмард Фаридунро рӯйи ҷогаҳ хобонда буд (Молодой человек укладывал Фаридуна на кровать);*
- по времени и лицу: *Дирӯз мӯйсафеди шикастабандро наёфтам (Вчера я не нашел старика-костоправа);– Мехостааст аз онҳо қиёми ҳафтмева тайёр кунад; Туро аз таги об баровардам (- Он хотел сделать из них настойку из семи фруктов; Я вытащил тебя из воды);*
- по лицу. *Мард бо талоши зиёди зиёд ману туро ба соҳил бароварда тавонист (Человек с большим усилием меня и тебя вытащил на берег).*

Рассмотрим несколько различных примеров грамматических изменений в будущем времени: *Фаридун аз вай баъзе чизҳоро пурсида метавонад (Фаридун может спросить у него некоторые вещи). Ман фақат қарзи инсонии худамро адо хоҳам кард (Я буду выполнять только свой человеческий долг). Ман ҳам Ҷайҳунро дӯст медорам (Я тоже люблю Джайхун). Ту дар хараке хоҳӣ нишаст ва ба девори чӯбин такя зад. (Ты будешь сидеть на скамейке и прислоняться к деревянной стене.) Ту ҳабдаҳсола хоҳӣ шуд (Тебе будет семнадцать лет).*

Следует отметить, что в вариантах предложений изменяющихся грамматических моделей заменяемые признаки меняются. Большинство таких моделей появляются в грамматическом поле, если они имеют фразеологическую формулу разговорной речи – обладают влиянием. Например: *Мардон ба вай бо чашми ҳавас менигаристанд. Ба вай бо чашми ҳавас нигаристани мардон. Рози ғамангези занак дили пирамардро сиёҳ кард(Мужчины смотрят на нее похотливыми глазами. Грустная тайна женщины опечалила сердце старика). Рози ғамангези занак дили пирамардро ғамгин кард / Забони дил гӯётар аст (Грустная тайна женщины опечалила сердце старика / Язык сердца красноречивее). Вай аз писараш ин суханро ҳаргиз чашмдор набуд(Он никогда не ожидал от сына этих слов). Вай аз писараш ин суханро ҳаргиз умед надошт (Она от сына никогда не ожидала этоих слов).*

Эти примеры являются добавленными моделями с известными значениями, которые относительно близки к исходной модели.

Таким образом, модели грамматических вариантов подтверждают постоянную исходную структуру моделей при определении классификации основ.

Если грамматическое изменение не имеет отношения к семантической модели предложения (мы не имеем в виду семантику грамматических категорий), только путем изменения предикативной оси предложения структурно-семантическое изменение, систематическое семантическое изменение, связанное с моделью, может ввести новый семантический элемент. Следует отметить, что постоянны признаки предложения - состав его первоначальной модели не меняется. Новый семантический компонент усложняет структуру семантической оси.

Н.Ю. Шведова разработала теорию «регулярной реализации» предложения как серии

структурных изменений наряду с грамматической парадигмой его синтаксической особенности.

«Регулярная реализация предложения», - по мнению Н.Ю. Шведовой, - является результатом неполного очертания включения малозначимых глаголов (возможно, под вспомогательными глаголами подразумеваются К.М.С.) субъективно-модальных частиц, заменяющих один компонент полным предложением» [18, 1967, 123].

Из этого можно сделать вывод, что понятие регулярной реализации объединяет различные языковые явления, взаимосвязь которых определяется структурным очертанием (базовой или первичной моделью). Например: *Бо бародарам (С братом). Дар дашт (В степи). Дӯстон (Друзья). Бозичаҳо (Игрушки)* и др.

Рецензент: ***Мирзоева М.Дж.*** – д.ф.н., профессор ТНУ

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Адамеи А. Очерк функционально-трансформационного синтаксиса / А. Адамеи. - М., 1973. - 136 с.
2. Виноградов, В.В. Основные вопросы синтаксиса предложения / В.В. Виноградов // Вопросы грамматического строя. – М., 1955. - С.389-435.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. – Душанбе: Дониш, 1986. - Ҷ.2. – 368 с.
4. Золотова Г.А. Очерк функционального синтаксиса русского языка / Г.А. Золотова. - М., 1973.
5. Золотова, Г.А. Коммуникативный синтаксис русского языка / Г.А. Золотова. – М.: Наука, 1982. – 243 с.
6. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. – Душанбе, 2010. – 231 с.
7. Қосимова М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри Х1 / М.Н. Қосимова. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 215 с.
8. Лекант П.А. Синтаксис простого предложения в современном русском языке / П.А. Лекант. – М., 1986.
9. Ломтев Т.П. Парадигматика предложений на основе конвертируемости отношений / Т.П. Ломтев // Распопов И.П. Несколько замечаний о синтаксической парадигматике // Вопросы языкознания, 1969. - № 4.
10. Ниёзмуҳаммадов Б. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Б. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1960. – 112 с.
11. Норматов М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Норматов. – Душанбе, 2015. – 234 с.
12. Седельников Е.А. Структура простого предложения с точки зрения синтагматических и парадигматических отношений / Е.А. Седельников // Филологические науки. - 1961. - № 3. - С.66-77.
13. Хомский, Н. Синтаксические структуры / Н. Хомский // Новое в лингвистике. - М., 1962. - Вып. 2. - С.412-527.
14. Храковский, В.С. Семантика и типология императива: Русский императив / В.С. Храковский, А.П. Володин. - Л., 1986.
15. Цейтлин, С.Н. Синтаксические модели со значением психического состояния и их синонимика / С.Н. Цейтлин // Синтаксис и стилистика. Под. ред. Г.А. Золотовой. - М., 1976.
16. Шаумян С.К. Теоретические основы трансформационной грамматики / С.К. Шаумян // Новое в лингвистике. Вып. 2. - М., 1962. - С.391-411.
17. Шаумян, С.К. Основания порождающей грамматики русского языка / С.К. Шаумян, П.А. Соболева. – М.: Наука, 1968. – 372 с.
18. Шведова Н.Ю. Парадигматика простого предложения в современном русском языке / Н.Ю. Шведова // Русский язык. Грамматические исследования. - М., 1967.
19. Шведова, Н.Ю. Спорные вопросы описания структурных схем простого предложения и его парадигма / Н.Ю. Шведова // ВЯ. – 1973. – № 4. - С.25-36/
20. Worth D.L. The role of transformations in the definition of syntagmas in Russian and Slavic languages // In: American contributions to the V International congress of slavists, Sofia, 1963, the Hague

МУНОСИБАТҲОИ ПАРАДИГМАТИКӢ ДАР СИНТАКСИСИ ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Мақола ба масъалаи сохт ва семантикаи ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Муаллиф ба муносибати парадигматикӣ дар ҷумлаи сода таваҷҷуҳи хосса дода, барои исботи фикраш мисолҳои зиёд овардааст. Ба назари муаллиф, ин масъала дар солҳои охир дар забоншиносӣ хеле мубрам шудааст ва бисёре аз забоншиносон талош хоҳанд кард, ки муқоисаи ҷумлаҳои содаро ба низом дароварда бошанд. Дар баробари ин, онҳо ба равиши анъанавии муайян кардани алоқаи дохилии навъҳои асосии ҷумлаи сода асос ёфтаанд. Дар мақола андешаҳои гуногуни муҳаққиқон – забоншиносон оид ба масъалаҳои муносибатҳои парадигматикӣ баррасӣ мешавад. Ба андешаи муаллиф, дар солҳои охир дар таҳқиқоти грамматикӣ барои ба низом даровардани типологияи (муқоисаи) ҷумлаҳои сода дар асоси таърифи қатъӣ ва воқеии робитаи дохилии навъҳои асосии ҷумла, зуҳуроти онҳо ва ба низом даровардани ҷумлаҳо беш аз пеш кӯшиш мекунанд. Ҷумла дар ҳама гуна системаи таснифот падидаи ҷудогона ва берун аз матн нест, балки дар шакли аслии худ, дар муносибати систематикӣ бо моделҳои ба ин ё он хусусияти грамматикӣ ё семантикӣ мувофиқ буда, системаи муайянро ифода мекунад. Ин муносибати нав дар таҳқиқи ҷумла, ки дар охири солҳои 50-ум ба вуҷуд омада ва инкишоф ёфт, имкон дод, ки муносибати парадигматикиро дар грамматика истифода баранд.

Калидвожаҳо: грамматика, синтаксис, парадигма, грамматикаи табдилдиҳанда, ҷумлаи сода, шакли грамматикӣ, шакли грамматикӣ, синоними грамматикӣ.

ПАРАДИГМАТИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ В СИНТАКСИСЕ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Статья посвящена вопросу структуре и семантике простых предложений в таджикском языке. Автор обращает особое внимание парадигматическому отношению в простом предложении и приводя многочисленные примеры обосновывает свои мнения. По мнению автора, данный вопрос в последние годы в языкознании стал очень актуальным и многие лингвисты попытаются систематизировать сравнение простых предложений. При этом они основываются традиционному подходу определения внутренней связи между основными типами простого предложения. В статье полемизируются различные мнения исследователей – лингвистов по вопросам парадигматических отношений. По мнении автора, в последнее время в грамматических исследованиях делается все больше попыток систематизировать типологию (сравнение) простых предложений на основе строгого и реалистичного определения внутренней связи между основными типами предложений, их проявлениями и изменениями. Предложение в любой системе классификации - это не отдельное и не изолированное явление, а в исходной форме в систематической взаимосвязи с моделями, соответствующими тому или иному грамматическому или семантическому признаку, выражает определенную систему. Этот новый подход к предложению, который возник и развился в конце 1950-х годов, позволил применить парадигматические выражения к грамматике.

Ключевые слова: грамматика, синтаксис, парадигма, трансформационная грамматика, простое предложение, грамматический вид, грамматическая форма, грамматическая синонимия.

PARADIGMATIC RELATIONS IN THE SYNTAX OF SIMPLE SENTENCES OF THE TAJIK LANGUAGE

The article is devoted to the issue of the structure and semantics of simple sentences in the Tajik language. The author pays special attention to the paradigmatic relation in a simple sentence and gives numerous examples to substantiate his opinions. According to the author, this issue has become very relevant in recent years in linguistics and many linguists will try to systematize the comparison of simple sentences. At the same time, they are based on the traditional approach of determining the internal connection between the main types of a simple sentence. The article discusses various opinions of researchers - linguists on the issues of paradigmatic relations. According to the author, in recent years, grammatical studies have made more and more attempts to systematize the typology (comparison) of simple sentences on the basis of a strict and realistic definition of the internal connection between the main types of sentences, their manifestations and changes. A sentence in any classification system is not a separate and isolated phenomenon, but in its original form, in a systematic relationship with models corresponding to one or another grammatical or semantic feature, expresses a certain system. This new approach to the sentence, which emerged and developed in the late 1950s, made it possible to apply paradigmatic expressions to grammar.

Key words: grammar, syntax, paradigm, transformational grammar, simple sentence, grammatical form, grammatical form, grammatical synonymy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, докторант. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Кенджазода Манучехра Солех*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, кандидат филологических наук, докторант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

Information about the author: ***Kenjazoda Manuchehra Solekh*** - Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, doctoral student. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **kenjazoda-1978@mail.ru**

УДК: 891.550

ЖАНРИ ТАСНИФ ВА ТАҲАВВУЛИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ ОРИФИ ҚАЗВИНӢ

Хоҷамуродов О.
Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ

Шуҳрати Орифи Қазвинӣ (1880-1933) ва мавқеи фавқулодаи ӯ дар адабиёту Инқилоби машрутаи (1905-11) Эрон, пеш аз ҳама, ба таснифҳои ватанӣ ва инқилобияш бастагӣ дорад, зеро “тасниф дар эҷодиёти Ориф ба авҷи аълои худ расид ва моҳиятан тағйир ёфта, ҷанбаи таблиғотиву сиёсиро ба худ гирифт” [12, с.57]. Аз ин рӯ, қабл аз он ки перомуни вижагиҳои таснифҳои Орифи Қазвинӣ сухан гуфта шавад, лозим аст, то як мурури кӯтоҳе ба таърихчаи жанри тасниф дар адабиёти форсӣ сурат гирад.

I. Мурури кӯтоҳе ба таърихчаи жанри тасниф

Ба таври дақиқ маншаъ ва таърихи пайдоиши тасниф то ба имрӯз таҳқиқ нашудааст. Мунтаҳо дар қиёс бо соир адабиёти халқҳои ҷаҳон, ба қавли мусташриқи маъруфи англис Эдвард Браун: “Тасниф ё сурудҳои омиёна аз замони бисёр қадим, ҳатто қабл аз ислом низ, дар Эрон вуҷуд доштааст. Гӯё Борбад ва Накисо ҳам дар ҳазору сесад сол қабл ҳамин қисм таснифот барои Хусрави Парвизи Сосонӣ месурудаанд ва муҳаққақан Рӯдакӣ низ чаҳорсад сол баъд дар ҳузури подшоҳи Сомонӣ, мамдуҳи худ ҳамин қисм ашъор хондааст” [2, с.168].

Аз он ҷо ки жанри тасниф хориҷ аз авзони арӯз аст, дар шеъри классикии форсии тоҷикӣ мақому манзалате надоштааст, зеро дар як тасниф метавон аз чанд вазн истифода намуд, аз ин рӯ, аз нигоҳи арӯзи классикӣ муғойири авзони арӯзист. Ба ҳар тарзе ки ҳаст, ба таъйиди нахустин гирдоварандаи таснифҳои халқии Эрон, шарқшиноси маъруфи рус В.А. Жуковский, таснифи форсӣ қолабест, мисли “насри содаи зарбӣ” [3, с.4], зеро дар он шарт нест, мисли шеъри арӯзӣ дастури забон ва қофия муроот шавад. Бар хилофи шеъри адабӣ-китобӣ, ки барои гурӯҳи хосси ҷомеа аст, тасниф барои ом гуфта мешавад ва, пеш аз ҳама, тобеи оҳангу зарб аст, на побанди дастури забону қофия.

Муҳаққиқини эроние, ки ба масъалаи шеъри пешазисломӣ ва таронаҳои халқии форсӣ тафаҳҳус кардаанд, аз ҷумлаи Содиқ Ҳидоят, Маликушшуаро Баҳор, доктор Абулҳусайни Зарринкӯб ва амсоли эшон, байни истилоҳҳои “тасниф”, “ҳарора”, “қавл”, “тарона” ва “суруд” қариб, ки тафовуте нагузошта, ҳамчун жанри халқӣ муродифи ҳамдигар донистаанд. Доктор Зарринкӯб дар ташаккулу таҳаввули шеъри форсии баъд аз ислом нақши ашъори омиёнаи шифоҳиро таъкид карда гуфтааст: “...вуҷуди таснифҳо ва сурудҳое, ки билофосила баъд аз зуҳури ислом дар сарзамини Эрон падид омадааст, ҳокист аз вуҷуди ин гуна ашъори омиёнаи қабл аз ислом. Ҷое, ки аз нашъат ва таҳаввули шеъри форсӣ сухан меравад, шеъри қадими омиёна саҳми умда дорад” [7, с.175]. Нависандаи барҷастаи Эрон, муҳаққиқ ва мутарҷими осори паҳлавӣ Содиқ Ҳидоят, ки аз нахустин муҳаққиқон ва ҷамъоварандагони фолклори мардуми кишвараш маҳсуб мешавад, зимни баррасии таронаҳои омиёна ёдовар мешавад: “Мутобиқи асноде, ки дар даст аст... бештари тиккаҳои “Авасто” бидуни қофия ва монанди ҳамин таронаҳои омиёна аст” [14, с.294-95].

Аз назари Содиқ Ҳидоят мушкили муҳаққиқони “Авасто” “сари ин аст, ки ағлаби ашъори “Авасто” дорои як вазну оҳанги муайян нест, яъне оҳанги ҳар байте мумкин аст, бо дигарӣ фарқ дошта бошад” [14, с.295]. Сипас, муҳаққиқ барои бурҳони гуфтаи хеш як порча аз Готҳо оварда, онро аз нигоҳи оҳангу вазн баррасӣ намуда, фарқ доштани силобҳои (ҳиҷоҳои) ҳар як мисраъ ва озод аз қофия будани онҳоро нишон медиҳад. Инчунин, барои қиёс таронаи халқии “Суруди мардуми Балх”-ро, ки Табарӣ дар китобаш ҳамчун шоҳиди айнӣ зимни ҳаводиси соли 108 ҳ (727м), яъне шикасти Асад ибни Абдуллоҳ Ал-Қисорӣ дар Хатлон бачаҳои Балх дар ҳаҷви ӯ гуфтаанд, мисол оварда, чунин натиҷагирӣ мекунад: “...дар шабоҳати ин абёт бо таронаҳои миллӣ (манзураш халқӣ-О.Х.) ҷойи тардид нест ва ҳамин нишон медиҳад, ки тӯдаи мардум шева ва қоидаи шеърии Эрони пеш аз исломро аз даст надодааст ва “омазия”, ки дар охири ин байтҳо такрор шуда, ҳукми радифро дорад ва набояд бо қофия иштибоҳ шавад” [14, с.297].

Тавре ки мулоҳиза шуд, дар пояи намунаҳои боқимондаи шеъри бостонии форсии тоҷикӣ ва “Готҳо”-и “Авасто” муҳаққиқин собит карданд, ки шеъри пешазисломии мо шеъри ҳиҷоӣ буда, ба тасниф ё таронаҳои мардумии имрӯз шабоҳат ва робитаи наздик доштааст. Аммо як нукта бебаҳс аст, ки дар тули таърих жанри тасниф ё тарона ҳамвора раванди шифоҳӣ дошта, бо фарҳанги мардум тавъам будааст. Маҳз ҳамин ҷанбаи оммавӣ ва халқӣ доштани он дар гузашта аз тарафи аҳли илму адаб мавриди беэътиноӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, Шамс Қайси Розӣ дар “Ал-муъҷам...” таснифро дар зумраи “ҳарора” медонад. Веросторони китоби мазкур дар поварақ манзури муаллифро дар мавриди истилоҳи “ҳарора” чунин тафсир кардаанд: “Аз қарори маълум... мақсуд аз ин калима ашъори саҳифест, ки муханнасону масхарагон ва аввомуннос дар кӯчаву маҷолиси лаҳву лааб хонанд ва акнун “тасниф” гӯянд. Ва муҳтамил (эҳтимол-О.Х.) аст “харора” бо “хо”-и муъҷама бошад, он овозест, ки бо сабаби гиря ва ё ғайри он аз гулӯ берун ояд, чи масхарагону суфаҳо ашъори саҳифи ҳудро бад-ин овоз хонанд” [11, с.34]. Аммо ба ақидаи Маликушшуаро Баҳор, ин калима на “харора”, балки “ҳарора” буда, дар забони арабӣ ҳамон маънии “тасниф”-ро дорад [1, с.33].

Маликушшуаро Баҳор решаи ин камтаваҷҷуҳии аҳли илму адаби гузаштагонро ба тасниф ё таронаҳои омиёна дар сабку навъи шеъри пешазисломӣ таҳқиқ карда, ба чунин хулосаи мантиқӣ омадааст: “Дар Эрони Сосонӣ зоҳиран се қисм шеър ривоҷ доштааст: **аввал**-суруд; **дувум**-достон; **севум**-тарона”. Ҳар як аз ин жанрҳоро тавсиф намуда, барои жанри суруд “суруди Хусравонӣ”-ро намунаи боризи он медонад ва тазаккур медиҳад, ки ин навъ ашъор ҳиҷоист ва дорои қофия буда, танҳо дар ҳузури подшоҳону мубадон ва оташкадаҳо хондаву навохта мешуданд. Дар мавриди жанри “достон” таъкид медорад, ки “иборат аз ҳамосаҳо ва зикри маноқибу фазоили паҳлавонон ва руасову салотин ё манзараҳо, ё афсонаҳо будааст, ки дар ҳузури риҷолу маҷомеи умумӣ ва ҷашнҳои милливу майдонҳои бозӣ бо созу овоз хонда мешудааст” [1, с.70]. Сипас, дар бораи “таронаҳо” чунин тавзеҳ медиҳад: “...махсуси ибороти ошиқонаву ғазалу “тасниф” буда ва ба табақоти омма ихтисос дошта ва дар ҳузури бузургон ба нудрат аз ин ҷинс шеър хонда мешудааст” [1, с.70]. Сабаби дар ҳузури бузургону аъён ба нудрат хондани ин навъ шеърҳоро устод Баҳор дар он медонад, ки яке аз шарт ё зарурати лоянфакии “ин ҷинси шеър дастафшонӣ ва пойкӯбиву рақс ва ба истилоҳи имрӯз “ҳол кардан” буда ва маҳофили бузургону маҷолиси расмии Эрон аз роҳи виқору азамат бо ин вазъ ошно набудаанд” [1, с.70].

Ҳаминро низ бояд мутазаккир шуд, ки бо вуҷуди аз тарафи аъёну ашроф ва аҳли саводи гузаштагонамон ҳамчун жанри авомуннос мавриди қабул қарор нагирифтани “тасниф”, ин жанр аз равнақу ривоҷ намонд ва ҳатто дар ибтидои ислом мавриди таваҷҷуҳи араби бидавӣ қарор гирифта, дар ташаккули шеъри давраи исломии араб муассир будааст. Ақидаи устод Маликушшуаро Баҳор ин аст, ки “араб назар ба содагӣ ва хиффати руҳ ва ошно набудан ба забони форсӣ ва мусиқии сангини он, вақте ки ба Эрон омад, танҳо аз тамоми аҷноси мусиқӣ ва шеър фақат аз ин ҷинс хушаш омад ва онро дунбол кард ва шеъри араб аз он берун омад”. Ибтидо, мусиқӣ ва шеърро усарои (асирони-О.Х.) эронӣ дар Маккаву Мадина бурданд ва хонданду ба араб ёд доданд. Ва баъд аъроб онро такмил карданд. Аз мусиқии румию шомӣ ҳам бар он мазид карданд ва истилоҳоте аз қабили рамалу раҷазу вофиру хафифу ғайра бар он бияфзуданд. Ва шеъри араб, ки бо мусиқӣ ҳама ҷо тавъам буд, ба вуҷуд омад” [1, с.70-71].

Гузашта аз ин, аз ишораҳое, ки дар тазкираҳо ва рисолаҳои роҷеъ ба нақди шеъру арӯз таълифшуда бармеояд, дар асрҳои 1Х-Х жанри тасниф на танҳо дар миёни авом, балки байни аҳли саводу аъён низ маъруф будааст. Ин назарро ишораи Давлатшоҳи Самарқандӣ перомуни интиқодаш аз “Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён”-и устод Рӯдакӣ тақвият медиҳад [13, с.9-12]. Давлатшоҳ дар тазкирааш баъд аз зикри ин шеъри устод Рӯдакӣ ва ривояти таъсири беандозаи он ба амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ дар шеърияти ин тарона тардид мекунад ва таъсири фавқулодаи онро ба нуктаи зер мансуб медонад:

“Мешояд, ки чун устодро дар автору мусиқӣ вуқуфе тамом буда, қавлею таснифе сохта бошад ва бо оҳанги ағонию соз ин шеърро арз кардаву маҳалли қабул уфтода бошад” [4, с.28]. Бад-ин мазмун Шамс Қайси Розӣ дар рисолаи нақди шеъраш менигорад: “... чунонки ҳарораҳои муханнасон, ки бо риккати лафз ва хиссати маънӣ дар баъзе маҷолис чандон тараб дар мардум падид орад, ки бисёр қавлҳои бадеъ ва таронаҳои латиф падид наёрад...” [11, с.460].

Бино ба қавли Яҳё Оринпур дар адабиёти форсии мактуб истилоҳи “тасниф” ба ҳайси жанри шеърӣ дар асрҳои XVI-XVII ба ҷойи истилоҳи “қавл” ворид шуда, ба мафҳуми навъе аз шеъри оҳангине, ки дорои вазни арӯзу оҳанг буда, бо дигар анвои шеърӣ тафовут надошта, мунтаҳо дорои вазну таркиби лафзист, ки бо мақомоту мусиқӣ ва овоз ҳамоҳангӣ мекунад, шинохта мешавад. Аммо, ин таснифҳои дар даврони сафавиҳо роиҷ будаву дар қолаби арӯз гуфташударо касе ҷузви адабиёти катбӣ намешумурдааст. Аз ин рӯ, дар девонҳову тазкираҳо сабт нашудаанд ва муаллифашон номаълум мондаанд. Бо вуҷуди ин, боз ҳам намунаҳое аз таснифҳое, ки дар замонашон дар миёни мардум маъруфияти бештаре доштанд, дар бархе аз тазкираҳои он давр ҷо-ҷо сабт гардидаанд. Бад-ин робита Яҳё Оринпур дар ҷилди дувуми асари пуразришаш “Аз Сабо то Нимо” аз “Нишопурак” ном таснифи Ҳодии Дайламӣ ба нақл аз “Гулистони ҳунар”-и Қозӣ Аҳмади Муншӣ порчаи зерро меорад:

“Маро гуфтӣ чу ман ёре надорӣ,
Ту ҳам чун ман гирифторе надорӣ.
Чӣ донӣ ҳоли зори бедилонро,
Ки бар дил доғи дилдоре надорӣ!
Набошад ғайри озори манат кор,
Ки ҷуз озори ман коре надорӣ”.

Ҳамчунин, Насрободӣ (асри XVII) дар тазкираи хеш аз таснифсозони аҳди Шоҳаббоси Кабир, аз ҷумла Шоҳмуроди Хонсорӣ (соли ваф. 1038 ҳ.қ./1628-1629м) ёд карда, баъд аз зикри мухтасари тарҷумаи ҳолаш, таъкид медорад, ки “аксари тасонифаш шеър аст” [8, с.319]. Насрободӣ дар бораи Хонсорӣ маълумот дода, ёдрас мешавад, ки Хонсорӣ таснифи зерро дар оҳанги “Дугоҳ” ва “Наврӯз”-у “Сабо” эҷод карда, мавриди ташвиқу инъоми Шоҳ Аббос қарор гирифтааст:

“Сад доғ ба дил дорам з-он дилбари шайдойӣ,
Озурда диле дорам, ман донаму расвойӣ.

Мунтаҳо, дар охири қарни X1X ва ибтидои қарни XX ағлаби таснифҳое, ки сохта мешуданд, то ҳадде аз авзони арӯзӣ озод буда, тавре ки нахустин гирдоваранда ва муҳаққиқи таснифҳои халқии форсӣ В.А.Жуковский исбот кардааст, бар пояи вазни ҳиҷоӣ, чун асли тоисломии хеш бунёд шудаанд [6, с.5].

Яке аз муҳаққиқони таснифҳои форсӣ, донишманди покистонӣ Мунибурраҳмон таснифҳои халқиро ба се гурӯҳи зайл ҷудо кардааст:

а) таснифҳои рӯзмарра; б) таснифҳои ошиқона; в) таснифҳое, ки дар муносибатҳои гуногун: ҷашнҳову арӯсиҳо лолоиҳо (аллаи кӯдак - О.Х.), сӯгвориҳо, муаммоҳо ва амсоли он хонда мешаванд [5, с.115].

Дар қадим расм будааст, ки таснифҳоро хунёгарон, ба истилоҳи имрӯз овозхонони касбӣ ичро мекарданд. Мубаллиғи асосии ин навъ сурудҳо онҳо буданд, аммо эҷодгарони ин таснифҳо худи хунёгарон ё онҳо танҳо ичрокунанда буданд, маълум нест.

Аз нигоҳи Мунибурраҳмон, дар гузаштаи дур дар байни мардум бештар таснифҳои рӯзмарра мавриди қабул буданд, зеро онҳо воқеоти мухталифи таърихӣ ва муҳиммеро бо оҳанги ҳаҷву тамасхур инъикос менамудаанд, ки аз даҳон ба даҳон гузашта, бархе аз онҳо дар таърихномаҳо ва тазкираҳо сабт гардида, то замони мо расидаанд.

Мутаассифона, аз таснифҳои баъд аз ислом, ки ба вазни ҳиҷоӣ гуфта шуда бошанду марбути таснифи рӯзмаррагӣ бошанд, то ҳамлаи муғул, зоҳиран, танҳо як намуна боқӣ мондааст. Ин тасниф ба асри X1 мансуб аст. Ибни Ровандӣ дар “Роҳат-ус-судур” онро зимни шарҳи ҳоли Аҳмад ибни Аттош (ваф.1056 м), яке аз роҳбарони барҷастаи мазҳаби исмоилия, ки Султон Муҳаммади Салҷуқӣ (ваф. 1118 м) ӯро ба асорат гирифта, савори уштур дар кӯчаҳои Исфаҳон мегардонд ва ҳазорҳо марду зан дар кӯчаву бозор ба тамошо баромада буданд ва муханнасон пеш-пеши ӯ “бо таблу дуҳулу даф” ҳароаи зерро мехонданд:

Аттош олӣ, ҷони ман Аттоши олӣ!
Миёни сар ҳилоле туро ба Дез чӣ кору.

иқтибос кардааст.

Устод Маликушшуаро Баҳор дар мавриди ин тасниф шарҳи ҷолиберо ироа дошта, дар ибтидо таъкид медорад, ки “ин ҳарора... ба вазни сездаҳиҷоӣ” буда, мисраи сонӣ шояд ғалат сабт шуда “ва саҳеҳи он чунин аст: Миёни сари ҳолии (холии) туро ба Дез чӣ кору”. Сипас

ин байтро чунин шарҳ медиҳад: “Эй Аттоши олимартаба, ҷони ман, эй Аттоши олимартаба! Миёни сарат холӣ аз мағз аст. Туро ба Дез кӯҳ чӣ кор” Агар “ҳилоле” хонда шавад, таъкид медорад М. Баҳор, як ҳиҷо зиёд мешавад ва мисраъ маънӣ намедиҳад. Устод бар ин ақида аст, ки ин тасниф бо гӯйиши мардуми Исфаҳон сохта шуда, “луғати “ҳолӣ” агар дуруст бошад, ҳамон “ҳолӣ” аст, ки ҳарфи “х” ба ҳарфи “ҳ” бадал шуда, чунки лурҳо “холу (тағо-О.Х.)-ро “ҳолу” гӯянд” [1, с.116].

Маҳз ҳамин табиати танзу нешханди таснифи рӯзмарра боиси он гардид, ки дар авохири асри Х1Х ва ибтидои қарни ХХ ба иртиботи ҷунбишҳои таҷаддудхоҳию Машрута ин навъи тасниф муравваҷ гардида, силоҳи таблиғотии машрутахоҳон гардад.

Барои мисол, яке аз таснифи маъруфи рӯзмарраи охири асри Х1Х таснифест, ки мардум дар бораи Султон Масъудмирзо Зиллусултон, бародари калонии Музаффариддиншоҳ – ҳукмрони тамоми вилоёти ҷанубии Эрон, ки аз хӯйи баду бадахлоқиву зулмаш мардум, махсусан, исфаҳониҳо ба дод омада буданд, маҳсуб мешавад. Падараш Носириддиншоҳ аз ӯ бимнок шуда, соли 1886 м. ҳама ихтиёротро, ба ҷуз вилояти Исфаҳон аз ӯ мегирад. Аз ин мардум бисёр хушнуд шуда, таснифҳои зиёде сохта, дар кӯчаву бозор бо созу овоз мехонданд, ки яке аз он ин аст:

Гории (аспаробаи - О.Х.) амирзода ку?
Ҷоми пур аз бода ку?
Он бачаи сода ку?
Шоздаҷон (Шоҳзодаҷон - О.Х.) хуб кардӣ рафтӣ.
Қочи зин бигир наяфтӣ!

Ку Исфаҳон пойтахти ман?
Ку тӯпчию ку тахти ман?
Ку ҳукми сахти ман?
Эй Худо бубин ин бахти ман!
Шоҳ бобо, гуноҳи ман чӣ буд?
Ин рӯзи сиёҳи ман чӣ буд?
Ку Исфаҳон, ку Шерозе?
Ку Соримуддавлаи пурнозе?
Ку тӯпчиву ку сарбозе?
Шоҳ бобо, гуноҳи ман чӣ буд?
Ин рӯзи сиёҳи ман чӣ буд? [9, с.157].

Аз ин қабил таснифҳои рӯзмарра метавон мисолҳои фаровон овард, аммо аз маҷоли ин мухтасар хориҷ аст. Дар асоси таснифҳои дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ аз манотиқи гуногуни Эрон ҷамъовардаи шарқшиносони маъруф В.А.Жуковский ва Эдвард Браун метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки дар ин давра тасниф ба таври густарда мунъакискунандаи ҳаёти иҷтимоӣ ва мадании Эрони ин давра будааст. Мутаассифона, то ба имрӯз ин таснифҳо мавриди таҳқиқу омӯзиши густурдаи ҷомеашиносону фолклоршиносони эроншиносон қарор нагирифтаанд.

Дигар навъи тасниф, таснифи ошиқона буда, он аз лиҳози мазмуну корбурди саноеи бадеъ ба ғазал наздик аст. Гузашта аз ин, аз нигоҳи шевоию нафосат ҳам бо ғазали зебову дилангез ҳамхонӣ дорад. Аз ин ҷост, ки яке аз сайёҳони аврупоӣ ба номи Эвард Эскот Воринг дар ёддоштҳои сафараш зери унвони “Сафаре ба Шероз” тарзи иҷрои таснифро дар Шерози асри Х1Х хеле моҳирона тасвир кардааст. Порчаеро аз навиштаи ӯ аз китоби Мунибурраҳмон иқтибос мекунем:

“Баъзе аз риҷол писаракони гурҷиро ба хидмати худ дароварда ва ба онҳо овозу хунёгарӣ ёд медиҳанд, то дар маросиму ҷашнҳо ба ҳунарнамоӣ бипардозанд. Таронаҳои форсӣ ширину шево ва дилангез аст. Вақте ки бо мусиқӣ ҳамроҳ мешавад, ҳаловати он дучандон мегардад. Таронаҳои онҳо дар бораи маю зебоист, ки бо шикваву шикоят аз сангдилии маъшуқ омехта шудааст” [5, с.120]. Сипас Мунибурраҳмон ду порча таснифи зери ошиқонаи зеборо овардааст:

Биё соқӣ, ки ман мурдам,
Кафан аз барги токам кун.
Зи оби май бидеҳ ғуслам,
Дари майхона хокам кун.

Имон дорам, ман вафодорам,
Ту ноз макун, ман ниёз дорам.

Ва:

Ишқ панҷае дорад оҳанин,
Эй Худо.
Чун бароварад сар зи остин,
Эй Худо.
Сад ҳазор шаҳ банда мешавад,
Эй Худо.
Бар дари Аёз чун Сабуктегин
Эй Худо.
Эй қашанг, машанг малусам,
Изн бидеҳ, то лабатро бибӯсам [1, с.70].

Тавре ки қаблан ёдрас шудем, сабки тасниф муҳовараист (гуфтугӯист), ки барои ҳамаи анвои он қоидаи ҳатмист. Аз ин ҷост, ки мусташриқи маъруфи фаронсавӣ Анри Массэ забони таснифро забони "бозорӣ" номида, ҳазфи овози ҳиҷоҳо ва табдили иттифоқии қофия ба ҳамсадоро аз вижагии умумии ин жанр номидааст [5, с.121]. Бад-ин робита, вижагии дигари тасниф, ки бахши муҳимму зарурии он буда, ба мазмуни аслии тасниф рабте надорад, радиф аст. Ва мавҷудияти радиф дар тасниф боиси он гардидааст, ки дар гузашта ва ҳоло ба ашъори шоирони маъруф тасниф баста шавад. Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкирааш менигорад, ки Ибни Ҳисоми Ҳиравӣ (ваф.737 ҳ.қ./1336-37м.) мустазоде эҷод карда ва ба он "Хоҷа Абдулқодири Удӣ таснифеву қавле ба он сохт ва он мустазод ин аст:

Он кист, ки тақрир кунад ҳоли гадоро,
Дар ҳазрати шоҳе.
Аз ғулғули булбул чӣ хабар боди саборо,
Ҷуз нолаву оҳе.
Зорию зару зӯр бувад моияи ошиқ,
Ё раҳм зи маъшуқ.
Моро зарӯзӯр на, худ раҳм шуморо,
Бас ҳоли табоҳе" [4, с.169-170].

Мирзо Тоҳири Насрободӣ низ дар тазкираи хеш зимни ёдоварӣ аз таснифсозии Шоҳмуроди Хонсорӣ, ки зикраш дар боло гузашт, ҳамчунин аз Оқо Қавомиддин ном шоиру аъёни Мозандарон ёд мекунад, ки "дар ҷанги Гурҷистон... ба қатл расид... ва таснифи машҳуре, ки дар нағмаи баёту усули равонӣ ҷиҳати ӯ бастаанд ин аст:

Маро Қавомуддини солор гуме. Ҷонам шарбате" [8, с.52].

Ин қабил таснифҳо, ки баъдан мураввақ гардид, аз адабиёти китобӣ, ба вижа аз осори Хайёму Саъдиву Ҳофиз ба таври фаровон таъсирпазир ва иқтибос низ кардаанд. Гузашта аз ин, ин навъ таснифҳо батадриҷ ба адабиёти китобӣ роҳ ёфта, аз нигоҳи забону сабк ба забони меъёри адабӣ наздиктар мешаванд ва муҳаққиқин ин қабил таснифҳоро "таснифи адабӣ" номгузорӣ кардаанд.

Бад-ин робита, агар мо таснифҳои мардумиро бо таснифҳои адабӣ ба муқоиса гирем, тафовутҳоеро мушоҳида мекунем. Ин тафовутҳоро доктор Мунибурраҳмон хеле дақиқ аз қарори зайл мушаххас кардааст: "Аз муқоисаи байни ин навъ тасниф ва ҳамтои мардумии он, ишороти мутафовити зер ҳосил мешавад: аввалан, таснифи адабӣ мазомини иҷтимоиро дар меҳвари таваҷҷуҳи худ дошт ва сониян, ба лиҳози корбасти забон ва ташбеҳоту истиорот ба суннати адабии мушобеҳе вобаста" [5, с.123] аст.

Ин ҷо бояд ба як нукта ишорат кунем, ки таснифҳои адабӣ, тавре ки аз намунаи андакаш мушоҳида шуд, дар баробари мазмунҳои иҷтимоӣ, бештар ҷанбаи лирикию ошиқона низ доранд, зеро бештар ба ашъори лирикии классикон тасниф баста шудааст. Аммо дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ Эрон тасниф бо таъсирпазирӣ аз осори назми китобии махсусан, аз мавзуъ ва мазмунҳое, ки дар адабиёти наву таҷаддудхоҳи замон, доираи мавзуи иҷтимоӣ ва сиёсии хешро густариш дод.

Ба таъбири дигар, аз оғози ҷунбиши Машрута, шеъру адаби форсӣ бештар ба сӯйи мавзуъҳои миллию ватанпарастӣ гароид. Чун ин ашъор ҷанбаи таблиғотиву рӯшангарӣ дошту ба хидмати тӯдаҳои мардуму аҳдофи инқилоб буд, аз ин рӯ, он бояд бо забони сода ва дар вазну қолабҳои дархӯри завқу саликаи тӯдаҳо бошад. Аз ин ҷост, ки суханварону

мубаллиғини инқилоб ин жанрро мувофиқ ба аҳдофи худ дида, аз қолаби он истифода бурданд. Таснифҳои инқилобию ватанӣ ба табъи мардум созгор омад, аз ин рӯ, ба маҳзи интишор дар миёни мардуми кӯчаву бозор ба даҳанҳо меафтоду эҳсоси худогоҳии онҳоро бедор ва мардумро ба ҷунбишу мубориза бо режими истибдодӣ бармеангехт.

Матбуоти даврии аҳди Машрута саршор аз ин навъ таснифотҳост, ки муаллифонашон ашхоси касбу кори гуногун буда, бештари онҳо бо исми мустаор ба чоп расида, ба зудӣ вирди забонҳо гаштаанд. Эдвард Браун дар китоби хеш "Таърихи матбуот ва адабиёти Эрон дар давраи Машрутият" намунаҳои машҳуртарин таснифҳои дар матбуоти даврӣ ба чоп расидаро ҷой додааст.

Аксари шоирони инқилобии аҳди Машрута, мисли Ашрафиддини Гелонӣ, М.Баҳор, Абулқосим Лоҳутӣ ва Орифи Қазвинӣ таснифҳои ватанӣ гуфтанд. Э. Браун дар китобаш таснифи Абулқосим Лоҳутӣ, ки дар қолаби "Лолоӣ (аллаи модар-О.Х.)" суруда шуда, саршор аз эҳсоси ватанпарастист ва таснифи М.Баҳорро, ки ба ҳоли Ватан нола мекунад, ҷой додааст [3, с.228; 278].

Вижагиҳои таснифҳои Орифи Қазвинӣ

Дар ин миён барҷастатарин таснифсарои ин давра Орифи Қазвинӣ маҳсуб мешавад, зеро дар эҷодиёти ӯ жанри тасниф, ба вижа таснифи ватанӣ мавқеӣ асосӣ пайдо кардааст.

Ба қавли Яҳё Оринпур: "Ориф ба тасниф сурати шоирона дод ва хидмати бузурге ба мусиқии Эрон, минҳайси вазну тасниф намуд, яъне таснифро аз ҳоли фалокате ки дошт, берун овард. Барои тарбияти ахлоқӣ ва эҷоди ҳисси Ватан ва ишоаи забон ва тарвиҷи як ақида дар ҳар ҷомеае, ки фарз намоед, тасниф аҳаммияти фавқулода дорад ва Ориф, қабл аз ҳама, мултафити ин маънӣ гардид" [9, с.160].

Имтиёзи бузурги таснифҳои Орифи Қавинӣ дар он аст, ки ӯ худаш ҳам шоир ва ҳам оҳангсозу овозхон буд ва дар миёни тӯдаҳои мардум бо маҳорату устодии фавқулодае таснифҳои миллияшро ичро мекард.

Ба шоҳидии доктор Ризозода Шафақ: " Дар акнофи Эрон метавон гуфт, камтар касест, ки номи Ориф ба гӯши ӯ нарасидаву ҳоли ӯро ба ҳам назада бошад. Ва дарвоқеъ, вақте ки шоир мегӯяд: "Садои нолаи Ориф ба гӯши ҳар кӣ расид, чу даф ба сар заду чун чанг дар хурӯш омад". Тамоми баёни ҳақиқат менамояд. Чӣ ки дар тамоми давраи инқилоб ҳеҷ қалам ва ҳеҷ нутқе натавонист дили мардуми Эронро монанди суханони Ориф ба ларза дарорад" [10, с.55].

Таснифҳои Ориф бисёр сода ва ҳатто аз ғазалҳои ӯ ҳам содатаранд. Таснифҳои шоир монанди ғазалҳо ва дигар ашъори Ориф ба муносибате ва таърихи муайян, дар дастгоҳу (оҳангу) ҷойи муайяне суруда шудаанд ва гузашта аз ин, дар ду вазн эҷод шудаанд. Яъне, ҳам дар авзони арӯзӣ ва ҳам бар пояи вазни ҳиҷо, ки асос ва шолудаи вазни таснифи мардумист. Хушбахтона, Ориф таърихи эҷоди ҳар як таснифи худро баён дошта, ба кадом манзур ва ё ҳадаф эҷод шудани онҳоро зикр кардааст, ки барои муҳаққиқони эҷодиёташ арзиши зиёде дорад. Девони шоир соли 1924 дар Берлин бо муқаддимаи муфассали доктор Ризозода Шафақ ва шарҳи ҳолаш ба қалами худаш ба чоп расида буд, ки муштамил аз 97 ғазал, 89 тасниф ва 12 ашъори ҳаҷвӣ мебошад. Девони мазкур баъд аз вафоти шоир, соли 1321 ҳ.ш (1942) аз тарафи Ҳодии Ҳойир бо иловаи ашъори чопнашудаи Ориф дубора чоп шуда, баъдан чаҳор бор чоп гардидааст.

Воқеан, муҳаққиқини адабиёти муосири Эрон ҳама бар он ақидаанд, ки таснифҳои ватанию инқилобӣ маҳз дар эҷодиёти Орифи Қазвинӣ нуму ёфт. Ба қавли худи шоир, ки дар тарҷумаи ҳолаш гуфтааст: "...агар ман хидмате дигар ба мусиқӣ ва адабиёти Эрон накарда бошам, вақте таснифҳои ватанӣ сохтам, ки эронӣ аз ҳар даҳ ҳазор нафар як нафараш намедонист, Ватан, яъне чӣ?" [10, с.4].

Чуноне ки зикр шуд, бартарии таснифҳои Орифи Қазвинӣ аз дигарон он буд, ки ӯ худаш ба онҳо оҳанг мебасту месуруд. Аз ин рӯ, таснифҳояш дар аҳди Машрута ва баъд аз он низ вирди забони омма буда, овозхонҳои зиёде онҳоро месуруданд. Мунтаҳо ба сабаби ба нота нагирифтани онҳо (худи Ориф нотаро намедонист) то ба имрӯз он оҳанге, ки ӯ ба ҳар як таснифаш баста буд, ба таври аввалааш боқӣ намондааст. Худи Ориф дар ин бора ба таассуф навиштааст: "Набудани ишороти "нут" бузургтарин бадбахтии мусиқии Эрон аст ва илло оҳанги дар дили шаб пайдокардаи Шайдо (Алиакбари Шайдо оҳангсозу ғазалсарои маъруфи Эрон-О.Х.) аз миён намерафт. ....Аз дилтангиҳои ман яке ин ки дар ҳамин давраи зиндагонии худам ман он чиро ки ба номи ман мехонанд, ағлаб ғалат аст..." [10, с.4].

Тавре ки ёд шуд, таснифҳои Ориф ҳар яке ба муносибате ва ё воқеае гуфта ва суруда шудааст. Яке аз таснифҳои машҳури аҳди Машрутаи ӯ “Ҳангоми маю фасли гулу гашти чаман шуд” ном дошта, соли 1327 ҳ.қ./1909 м. ба муносибати фатҳи Теҳрон ва ба ёди аввалин қурбониёни роҳи озодӣ эҷод ва аз тарафи худи шоир дар оҳанги “Даштӣ” суруда шудааст. Ин тасниф дар он рӯзҳо шӯру валвалае ба по карда, муддатҳо вирди забонҳо будааст.

Инак чанд пораи онро меорем:

Ҳангоми маю фасли гулу гашти (ҷонам гашт, Худо гашт) чаман шуд,
Дарбори баҳорӣ тиҳӣ аз зоғу (ҷонам зоғу, Худо зоғу) заған шуд.
Аз абри карам хиттаи Рай рашки Хутан шуд,
Дилтанг чу ман мурғи қафас баҳри Ватан шуд.
Чӣ каҷрафторӣ, эй чарх, чӣ бадкирдорӣ, эй чарх, сари кин дорӣ, эй чарх,
На дин дорӣ, на оин дорӣ, эй чарх!

Аз хуни ҷавонони Ватан лола дамида,
Аз мотами сарви қадашон сарв хамида.
Дар сояи гул булбул аз ин ғусса хазида,
Гул низ чу ман дар ғамашон ҷома дарида.
Чӣ каҷрафторӣ, эй чарх, чӣ бадкирдорӣ, эй чарх, сари кин дорӣ, эй чарх,
На дин дорӣ, на оин дорӣ, эй чарх! [10, с.343].

Ҳар як таснифи Ориф дар ҷомеаи вақти Эрон зуд мавриди истиқболи васее қарор гирифта, аз забон ба забонҳо паҳн мешуд.

Як нуктаро ҳам бояд ёдовар шуд, ки Орифи Қазвинӣ дар паҳлуи таснифҳои ватанию иҷтимоӣ таснифҳои ошиқонаи зебое ҳам сурудааст, ки то ба имрӯз вирди забонҳост ва дар ҷашну сур ва маҷлисҳои хосса мардуми Эрон онҳоро месароянд.

Барои намуна таснифи бисту якуми ӯро, ки соли 1921 м. дар “дастгоҳи Афшор” суруда шудааст, иқтибос мекунем:

Имрӯз, эй фариштаи раҳмат, бало шудӣ,
Хушгил шудӣ, қашанг шудӣ, дилрабо шудӣ.
По то ба сар карашмаву сар то ба пой ноз,
Зебо шудӣ, лаванд шудӣ, хушадо шудӣ.
Худ соате дар ойина атвори худ бибин,
Ман оҷизам аз ин ки бигӯям чиҳо шудӣ.
Баҳ-баҳ чӣ хуб шуд, ки гирифтори чун худӣ,
Гаштиву хубтар, ки ту ҳам мисли мо шудӣ.
Номат шифои ҳар марази ошиқон шудаст,
Эй мояи ҳаёт, ҳадиси касо шудӣ.
Ҳар кас ба дил зиёрати кӯят кунад ҳавас,
Машҳад, Мадина, Макка шудӣ, Карбало шудӣ [10, с.265].

Баррасии як-яки таснифоти Орифи Қазвинӣ аз маҷоли як мақола хориҷ буда, рисолаи ҷудогонаеро тақозо мекунад. Аз ин намунаи андак метавон ба хулосае омад, ки жанри таснифи дар эҷодиёти Орифи Қазвинӣ дорои шаклу вазни воҳиде набуда, вобаста ба мазмуну оҳанг мисраъҳо дарозу кӯтоҳ ва ритму зарби хоссеро ба худ мегирад, мунтаҳо дар тамоми таснифоти шоир забони гуфторӣ ва руҳи мардумии он ҳифз шудааст.

Орифи Қазвинӣ, агарчи мисли Маликушшуаро Баҳор, Адибулмамолик Амирӣ (Фароҳонӣ), Эраҷ Мирзо, Абулқосим Лоҳутӣ ва дигар адибони аҳди Машрута бо адабиёти классикии форсӣ ва адабиёти мутараққии Ғарб ошноии бештаре надоштааст, аммо бо ғазалиёти дилангез ва таснифҳои шӯрангезаш, дар беҳтарин наҳву ширинтарин вожаҳо андешаҳои тозаи ватанпарастӣ ва озодихоҳиро иброз доштанд. Аз ин рӯ, аксари муҳаққиқони адабиёти қарни ХХ Эрон, ӯро шоири миллӣ ва инқилобии Эрон хондаанд.

Дар як сухан, бо итминон метавон гуфт: Орифи Қазвинӣ шоирест, ки заминаи таҷаддуди адабиро дар адабиёти Эрон фароҳам овард ва ҳалқае байни таҳаввули инқилобӣ ва таҷаддуди адабии Эрон қарор гирифт.

А Д А Б И Ё Т

1. Баҳор, Маликушшуаро. Баҳор ва адаби форсӣ. Маҷмуи 100 мақола. – Ҷ.1. Чопи севум / Маликушшуаро Баҳор. - Теҳрон, 1371 ҳ.ш. - 408 с.
2. Браун, Эдвард. Таърихи адабиёти Эрон.- Ҷ. 4 (Аз оғози сафавия то поёни қоҷория) / Эдвард Браун. Тарҷумаи Рашид Ёсимӣ. Чопи дувум. - Теҳрон, 1364, ҳ. ш. - 368 с.
3. Браун, Эдвард. Таърихи матбуот ва адабиёти Эрон дар даврони Машрутият / Эдвард Браун. – Теҳрон, 1957. - 420 с.
4. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Чопи дувум / Самарқандӣ, Давлатшоҳ. – Теҳрон, 1366 ҳ.ш. - 431 с.
5. Доктор Мунибурраҳмон. Шеъри даврони Машрута. Тарҷумаи Яъқуби Ожанд. - Теҳрон :“Нашри рӯзгор”, 1378 ҳ. ш. - 188 с.
6. Жуковский, В.А. Образцы персидского народного творчества / В.А. Жуковский. – С. – Петербург, 1902. - 370 с.
7. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб. Чопи сеюм / Абдулҳусайн Зарринкӯб. – Теҳрон, 1363 ҳ.ш. - 280 с.
8. Мирзо Муҳаммадтоҳири Насрободӣ. Тазкираи Насрободӣ / Насрободӣ, Мирзо Муҳаммадтоҳир. Бо тасҳеҳи Ваҳиди Дастгирдӣ. – Теҳрон, 1317 ҳ.ш. - 575 с.
9. Оринпур, Яҳё. Аз Сабо то Нимо. Таърихи 150 соли адаби форсӣ. Ҷ. 2. Чопи аввал / Яҳё Оринпур. – Теҳрон, 1350 ҳ.ш. - 540 с.
10. Орифи Қазвинӣ. Девон. - Теҳрон-Берлин, 1344 ҳ.қ. - 1924 м. - 560 с.
11. Қайси Розӣ. Шамсиддин Муҳаммад. Ал-муъҷам фӣ маойири ашъор-ил-аҷам. - Теҳрон: Заввор, 1387 ҳ.ш. - 650 с.
12. Хоҷамуродов, Олим. Адабиёти аҳди Машрутаи Эрон. (Дастури таълим барои донишҷӯёни донишкадаи шарқшиносӣ). Дафтари аввал. – Душанбе, 2002. - 64 с.
13. Хоҷамуродов, Олимҷон. “Бӯқи чӯйи Мӯлиён”-и устод Рӯдакӣ ва жанри тасниф дар Эрон / Олимҷон Хоҷамуродов // Дар паҳнои адабиёт (маҷмуаи мақолаҳо). - Душанбе: Дониш, 2018. - 339 с.
14. Ҳидоят, Содиқ. Дебоча / Содиқ Ҳидоят // Навиштаҳои пароканда. - Теҳрон: Нигоҳ, 1384 ҳ.ш. - 625 с.

ЖАНРИ ТАСНИФ ВА ТАҲАВВУЛИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ ОРИФИ ҚАЗВИНӢ

Дар мақола, қабл аз он ки нақши таснифҳои ватанӣ ва инқилобии Орифи Қазвинӣ (1880-1933), яке аз шоирони маъруфи аҳди Инқилоби машрутаи Эрон баррасӣ гардад, дар ваҳлаи аввал, як мурури кӯтоҳе ба таърихчаи ин жанри фолклории мардуми Эрон сурат гирифтааст. Муаллиф баъди ба муоина гирифтани сайри таърихии тасниф ба хулосае омадааст, ки тасниф ҳамчун навъе аз эҷодиёти шифоҳии халқӣ таърихи дерина дошта, чун шеъри пешазисломии форсӣ дар пояи вазни ҳиҷоӣ эҷод шуда, ба иртиботи зарурати оҳангу зарб ҳиҷоҳо дарозу кутоҳ ва фориғ аз қофия буда, бо мусиқӣ суруда мешавад. Тафовути тасниф аз дигар жанрҳои шеърӣ дар он аст, ки тобеи оҳангу зарб аст, на побанди дастури забону қофия. Билахира, тасниф ба таъбири В.А.Жуковский, қолабест, мисли "насри содаи зарбӣ". Бо вуҷуди он ки дар раванди таърих тасниф ба ҳайси эҷодиёти шифоҳии халқӣ дар адабиёти катбӣ, бавижа адабиёти классикии форсӣ манзилате надоштааст, аммо аз ривочу равнақ намонда, ҳатто дар ибтидои ислом мавриди таваҷҷуҳи арабҳо қарор гирифта, дар ташаккули шеъри давраи исломии араб муассир будааст. Дар ибтидои асри XX, бавижа дар даврони Инқилоби машрута жанри тасниф дар адабиёти катбии форсӣ ривочи бештаре пайдо кард, зеро ин жанр бо вижагии худ ба аҳдофи мубаллиғини ҷунбиши машрутахоҳон созгор омад. Аз ин ҷост, ки шоирони инқилобӣ, чун М. Баҳор, Орифи Қазвинӣ, А. Лоҳутӣ, Ашрафиддини Гелонӣ (Ҳусайнӣ), афкори озодихоҳӣ ва ватанпарастонаи хешро дар қолаби таснифҳои адабӣ ва халқӣ гуфтаанд. Дар ин миён таснифҳои Орифи Қазвинӣ беш аз дигарон шуҳрати беандоза касб карданд, зеро ӯ таснифҳояшро худаш оҳанг мебасту худаш дар байни тӯдаҳои мардум хеле бо овози марғуб иҷро мекард. Дар мақола вижагиҳои таснифҳои ватанӣ ва лирикии Орифи Қазвинӣ низ мавриди арзёбӣ қарор гирифта, воқеан, шоири миллӣ ва инқилобии Эрон будани ӯ тазаккур ёфтааст.

Калидвожаҳо: тасниф, ҳарора, машрута, Орифи Қазвинӣ, арӯзӣ, ҳиҷоӣ, пешазисломӣ, В.А. Жуковский, таснифи адабӣ, таснифи ватанӣ, Эдвард Браун.

ЖАНР ТАСНИФ И ЕГО РАЗВИТИЕ В ТВОРЧЕСТВЕ ОРИФА КАЗНИВИ

В статье рассмотрена роль патриотических и революционных таснифов известного поэта эпохи Машруты (Конституционная революция 1905-1911г.) Ирана Арифа Казниви (1880-1933гг.), и делается краткий экскурс в историю зарождения и развития этого фольклорного жанра, корни которого уходят в доисламский период поэзии Ирана. Именно в этом жанре сохранились метрика (силлабическая) и поэтика доисламской персидско-таджикской поэзии. Особенности таснифа заключаются в том, что размер стиха полностью зависит от ритма и мотива песни и, по ёмкому определению В.А. Жуковского, имеет вид "просто рифмованной прозы". Хотя тасниф как народный жанр не признавался в исламской поэзии и авторы антологий и трактатов по теории поэзии не включали в своих трудах образцы таснифов, но фактически этот жанр на протяжении веков развивался и был очень популярен среди простых людей и в истоках после исламской персидско-таджикской письменной поэзии, также в формировании арабской поэзии раннего периода ислама этот жанр имеет определенное влияние. В начале XX века, особенно в период Конституционной революции, жанр тасниф стал популярным. Этот жанр был очень кстати для пропаганды идей патриотизма и цели конституционного движения. Революционные поэты, такие как М. Бахар, Ариф Казвини, А.Лахути, Ашрафеддин Гиляни сочиняли свои патриотические и революционные стихи в этом жанре. Но среди них тасниф А. Казвини стал более популярным, потому что он для своих таснифов сам

сочинял музыку и сам исполнял на площадях и имел большой успех по всему Ирану. В статье также в аспекте соотношения формы и содержания рассматриваются особенности патриотических и лирических таснифов поэта, и этим подчеркивается его роль как национального и революционного поэта в усовершенствовании патриотических персидских таснифов.

Ключевые слова: тасниф, силлабическая метрика, персидско-таджикская доисламская поэзия, Ариф Казвини, В. А. Жуковский, рифмованная поэзия, Конституционная революция, патриотический тасниф.

GENRE TASNIF AND ITS DEVELOPMENT IN ORIF KAZNIVI'S CREATIVITY

In the article, before considering the role of patriotic and revolutionary tasnifs of the famous poet of the era of Mashruta (Constitutional Revolution of 1905-1911) of Iran Arif Qaznivi (1880-1933), a brief digression into the history of the origin and development of this folklore genre, whose roots go back to the pre-Islamic period. It is in this genre that the metrics (syllabic) and the poetics of pre-Islamic Persian-Tajik poetry have been preserved. The features of tasnif are that the size of the verse completely depends on the rhythm and motives of the song and, according to the capacious definition of V.A. Zhukovsky has the appearance of "simply rhymed prose". Although tasnif as a folk genre was not recognized in Islamic poetry and the authors of anthologies and treatises on the theory of poetry did not include samples of tasnifs in their works, in fact this genre developed over the centuries and was very popular among ordinary people and in the origins after Persian-Tajik written poetry also in the formation of Arabic poetry of the early period of Islam, this genre has a certain influence. At the beginning of the 20th century, especially during the period of the Constitutional Revolution, the tasnif genre became popular. This genre was very useful for promoting the idea of patriotism and the goals of the constitutional movement. Revolutionary poets like M. Bahar, Arif Qazvini, A. Lahuti, Ashrafeddin Gilani composed their patriotic and revolutionary poems in this genre. But among them, the tasnif of A. Qazvini became more popular, because he himself composed music for his tasnifs and performed in the squares himself and had great success throughout Iran. The article also examines the features of the poet's patriotic and lyrical tasnifs in the aspect of the correlation of form and content, and this emphasizes his role as a national and revolutionary poet in the improvement of patriotic Persian tasnifs.

Key words: Tasnif, syllabic metrics, Persian-Tajik pre-Islamic poetry, Arif Qazvini, V.A. Zhukovsky, rhymed poetry, Constitutional Revolution, patriotic tasnif.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хоҷамуродов Олимҷон Ҳамроевич*** - Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ, д.и.ф., профессор, сарходим. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 33.
E-mail: **khojamurod@mail.ru.** Тел.: **(+992) 915-05-46-64**

Сведения об авторе: ***Ходжамуродов Олимджон Хамроевич*** - Центра письменного наследия при президиуме НАНТ, д.ф.н., профессор, главный научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. E-mail: **khojamurod@mail.ru.** Тел.: **(+992) 915-05-46-64**

Information about the author: ***Khojamurodov Olimjon Khamroevich*** - Center for Written Heritage under the Presidium of the National Academy of Science of Republic of Tajikistan, Doctor of Philology, Professor, Chief Researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. E-mail: **khojamurod@mail.ru.**
Phone: **(+992) 915-05-46-64**

УДК: 891.550-3

ДАР АТРОФИ НАШРИ ЯК КИТОБИ АРЗИШМАНД ДАР ЗАМИНАИ НАҚДИ АДАБӢ

Аъзамов С.Б. (Субҳони Аъзамзод)
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Соли гузашта ду китоби наву тозанашр аз профессор Сироҷиддини Эмомалӣ – декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтиёри аҳли таҳқиқ ва алоқамандон расиданд: китоби аввал “Таълифоти адабиётшиносии Сотим Улуғзода дар “Намунаҳои адабиёти тоҷик” (Душанбе, 2022) ва китоби дувум – “Восеънома” (Душанбе, 2022) унвон доранд. Дар бораи “Восеънома” дар ягон фурсати муносиб изҳори назар хоҳем кард. Бояд гӯям, ки пеш аз нашри китоби профессор Сироҷиддини Эмомалӣ банда оид ба ҷусторҳои адабӣ - интиқодии устод Сотим Улуғзода навишта будам. Баъди дастрас шудани китоби мазкури ин донишманди улуғзодашинос чунин ба назар расид, ки мақола худ нақду баррасии пешакии моҳияту арзиши он аст. Ин иттифоқи бисёр аҷиб аст, ки як навиштаи пешакӣ ба китоби як адабиётшинос арзиши нақду баррасӣ пайдо кунад. Ба ин хотир мақола бори дигар таҳрир шуд ва ҳамакнун ба арзи аҳли таҳқиқ ва мутолиа мерасад.

Инро бояд илова кунем, ки китоби профессор Сироҷиддин Эмомалӣ ба як ҷанбаи фаъолияти адабиётшиносии Сотим Улуғзода – иштироки ӯ дар таснифи китоби “Намунаҳои адабиёти тоҷик” ва таълифоташ оид ба чеҳраҳои адабии гузашта бахшида шудааст. Он аз пешгуфтори муаллиф оид ба таърихчаи тазкиранигорӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ, матни сарсухани “Намунаҳои адабиёти тоҷик” ва таълифоти адабиётшиносии Сотим Улуғзода дар “Намунаҳои адабиёти тоҷик” бо пешсухани илмии дигар иборат аст. Бисёр ҷолиб аст, ки ин китоб ба ду хат – кириллӣ ва лотинӣ омода ва нашр шудааст. Дар бахши лотинӣ сарсухани маъруфи маҷмуаи “Намунаҳои адабиёти тоҷик” ва матни мақолаҳои Сотим Улуғзода ҷой дода шудаанд.

Матолиби дигар, ки аз мутолиаи матолиби ин китоб бармеояд, дар мақолаи зер баррасӣ шудааст.

Нашри китоби профессор Сироҷиддин Эмомалӣ рӯйдоди муҳимми рӯзгори мост!...

Сотим Улуғзода (1911-1997) дар ҷомеаи шуравии садаи бист пеш аз ҳама чун намояндаи насли аввали зиёиён ва дар таърихи адабиёти садаи бист ба сифати ноқиди шуълавар, матнисухан ва аз пешравони матину собитқадами ормонҳои адабӣ шинохта ва эътироф гардида, қариб 70 сол барои шакли вежа ёфтан ва ба ҷойгоҳи муносиб расидани илму адаб ва фарҳанги нави тоҷикӣ заҳмати беш кашидааст. Намунаҳои эҷоди адабӣ-интиқодии ӯ ба таъйини моҳияти мафкуравӣ ва зебоишиносии адабиёти садаи бист зиёда муҳимманд. Ӯ барои ғаниву рангин шудани маҳсули адабӣ ва иқтидор ёфтани нақди адабии тоҷик саҳми арзанда гузоштааст.

Аз ин ҷиҳат, марҳалаи аввали ҷусторҳои илмиву адабӣ ва интиқодии ин шахсияти баноми адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ – аз нимаи дувуми солҳои 20-ум то нимаи дувуми солҳои 40-уми садаи бист ҷолиби таваҷҷуҳ ва қобили андешаи ҷиддист.

Дар марҳалаи дувуми эҷод – насрнависиаш аз нимаи дувуми солҳои 40-ум инҷониб низ ҷусторҳои илмӣ-адабии С. Улуғзода идома ёфта ва ӯ ҳамеша сари масъалаҳои мубрами илми адаб, ҳаёти адабӣ, моҳияти эҷод, масъалаҳои назарии эҷодӣ, талаби замон аз аҳли эҷод, вежагиҳои осори манзуму мансур, муаммоҳои драматургия, қазияи забон ва услуби эҷодӣ, махсусияти осори адибон ва чеҳраҳои адабии гузашта ва муосир асарҳо навишта, худро дар сафи аввал, дар радифи пеши таъсиргузорони ҳаёти рӯзмарраи адабӣ гузоштааст. Портретҳои эҷодии бузургони илму адаби гузаштаву муосири тоҷику ғайри тоҷикро ҳунармандона, бо салиқаи хос, бо диди муносиби наққодӣ офаридааст. Фаъолияти адабӣ ва хидматҳои камназири Сотим Улуғзода ба адабиёти нави тоҷик чун насрнавис борҳо гуфтугӯ шуда [аз ҷумла нигаред: 1], аммо самтгирии ӯ ҳамчун ноқид ва адабиётшинос фикри аҳли таҳқиқро кам ё хеле фишурда ҷалб карда буд [ниг.: 2; 3; 6; 7; 11].

С. Улуғзода то он ки ҷиддан ба насрнависӣ гузарад, адабиётшиносӣ ва танқиди адабиро чун самти муҳимми кор ва тахассус интихоб карда будааст. Аввалин мақолаҳои танқидӣ ва мубоҳисавиаш дар матбуот ба охири солҳои 20-уми садаи бист – замони таҳсил дар Дорулмуаллимини Тошканд рост меояд. Бо фаъолияти густурдаи адабиаш дар давраи аввал дар вазифаҳои котиби масъули рӯзномаи “Комсомоли Тоҷикистон” (1930-1932),

муовини сармуҳаррири маҷаллаи адабии “Барои адабиёти сотсиалистӣ” (1932-1934), котиби масъули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1934-1937), котиби масъули рӯзномаи “Тоҷикистони сурх” (1937-1938), аспиранти Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи А. Горкий (Маскав, 1940), муҳаррири масъули Шуъбаи табъу нашри Шӯрои комиссарони халқи Иттиҳоди Шӯравӣ, раиси правлениями Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (1944-1946) низ ба вусъати ҳавзаи истеъдоди вежаи ӯ дар адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ муосидат карда ва боиси шакл ёфтани нақди адабии тоҷик дар он замон гардидааст.

Албатта, бисёр равишҳо ва мафкураи наққодӣ дар он давра аз назари мафкураи имрӯз қобили баҳс аст ва шояд на ҳамаи афкори интиқодии муаллифонро дар он давр аз диди мафкураи имрӯз пазируфт. Бо ин ҳама ҳузури шахсиятҳое чун С. Улуғзода барои дар сатҳи он замон ҷавобгӯ будани танқид ва адабиётшиносӣ хеле муассир ва таконбахш будааст. Бо чунин ҷусторҳо ҷанбаҳои назарии нақди замон ба қолаби назаррас ворид шудааст. Албатта афкори адабии он солҳо ҷавобгӯи ниёзҳои интиқодии ҷомеаи шуравӣ буд ва ноқидон дар бозгӯи замонии мазмуну моҳият ва шакли нави адабиёт ва нақд иқдом карданд. Бо вуҷуди ин дар ҷустору афкори ноқидон назарияҳои корвару чорасоз, афкори хуби интиқодӣ, мулоҳизаҳои якдасти кирои андеша нуҳуфта аст, ки бояд аз чашмандози имрӯз омӯхта шавад. Инро ҳам бояд гуфт, ки дар ин замина дар замони шуравӣ ва истиқлоли миллӣ силсилаи асарҳои илмӣ навишта шудаанд [ниг.: 2; 3; 6; 7; 12; 13], ки албатта, сатҳу сифати онҳо аз диди мафкуравӣ тафовут доранд, бо вуҷуди ин, осори мазкур мақому мавқеи ҳар давра ва ҳар ноқиди суханро дар замони худашон аз ҳар ҷиҳат таъйин кардаанд. Меъёри баҳо ба раванди танқид ва мақоми ноқидон мухталиф аст, хоса, дар замони мо бояд меъёре мушаххас дар ин ҷода сари кор бошад. Дар пайванд ба ин нукта адабиётшинос Маъруф Раҷабӣ зинаҳои эҷодии С. Улуғзодаро аз дигар адибони насли давраи сталинӣ тафовут бахшидааст. Аз назари ӯ “ин фарқ аз он иборат аст, ки ӯ сараввал дар танқиди адабӣ ҷиддан хома ронд ва муддати мадид – қариб даҳ сол (аз соли 1929 то соли 1939) асосан дар ин соҳа эҷод намуд ва дар баробари мутарҷим ҳамчун мунаққид низ шуҳрате пайдо кард” [7, с.17].

М. Раҷабӣ баршумурдааст, ки С. Улуғзода “дар давоми солҳои 1929-1939 дар соҳаи нақди адабӣ қариб сӣ мақола навиштааст. Он мақолаҳо чи мақолаҳои рӯзномавӣ, чи мақолаҳои дар маҷаллаҳо ба табъ расидаи ӯ ҳаҷман калону мазмунан ғанианд ва то ҳол як ҷо гирд оварда нашуданд” [7, с.17]. Мақолаҳои марҳалаи аввали ҷусторҳои илмиву танқидии ноқиди пурбин – “Як нигоҳ ба насри тоҷикӣ: Латофатой фиреб хӯрд” (1930), “Ба дараҷаи вазифаҳои давраи ҳозираи сохтмони сотсиалистӣ”, “Бар зидди пантуркизм-панисломизм”, “Мактуб ба идора”, “Ғалаба (дар маҷмуаи шеърҳои Азизӣ, 1932), “Ба ҷамъбасти пленуми якум”, “Лоҳутии мо”, “Суҳайлӣ ва эҷодиёти ӯ” (1933), “Анҷумани якуми нависандагони шӯроии Тоҷикистон” (1934), “Аз дафтари ёддоштҳои ман”, “Садриддин Айнӣ”, “Дар бораи шоирони Помир” (1935), “Адабиёти бузурги хурдтараконро эҷод мекунем” (1936), “Туфулият ва балоғати Деҳотӣ” (1937), “Ба зинаҳои баландтар (дар бораи эҷодиёти адибони тоҷик)” (1946), “Барои асарҳои саҳнавии олисифат” (1947), бешубҳа, ҷолибанд ва дар раванди нақд ва адабиётшиносии он солҳо арзиш доштанд, ин осор саҳифаҳои пурмабоҳиси сухансанҷии он замон ва имкону миқёси табъи ноқид, завқи нақду таҳлили ӯро бозменамоянд.

“Як хусусияти нақди адабии солҳои 30-юми тоҷикӣ аз он иборат буд, ки дар як асар мунаққид дар бисёр маврид ба назм, наср, баъдтар драматургия даст мезад, соҳаҳои гуногуни танқид низ он солҳо бештар дар махлутӣ инкишоф меёфт. Бисёр мақолаҳои С. Улуғзода ҳам ҳамин гуна хусусият доранд. Сотим Улуғзода гоҳ дар шакли тақриз ва гоҳ дар шакли мақола ба эҷодиёти ягон адиб диққат ҷалб карда, кӯшидааст, ки бурди бохти ӯро дар ҷараёни инкишофи адабиёти тоҷикӣ ва гоҳ умуман адабиёти шӯравӣ ба мулоҳиза гирад” [7, с.17].

Ин андеша вомедорад, ки ин навъ осори илмиву адабиётшиносии С. Улуғзода ҷамъоварӣ шаванд. На танҳо дар марҳалаи аввали ноқиди адаб будани С. Улуғзода дар солҳои 20-30-юми садаи бист, балки дар солҳои баъдӣ – ҳам солҳои ҷанг ва ҳам дар марҳалаи баъдии нависандагиаш ҳам назари ноқидии С. Улуғзода ва пайкорҳояш дар нақди адабиёт нуфуз доштааст. Бо гирдоварии ин осор ва таҳқиқу баррасии амиқи таълифоти интиқодии пажӯҳишгар мақоми ӯро дар таърихи сухансанҷии садаи бист метавон равшан ва усулан муайян намуд. Баррасии муҳтаво ва ҷойгоҳи осори илмӣ-интиқодии С. Улуғзода дар шаклёбии адабиётшиносии нави тоҷикии садаи бист муҳим буда, дар роҳи шинохти

таърихи ин як соҳаи филологияи тоҷик ва роҳҳои таҳаввули он нуктаҳои ҷолиби диққат ва сабақангезе медиҳад.

Ошноӣ бо мақолаву гузоришоти илмӣ-танқидии Сотим Улуғзода ба сифати ноқиду адабиётшинос аз рӯзномаву маҷаллаҳои маъруфи тоҷикӣ солҳои 20-30-юми садаи бист сифати фарогириву фарорафти ӯро дар ин соҳаи ҳаётан муҳимми адабиётшиносӣ ошкор мекунад. Ин гуна арзёбии хоссаро аз матбуоти солҳои 50-80-уми садаи бист низ метавон фароҳам овард. Бархе аз навиштаҳои интиқодии муаллиф дар маҷмуаи "Ягонагӣ" ("Единение") ном китоб ба забони русӣ низ фароҳам омадаанд. Аммо, ҷамъоварии пурраи ин асарҳо ва нашру пажӯҳиши амиқи онҳо вазифаи муҳимми муҳаққиқони таърихи нақди адабии садаи бист аст.

Дар омади сухан метавон гуфт, ки дар як китоби хубу арзишманд фароҳам овардани танҳо мақолаҳои адабиётшиносии Сотим Улуғзода аз маҷмуаи "Намунаҳои адабиёти тоҷик" аз ҷониби муҳаққиқи ҷӯянда, профессор Сироҷиддини Эмомалӣ қадами қатъӣ дар муаррифии ин гуна ҷустуҷӯҳо ва маҳсули тафаккури илмии адиб аст. Ин гуна тамоюлро бояд хубу равишмандона идома дод, то манзараи куллии маҳсули андешаҳои адабиётшиносиву танқидии як тан аз нависандагони маъруфи мо барои насли баъдӣ бозкушо шавад.

Дар таълифоти танқидии С. Улуғзода масъалаҳои адабиёти навини тоҷик, нақши адабиёт дар даврони дигаргуниҳои сиёсиву иҷтимоии аҳди шӯравӣ, рӯзгору эҷодиёти адибони замон, махсусияти асарҳои адибони аҳди қадим, чеҳраҳои адабиёти тоҷику рус ва ҷаҳон аз назари замон ва бисёр равишмандона баррасӣ шудаанд. Мунаққид дар марҳалаи дувуми фаъолияти эҷодияш ҳам дар силсилаи чорабиниҳои адабӣ-илмӣ ширкат варзида, дар мавзуъҳои гуногуни эҷодӣ сухан меронд ва дар ҳаллу фасли бисёр масъалаҳои марбут ба эҷодгарӣ нақши расову арзанда мегузошт. Ба ин маънӣ, устод С. Улуғзода аз аввали фаъолияташ то дер замоне дар роҳи шакл гирифтани нақди адабии тоҷикии садаи бист хидмати бедареғ намудааст. Агар марҳалаи аввали корномаи ӯ ба нақди тахассусӣ мансуб бошад, марҳалаи дувуми ҷусторҳояш бештар ба нақди нависандагӣ рабт дорад. Дар ҳар ду маврид ҳам бо сифатҳои назарраси пажӯҳишу имкони вежаи баёни назари пажӯҳишгар бармехӯрем. Сотим Улуғзода маҳз бо назардошти фаъолияти илмиву танқидии ҳамин марҳалаи эҷодиёташ ва нақшаш дар ривоҷи адабиётшиносии тоҷик соли 1951 ба сифати узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон пазируфта шуд...

Аз фаъолияти куллии адабиётшиносии С. Улуғзода чунин бармеояд, ки ӯ охири солҳои 40-уми садаи бист бо гурӯҳи ҳамкоронаш устодон С. Айнӣ, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ ва И. Брагинский дар таҳрири умумии маҷмуаи адабии "Намунаҳои адабиёти тоҷик", ки соли 1940 бо саъю кӯшиши олимону адибон Х. Мирзозода, С. Ҷавҳаризода, Ҷ. Икромӣ, К. Лутфуллоева ва Л. Бузургзода ба ифтихори 10-солагии бунёди Ҷумҳурии шуравии Тоҷикистон дар Сталинобод ба хатти лотинӣ ба нашр расида буд, фаъолона ширкат варзидааст. Ин маҷмуа умдатан аз намунаҳои осори манзуму мансури ҳазорсолаи форсии тоҷикӣ ва бо ҳолномаи муфассал ё мухтасари шоирону нависандагон фароҳам омада, бахши аввал ба адабиёти гузашта ихтисос дорад ва дар он мақолаҳои хубу арзишманд оид ба рӯзгор ва мероси адабии 26 шоири давраи қадим фароҳам омадаанд.

Дар ин бахш мақолаҳои адабиётшиносони варзидаи он марҳала С. Улуғзода ва Х. Мирзозода аз ҳама зиёд ҷой гирифтаанд. Аз ҷумла, аз ҷониби адиби мавриди назари мо дар заминаи зиндагӣ ва мероси адабии шоирони барҷастаи адабиёти форсии тоҷикӣ – устод Абулҳасан Рӯдакӣ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абу Алӣ Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ, Аҳмад-махдуми Дониш ба ин маҷмуа ворид шуда ва матолиби зиндагиномаву махсусияти эҷоди адабии онҳо муаррифӣ ва нақду баррасӣ шудаанд. Дигар нигоштаҳои Х. Мирзозода (7 мақола), М. Турсунзода (2 мақола), П. Деҳотӣ (4 мақола), Ҷ. Икромӣ (3 мақола), А. Мирзоев (2 мақола), М. Раҳимӣ (1 мақола бо ҳамроҳии П. Деҳотӣ) низ дар шакл ёфтани андешаҳои илмии он замон нақши муҳим ва қобили таваҷҷуҳ доранд [ниг.: 5].

Самтгирии С. Улуғзода дар муаррифии рӯзгору маҳсули табъи эҷоди адабии шуарои гузашта Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Аҳмади Дониш ба хонандаи охирзамон ҷолиби таваҷҷуҳанд. Аз як сӯ, дар ин гузораҳо тарҷумаи ҳоли шоирони қадим, – дар ҳоле ки бисёре аз манобеъи илмӣ дастрас набуда, – фароҳам шуда, аз тарафи дигар, муаллифи мақолаҳо кӯшидааст, ки пурбаҳстарин нуктаҳои ҳолнома

ва эҷоди адабии ононро пешниҳод намояд. Аз он мақолаҳои С. Улуғзода моҳияти набардҳои миллат ва талошҳои зиёиёни равшангари тоҷик барои ҳақрасӣ ба мероси адабӣ хеле равшан таҷассум ёфтааст. Оид ба ин мавзуи муҳим мо дар рисолаву мақолаҳоямон аз боби устодон Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ ва ғайра изҳори андеша кардаем.

Яке аз мақолаҳои муфассали С. Улуғзода дар маҷмуаи "Намунаҳои адабиёти тоҷик" ба Носири Хусрави Қубодиёнӣ бахшида шудааст, ки баробари мақолаҳои адабиётшиносон Х. Мирзозода "Носири Хусрави Қубодиёнӣ", "Абумуиниддин Носири Хусрав", Л. Бузургзода "Носири Хусрав" ва "Ҷӯяндаи адолат ва ҳақиқат" дар он замони баҳсу мунозира ба ҳақ ёфтани тоҷикон ба мероси адабӣ ва классикони гузашта арзиш ва ҷойгоҳи муҳимме дорад. Бо зуҳури ин гуна мақолаҳо назари ғайриилмӣ ва номунсифонаи ховаршиносони Русияву Аврупо оид ба "зарароварр" ва "зиддиинқилобӣ" будани мероси адабии гузаштаи тоҷикон исбот гардид. Аз диди мо сабки мақола ва усули андешаи С. Улуғзода дар муқоиса бо навиштаҳои Л. Бузургзода оид ба Носири Хусрав хеле ҷолиб аст (дар ин маврид низ изҳори ҷудогонае кардаем).

Дар ин мақолаҳо яке аз нуктаҳои аввалини мубрам таъйини хостгоҳ ва ё ҷойи таваллуди Носири Хусрави Қубодиёнӣ аст. Адабиётшиносии он солҳоро бештар муҳтавои пажӯҳиш ва самти андешаи ховаршиносони рус аз заминаи инкори ҳуқуқи тоҷикон ба мероси адабӣ ба ангеза оварда буд. Адабиётшиносони тоҷик Х. Мирзозода, С. Улуғзода ва А. Деҳотӣ то ҷое кӯшиш ба харҷ доданд, ки тамоюли чапу номатлуби ховаршиносиро ошкор намоянд.

Дар ин замина, рӯйкард ва дидгоҳи профессор Е.Э. Бертелс бештар интиқоди пажӯҳишгарони тоҷикии таърихи адабиёти форсии тоҷикиро ба миён овардааст. Асосан назари мусташриқ ва мутарҷим Е.Э. Бертелс дар муқаддимаи китоби "Сафарнома" ба адабиётшиносии тоҷики охири солҳои 30-юм-ибтидои 40-уми садаи бист мавод дода ва он такон ба нақду танқиди ҷиддӣ гаштааст. Нуктаи аз назари адабиётшиносони тоҷик баҳсбарангез дар он аст, ки Е.Э. Бертелс зодгоҳи Носири Хусрав – Қубодиёнро ҷое "дар наздики Балх" (*местечке Кубадиан, неподалеку от Балха, тогда причислявшегося к области Хорасана*) ва ҷойи дигар «канори рӯди Кофарниҳон, наздики Тирмиз, дар РСС Ӯзбекистон» (дар асли русӣ: *«города, лежавшего на реке Кафирнихане, притоке Джейхуна (Аму-Дарьи), недалеко от Термеза, в теперешней Узбекской ССР»*) ба қалам овардааст [дар ин бора ниг.: 2]. Маҳалли зодгоҳи адиб дар ин мабоҳис то ҷое муаммоангез аст, ки паёмади ин бардошт боиси ба миён омадани садои эътирози аҳли таҳқиқ, доираҳои илмиву адабии Тоҷикистон ва нақди шадиди ноқидони тоҷик гардидааст. Аз ҷумла, С. Улуғзода ба зикри носаҳеҳии андешаи Е. Э. Бертелс пардохта, дар ин замина сарфи назар шудани асл ва ҳақиқати таърихро дуруст таъкид ва гӯшзад кардааст [5, с.37].

С. Улуғзода ва А. Деҳотӣ санади тазкиранигории қадимро аз хусуси исфаҳонӣ донистани зодгоҳи Носири Хусрав рад карда, онро бо назари ихтилофангез ва ғайримунсифонаи ховаршиносон баробар ва дар як сатҳ донистаанд. Ин то ҷое барои дарки асли қазия мусоидат намуд. Шакку шубҳа ба асноди дақиқ ва падид овардани иштибоҳу саргумӣ оид ба қазия як навъ таассубу ноҳамгунӣ аз ҷониби ховаршиносон муаррифӣ гардид [5, с.38].

Х. Мирзозода ва С. Улуғзода баррасии олимони ховаршиносро аз назари муҳтаво дур аз равиши ҳокими марксистӣ дониста, сатҳи инро ба савияи таълифоти тазкиранависони аҳди пешин, ки гӯё аз онҳо моҳияти воқеии адабиёт дарёфтшуданӣ нест, баробар донистанд [5, с.30].

Дар ин самтгирӣ манзур интиқоди дидгоҳи ховаршиносон, ба вежа профессор Е. Бертелс ва ҳамзамон назари донишманди эронӣ Маҳмуди Ғанизода аст, ки ба сабаби ғалабаи "ҳиссиёти миллатчигӣ", "шарофати тадқиқотчигӣ"-аш ба "Қубодиёнӣ-юл-Марвазӣ" будани Носири Хусрав бо назари шубҳа нигариста, аз ҷумла навишта будааст: "…санади қатъӣ дар ин боб дар даст надорем ва дар тасонифи ӯ (Носири Хусрав – С. А.) ҳам роҷеъ ба ин масъала сароҳате нест" [5, с.38].

Бинобар ин, С. Улуғзода на аз тазкиранависони қадим гила кардааст, ки "онҳо одатан аз ҳуҷҷатҳои таърихӣ дида бисёртар ба афсонаву ривоят аҳаммият медоданд, лекин вақте ки тадқиқотчии замони мо бе ҳеч асос шубҳа карда, ба масъала иштибоҳ ва саргумӣ меандозад, ин дар воқеъ мавриди тааҷҷуб аст", балки олиме чун Ғанизодаро ба доираи

интиқод мегирад, ки гарчанд “Носир Хусрав дар сатрҳои якуми “Сафарнома” худро “Қубодиёнӣ-юл-Марвазӣ”, яъне дар Қубодиён зоида шуда ва дар Марв зиндагонӣ кардагӣ гуфта нишон медиҳад, аммо Ғанизодаро ба ин коре нест, ба вай санади “қатъитар” ва “сареҳтар”даркор аст” [5, с.38].

Адабиётшиносони тоҷик бо лаҳну оҳанги шадиди илмӣ-публитсистӣ ба радди қазияҳои носаҳеҳи ховаршиносон пардохтанд. Дар навиштаи С. Улуғзода танқиди шадиди Маҳмуди Ғанизода – муҳаққиқи эронӣ низ аз ҳамин чашмандоз арзиш дорад. Аҳли пажӯҳиш то ҷое кӯшидаанд, ки ба даъвои носаҳеҳи тазкиранигорон ва олимони замон садои эътироз ва ноқаноатмандӣ баланд кунанд. А. Дехотӣ бо такя ва ишора ба асноди тарҷумаи ҳоли адиб ва олим дар “Сафарнома” печидагӣ ва ихтилофи исфаҳонӣ будани Носири Хусравро нишон дода, С. Улуғзода низ даъвои мазкурро комилан рад кардааст. Ба назари охирӣ чунин сурат ёфтани ҳол ба омилҳои мазҳабӣ пайванд буд ва “манфиати муборизаи мазҳабӣ бо шиаҳо” дар тарҷумаи ҳоли Носири Хусрав омили муассири ба вуҷуд омадани “афсонаҳои дурӯғи ночаспон”, яъне, ба Исфаҳон нисбат додани зодгоҳи номбурда гардидааст.

Аз диди аҳли таҳқиқ, таваҷҷуҳи тазкиранигоронро на асноди воқеии таърихӣ, балки бештар ҷанбаи ривоятии рӯзгори шоирони гузашта ҷалб кардааст [5, с.38]. Ба ин маънӣ, дар он марҳалаи таърихи адабиётшиносӣ таъкиди беэътимодии асноди тазкираҳо, ихтилоф, шакку тардид, костагӣ ва нуқсу заъфи онҳо ҷойгоҳ пайдо кард, ки ин амр ба таъйини дурусти маҳалли дақиқи таваллуди Носири Хусрав боис гардидааст. Маҳз аз ин ҷиҳат, дар таълифоти Х. Мирзозода Хуросон номи вилояте аз шимоли шарқии Эрон муаррифӣ гардид, ки дар асрҳои миёна густураи паҳновар дошта, иддае аз ноҳияҳои Осиёи Миёна ва Афғонистонро дар бар мегирифта ва Қубодиён низ тобеи он будааст. Ба шарҳу тафсири С. Улуғзода ҳам “қисми калони хоки ҳозираи Тоҷикистон ва Афғонистони шимолӣ дар замони Салчуқиён (асри XI) тобеи Хуросон ва Марв маркази яке аз вилоятҳои он буд”-аст [5, с.39].

Дар мавриди мансубияти осор ба Носири Хусрав зикри боз нуктаи муҳим – ашъори бар зидди Худо гуфтаи ин мутафаккир қобили тавзеҳ аст. Л. Бузургзодаву С. Улуғзода аз аввалин муҳаққиқонанд, ки манзума (қасидае) ба унвони “Мунозира бо Худо”-ро ба номи ин шоир ва ҳаким нисбат додаанд. Аммо дар сохт ва муҳтавои манзума баҳс нашудааст. Ба ин нукта таваҷҷуҳи аҳли пажӯҳиш ва мутолиаро ҷалб карданием, ки “Мунозира бо Худо” ном манзумаи Носири Хусрав аввалин маротиба ба “Намунаҳои адабиёти тоҷик” [5, с.45-47] аз тазкираи профессор Мирзо Муҳсини Иброҳимӣ “Намунаҳои адабиёти Эрон” ворид гардидааст (дар ин замина дар таҳқиқӣ ҷудогона изҳори назар кардаем)...

С. Улуғзода яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки доир ба рӯзгор, осор ва мақоми Аҳмади Дониш дар таърихи адабиёти тоҷик рисолае таълиф карда, ин рисола соли 1946 бо номи “Аҳмади Дониш” ба чоп расидааст [9]. Он рисолаи хурдакак дар замоне, ки алҳол дар бораи Аҳмади Дониш ба таври фаровон таҳқиқ анҷом наёфта буд, арзиши баландеро соҳиб шуд. Дар он вақт фақат баъзе маълумотҳои С. Айнӣ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” (1926) дар бораи Аҳмади Дониш ва чанде аз мақолаҳои олимони маъруф Е. Э. Бертелс ва Х. Мирзозода равшан буданду халос. Дар ин вазъ китоби С. Улуғзода ҳаёту эҷодиёти мутафаккири бузурги тоҷикро ба хонандагон бо забони фаҳмову расо маънидод мекард.

Сотим Улуғзода ҳамчун адиб ва муаррихи ноқид портрети адабии Абуалӣ ибни Синоро офаридааст. Ин асари портретӣ бо номи “Пири ҳакимони Машриқзамин” бахшида ба 1000-солагии мутафаккири бузург, “Бобои пуршарафи халқи тоҷик” (М. Шукуров) дорои қимати калони илмӣ буда, бо завқи хос таълиф шудааст [10].

Баробари ин мероси арзишманд ба як нуктаи муҳим метавон ишора кард, ки баъзе навиштаҳои С. Улуғзода дар солҳои 30-юми асри XX руҳия ва оҳанги сахту шадиди ҷадаливу мубоҳисавӣ низ ба бар кардааст. Албатта, С. Улуғзода ба сифати фарзанди он замона наметавонист аз гирдоби мунозираҳои мафкуравии синфӣ берун бошад. Ба ин маънӣ аз бархе навиштаҳои ӯ муҳокимаҳое дархури талаботи замон ва бархе аз нишонаҳои муносибати ғайримунсифона низ метавон дарёфт. Дар ҳар ҳол, мунозираҳои шадиди ҷадалии он солҳо, аз ҷумла дар мақолаҳои Б. Азизӣ “Намунаи адабиёти тоҷик”, Н. Бектош “Садриддин Айнӣ ва эҷодиёти ӯ”, Ғ. Абдулло “Ҷалол Икромӣ ва эҷодиёти ӯ”, С. Улуғзода “Мактуб ба идора”, Ҷ. Икромӣ “Сухан ба ман” ва даҳҳо мақолаи дигар баробари ошкор кардани донишу назари муаллифон ба истилоҳ як навъ “ҳисобот”-и сиёсии адабиест, ки ҳадафи асоиву аслӣ пеш аз он

ки бозгӯи тамомияти осор ва дурустии далелу рақам дар навиштаҳои онон бошад, таъкиди “бегуноҳӣ”-и сиёсии онҳост.

Мутаассифона, ин паёмад аз сӯйи бештари адибону ноқидони он солҳои вазнини шахспарастӣ барои руҳан ва ҷисман аз миён бурдани аҳли илму адаб, ҳамсафону ҳамкасбон таъсир гузошта, ба хомӯш шудани чароғи соҳибистеъдодҳо боис гардидааст. Ба таври кул, бархе аз амали наққодии ин солҳо либоси сиёсӣ ба бар кард, иддае аз мунаққидон руҳи сиёсатзадаву сиёсатгаро ёфтаанд. Муҳокимаи завқӣ ва ё шахсии адибон омили таъйини нақди адабии тоҷик гардидааст. Масалан, “Зарарзаниҳои милатчиёни буржуазӣ дар соҳаи адабиёт” ном мақолаи С. Улуғзодаро метавон мисол оварда, ки дар он муаллиф “аз гиребони як зумра адибон дошта, ба эшон тамғаҳои марговари сиёсӣ мезанад. Дар ин мақола барои он ки ӯ Рашид Абдуллоро “гунаҳкор” эълон намояд, чунин овардааст: “Бародари Ғанӣ Рашид Абдулло дар тамоми корҳои зиддисоветии бародар ва падари худ… шерик буд…”. Оид ба ин ҷанбаи таълифоти С. Улуғзода муҳаққиқон А. Сайфуллоев, Х. Асозода, М. Раҷабӣ ва дигарон изҳори андеша кардаанд [1; 6; 7; 8].

Вежагии муҳимми афкори С. Улуғзода дар солҳои 20-30-юми асри XX муштоқ будани ӯ ба принсипи якҳизбиву якфикрӣ аст, ки “моҳияти диди иҷтимоиву адабиву ахлоқии” ӯро таъйин менамояд. “Дар нақди С. Улуғзода, масалан, дар мақолаи ӯ “Насри адибии тоҷик. Дар бораи рол ва мавқеи нависанда” (1930), “Бар зидди пантуркизм-панисломизм” (1932, шарикмуаллиф Ғанӣ Ализода) тарғиби сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии сталинизм ва кӯшиши дар фарҳанг пойдор кардани ин дид аз мавзуъҳои асосист” [7, с.18].

Бо вуҷуди ин, адабиётшинос ва мунаққид С. Улуғзода ва чанде аз ҳамнаслонаш А. Деҳотӣ, Х. Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, А. Мирзоев ва ғ. бо сарварии устод С. Айнӣ ба авзои сангину душвори замонаи ҳассос ва бархӯрдҳои шадиди мафкуравӣ нигоҳ накарда, ба амиқбурди пажӯҳиши забону адабиёт ва ривоҷи илму адаб дар замони нав кӯшиданд.

Осори илмӣ-адабиётшиносии С. Улуғзода оид ба чеҳраҳои мумтози адабиёти классикӣ баробари осори С. Айнӣ, А. Деҳотӣ, А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, Х. Мирзозода, Л. Бузургзода ва дигарон арзиши баланд дошта, бархе аз онҳо дар посух ба даъвоҳои муғризонаи олимони каҷбин навишта шудаанд. Хусусан мақола оид ба Носири Хусрав пардаи хираи носирихусравшиносиро бардоштааст [5, с.37-44]. Бештари осори илмӣ-танқидии С. Улуғзода чун “омили шаклгирии тафаккури таърихии тоҷикон” [13, с.10] дар саҳифаҳои таърихи адабиётшиносӣ ва нақди адабии тоҷикӣ сабт гардидаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода, Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ / Х. Асозода. – Душанбе, 2007. – 206 с.
2. Аъзамзод, С. Адабиётшиносии тоҷик ва ҷустуҷӯҳои илмии Лутфулло Бузургзода / С. Аъзамзод. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2009. – 248 с.
3. Набавӣ, А. Таълифоти адабиётшиносии Сотим Улуғзода / А. Набавӣ // Ду чеҳраи дурахшони адабиёти муосир (Мирзо Турсунзода ва Сотим Улуғзода). – Душанбе: Дониш, 2021. – С.219-244.
4. Набиев, А. Назруллоҳи Бектош ва мақоми ӯ дар илму адаби тоҷики солҳои 20-30 асри XX / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 2003. – 314 с.
5. Намунаҳои адабиёти тоҷик. Тартибдиҳандагон: Мирзозода, Суҳайлӣ, Икромӣ, Лутфуллоева, Бузургзода. – Сталинобод, 1940. – 604 с.
6. Раҷабӣ, М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ (Асосҳои назариву эстетикии адабиёти тоҷикии марҳилаи якум. Солҳои 1920-1954) / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1997. – 208 с.
7. Раҷабӣ, М. Сотим Улуғзода – абармарди набард ва андеша / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 172 с.
8. Сайфуллоев, А. Фурӯғи маънавият / А. САйфуллоев. – Хуҷанд: Нашшриёти давлатии ба номи Р. Ҷалил, 2003.
9. Улуғзода, С. Аҳмади Дониш / С. Улуғзода. – Сталинобод, 1946.
10. Улуғзода, С. Пири ҳакимони Машриқзамин / С. Улуғзода. – Душанбе, 1980.
11. Ҳамроев, Ҷ. Таърихи танқиди адабӣ / Ҷ. Ҳамроев. – Душанбе, 2007.
12. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Шакурӣ. – Душанбе: Чопхонаи “Пайванд”, 2006. – 456 с.
13. Шакурӣ, М. Хуросон аст, ин ҷо / М. Шакурӣ. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 292 с.

ДАР АТРОФИ НАШРИ ЯК КИТОБИ АРЗИШМАНД ДАР ЗАМИНАИ НАҚДИ АДАБӢ

Дар мақола оиди ду китоби наву тозанашри профессор Сироҷиддини Эмомалӣ – декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон “Таълифоти адабиётшиносии Сотим Улуғзода дар “Намунаҳои адабиёти тоҷик” (Душанбе, 2022) ва “Восеънома” (Душанбе, 2022) сухан рафтааст. Муаллиф зимни таълифи нигоштаи худ иброз медорад, ки нашри китобҳои профессор Сироҷиддин Эмомалӣ рӯйдоди муҳимми рӯзгори мост. Инчунин таъкид карда мешавад, ки китоби профессор Сироҷиддин Эмомалӣ

“Таълифоти адабиётшиносии Сотим Улуғзода дар “Намунаҳои адабиёти тоҷик” ба як ҷанбаи фаъолияти адабиётшиносии Сотим Улуғзода – иштироки ӯ дар таснифи китоби “Намунаҳои адабиёти тоҷик” ва таълифоташ оид ба чеҳраҳои адабии гузашта бахшида шуда, ҷолибияташ боз аз он ҳувайдост, ки ин китоб ба ду хат – кириллӣ ва лотинӣ омода ва нашр шудааст. Умуман метавон гуфт, ки дар як китоби хубу арзишманд фароҳам овардани танҳо мақолаҳои адабиётшиносии Сотим Улуғзода аз маҷмуаи “Намунаҳои адабиёти тоҷик” аз ҷониби муҳаққиқи ҷӯянда, профессор Сироҷиддини Эмомалӣ қадами қатъӣ дар муаррифии ин гуна ҷустуҷӯҳо ва маҳсули тафаккури илмии адиб аст. Ин гуна тамоюлро бояд хубу равишмандона идома дод, то манзараи куллии маҳсули андешаҳои адабиётшиносиву танқидии як тан аз нависандагони маъруфи мо барои насли баъдӣ бозкушо шавад.

Калидвожаҳо: С.Эмомалӣ, С.Улуғзода, таълифоти адабиётшиносии Сотим Улуғзода дар “Намунаҳои адабиёти тоҷик, Восеънома, чеҳраҳои адабӣ, муҳаққиқ, танқиди адабӣ.

ОТНОСИТЕЛЬНО ИЗДАНИЯ ОДНОГО ЦЕННОГО ПРОИЗВЕДЕНИЯ НА ОСНОВЕ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ

В статье рассказывается о двух недавно изданных книгах профессора Сироджиддина Эмомали – декана факультета таджикской филологии Таджикского национального университета «Литературные произведения Сотима Улугзода в «Образцах таджикской литературы» (Душанбе, 2022 г.) и «Расширение» (Душанбе, 2022). По ходу своего исследования автор статьи отмечает, что издание книг профессора Сироджиддина Эмомали является важным событием. Также подчеркивается, что книга профессора Сироджиддина Эмомали «Литературные произведения Сотима Улугзода в «Образцах таджикской литературы» посвящена одному аспекту литературной деятельности Сотима Улугзода - его участию в составлении книги «Образцы таджикской литературы». и его сочинения о литературных деятелях прошлого. Это связано еще и с тем, что эта книга была подготовлена и издана на двух письмах - кириллице и латинице. В целом можно сказать, что публикация только литературных статей Сотима Улугзаде из сборника «Образцы таджикской литературы» молодого исследователя, профессора Сироджиддина Эмомали в в данной книге является решающим шагом в представлении таких поисков и результатом литературно-научного мышления литератора. Такого рода тенденции следует продолжать методично и последовательно, чтобы общий взгляд на литературные и критические мысли одного из наших знаменитых писателей мог быть раскрыть для следующих поколений.

Ключевые слова: С. Эмомали, С. Улугзода, литературные произведения Сотима Улугзода в «Образцах таджикской литературы», Васенаме, литературные деятели, исследователь, литературоведение.

REGARDING THE EDITION OF A VALUABLE WORKS ON THE BASIS OF LITERARY CRITICISM

The article tells about two recently published books by Professor Sirojiddin Emomali - Dean of the Faculty of Tajik Philology of the Tajik National University "Literary works of Sotim Ulugzod in "Samples of Tajik Literature" (Dushanbe, 2022) and "Expansion" (Dushanbe, 2022). In the course of his research, the author of the article notes that the publication of books by Professor Sirojiddin Emomali is an important event. It is also emphasized that the book of Professor Sirojiddin Emomali “Literary works of Sotim Ulugzod in “Samples of Tajik Literature” is devoted to one aspect of the literary activity of Sotim Ulugzod - his participation in compiling the book “Samples of Tajik Literature”. and his writings about the literary figures of the past. This is also due to the fact that this book was prepared and published in two letters - Cyrillic and Latin. In general, it can be said that the publication of only literary articles by Sotim Ulugzade from the collection “Samples of Tajik Literature” by a young researcher, Professor Sirojiddin Emomali in this book is a decisive step in presenting such searches and the result of the writer’s literary and scientific thinking. Trends of this kind must be continued methodically and consistently, so that a general view of the literary and critical thoughts of one of our famous writers may be revealed to succeeding generations.

Key words: S. Emomali, S. Ulugzoda, literary works of Sotim Ulugzoda in "Samples of Tajik Literature", Vasenama, literary figures, researcher, literary criticism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Аъзамов, Субхонҷон Баҳромович (Субхони Аъзамзод)*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Гафуров, д.и.ф., профессор. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиё. Мавлонбеков, 1

Сведения об авторе: ***Аъзамов, Субхонджон Бахромович (Субхони Аъзамзод)*** **–** Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, д.ф.н., профессор. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Худжанд, пр.Мавлонбекова, 1

Information about the author: ***Azamov, Subkhonjon Bahromovich (Subkhoni Azamzod)*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Doctor of Philological Sciences, Professor. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1

УДК: 891.550:809

ВИЖАГИҲОИ ТАРҶУМАИ ТОҶИКИИ ТАВСИФИ ПОРТРЕТИИ ФИЛИППИ II ДАР РОМАНИ ШАРЛ ДЕ КОСТЕР “ТИЛ УЛЕНШПИГЕЛ”

Мурувватиён Ҷ.Ҷ.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Тарҷумаи бадеӣ аз забони русӣ ба тоҷикӣ собиқаи беш аз садсола дорад, аммо таҷрибаи ғании мусбати тарҷумонҳои тоҷик ҳанӯз ба таври лозимӣ арзёбӣ нашудааст. Бархӯрди ҷиддӣ бо ин мавзуъ хидматҳои бисёре аз афроди эҷодкорро, ки на танҳо ба эҷоди осори бадеӣ, балки ба тарҷумаи бадеӣ низ машғул буданду ҳастанд, ошкор хоҳад кард. Чунин арзёбии таҳаввулоти фарҳанги бадеии қарни ХХ Тоҷикистонро ба таври ҷомеъ ва воқеъбинона нишон дода, тафаккури таҳқиқиву интиқодиро ба таври қобили мулоҳиза фаъол гардонида, таваҷҷуҳи аҳли адабро ба осори мутарҷимон ҷалб месозад, аъмоқи ношинохтаи дунёи ботинии онҳо ва ҷаҳонбиниашонро ошкор мекунад ва метавонад ба бисёре аз суолоте, ки ба ҳалли мушкилоти воқеии адабиёти тоҷик мусоидат мекунанд, посух диҳад.

Бидуни шак, ниёз ба дарку ҷамъбасти илмии таҷрибаҳои бузурги амалие ба миён омадааст, ки дар адабиёти тоҷик дар риштаи тарҷума тули беш аз як қарн анбошта шудааст. Таҳқиқи баъзе масъалаҳои марбут ба инкишофи раванди тарҷумаи насри бадеӣ дар адабиёти тоҷик, дар навбати худ, имкон медиҳад, то мушкилоти назариявӣ ва амалии тарҷумаро дар марҳилаи кунунӣ аз лиҳози ҳам адабиётшиносӣ ва ҳам умумифилологӣ ба таври нисбатан возеҳ муайян кунем. Ин имкон медиҳад, ки тарҷумашиносии тоҷик ба унвони як риштаи муътабари илмӣ, ки ба натиҷаҳои мусбат ноил гаштааст, эътироф гардад. Дар ин миён Сотим Улуғзода ба рушду такомули тарҷума на танҳо ба маънии филологӣ, балки аз нигоҳи фалсафӣ-эстетикӣ низ таъсири бузурге расонидааст. Аз ҷониби ӯ осори маъруфи адабиёти ҷаҳон муваффақона тарҷума шудаанд: романи Э. Л. Войнич «Ғӯрмагас» (1931; тарҷумаи нав – 1982); повести Билл-Белосерковский «Ҳаёт даъват мекунад» (1953), романи Бародарон Тур «Рӯбарӯкунӣ» (1937), драмаи Н. Погодин «Одами милтиқдор» (1940), мазҳакаи К. Голдони «Хизматгори ду хоҷа» (1944), мазҳакаи А. С. Островский «Гунаҳгорони бегуноҳ» (1945), ҳикояи «Модар» (1948) ва пйесаи «Егор Буличев ва дигарон»-и М. Горкий (1953), фоҷиаи У. Шекспир «Ҳамлет» (1970), мазҳакаи Молйер «Табиби зӯракӣ» (1972), романҳои «Дон Кихот»-и Сервантес (1974) ва «Саргузашти Уленшпигел»-и Шарл де Костер (1976), фоҷиаи «Борис Годунов» (1939)-и А. С. Пушкин, даҳҳо ҳикояи А. Чехов, М. Горкий ва дигар нависандагони Аврупо бо муҳри маҳорат, шукӯҳу бозофаринии асил ва фарҳанги олии иҷро мушаххас шудаанд. Омӯзиши осори тарҷумавии С. Улуғзода тасаввуроти моро оид ба равандҳое, ки дар адабиёти тоҷику рус мегузаранд ва оид ба таъсири мутақобилаи фарҳангҳои миллӣ васеъ месозад. Муроҷиати муаллиф ба тарҷумаи роману драма маънои онро дорад, ки дар ташаккул ва таҳаввули адабиёту фарҳанги муосири тоҷик роман ва драма нақши муҳимме дошта, дар шумули жанрҳои пешгом боқӣ мондаанд. Дар адабиётшиносии тоҷик то имрӯз оид ба таҳқиқи усулу шеваҳои тарҷумаи Сотим Улуғзода коре ҷиддӣ анҷом наёфтааст. Ҳатто корҳое вуҷуд надоранд, ки дар онҳо масоили алоҳидаи тарҷумаи С. Улуғзода баррасӣ ва аз нуқтаи назари талаботи имрӯзаи тарҷумаи бадеӣ арзёбӣ шуда бошанд. Доираи фаъолият ва иртиботи касбии Сотим Улуғзода - узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1951 хеле васеъ буд: ӯ тарҷумон, мунаққид, адабиётшинос, драматург, нависанда аст. Ҷиҳатҳои зиёди мероси адабии ӯ, ки аз ҳикояҳо, пйесаҳо, қиссаҳо, романҳо иборат аст, аллакай, аз ҷониби адабиётшиносону донишмандон дар рисолаҳо, тадқиқотҳои диссертатсионӣ омӯхта шудаанд, вале номи ӯ ҳамчун мутарҷим танҳо гоҳ-гоҳ дар баъзе мақолаи рӯзномаву маҷаллаҳо, қайдҳо, очеркҳои мухтасари биографӣ зикр ёфтааст. Аз зиндагиноманависони С. Улуғзода олимонеро чун М. Шукуров [13], И.С. Брагинский [2], Л. Демидчик [3], А. Сайфуллоев [9], А. Набавӣ [6], Х. Шарифов [12], К. Юсуфов [16[, Х. Отахонова [7], М. Раҷабов [8], Ш. Солеҳов [10], С. Бақоева [1], Э. Сироҷиддин [14]-ро номбар кардан мумкин аст.

Мавзуи мавриди омӯзиши ин мақола бозгӯи тарҷумаи порчаҳои тавсифи портретии шоҳ Филиппи II дар романи Шарл де Костер «Саргузашти Уленшпигел» ва хусусиятҳои

тарҷумавии он ба забони тоҷикӣ аст. Дар маводи мушаххас мо саъй кардем усулҳои бозгӯи тасвири образҳои ин романро дар тарҷумаи Сотим Улуғзода ба забони тоҷикӣ, масъалаҳои маҳорати мутарҷим, муқоисаи симои Филиппи II-ро бо симои султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз романи худи Сотим Улуғзода «Фирдавсӣ» (1988) аз назар гузаронем. Дар тарҷумаи тасвири портретҳои беназири романи Ш. де Костер С. Улуғзода худро ҳамчун санъаткори бомаҳорати портретнавис нишон дода, бо тарҷумаи аълосифаташ беназир будани ҳар як қаҳрамонро таъкид кардааст. Вале мо бояд дарк намоем, ки дар тавсифи портретҳои қаҳрамонони роман, аз ҷумла шоҳ Филиппи II, ҳангоми ба забони тоҷикӣ тарҷума кардан чӣ гуна дигаргуниҳои маъноӣ ба амал омадаанд. Ҳамзамон мо оид ба образи Филиппи II дар роман ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ таҳлили мухтасар гузаронида, инчунин сабки тавсифи ӯро бо образи султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода муқоиса мекунем.

Бо истифодаи таҳлили муқоисавӣ-типологии ду шахсияти машҳури таърих - Филиппи II ва султон Маҳмуди Ғазнавӣ, мо истеъдоди ҳамаҷонибаи Сотим Улуғзодаро ҳамчун санъаткоре, ки дар эҷодиёти худ анъанаҳои ғании тасвири бадеии адабиёти классикии тоҷик ва воситаҳои тасвири фарҳанги ғайр, шаклҳои ифодакунандаи тасвирро дар адабиёти классикии ҷаҳон муваффақона истифода бурдааст, ошкор мекунем. Алоқаи мо ба характери ин ду шахсияти таърихӣ ва масъалаи бозгӯӣ дар тарҷума тасодуфӣ нест – дар таҳқиқоти илмӣ борҳо чунин андеша иброз шудааст, ки ба эҷодиёти Сотим Улуғзода тарҷумаи осори нависандагони Аврупои ғарбӣ таъсири назаррас расонидааст. Шарл де Костер ва Сотим Улуғзодаро, ки дар замонҳои гуногуни таърих умр ба сар бурдаанд, омилҳои зерин муттаҳид месозанд: принсипи эҷодии тасвири шахсиятҳои таърихӣ, ҳадафҳои мушобеҳ, муносибати ахлоқӣ ба воқеияти тасвиршаванда. Ба ибораи дигар, тарҷума ба як нависанда – мутарҷими боистеъдод имконият фароҳам меоварад, ки маҳорати бадеии муаллифи матни аслро халлоқона дарк карда, онро сифатан бештар намояд.

Солҳои тулонӣ омӯзиши муттасили эҷодиёти драматургу романнависони рус, испанӣ, фаронсавӣ ва англис барои санъаткори фозилу болаёқате чун Сотим Улуғзода беасар намондааст. Осори онҳо нависандаро бо идеяҳои башардӯстона, инсонгароёна, руҳияи инқилобии романтикҳо, вусъати таҳқиқи бадеии воқеият ба ваҷд меоварад. Маҳз ватандӯстӣ ва қаробати ахлоқии Костер диққати ӯро ба худ ҷалб карда буд. Бо офаридани образи Филиппи II, «ки таваллуди ӯ барои Фландрия бо пайомадҳои шуме ҳамроҳ буд», Костер бо обуранги дурахшон, бо истифода аз тамоми воситаҳои тасвири бадеӣ заъфи шоҳро нишон додааст, ки ҳатто қодир нест ҷисми худро идора кунад, ҳамон тавр ки намунаи нисбатан бетафсил нишон медиҳад:

Тарҷумаи Н. Любимов:

«В землю был вбит столб, а к столбу подвешена маленькая славненькая мартышка, присланная его высочеству в подарок из Индии, с тем чтобы она своими резвостями его забавляла. Внизу еще дымились непрогоревшие дрова, в чулане стоял мерзкий запах палёной шерсти. Зверек так мучился, издыхая на огне, что при взгляде на его маленькое тельце казалось, будто это не тельце существа, в котором только что билась жизнь, но какой-то кривой, узловатый корень. Рот, широко раскрытый точно в предсмертном крике, был полон кровавой пены, мордочка мокра от слез.

- Кто это сделал? – спросил император.

У воспитателя язык прилип к гортани. Оба молчали, сумрачные и возмущенные. Внезапно в заднем темном углу кто-то как будто кашлянул. Его величество оглянулся и увидел инфанта Филиппа – тот, весь в черном, сосал лимон.

- Дон Фелипе, - сказал император, - подойди и поздоровайся со мной. Инфант, не шевелясь, смотрел на него испуганным и недобрым взглядом.

- Это ты сжег обезьянку? – спросил император.

Инфант потупился.

-Если ты способен на такое зверство, то имей, по крайней мере, мужество в этом признаться, - молвил император.

Инфант не проронил ни слова. Император выхватил у инфанта лимон и, зашвырнув, бросился на сына с кулаками, сын от страха обмочился, но архиепископ остановил императора и сказал ему на ухо:

- Его высочество в один прекрасный день станет великим сожигателем еретиков.

Император усмехнулся, и они вышли, оставив инфанта один на один с обезьянкой. Но далеко не одни обезьяны умирали тогда на кострах» [4, с.37].

Тарҷумаи С. Улуғзода:

«Дар он ҷо сутуне диданд, ки дар замини майдон нишонда шуда буду маймунбачае бар он овехта. Маймунбачаро аз Ҳиндустон барои волоҳазрати шоҳзода туҳфа фиристода буданд, то ки бо ишваҳои худ дили ӯро хуш кунад. Дар зери сутун ахгари оташ ҳанӯз сурх ва бӯйи бади мӯйи сӯхта ба долон печида буд. Ҷонвар сӯхта бо азоб ҷон меканд, ҷисми хурдтараки вай ба махлуқи зинда монандӣ надошт, балки пораи чарми тобхӯрдаву ҷазиргашта ва куббаҳо баровардаро ба хотир меовард. Даҳонаш гӯё бо охирин фарёди ҷонканӣ калон кушода ва пур аз кафки хунин буд, ба фукаш қатраҳои калон-калони ашк мешориданд.

- Ин кори кист? –пурсид император. Мураббӣ ба ҷавоб додан ҷуръат накард, дуяшон дар ҳолати хомӯшӣ хирарӯю ғазабнок меистоданд. Баногоҳ дар он хомӯшӣ аз пушти сари дуяшон, аз гӯшаи торик овози сулфамонанде шунида шуд. Император нигоҳ карду шоҳзодаро дид.

Падараш гуфт:

- Дон Филипп, наздик биё ва бо ман салом кун. Шоҳзода калимае бар забон наронд.

- Модоме ту чандон бераҳм будаӣ, ки ин корро кардӣ, пас чандон далер ҳам бош, ки иқрор шавӣ, - гуфт император.

Шоҳзода калимае бар забон наронд. Он гоҳ император аз дасти писараш лимуро рабуда ба замин партофт ва Филиппро заданӣ шуд. Археепископ аълоҳазратро боздошта, оҳиста гӯшакӣ кард:

- Волоҳазрат бо сӯзонидани бидъаткорон ном хоҳад баровард.

Император табассум кард, баъд дуяшон шоҳзодаро бо маймунаш гузошта рафтанд. Дертар махлуқҳои дигар ҳам, локин на маймунҳо, дар оташ сӯзонида шуданд» [5, с.42].

Тавре ки муқоисаи ду матн – матни асл ва тарҷума нишон медиҳад, Сотим Улуғзода калимаҳоеро, ки ба назари ӯ аз ҷиҳати муҳтавои маъноӣ зиёдатӣ буданд, ҳазф кардааст. Ҳамин тариқ, ӯ ҳаҷми умумии матнро ихтисор кардааст, гарчанде ба назари мо ин кор ғайри зарурӣ менамояд, зеро маҳз бо калимаҳои: **«у воспитателя язык прилип к гортани» - *(«забони мураббӣ ба ҳалқаш часпида буд»)*, «инфант, не шевелясь, смотрел на него испуганным и недобрым взглядом» - (*шоҳзода, бидуни ҳаракат, бо нигоҳи ҳаросон ва номеҳрубон ба ӯ менигарист»*), «сын от страха обмочился» *(«писар аз гояти тарс тар кард»)***, Костер симои Филиппро дар ҳолатҳое нишон додааст, ки гӯёи нотавонии ҷисмонии ӯ буда, ин ҳолат ӯро асири хашми худ гардонидааст, чунончи ҷумлаи зерин: ***«Инфант, не шевелясь, смотрел на него испуганным и недобрым взглядом», «бросился на сына с кулаками, сын от страха обмочился»,*** дар матни тарҷума ба забони тоҷикӣ ҳазф шудааст. Костер қасдан як шахсияти бераҳму дорои ботини сардро нишон додааст. Аз ҷониби муаллиф истифодаи ибораи **«танҳо ба танҳо»** дар матни аслии ҷумлаи зерин тасодуфан нест: **«Император усмехнулся, и они вышли, оставив инфанта один на один с обезьянкой» («*Император лабханде заду онҳо шоҳзодаро бо маймун танҳо ба танҳо гузоштанду рафтанд*»)** – ба ин хотир аст, ки илова ба сифатҳои манфии Филиппи II, ки қаблан зикр шуд, золимии император Карли V, васвоси ӯро дар мавриди ин идея, ки писарашро лоиқи худ кунад, нишон диҳад. Вале дар компрессияи Улуғзода мо кӯшиши дар равиши тарҷума ба назари эътибор нагирифтани баъзе калимаҳои зиёдатии семантикиро мушоҳида мекунем, ки ба ақидаи ӯ дорои бори муҳимми маъноӣ набуда, ӯ худ ҳамаҷониба маънои онҳоро дар тарҷума барқарор кардааст, ба унвони мисол:

Тарҷумаи Н. Любимов:

«У воспитателя язык прилип к гортани. Оба молчали, сумрачные и возмущенные».

Тарҷумаи С. Улуғзода: «Мураббӣ ба ҷавоб додан ҷуръат накард, дуяшон дар ҳолати хомӯшӣ хирарӯю ғазабнок меистоданд».

Тасвири нақши услубии қувватфизои эҳсоси ифода, ки тарҷумаи муносиб дорад: ***«язык прилип у гортани» - «забонаш лолу карахт шуд»***, вале Улуғзода ин лаҳзаро чун ***«ҷуръат накард»***, яъне ***«не осмелился»*** тарҷума кардааст. Дар ҳар сурат, тарҷумаи Сотим Улуғзода хислати Филиппи II-ро, тавре ки матни аслӣ талаб мекунад, бо рангҳои тира тасвир кардааст. Барои дарки пурраи услуби Улуғзода дар тасвири хусусиятҳои портретӣ мо

образи султон Маҳмуди Ғазнавиро аз романи худи ӯ «Фирдавсӣ» ба унвони мисол меоварем:

«Фаррухӣ шоҳро ба куштани ҳазорон мардуми Рай даъват мекунад. Дар бораи ӯ нақл мекарданд ва Фирдавсӣ шунида буд, ки дар яке аз рӯзҳо Муҳаммад, писари султон, дар шикор саҳроро аз хуни оҳувон сурх карда ва Фаррухӣ аз дидани чашми зори оҳуе, ки дар тапиши ҷонканӣ будааст, ба ёди чашми сиёҳи ёраш афтода чандон гиристааст, ки Муҳаммад ба вай раҳмаш омада барояш чанд оҳуи зинда фиристода будааст. Наход ин ҳамон шоири нозуктабъи раҳмдил бошад?!» [11, с.213].

Матни мазкурро чунин тарҷумаи таҳтуллафзӣ кардан мумкин аст:

«Фаррухӣ призывает шаха к уничтожению тысяч людей Рея. И это тот, кто, судя по рассказам, дошедшим до Фирдоуси, проливал горькие слезы, увидев черные глаза олененка, павшего от стрел султанского сына – Мухаммада, залившего на охоте оленьей кровью все поле. Разжалобившись от слез Фаррухӣ, Мухаммад отправил ему в подарок несколько живых оленей. И неужели это тот самый утонченный, чувствительный поэт?!». (Тарҷумаи таҳтуллафзи мо – Ҷ.М.)

Дар матн тавсифи мустақими портрети султон Маҳмуди Ғазнавӣ вуҷуд надорад, вале ҷумлаи аввал, яъне ***«Фаррухӣ шоҳро ба куштани ҳазорон мардуми Рай даъват мекунад»*** возеҳу равшан дар мавриди яке аз ҷанбаҳои фалокатовари хислати султон – майл ба ҷанг нақл мекунад. Услуби баёни ин ду лаҳзаи ба ҳам мушобеҳ, ки дар онҳо золимӣ ва бераҳмӣ нишон дода шудааст, дар истифода аз усулҳои бадеӣ якхелаанд. Онҳоро муқоиса мекунем. Дар романи «Тил Уленшпигел» ғазаби муаллиф аз дидани азоби ҳайвони дар оташ миранда, яъне «***даҳонаш гӯё бо охирин фарёди ҷонканӣ калон кушода ва пур аз кафки хунин буд, ба фукаш қатраҳои калон-калони ашк мешориданд»,*** бо эҳсосоти баланд (***«Он гоҳ император аз дасти писараш лимуро рабуда ба замин партофт ва Филиппро бо муштҳояш заданӣ шуд»***) возеҳу равшан ва фаровонии ҷузъиёт ***(«ҷисми хурдакак», «ҳаёт метапид», «дар фарёди пеш аз марг», «пур аз кафки хунин»)*** ифода меёбад.

Хашму ғазаб ва қаҳри ровӣ аз оҳанги ғамангези талх эҳсос мегардад ***(«Император лабханде заду онҳо шоҳзодаро бо маймун танҳо ба танҳо гузоштанду рафтанд»; «Дертар махлуқҳои дигар ҳам, локин на маймунҳо, дар оташ сӯзонида шуданд»).***

Дар романи Сотим Улуғзода лаҳни бешитоб (ишора ба факти таърихӣ: ***«Дар бораи ӯ нақл мекарданд ва Фирдавсӣ шунида буд, ки»)***, маънии таҳтонии лирикӣ (тавсифҳои равшан: ***«аз дидани чашми зори оҳуе, ки аз тири писари султон афтида буд, чандон гиристааст, ки»)*** симои муаллиф - шахси дорои эҳсоси ҳамдардиро ташаккул медиҳад ва ӯ хашмгин аз он аст, ки шоир шоҳро ба куштани ҳазорон мардуми Рай даъват мекунад. Мавзуи бераҳмӣ, ҷаҳолати ахлоқӣ, дурӯягӣ ***(«Наход ин ҳамон шоири нозуктабъи раҳмдил бошад?!»)*** ва усулҳои тасвири онҳо на танҳо махсусияти услуби ривоятии Шарл де Костер ва Сотим Улуғзода, балки ба ҳам монанд будани ин ду шахсияти халлоқро низ ифода мекунад.

Натоиҷи таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳанд, ки хусусияти бадеии тарҷумаҳои Сотим Улуғзода ба хусусиятҳои поэтика ва сабки ӯ чун як нависанда вобаста аст ва таҳлили ин тарҷумаҳо барои назария ва амалияи муосири тарҷумаи бадеӣ бисёр муҳим аст. Дар воқеъ, тарҷума барои Улуғзодаи нависанда барои азхуд намудани усулҳо ва таҷрибаи бадеии классикони адабиёти ҷаҳон роҳ кушодааст ва ин падидаи хоссест дар таърихи тарҷумаи бадеии адабиёти тоҷик. Тибқи таҳлилҳо, таъсири осори нависандагони Аврупои ғарбӣ ба эҷодиёти С.Улуғзода бештар дар сатҳи маънавию эстетикӣ эҳсос мегардад.

Мисоли бедодгариҳо аз романи «Тил Уленшпигел»:

Тарҷумаи Н. Любимов:

«Выискав переход потемнее, он садился, вытягивал ноги и так сидел часами. Если кто-нибудь из слуг нечаянно наступал ему на ногу, он приказывал высечь его и с наслаждением слушал, как тот кричит, но смеяться никогда не смеялся.

На другой день он устраивал ту же ловушку в каком-нибудь другом темном переходе – садился и вытягивал ноги. Дамы, вельможи и пажи, проходя или пробегая мимо, натыкались на него, падали и ушибались. Ему это доставляло удовольствие, но смеяться он никогда не смеялся» [4, с.32].

Тарҷумаи С. Улуғзода:

«Вай дар қаср доим гузаргоҳҳои торикро меҷуст ва дар он ҷоҳо худро ба кунҷе гирифта пояшро дароз карда менишаст. Соатҳо поида менишаст, то хизматгоре гузараду нохост ба

пойи ӯ пешпо хӯрда ғалтад. Хизматгорро ба гуноҳи ғалтиданаш тозиёна мезаданд, шоҳзода аз зарби тозиёна дод гуфтани ӯро шунида шодӣ мекард. Аммо ҳеҷ гоҳ намехандид.

Рӯзи дигар вай дар гузаргоҳи дигаре пояшро дароз карда, ҳамин навъ дом ниҳода менишаст. Бонувон, дарбориён, пешхизматоне, ки аз назди вай бо шитобу ҷадал мегузаштанд, ба пояш дармонда меғалтиданд, лат мехӯрданд. Бо ҳамин вай дилашро хуш мекард, локин намехандид» [5, с.35]

Тасвири бедодгариҳо дар романи «Фирдавсӣ»:

«Шоҳ Маҳмуд ӯро ранҷонд, сахт ранҷонд, он ситамгари аз одамияту мурувват бехабар мехоҳад ӯро ба пойи фил андозад, аммо шоир дар ҳаққи ӯ чизе хоҳад гуфт, ки ҳаргиз ҳеҷ шоире дар ҳаққи ҳеҷ подшоҳе нагуфтааст. Гуфтаи ӯ то абад ҳамчу санади бадномии шоҳ хоҳад монд, зеро

Ки шоир чу ранҷад бигӯяд ҳичо,
Бимонад ҳичо то қиёмат бачо» [11, с.242].

«Шах Махмуд обидел его, сильно обидел, этот тиран, лишенный человечности и благородства, желает бросить его под ноги слона, но поэт скажет о нем такое, что ни один поэт еще не говорил ни об одном падишахе. Его слова останутся в истории как документ о злодеянии шаха:

Если рассердится поэт, то напишет сатиру,
И сохранится эта сатира до Страшного суда»
(Тарҷумаи таҳтуллафзии мо – Ҷ. М.)

Таъсири зоҳирӣ фақат сатҳист – ин иқтибос дар сатҳи унсурҳо, образҳо ва идеяҳои бофта нест, онҳо дар эҷодиёти мардуми тоҷик хеле зиёданд, таъсири аслӣ дар поэтикаи баён нуҳуфтааст.

Дар романи «Фирдавсӣ» нависанда воқеияти хосси давраи ҳукмронии султон Маҳмуди Ғазнавиро, ки саршор аз ташвишу воқеаҳои фоҷеабор буд, ба таври ҳаққонӣ тасвир кардааст, ки таҳқиқи он шабоҳати эҷодии онро бо баъзе усулҳои тасвирии Костер ошкор мекунад. Ин таъкиди мо гувоҳи он аст, ки Сотим Улуғзода, воқеан, осори муаллифонеро барои тарҷума интихоб мекард, ки аз назари руҳия, маҳорат, асолат ва дар корбасти сужет ба ӯ наздик буданд. Рушди характерҳои қаҳрамони романи филологии «Фирдавсӣ» дараҷаи олии мустақилияти муаллифро, ки воқеан асолати ӯро таъмин мекунад, нишон медиҳад. Қаробати эҷодии С. Улуғзода ва Ш. де Костерро мумкин аст дар хусусиятҳои услубии тасвири амал ё образ мушоҳида кард.

Образи Филиппи II, шоҳи Испанияро Костер чун симои барҷастае, ки зиддиятҳои асосии замони худро ифода мекунад, нишон додааст. Ӯ бо муваффақияти тамом руҳияи Испанияи қарни XVI-ро нигоҳ дошта, сифатҳои шахсии ҳокими мутлақ, симои манфури ӯро дар идоракунии кишвар барҷаста нишон додааст. Нависанда тавонистааст дар боз кардани сужет усулҳои сохтори композитсиониро, ки анъанаҳои афсонаю ривоятҳои қадимиро бо бозёфтҳои аслии адабиёти муосири ҷаҳон мепайвандад, пайдо намояд.

Тарҷумаи ин асар на танҳо ҷавобгӯи принсипҳои назарияи тарҷумаи муосир аст, балки он муҳтавои аслии асар, услуби фардӣ ва мавқеи муаллифро ба пуррагӣ инъикос мекунад. Таҳлили матнҳо нишон дод, ки Сотим Улуғзода дар кори худ ба иқтидори забони тоҷикӣ такя карда, барои васеъ намудани имкониятҳо, ғанӣ гардонидани сарватҳои он ҳамаҷониба саъй намудааст. Вобаста ба сифати тарҷума саъю талоши тарҷумон дар мавриди аз калимаву ибораҳои обшуста, ки тозагии худро гум кардаанд, даст кашидан ва ҷорӣ намудани усулҳои нави эҷодӣ баръало дида мешавад. Дар бораи хусусиятҳои тарҷумаҳои ӯ сухан ронда, бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ кард, ки кори Улуғзода дар тарҷума бо муносибати боҷуръатона нисбат ба матни бадеӣ, гардишҳои дурахшону нави пур аз таровати садо ва зарфияти муҳтавои маъноӣ ҷолиби диққат аст. Фаъолияти Сотим Улуғзода дар риштаи тарҷумаи бадеӣ аз коргоҳи эҷодии хоссаест, ки дар он мактаби хусусии адабии ӯ таъсис ёфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бакоева, С.А. Концепция историзма в творчестве Сотима Улугзода: автореф. дис. ...канд. филол. наук: 10.01.03 / С.А. Бакоева [Место защиты: Ин-тяз. и лит. им. Рудаки. НАН Респ. Таджикистан]. - Душанбе, 2010. - 26 с.
2. Брагинский, И.С. Исследования по таджикской культуре [Текст]: (К проблеме межлитературных связей народов Сов. Востока) / И.С. Брагинский; АН Тадж. ССР. – М.: Наука, 1977. - 288 с.

3. Демидчик, Л.Н. Сотим Улуғзода / Л.Н. Демидчик // Эъҷози сухан. - Душанбе: Адиб, 1992. - 165 с.
4. Костер, Шарль де. Легенда об Уленшпигеле и Ламме Гудзаке, об их доблестных, забавных и достолавных деяниях во Фландрии и других краях / Шарль де Костер. Пер.с фр. Н. Любимова, вступ.ст. Л. Андреева. – М.: Худож.лит., 1988. – 398 с.
5. Костер, Шарль де. Достони Уленшпигель ва Ламме Гудзак ва саргузашти аҷоиби диловаронаи пуршону шарафи онҳо дар Фландрия ва мамлакати дигар / Шарль де Костер. Тарҷумаи С. Улугзода. – Душанбе: Ирфон, 1975. - 395 с.
6. Набави, А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон: маҷмӯаи мақолаҳо / А. Набиев. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 160 с.
7. Отахонова, Х. Некрасов дар забони тоҷикӣ / Х.Отахонова // Паёми бародарӣ. - Душанбе: Дониш, 1972. - С.78-84.
8. Рақабӣ, М. Сотим Улуғзода абармарди набард ва андеша / М. Рақабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 172 с.
9. Сайфуллоев, А. Проблемы взаимодействия литератур / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1976. - 138 с.
10. Солеҳов, Ш. Адабиёт ва шинохти он. Маҷмуаи мақолаҳо / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Ирфон, 2009. - 345 с.
11. Улуғзода, С. Фирдавсӣ. Роман / С.Улуғзода. – Душанбе: Адиб, 1988. - 272 с.
12. Шарифов, Х. Достони Фирдавсии шоир / Х.Шарифов // Озурдагон ва умедворон. - Душанбе: Сино, 2001. - С.136-150.
13. Шукуров, М. Опыт русского реализма и таджикская реалистическая проза / М.Шукуров // Истоки, формирование и развитие социалистического реализма в литературах Советского Востока. – Ташкент: Фан, 1976. - С.153-157.
14. Эмомалӣ, С. Таҷассуми бадеии таърих дар насри Сотим Улуғзода (солҳои 60-80-уми асри XX) [Текст]: автореф. дис. д-ра филол. наук / С. Эмомали. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2018. - 11 с.
15. Эпштейн, М.Н. Парадоксы новизны. О литературном развитии XIX-XX веков / М.Н. Эпштейн. - М.: Советский писатель, 1988. - 416 с.
16. Юсуфов, К. Сотим Улуғзода ва повести тарҷумаиҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо» / К. Юсуфов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 127 с.
17. Яновский Н.Н. С веком наравне : Основные тенденции развития современной русской прозы / Н.Н. Яновский. - Новосибирск: Зап.-Сиб. кн. изд-во, 1965. - 140 с.

ВИЖАГИҲОИ ТАРҶУМАИ ТОҶИКИИ ТАВСИФИ ПОРТРЕТИИ ФИЛИППИ II ДАР РОМАНИ ШАРЛ ДЕ КОСТЕР “ТИЛ УЛЕНШПИГЕЛ”

Дар мақола вижагиҳои тарҷумаи тоҷикии тавсифи портретии Филиппи II дар романи Шарл де Костер “Тил Уленшпигел” баррасӣ шудааст. Дар асоси маводи мушаххас тарзҳои таҷдиди образҳои ин роман ба забони тоҷикӣ, масъалаҳои маҳорати тарҷумон ба риштаи таҳлил кашида шуда, муқоисаи образҳои Филиппи II бо образи султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз асари Сотим Улуғзода “Фирдавсӣ” (1988) сурат гирифтааст. Тағйироти маъноии фарққунанда, ки дар тавсифи тимсолии қаҳрамонони роман ба мушоҳида расидаанд, аз ҷумла дар тавсифи шоҳ Филиппи II ҳангоми таҷдиди он ба забони тоҷикӣ татқиқ шудаанд. Таҳлили тавсифи Филиппи II дар романи Ш. де Костер ва интиқоли он ба забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Сабки тавсиф дар муқоиса бо образи султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар романи Сотим Улуғзода “Фирдавсӣ” ошкор карда шудааст. Муаллиф ҳангоми таҳлили муқоисавии принсипҳои эҷодии тавсифи шахсиятҳои таърихӣ, руҳияи умумӣ, муносибати ахлоқӣ ба воқеияти мавриди тавсифи Шарл де Костер ва Сотим Улуғзодаро, ки дар даврaҳои мухталиф ҳаёт ба сар бурдаанд, ба субут расонидааст. Таъкид гардидааст, ки тарҷумаи бадеӣ ба нависанда - тарҷумони боистеъдод имкон медиҳад, маҳорати адабии муаллифи матни аслиро идрок кунад ва сифатан афзоиш диҳад. Таҳлили муфассали вижагиҳои тарҷумаи романи мавриди тадқиқ аз таҳаввули принсипҳои тарҷумонии Сотим Улуғзода шаҳодат медиҳад.

Калидвожаҳо: роман, тарҷумаи адабӣ, эҷодиёт, матни аслӣ, Шарл де Костер, Сотим Улуғзода.

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК ПОРТРЕТНОЙ ХАРАКТЕРИСТИКИ ФИЛИППА II В РОМАНЕ ШАРЛЯ ДЕ КОСТЕРА «ТИЛЬ УЛЕНШПИГЕЛЬ»

Исследуются особенности перевода на таджикский язык портретной характеристики Филиппа II в романе Шарля де Костера «Тиль Уленшпигель». На конкретном материале сделана попытка раскрыть способы воспроизведения образов этого романа на таджикский язык, рассмотрены вопросы мастерства переводчика, проведено сравнение образов Филиппа II с образом султана Махмуда Газневида из собственного романа Сотима Улугзода «Фирдоуси» (1988). Рассмотрены смысловые отличительные изменения, произошедшие в портретной характеристике героев романа, в частности короля Филиппа II, при его воспроизведении на таджикский язык. Проведен небольшой анализ образа Филиппа II в романе Ш. де Костера и его передачи на таджикский язык. Выявлен стиль описания образа Филиппа II в сравнении с образом султана Махмуда Газневида в романе Сотима Улугзода «Фирдоуси». Проведен сравнительный анализ творческих принципов показа исторических личностей, общий настрой, нравственное отношение к изображаемой действительности Шарля де Костера и Сотима Улугзода, живших в разное время. Изложена мысль о том, что художественный перевод дает возможность талантливому писателю-переводчику творчески воспринять художественное мастерство автора оригинального текста и качественно приумножить его. Детальный анализ особенностей перевода данного романа наглядно демонстрирует эволюцию переводческих принципов Сотима Улугзода.

Ключевые слова: роман, художественный перевод, творчество, оригинальный текст, Шарль де Костер, Сотим Улугзода.

FEATURES OF TRANSLATION INTO TAJIK LANGUAGE OF THE PORTRAIT CHARACTERISTIC OF PHILIP II IN CHARLES DE COSTER'S NOVEL "THIL ULENSPIEGEL"

The features of the translation into Tajik of the portrait characteristics of Philip II in the novel by Charles de Coster "Til Ulenspiegel" are studied. Based on specific material, an attempt was made to reveal the ways of reproducing the images of this novel into the Tajik language, the issues of the translator's skill were considered, and the images of Philip II were compared with the image of Sultan Mahmud Ghaznevid from Sotim Ulugzod's own novel "Firdowsi" (1988). The semantic distinctive changes that occurred in the portrait characteristics of the heroes of the novel, in particular King Philip II, are considered when it is reproduced in the Tajik language. A small analysis of the image of Philip II in the novel by C. de Coster and its translation into the Tajik language has been carried out. The style of description of the image of Philip II in comparison with the image of Sultan Mahmud Ghaznevid in the novel by Sotim Ulugzod "Firdowsi" is revealed. A comparative analysis of the creative principles of showing historical figures, the general mood, the moral attitude to the depicted reality of Charles de Coster and Sotim Ulugzod, who lived at different times, was carried out. The idea is stated that literary translation enables a talented writer-translator to creatively perceive the artistic skill of the author of the original text and increase it qualitatively. A detailed analysis of the features of the translation of this novel clearly demonstrates the evolution of the translation principles of Sotim Ulugzod.

Key words: novel, literary translation, creativity, original text, Charles de Coster, Sotim Ulugzoda.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муруввatиён Ҷамила Ҷамол*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи адабиёти муосир. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **Alika - xan@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-760-22-33**

Сведение об авторе: ***Муруввatиён Джамила Джамол*** - Институт языка и литературы им. Рудаки НАНТ, доктор филологических наук, главный научный сотрудник отдела современной литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **Alika - xan@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-760-22-33**

Information about the author: ***Muruvvatiyon Jamila Jamol*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki Doctor of Philology, Chief Researcher at the NAST. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **Alika - xan@mail.ru.** Phone: **(+992) 93-760-22-33**

УДК: 811.21/.22-3 (575.3)

МУНДАРИҶА ВА СОХТОРИ ЗАБОНИИ МАТНҲОИ ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

Насимов Н.
Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд»

Омӯзиши муштарак, пайвасту ҳамзамони фолклор ва забони он мавзуи асосии баҳси лингвофолклористикаро ташкил медиҳад. Зимни омӯзиши матнҳои фолклорӣ бештар ба ҷанбаҳои забонии он, бахусус диалектизмҳои он, ки хосси гуфтугӯи мавзеъ ва минтақаҳои гуногун мебошад, дахл ва таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Фолклоршиносон Р. Амонов, С. Фатҳуллоев ва Ф. Муродов иброз доштаанд, ки гирдоварии фолклори Кӯлоб аз охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ (солҳои 1924-1928 аз ҷониби муаллимон) оғоз ёфтааст [1, с.5; 22, с.3].

Шуруъ аз соли 1931 ба хотири шиносоӣ ва омӯзиши шӯриши Восеъ, фаъолият ва вазъу шароити зиндагии аҳолии минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла Ховалинг ва Балҷувону Сари Хосор таваҷҷуҳи аҳли сиёсат ва илм ба ин мавзеъҳо зиёд мегардад. Бо ҳамин мақсад гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, ба шаҳру ноҳияҳои ин минтақа сафар менамоянд, ки натиҷаи омӯзишу таҳқиқоти онҳо дар асарҳои Н. Болдирев [3; 4; 5], А. Шоҳаншоев [25], Л. Бузургзода, Р. Ҷалилов [6], А. Писарчик [13] ва Н. Маъсумӣ [7] дарҷ гардидаанд.

Ба ҳамин тариқ, омӯзишу гирдоварии эҷодиёти даҳанакии халқи Кӯлоб солҳои минбаъда низ давом меёбад, ки таърихи таҳқиқу омӯзиши он ва инчунин гирдоварии маводҳои (матнҳои фолклории) онро фолклоршиносони тоҷик Р. Амонов, С. Фатҳуллоев, Ф. Муродов ва С. Чалишев дар китобҳои «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» [26; 27], «Очеркҳои эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» [1], «Фолклори диёри Восеъ» [24] ва «Фолклори Кӯлоб» [22; 2007] омода ва ба нашр расонидаанд.

Асари Р. Амонов «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» [1], ки ҳам асарҳои назмиро бо иловаи достонҳои қаҳрамонии эпоси «Гӯрӯғлӣ», чистону зарбулмасалҳо ва ҳам драмаю афсонаҳоро, ки бо наср иншо шудаанд, фаро мегирад.

Китобҳои «Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб» [26; 27] бошад, танҳо жанрҳои назмӣ, аз ҷумла суруд, рубоӣ ва шаклҳои гуногуни шеъриро дар бар мегиранд. Инчунин чистону зарбулмасалҳо, ки асосан ба шакли насри мусаҷҷаъ эҷод мешаванд, ба ҳамин гурӯҳ ворид карда шудаанд.

Маҷмуаи намунаҳои назмии фолклории **«Эҷодиёти** даҳанакии аҳолии Кӯлоб», ки соли 1956 нашр шудааст, аз 636 рубоию дубайтӣ, 70 суруду таронаю бадеҳа, 191 чистон ва 268 зарбулмасал, дар маҷмуъ аз 1165 мавод ё матни фолклорӣ иборат аст [**26**].

Дар ин китоб ному насаби 82 нафар шоирони маҳаллӣ, ҳофизони халқӣ ва гӯяндагони шеърҳо, аз ҷумла рубоию сурудҳо оварда шудаанд.

Нашри соли 1963 китоби **«Эҷодиёти** даҳанакии аҳолии Кӯлоб» 826 рубоию дубайтӣ, 83 суруд ва шаклҳои гуногуни шеърӣ, 162 чистон ва 250 зарбулмасал, дар ҷамъ 1321 матни фолклориро фаро гирифтааст [**27**].

Ба китоби мазкур ному насаби 102 нафар шоирони маҳаллӣ, ҳофизони халқӣ ва гӯяндагони шеърҳо, аз ҷумла рубоию сурудҳо ворид карда шудааст.

Дар ин ду китоб достонҳои манзуми қаҳрамонии эпоси «Гӯрӯғлӣ» ва гӯяндагону эҷодкунандагони онҳо ворид нагардидааст.

Р. Амонов дар асараш «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» бо дарҷи ному насаб дар бораи 67 нафар сурудхонҳо, рубоисароён, ҳофизони халқӣ, шоирони маҳаллӣ, гӯяндагони шеърҳо, гӯрӯғлихонҳо, афсонагӯйҳо ва масхарабозҳои (ҳаҷвнигорони) Сари Хосор маълумоти мухтасар медиҳад [1, с.329-345].

Китоби «Фолклори Кӯлоб» [**22**] аз 1150 рубоию дубайтӣ, 196 суруду шаклҳои гуногуни шеърӣ, 838 зарбулмасалу мақол, 404 чистон ва 1 эпоси «Гӯрӯғлӣ», дар маҷмуъ аз 2589 матни фолклорӣ иборат мебошад.

Маҷмуаи чопи соли 2007 «Фолклори Кӯлоб» [**23**] шакли нашри дигари соли 2006 китоби мазкур аст, ки аз ҳамон миқдор мавод иборат аст.

Оид ба сурудҳо, афсонаҳо, драмаҳои халқӣ, чистонҳо, достонҳои «Гӯрӯғлӣ»-и китоби Р. Амонов «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» [1] ва фаъолияту эҷодиёти фолклоршиноси тоҷик Р. Амонов пажуҳишгар Р. Раҳмонӣ дар асараш «Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз

адабиёти гуфторӣ» [14, с.149-150, 269, 275, 359, 413, 438, 490-493] маълумоти мухтасар додааст.

Омӯзишу таҳқиқ, таҳлил ва муқоисаи асарҳои мазкур нишон доданд, ки ба маводи аз забони мардуми шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб сабт ва ғунгардида, истисно аз «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» [1], тағйироти овозию лафзӣ ворид карда шудааст. Калима ва матнҳои фолклорӣ гоҳ дар мувофиқату мутобиқат бо забони адабӣ ва гоҳ дар шаклҳои гуногуни гуфтугӯию лаҳҷавӣ дарҷ ёфтаанд, ки ин ҳолат барои муайян намудани фарқияту донистани хусусиятҳои хосси забонии мардуми шаҳру ноҳия ва ё маҳалҳои минтақаи мазкур мушкилиро эҷод мекунад.

Танҳо маводҳои «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» [1], ки асосан матнҳои фолклории аҳолии ноҳияи Сари Хосорро дар бар мегиранд, комилан қариб ба шакли воқеию табиии нутқи гӯяндагони он ва бо овозу ҳарфҳои хос сабт ва дарҷ гардидаанд.

Сазои сарум ба и(н) мусофир шиданум,
И (н)гӯшаи мулки мардумо(н) шид ватанум.
Ку дӯсти ширин мара бара(д) бар ватанум,
Сангора хурум, ёди ғарибӣ накунум [26, с.17].

Сазои сарум ба и мусофир шиданум,
И гушаи мулки мардумо шид ватанум.
Ку дусти ширин мара бара ба ватанум,
Сангора хурум, ёди ғарибӣ накунум [27, с.21].

Сазои саръм ба и мъсофир шиданъм,
И гушай мълки мардъмо шид ватанъм.
Ку дусти шърин мара бара бар ватаньм,
Сангора хръм, ёди ғарибӣ накънъм [1, с.53].

Сазои сарум ба и мусофир шиданум,
И гушаи мулки мардумо шид ватанум.
Ку дустои ширин мара баран бар ватанум,
Сангора хурум, ёди ғарибӣ накунам [22, с.37].

Дар ин маврид Р. Амонов хотирнишон месозанд, ки барои исботи фикр каму беш баъзе мисолҳо ва намунаҳои мавод аз эҷодиёти даҳанакии мардуми маҳалҳои ба Сари Хосор наздик, аз ҷумла ноҳияҳои Балҷувону Ховалинг ва Муъминобод оварда шудаанд [1, с.12]. Аммо ин омилҳои ҷузъӣ моҳияти асар ва натиҷаи маводи таҳқиқиро коста намегардонад, зеро лаҳҷаи он маҳалҳо қариб, ки аз ҳам фарқ надоранд ва матнҳои фолклорӣ ба таври умумӣ истеъмол меёбанд.

Эҷодиёти даҳанакии халқи Кӯлоб, бахусус диёри Сари Хосорро Р. Амонов бо чунин тавсиф ба қалам додааст: «Натиҷаи корҳои тадқиқотӣ нишон дод, ки фолклори мардуми Кӯлоб, чи аз ҷиҳати боигарии мундариҷа ва чи аз ҷиҳати гуногунии жанр ва шаклҳои адабӣ, дар эҷодиёти даҳанакии бадеии халқи тоҷик мақоми баланде дорад ва дар баробари ин маълум гардид, ки фолклори мардуми яке аз маҳалҳои кӯҳии Кӯлоб – Сари Хосор махсусан бой ва аз ҳар ҷиҳат хеле қобили диққат буда, хислатҳои муҳимтарини фолклори Кӯлобро дар бар гирифтааст. Дар ин маҳал аз ҳама бештар ҳофизон, достонсаройҳо, гӯяндагон ва масхарабозони моҳиру забардаст умр ба сар мебаранд» [1, с.10].

Дар доираи омӯзишу таҳқиқ, таҳлил ва истифодаи истилоҳоти лингвофолклористӣ аз рӯйи асари Р. Амонов «Очеркҳои эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб» [1] мавод ё матнҳои назмии фолклори Сари Хосор 221 матн, аз ҷумла жанрҳои суруд (ба истиснои бархе аз сурудҳои таърихӣ, ки дар ин китоб оварда нашудаанд [1, с.12], рубоию дубайтӣ, чистонҳо ва достонҳои манзуми қаҳрамонии эпоси «Гӯрӯғлӣ» 1287 мисраъро бо фарогирии зиёда аз 6540 калима дар бар мегирад.

Маводи насрии фолклори Сари Хосор аз 98 матн дар доираи шумораҳои яклухт бо фарогирии 22150 калима, аз ҷумла 10 афсона ва 3 драмаи (намоишномаи) комил, бо шумули 17260 калимаи матни афсонаю порчаҳо аз афсонаҳо, чистону зарбулмасалҳо ва зиёдтар аз 4890 калимаи матни драмаҳо иборат аст.

Ба китоби мазкур 33 чистон ва 65 зарбулмасал ҷой дода шудааст, ки бештар бо насри мусаҷҷаъ эҷод шудаанд.

Дар назм матнҳои фолклории зиёдтарро рубоию дубайтиҳо ташкил медиҳанд, ки аз 128 матн ва дар наср афсонаю порчаҳои афсонавиро (истисно аз зарбулмасалҳо) дар бар мегиранд, ки аз 47 матн иборатанд.

Матнҳои фолклории назмӣ дар доираи аз 1 то 267 мисраи шаклҳои гуногуни шеърӣ ва порчаҳо аз эпоси «Гӯрӯғлӣ» ташаккул ёфтаанд.

Ша, муборак шава, **боз муборак** шава! [1, с.38].

Гъли сияҳгуши секуша,
Дилът **бар мо намесуза?!** [1, с.**42**].

Духтар, ки ба ов мерай, ба дастът куза,
Ту оҳ бъкашӣ, ҷигари ман месуза.
Ай бахшаки оҳи тъ гъръфтъм руза,
Сесад рагъ пайвандъм ҷидо месуза [1, с.58].

Ватан мегӯяму умедворам,
Зи дарди бекасӣ ҳайрону зорам.
Агар дар хоб бинам ман ватанро,
Ҳалоки хештан созам ватанро...
Шавам аз меҳнати садсола озод,
Агар манро расонад бар ватан бод [1, с.54].

Фолклори Сари Хосорро дар маҷмуъ 319 матни фолклорӣ дар доираи зиёда аз 7700 номгӯй ва ҷамъан бештар аз 28500 калима ташкил медиҳад. Шумораи умумии калимаҳо бо назардошти яклухтӣ аз 132950 овоз (ҳарф), аз ҷумла 55960 садонок (42,1 фоиз) ва 75300 ҳамсадо (56,6 фоиз) ва 1690 йотбарсар (1,3 фоиз) иборат аст.

Аз садонокҳо бештар овози а – 22340 маротиба (16,8 фоиз), аз ҳамсадоҳо овози р – 8918 маротиба (6,7 фоиз) ва аз йотбарсарҳо овози **я** – 804 маротиба (0,6 фоиз) мавриди истифода қарор гирифтааст.

Аз маҷмуи зиёда аз 28500 калимаи таркиби луғавии матнҳои фолклории Сари Хосор бештар аз 13500 калима (47,0 фоиз) ба шакли лаҳҷавӣ омадаанд, ё калимаҳои хосси лаҳҷавианд.

«– Ала, чӣ бъгум, охӣ!» [1, с.185].

***

Бофанда. Акъ, ҷура, мо търа санҷидем, агане ҳақи ҳиҷ ки ба ҳиҷ кира насиб накъна [1, с.249].

Деҳқони пир. Не, мъ фарай бъқа надоръм, барзагов бъталб [1, с.253].

Бахусус калимаҳои лаҳҷавии хосси мардуми Сари Хосор дар матнҳои фолклорӣ муайян карда шуданд, ки баъзеи онҳо дар лаҳҷа ҳамчун диалектизмҳои лексикии семантикӣ ба маънои нав омадаанд. Аз шумораи умумии яклухти 170 диалектизми лексикӣ бо назардошти такрори баъзеи онҳо 20 ададаш ба матнҳои фолклории назмӣ, 120 калима ба матнҳои фолклории насрӣ ва қариб 130 ададаш ба матнҳои фолклории драмавӣ рост омад.

Аз рӯйи бештар аз 70 номгӯйи диалектизмҳои лексикӣ калимаҳои бахчӣ, билавр, давра, път, рубич, тарвоза, тумбул, фърид, хърбич, чоло, ҷичӣ, ҷуғадор танҳо дар матнҳои фолклории назмӣ, калимаҳои агарда, анойитърош, бефара, булак, бъҷҷас, ваноғ, ғара, ғомък, ғот, дангал – дангала (кардан), измагӣ, кашаг, кънъск, лъмб, лъхч, ҷъғел, маҳшак, маълоқ, минакол, мут, олонд, пая, рът, сиба, сурӣ, съвчък, сърунд, тъқид, тутък, фълх, хаспал, ҷаҳманбоз, ҷаҳмандош, чолбанд, чорғовак, чорку, чува – чиба, чут, чъқим, чълингас, чъхт, шалфа, шаҳмард ва шартаст танҳо дар матнҳои фолклории насрӣ ва калимаҳои лъғат, қъръмб, Олломасанӣ, тегъз, фара, ҳабата, ҳамоли танҳо дар матнҳои фолклории драмавӣ ва калимаҳои дигар – агане, ала, аҳ, реб, теф, туғрӣ, фър, ҳова, ҳуч ва чойлоб дар ҳар гуна матнҳои фолклорӣ омехта истифода гардидаанд.

Дунё ҳай, дунёй муваққат,
Зиндагонӣ хуб асту ғанимат,

Дар давра бишнӣ, бикунӣ суҳбат,
Гапи хуб дур асту қимат [1, с.88].

Дъхтар хест сандуқа ба шамшер баракию тарвоза зад, чор булак, кад сандуқаву момаширша дар ҳар бар сърунду тарки ватани почоӣ кард [1, с.296].

«Пас ай тъ зъминҷъмбъш шид, пули хуна ай минаколъш шъкаст, яг ҳамсоя ира овард, тешае наёфтем, гърмоша рът къна, фақат задемъш то умадани хътта» [1, с.311].

Дар натиҷа, аз маҷмуи 319 матни фолклорӣ 221 матни фолклориаш назмӣ (69,3 фоиз) ва 98 матни фолклориаш насрӣ (30,7 фоиз) аст.

Матнҳои фолклории назмӣ 1285 мисраъ ва матнҳои фолклории насрӣ зиёдтар аз 3110 ҷумларо фаро гирифтаанд.

Матнҳои фолклории назмӣ наздики 6550 калима (23,0 фоиз) ва матнҳои фолклории насрӣ бештар аз 22150 калима (77,0 фоиз)-ро дар бар мегиранд.

Аз ҷумла 3 матни фолклории драмавӣ (1,0 фоиз) бештар аз 780 ҷумла (25,1 фоиз) ва зиёдтар аз 4890 калима (17,0 фоиз) ва афзунтар аз 90 матни фолклории порчаҳои насрӣ (28,6 фоиз) бартар аз 2330 ҷумла (74,9 фоиз) ва зиёдтар аз 17260 калима (60,1 фоиз) мебошад.

Бо мадди назари сохт дар фолклори Сари Хосор аз ҷумлаҳои содаи яктаркиба то ҷумлаҳои мураккаби сертаркиби пайвасту тобеъ ба назар мерасанд.

«– Бачам, – гуфт, – ов овардӣ?»

«– Нашид» [1, с.199].

Даррав ҷосуз омад, ба почо гуфту почо даррав дар асп съвор шиду ба ҷош ғъломша почо кард, хъдъш рафтак [1, с.274].

«– Ба хубӣ гандагӣ меоя барои и, ки ма иқа барои соҳибъм меҳнат кардъм, чӣ қадар у ай ма рузи меҳнат гирифт, имрӯз ки боша, баровардай дар и ҷа саръм додай» [1, с.236].

Мавриди зикр аст, ки дар доираи мавзуъҳо барои омӯзишу таҳқиқ муайян кардани ҳаҷми матнҳои фолклорӣ ба муҳаққиқ марбут дониста мешавад. Матнҳои фоклории калонҳаҷм, аз ҷумла достонҳои қаҳрамонӣ ва ё афсонаҳо аз рӯйи мазмуну муҳтаво метавонанд ба порчаҳо ҷудо гарданд.

Аввалин маротиба санъатшинос Н. Нурҷонов [12] матни драмаҳои халқиро гирдоварӣ намуда, дар бораи хусусиятҳои махсуси драмаҳои халқӣ асари «Театри халқии тоҷик»-ро таҳия ва соли 1956 ба нашр расонидааст.

Ҳамчунин вобаста ба омӯзиши забони гуфтугӯӣ ё лаҳҷаҳои аҳолии минтақаи Кӯлоб соли 1956 асари Л.Н. Неменова «Кулябские говоры таджикского языка» [10] аз чоп мебарояд.

Минбаъд омӯзиши шева ва лаҳҷаҳои мавзеъҳо ва шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ривоҷ ёфта, асарҳои зиёде, ба монанди «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» [11;18; 19; 20], «Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ» (Лаҳҷаҳои ҷанубӣ) [8] ва «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» [21] таҳия гардида рӯйи чоп омаданд.

Албатта, бо мурури замон илм ва таҳқиқи он нисбӣ аст, зеро вай табиати рушдёбӣ дорад. Зимнан нигоштаи илмӣ бе камбудӣ ва саҳву хато ҳам буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, шояд дар омӯзишу таҳқиқи навиштаи мазкур низ кам ё беш норасоиҳо бо гузашти вақт аён гарданду ба натиҷа на он қадар таъсир гузоранд, аммо алҳол дар умум воқеияти омӯзишу таҳқиқ ва маълумот ба ҳамин минвол аст.

Дар бораи баъзе хусусиятҳои забонии эҷодиёти даҳанакии халқи Кӯлоб, аз ҷумла фолклори Сари Хосор Р. Амонов қайд менамояд: «Бинобар он ки хусусиятҳои ин шева дар китоби Р.Л. Неменова батафсил тасвир ёфтааст, зарурати қайд намудани ҷиҳатҳои лаҳҷавии материалҳои фолклорӣ аз байн бардошта мешавад. Фақат ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар шеваи Кӯлоб овози садоноки «ӯ» вуҷуд надорад. Ба ҷойи он аксаран бо як навъ зада «у» ва қисман (пеш аз «ҳ»-и ҳалқӣ) фонемаи хосси ин шева, ки дар забоншиносии тоҷик одатан бо аломати «ъ» ишора шуда, садоноки кӯтоҳи пуштизабонӣ ва ғайрилабӣ ба шумор меравад, талаффуз меёбад (гуша – гӯша, му – мӯй, зур – зӯр; мъҳлат – мӯҳлат, мъҳтоҷ – мӯҳтоҷ) [1, с. 12].

Масъалаи мазкурро бошад, Р.Л. Неменова асосан аз нигоштаҳои М.С. Андреев [2] овардааст [11, с. 3, с. 63].

Ай омаданът агар хабар медоштъм,
Дар рӯй раҳът гъли съман мекоштъм.
Гъл мекоштъм, ки пота дар хок назанӣ,
Хоки қадамта ба дида мевардоштъм [1, с.49].

Се моҳ шидай, ба якта хъшдор шидъм,
Хурдъм ғами беҳудара афгор шидъм,
Ку ҳичраи тангак, ки бъхонъм дъ ғазал,
Ай ҷони шърини хъдъм безор шидъм [1, с.58].

Баъд ҳаму мардак, ки хъдъш дев бъдаст, хъдъша мъллои нағз кардасту пеши почо омадаст, ки «дъхтара ба ма бъте». Почо дъхтарша туй кардасту ба ҳаму додаст» [1, с.163].

Дар филологияи тоҷик ба истиснои асарҳои забоншинос Р. Саидов «Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ» [15; 16] ва «Фразеологияи назми халқии тоҷик (дар асоси эпоси «Гӯрӯғлӣ», рубоӣ ва байт)» («Фразеология таджикской народной поэзии (на основе эпоса «Гуругли», четверостишия и бейта)») [17], ки ба омӯзиши яке аз бахшҳои забони матнҳои фолклорӣ – фразеология бахшида шудааст, асар ва маҷмуаҳои дигаре оид ба хусусиятҳои забонии эҷодиёти халқи Кӯлоб, хоссатан фолклори диёри Сари Хосор маълумот дастрас нагардид.

Мазмуну муҳтаво, мундариҷа, таркиби луғавӣ ва сохтори забонии фолклори Сари Хосор хеле ғанию рангин буда, аз калимаҳои умумихалқӣ, синонимҳо, омонимҳо, антонимҳо, истилоҳоти хешутаборӣ, лақабу тахаллусҳо, диалектизмҳо ва ҳодисаҳои дигари забонӣ ташаккул ёфтааст, ки ҳар кадоме мавзуи баҳсу омӯзишу таҳқиқи мустақил ва лингвофолклористиро тақозо менамояд.

Муқарриз: Ғаффоров А. – д.и.ф., профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ

А Д А Б И Ё Т

1. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) / Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1963. – 347 с.
2. Андреев, М.С. Краткий обзор некоторых особенностей таджикских говоров / М.С. Андреев. – Сталинабад-Ташкент, 1930. – 81 с.
3. Болдирев, А.Н. Эпоси даҳанакии Тоҷикистон / А.Н. Болдирев // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1934. – №№ 11-12. – С. 37-39. (Бо ҳуруфи лотинӣ).
4. Болдырев, А.Н. Таджикский фольклор в литературе советского Таджикистана / А.Н. Болдырев // Литературный критик. – 1935. – № 9. – С. 115-123.
5. Болдирев, А.Н. Дар бораи Шӯриши Восеъ / А.Н. Болдирев // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1936. – № 1. – С.14-15. (Бо ҳуруфи лотинӣ).
6. Бузургзода, Л. Инъикоси Шӯриши Восеъ дар фолклор (Маҷмуаи матераилҳои фолклорӣ) / Л. Бузургзода, Р. Ҷалилов. – Сталинобод. – Ленинград, 1941. – 131 с.
7. Маъсумӣ, Н. Шӯриши Восеъ ва сурудҳои таърихӣ / Н. Маъсумӣ // Шарқи Сурх. – 1950. – № 11.
8. Маҳмудов, М. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ (Лаҳҷаҳои ҷанубӣ) / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1997. – 289 с.
9. Намунаи фолклори тоҷик. Тартибдиҳанда А.Н. Болдирев. – Сталинобо – Ленинград: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1938. (Бо ҳуруфи лотинӣ).
10. Неменова, Р.Л. Кулябские говоры таджикского языка. (Северная группа) / Р.Л. Неменова. – Сталинабад: Издательство Академии наук Таджикской ССР, 1956. – 192 с.
11. Неменова, Р.Л. Шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. (Фонетика, лексика). Ҷилди 1 / Р.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1980. – 331 с.
12. Нурджанов, Н. Таджикский народный театр (По материалам Кулябской области) / Н. Нурджанов. – М.: Издательство Академия наук СССР, 1956.
13. Писарчик, А.К. Кулябская этнографическая экспедиция 1948 года / А.К. Писарчик // Известия ТФАН СССР. – 1948. – № 15.
14. Раҳмонӣ, Р. Фолклори тоҷикон: дарсҳо аз адабиёти гуфторӣ / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе, 2021. – 544 с.
15. Саидов, Р. Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ (дастури таълимӣ ба курси махсус барои факултетҳои филологияи донишкадаҳои олӣ). Қисми якум / Р. Саидов. – Душанбе, 1990. – 108 с.
16. Саидов, Р. Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ (дастури таълимӣ ба курси махсус барои факултетҳои филологияи донишкадаҳои олӣ). Қисми 2 / Р. Саидов. – Душанбе, 1991. – 144 с.
17. Саидов, Р. Фразеология таджикской народной поэзии (на основе эпоса «Гуругли», четверостишия и бейта): автореф. дис. … док. филол. наук / Р. Саидов. – Душанбе, 1995. – 35 с.
18. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. (Морфология). Ҷилди II. – Душанбе: Дониш, 1979. – 252 с.
19. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷилди 3. – Душанбе: Дониш, 1979. – 272 с.
20. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. (Материалҳо). Ҷилди 5. – Душанбе: Дониш, 1980. – 332 с.
21. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. (Нашри дуюм бо илова ва тасҳеҳ). Мураттибон: М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш, 2017. – 842 с.
22. Фолклори Кӯлоб. Мураттибон: С. Фатҳуллоев ва Ф. Муродов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 578 с.

23. Фолклори Кӯлоб. Қисми 1. Мураттибон: С. Фатҳуллоев, Ф. Муродов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 540 с.
24. Чалишев, С. Фолклори диёри Восеъ / С. Чалишев. – Душанбе, 1990.
25. Шоҳаншоев, А. Материалҳо оид ба Шӯриши Восеъ / А. Шоҳаншоев // Барои адабиёти сотсиалистӣ. – 1936. – №№ 2, 3 (бо ҳуруфи лотинӣ).
26. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб. Тартибдиҳанда Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. – 240 с.
27. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб. Тартибдиҳанда Р. Амонов. Нашри дуюм бо ислоҳ ва иловаҳои Ф. Муродов. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 252 с.

МУНДАРИҶА ВА СОХТОРИ ЗАБОНИИ МАТНҲОИ ФОЛКЛОРИ САРИ ХОСОР

Ибтидои мақолаи мазкур ба масъалаи омӯзиши муштарак, пайвасту ҳамзамони фолклор ва забони он, ки мавзуи асосии баҳси лингвофолклористикаро ташкил медиҳад, бахшида шудааст. Бевосита зимни омӯзиши матнҳои фолклорӣ бештар ба ҷанбаҳои забонии он, бахусус диалектизмҳои он, ки хосси гуфтугӯи мавзеъ ва минтақаҳои гуногун мебошад, дахл ва таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Муаллиф маводи нашршудаи эҷодиёти даҳанакии халқи Кӯлоб, аз ҷумла фолклори Сари Хосорро мавриди таҳлил ва таҳқиқу муқоиса қарор додааст. Муайян гардидааст, ки матнҳои фолклории Сари Хосор аз нутқи сокинони он маҳал айнан сабт шудаанд. Ва ин низом ё усул дар омӯзиши сохти забонии матнҳои фолклорӣ мусоидат менамояд. Дар мақола оид ба дараҷаи истифодаи калимаҳо ва шаклҳои он, бахусус диалектизмҳо дар фолклори Сари Хосор маълумоти мухтасар дода шудааст. Маълум гардидааст, ки калимаҳои лаҳҷавӣ қариб дар баробари калимаҳои забони адабӣ – умумихалқӣ дар матнҳои фолклорӣ истифода шудаанд. Аз омӯзиши масъалаи мазкур бармеояд, ки минбаъд мавриди таҳқиқ қарор додани забони фолклори маҳалҳо аз назари лингвофолклористӣ яке аз вазифаҳои забоншиносон маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: фолклор, Сари Хосор, забон, матн, назм, наср, драма, лингвофолклористика, суруд, рубоӣ, чистон, зарбулмасал, афсона.

СОДЕРЖАНИЕ И ЯЗЫКОВАЯ СТРУКТУРА ФОЛЬКЛОРНЫХ ТЕКСТОВ САРИ ХОСОРА

Данная статья посвящена проблеме совместного и одновременного изучения фольклора и его языка, которая является основной темой дискуссии лингвофольклористики. Непосредственно при изучении фольклорных текстов большое внимание уделяется их языковым аспектам, особенно их диалектам, которые характерны для речи разных мест и регионов. Автор проанализировал, исследовал и сопоставил опубликованные материалы устного творчества Куляба, в том числе фольклор Сари Хосара. Установлено, что фольклорные тексты Сари Хосара буквально записывались со слов местных жителей. И эта система или метод помогает в изучении языковой структуры фольклорных текстов. В статье дается краткая информация о степени употребления слов и их форм, особенно диалектизмов, в фольклоре Сари Хосора. Выяснилось, что диалектные слова употребляются в фольклорных текстах почти наравне со словами литературного языка. Из изучения данного вопроса следует, что дальнейшее исследование местного фольклорного языка с лингвофольклористической точки зрения является одной из задач лингвистов.

Ключевые слова: фольклор, Сари Хосор, язык, текст, поэзия, проза, драматургия, лингвофольклористика, песня, рубаи, чистон, пословица, сказки.

LANGUAGE CONTENT AND STRUCTURE FOLKLORE TEXTS OF SARI KHOSOR

The beginning of this article is devoted to the problem of joint, connected and simultaneous study of folklore and its language, which is the main topic of the discussion of linguistic folklore. Directly in the study of folklore texts, more attention is paid to its linguistic aspects, especially its dialects, which are characteristic of the speech of different places and regions. The author analyzed, researched and compared the published materials of the oral creations of the Kulob people, including the folklore of Sari Khosar. It has been established that the folklore texts of Sari Khosar were literally recorded from the words of the local residents. And this system or method helps in learning the linguistic structure of folklore texts. The article provides brief information on the degree of use of words and their forms, especially dialectisms in the folklore of Sari Khosor. It has become clear that dialect words are used in folklore texts almost along with the words of the literary language. It follows from the study of this issue that further research of the local folklore language from the linguological-folkloristic point of view is one of the tasks of linguists.

Key words: folklore, Sari Khosor, language, text, poetry, prose, dramaturgy, linguistic folklore, song, rubaiyat, chiston, proverb, fairy tales.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Насимов Нуриддин*** – н.и.ф., раиси Кумитаи иҷроияи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – «Пайванд». **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-77-88-99**

Сведения об авторе: ***Насимов Нуриддин*** – к.ф.н., председатель Испольнительного комитета Ассоциации таджиков и персоязычных народов мира – «Пайванд». **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-77-88-99**

Information about the author: ***Nasimov Nuriddin*** - candidate of philological sciences, chairman of the Executive committee Association of Tajiks and Persian-speakersof the world – «Payvand». **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave. 137. E-mail: **nuriddin-09101958 @mail.ru.** Phone: **(+992) 902-77-88-99**

УДК: 891.550

МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ҶАҲОНБИНӢ ВА ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Асозода Ҳотам Раҷаб
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Зиндагӣ ва осори яке аз намояндагони маъруфи илму адаби тоҷик дар асри XIV Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314-386) шуруъ аз замони зиндагиаш то кунун, дар давоми беш аз 700 соли охир, мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Дар ин замина асарҳои зиёде навишта шуда ва дар замина оид ба ҷаҳонбинии адиб низ андешаҳои мухталиф баён шудааст.

Роҷеъ ба ҷаҳонбинӣ, андеша ва осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сухан ронда, набояд фаромӯш созем, ки мутафаккир фарзанди замони хеш буд ва бешак фармонбари он идеологияе буд, ки дар ҷомеа ҳукмронӣ дошт. Бинобар ин, сарчашмаи асосии маърифатӣ барои ӯ, пеш аз ҳама, Қуръон ва аҳодиси набавӣ маҳсуб мегардад. Таҳлили осори безаволи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маълум менамояд, ки вай дар баёни таълимоти тасаввуфии хеш аз осору эҷод ва ғояҳои пешқадаму башардӯстонаи намояндагони машҳури ҷараёнҳои мухталифи адабу тасаввуф, аз қабили Абуҳомиди Ғаззолӣ, Шайх Фаридуддини Аттор, Абдуллоҳи Ансорӣ, Абусаиди Абулхайр, Ибни Арабӣ, Саноӣ, Наҷмиддини Кубро, Маҳмуди Шабистарӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Шайх Алоуддавлаи Симнонӣ, Умари Хаём, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва монанди инҳо хеле зиёд истифода намудааст.

Дар ибтидои роҳи сулук Алии Ҳамадонӣ равияи кубравияро зоҳиран ҳадаф қарор дода, дар инкишофу пешрафти он саҳм гузоштааст. Вале, дар асл, таҳлилу пешниҳодоти ниҳоят барҷастаю борикбинонааш ва афкори пешқадами ӯ аз равия ва талаботҳои таассуби мазҳабӣ болотар қарор доранд. Ин ҷо ёдоварии як байти Мавлоно Ҷомиро, ки як аср баъди ӯ гузаштааст, ба мақсад муносиб медонем:

Зи ҳафтоду ду миллат кард, Ҷомӣ, рӯ ба ишқи ту,
Бале, ошиқ надорад мазҳабе ҷуз тарки мазҳабҳо [20, с.56].

Ба қавли донишмандони диншинос, то имрӯз беш аз 70 равия, ҷараён ва мазҳабҳои гуногуни исломӣ арзӣ ҳастӣ мекунад. Пайравони ҳамаи он равияҳо яккаю ягона будани Аллоҳро қабул доранд, Ҳазрати Муҳаммадро ҳамчун пайғамбари охирзамон эътироф мекунанд, ба Қуръон чун китоби осмонӣ амал мекунанд, вале дар амал кардан ба мазҳабу равия ва ҷараёнҳои гуногун тақсим мешаванд. Ҳар кадом дар роҳи ба мақсади олӣ расидан ақидаю фаҳмиши хешро доранд ва роҳи интихобкардаи худро билкул ҳақ меҳисобанд. Дар натиҷа, ихтилоф, гуногунфикрию гуногунандешӣ ривоҷ ёфта, боиси пайдо шудани таассуби динӣ мегардад. Дар ин байн шахсиятҳои бузург, донишмандони оқилу доно, соҳибназарони нозукбину дурандеш тавассути ранҷу заҳмати зиёд, махсусан тақвою парҳезкорӣ, ба зинаҳои олии маърифати ҳастӣ мерасанд. Мақсаду мароми онҳо аз иҷрои талаботи зинаи маъмулии шариат болотар аст. Аҳкоми шаръии намоз, рӯза, закот ва ҳаҷро танҳо василаи ворид шудан ба биҳишт меҳисобанд. Онҳо аз Худованд танҳо дидори муборакашро тақозо доранд, биҳишту биҳиштиён барои онҳо он қадар мартабае надоранд. Аз ин ҷост, ки яке аз онон ба Холиқи худ рӯирост чунин арз мекунад:

Дар дӯзахам ар зулфи ту дар чанг ояд,
Аз ҳоли биҳиштиён маро нанг ояд.
В-ар бе ту ба саҳрои биҳиштам хонанд,
Саҳрои биҳишт бар дилам танг ояд [2, с.43].

Вақте ки тири муҳаббати маъшуқ дар қалби ошиқ асар кард, ӯ девонаю шайдои олами фонӣ мегардад. Пайи дарёфти маҳбуба ба дашту даман, кӯҳу саҳро ва амокини мухталиф сафар мекунад, то аз он нишоне ёбад. Ҳатто дар назари ошиқи содиқ масҷиду дайр, бутхонаю Каъба яксон аст. Ӯ зоҳиран ва ҷисман ба ин маконҳо қадам ранҷа мекунад, руҳан соҳиби Каъбаю масҷидро меҷӯяд, то ба дидори ҷаҳонорои ӯ мушарраф гардад. Ниҳоят, хитобан ба маъшуқаи худ доду фарёдкунон муроҷиат мекунад:

Эй тири ғамат бар дил ушшоқ нишона,
Халқе ба ту машғулу ту ғоиб зи миёна.
Ҳар кас ба забоне сифати наъти ту гӯяд,

Воиз ба сари минбару ошиқ ба тарона.
Гаҳ муҳтасиби дайраму гаҳ сокини масҷид,
Яъне, ки туро металабам хона ба хона.
Ҳоҷӣ ба раҳи Каъбаю ман толиби дидор,
Ӯ хона ҳамеҷӯяду ман соҳиби хона.
Мақсуди ман аз Каъбаю бутхона туӣ, ту,
Мақсуд тӯӣ, Каъбаю бутхона баҳона [9, с.324].

Дар ниҳоят, риёзат ва заҳматҳои бардавом ӯро ба соҳили мурод мерасонад ва бо шӯру шавқи руҳӣ ва дарёфти ҳузуру ҳаловати қалбӣ фарёд мезанад:

Ҳар ҷо, ҳама ҷо акси рухи ёр бубинам,
Девона наям ман, ки равам хона ба хона [9, с.324].

Ин ҳодиса воқеист. Инсон агар дар талаби ризои Холиқи худ саъю талош, шабзиндадориҳои бардавом, худсӯзию худафрӯзии муттасилу пайваста дошта бошад, бе ҳеҷ шакку шубҳа ба зинаи олӣ – ҳақиқати кулл мерасад, руҳаш бо Зоти мутлақ пайваст мешавад. Дар ин ҳолат дар симои мавҷудоти олам муъҷизаи илоҳиро мебинад. Ба қавли Саъдӣ:

Барги дарахтони сабз дар назари ҳушёр
Ҳар варақаш дафтарест маърифати Кирдгор [19, с.87].

Дар ин ҷараён муҳаббату шавқи илоҳӣ, дарки маърифати кулл дар қалби марди ориф он қадар ҷӯш мезанаду ба ғалаён меояд, ки ба ҷуз Худо чизе ё касеро намебинад. Ба ҳар куҷо, ба ҳар тарафе назар кунад, пеши назараш фақат чеҳраи Офаридгорро мебинад.

Расад одамӣ ба ҷое, ки ба ҷуз Худо набинад,
Бинигар, то чӣ ҳад аст мақоми одамият [19, с.49].

Муҳаббату шавқи илоҳӣ ошиқро шефтаю шайдои худ месозад, ба ваҷд меояд, ба оҳу фиғон ва нола медарояд, барои ӯ гармою сардӣ, обу оташ, торикию равшанӣ ҳама яксон аст, аз шиддати шавқи илоҳӣ ба рақси самоъ мегузарад ва ниҳоят, дар ин равиш баъзе ошиқон дар ҳолати бехудию шайдоӣ ҷон ба Ҳақ таслим мекунанд. Масалан, «Абулҳасани Нурӣ, қаддаса-л-Лоҳу сирруҳу, дар ҳолати ғалаботи ваҷд дар найистоне афтод, ки онро бурида буданд ва бехҳои он тез монда ва пойи бараҳна бар сари он рақс мекард, то рагу пӯсту гӯшту пойи ӯ ҳама бурида шуд ва дар он вафот ёфт ва ӯро аз он хабар набуд» [17, с.76].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мувофиқи ишораи Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ ва Ҳайдари Бадахшӣ дар солҳои охири назди Шайх Маҳмуди Маздаконӣ таълиму хизмат карданаш ба самоъ ҳамчун одат ва рафтори сӯфиёни дар роҳи ишқ фаногашта тамоюл дошт ва гоҳ-гоҳе ин амалро иҷро мекард. Ҳатто дар мавриде чунин ишора ҳам дорад: «Ҳар кӣ дар бидояти иродат ошиқи самоъ набошад, аз вай ҳеҷ коре барнамеояд» [5, с.270].

Боре муридаш Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ аз боби моҳият ва ақлу одоби самоъ аз пираш савол карда будааст. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чунин посух додааст: «Аз рӯйи шаръи исломи он бидъат аст ва нодуруст ва барои нопухтаҳо ва норасидаҳо ба куллӣ мамнуъ аст. Самоъ амрест, ки бидуни ихтиёр аз шиддати ҷазабот сар мегирад ва оташест, ки сӯзи шоҳу муҳаббати илоҳиро тезтар ва шуълавартар месозад» [5, с.273].

Тавре ки мушоҳида мешавад, Сайид Алии Хамадонӣ самоъ ва иҷрои онро дар ҳадди охири мақому мартабаи сӯфии шайдогашта муносиб медонад. Самоъро сохтан, ба таврӣ сунъӣ пайдо кардану иҷро кардан амали номатлуб, ҳатто норавою бидъат аст. Меҳру муҳаббати маъшуқа, ки дар қалб, ҷисму ҷони ошиқ кора кард, самоъ беихтиёр ҷисмро ба ларзиш меорад ва ошиқ ба он майл мекунад.

Мусаллам аст, ки аксари намояндагони илму адаби асрҳои миёна чун узви ҷомеа аз ихтилофот ва зиддиятҳои замон канора набуданд. Вақте ки риштаи сухан ба сӯйи равия, ҷаҳонбинӣ ва ақоиди ирфонӣ кашида шуд, бояд арз кард, ки Алии Ҳамадонӣ ҳамчун фарзанди замони худ дар ибтидо ба ин ё он равия алоқамандие дошт. Файласуфи тоҷик Н.М. Зокиров дар мақолаи худ «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва нақши ӯ дар тариқаи ирфонии Кубравия» ишора мекунад, ки кубравия ҳамчун равияи тасаввуфӣ дар асри XII-XIII аз тарафи Шайх Наҷмуддини Кубро (1145-1221) таъсис ёфта бошад ҳам, дар ривоҷу инкишофи он сӯфимаршабон Ҷурфонӣ, Исфароинӣ, Симнонӣ, Маздақонӣ, Ҳамадонӣ (манзур Алии Ҳамадонӣ –Ҳ.А.) Хатлонӣ (Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ – Ҳ.А.) дар асрҳои минбаъда хизмати шоиста карданд. Лоиқи тазаккур аст, ки ақидаҳои ҳикамии Алии Ҳамадонӣ дар ривоҷи равияи кубравия такрор ва тақлиди хушкухолии Наҷмуддин Кубро

набуда, балки андешаҳои ҳакимонаи худро дар либоси нав пешниҳод кардааст. Ин ҳодиса дар тамоми мактабҳои илмӣ, адабӣ, ирфонии гузаштагони мо дучор мешавад. Мирзо Абдулқодири Бедил дар ин бора чунин ишорае дорад:

Зи ҷоми Мавлавӣ гар ҷуръаат бахшанд, дарёбӣ,
К-аз ин майхона бӯи таблаи Аттор меояд» [8, с.55].

Поёнтар Н.М. Зокиров таъкид месозад: «Ҳамин тариқ, мактабҳои тасаввуфӣ тавонистанд, ки дар лаҳзаҳои бисёр вазнин ҳамроҳи мардум бошанд, инсонҳоро ба якдиливу ваҳдат ва сабр аз вазниниҳо даъват намоянд. Махсусан, вақте ки ба кишварҳои минтақа аҷнабиён ҳуҷум намуданд, осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ барин мутафаккирон мардумонро руҳу равони тоза мебахшиданд» [8, с57].

Муаррихон ва муҳаққиқон аслан ду амалеро боиси пастравии нуфузи кубравия медонанд: аз асрҳои XII ихтилофу зиддиятҳои равияҳои ихтилофангез хеле боло гирифт, инчунин, фаъолияти ҷараёни нақшбандия густариш ёфта, равияи кубравияро маҳдуд кард.

Воқеан, тарафдорони равияи нақшбандия халқро аз гӯшанишинӣ ва хилватгузинӣ берун кашида, ба ҳаёти воқеӣ наздик карда, дар муқобили шиори «Рӯ ба Ҳаққу пушт ба халқ» шиори ҳаётдӯстонаи «Дил ба Ёру даст ба кор»-ро талқин карданд. Ҳол он ки дар таълимоти равияи кубравия дар ибтидо дунёбезорӣ, дурӣ ҷустан аз ҳаёти моддӣ дар мадди аввал меистод.

Донишманди тоҷик А. Муҳаммадхоҷаев дар мақола “Футувват аз назари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ” бо овардани далелҳои боварибахш аз “Рисолаи Футувват” Алии Ҳамадониро намояндаи барҷастаи футувват дониста, андешаи хешро чунин баён намудааст: “Яке аз сифатҳои муҳимми аҳли футувват ин даъват кардан ба кору меҳнати ҳалол мебошад. Тавре ки маълум аст, аз ибтидои пайдоиши худ сар карда, мардумро ба омӯхтани касбу ҳунар даъват мекард. Беҳуда нест, ки аҳли футувват ҷамъиятҳои мухталифи ҳунармандӣ ташкил намуда, хар як узви онро барои андӯхтан ва аз худ намудани касбу коре ҳидоят менамуданд... Ин ҷиҳати бисёр ҳам муҳимми таълимоти ҷавонмардӣ ба инкишофи минбаъдаи тасаввуф ва хусусан, тариқаи нақшбандия таъсири муайяне расонида, ҷузви таркибии яке аз принсипҳои онро, ки иборат аз “ба зоҳир бо халқ ва ба ботин бо Ҳақ” мебошад, ташкил медиҳад” [10, с.18].

Бархе аз донишмандон, аз ҷумла М. Султонзода, чунин ақида доранд, ки сабаби мусофиратҳои Алии Ҳамадонӣ, аз як тараф, вазъи нооромии замон бошад, аз тарафи дигар, маҳз андешаҳои созиш надоштанаш ба ҳокимону шоҳони золиму ғосиб будааст: «Тибқи гуфтаҳои худи мутафаккир, ки дар осори шогирди ӯ Ҷаъфари Бадахшӣ нақл шудааст, ҳаёти нооором, муносибати нохуш ва гоҳо хасмонаи душманони ақидавиаш вайро водор намуданд, ки ватанро тарк созад» [13, с.89].

Олими америкоӣ Герҳард Боверинг ҳангоми баррасии ин масъала ва муайян кардани ақида ва ҷаҳонбинии Алии Ҳамадонӣ чунин ишора мекунад: «Шахсият ва андешаи Ҳамадонӣ ба як оҳанге аз тазод мушаххас мешавад, ки бар тачрибаи дин ва нигориши ирфониаш соя афкандааст. Ҳарчанд ӯ худашро аз аҳлофи содот дар назар гирифта ва дар маҷмуаи аҳодиси арабӣ ба Алӣ (а) ҷойгоҳи вижае додааст ва баъдҳо тавассути муридонаш ба Алии Сонӣ малаққаб шуд ва бо ин вуҷуд, тибқи маъмул, ба мазҳаби аҳли суннат эътиқод дошт ва мутаволиян ба яке аз ду мазҳаби аҳли суннат мутааллиқ буд, ӯ бо мазҳаби ҳанафӣ шуруъ кард, аммо баъд аз дидани руъё, ки дар он Имом Шофеӣ ва Ҳазрати Муҳаммад (с) мулоқот кард ва ба мактаби шофеӣ тағйири мазҳаб дод» [6, с.157].

Болотар ишора карда будем ва бори дигар таъкид мекунем, ки агар Алии Ҳамадонӣ побанди сахти ягон равияи махсуси мазҳабӣ мебуд, дар он солҳои мудҳишу пурташвиш ба амокине, ки он ҷо равияҳои гуногуни мазҳабӣ сукунат доштанд, сафар карда наметавонист.

Аз нигоҳи мо, Алии Ҳамадонӣ бо ҳама гуна равияҳои тасаввуфӣ ва мазҳабӣ муросо мекард. Намехост, ки худро побанди ин ва ё он равия сохта, оқибат қурбони таассуб ва ихтилофоти динию мазҳабӣ гардад. Аҳмад Ҳасани Донӣ ҳангоми сафари охирини худ ба шаҳри Кӯлоб (бори панҷум) хотироташро оид ба Алии Ҳамадонӣ чунин ҷамъбаст мекунад: «Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ориф, шоир, мутафаккир, сарвари оқил мураббии дурандеш, пуштибони мардуми ранҷбар буд ва мусулмонони ҷаҳонро сабақ медод: дарси муҳаббат, дарси ваҳдат ва эътиқод» [7, вар. 24].

Ӯ дар зиндагӣ чун занбӯри асал буд, ба ҳар мулке, ки мерафт, аз гулистони он макон шираи беҳтарин гулро бо худ гирифта, захира мекард, то нӯшдоруи ҷовидоние барои аҳли башарият омода сохта, эҳдо намояд ва ояндагон аз он лаззати маънавӣ бардоранд.

Алии Ҳамадонӣ дар муносибат ба дину оин, мазҳабу равияҳои гуногуни замон сад дар сад тарафдор ва давомдиҳандаи ақидаҳои ҳакимонаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мебошад:

Худо хоҳад зи банда бандагиро,
Расул хоҳад зи уммат пайравиро…
Машав ҳеҷ гоҳ муъмини забонӣ,
Ки андар нори дӯзах дарнамонӣ.
Машав сӯфию мулло, Шайхи Канъон,
Мусулмон шав, мусулмон шав, мусулмон [10, с.457].

«Мусулмон»-и мавриди назари Мавлоно ва Алии Ҳамадонӣ шахсест, ки «аз даст ва забони ӯ касе озор намеёбад», ҳамеша дар такопӯ ва ишқу муҳаббати Холиқи худ волаю шайдост. Алии Ҳамадонӣ тарбияи маънавии инсони комилро ҳамчун рукни боэътимоди ташаккули шахсият ниҳоят муҳим шуморида, одамонро ба иҷрои амалҳои солеҳ, аз қабили раиятпарвариву инсондӯстӣ, саховатмандию хайрхоҳӣ, дур будан аз манҳиёт: кизбу дурӯғ, наммомӣ ва ғаммозӣ, фоҷирию бадахлоқӣ, кибру ғурур, рибо ва муфтхӯрӣ давъат менамояд. Шахсияте, ки ин ду мутафаккир меписанданд, тафохуру танпараст нест, балки шикастаю рехта, сӯхтаю афгор аст, ҳамеша дар ҳолати хушъ, тақвою парҳезкорӣ бо чеҳраи зарду ҷигари садпора амал карда, фақат висоли Ҳақро мақсади олии худ қарор додааст:

Мо ошиқи ишқему мусулмон дигар аст,
Мо мӯри заифему Сулаймон дигар аст.
Аз мо рухи зарду ҷигари пора талаб,
Бозорчаи қасабфурӯшон дигар аст [10, с.38].

Воқеан, ислому мазҳаби Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ниҳоят асил, беолоиш ва поку муназзаҳ буда, комилан ба фармудаи Қуръон ва суннати Расули Акрам (с) мувофиқ буд. Ӯ дар ҳама мавридҳо ситезакорӣ, тундгароӣ, ҷаҳолату кибру манманӣ ва дигар унсурҳои ахлоқи замимаро маҳкум карда, сабру таҳаммул, тамкину дурандешӣ, рафоқату самимиятро азиз медонад ва тарғиб менамояд.

Донишмандони дигар ва пешгомони сиёсат низ ба бартарии ҷаҳонбинӣ ва таълимоти ахлоқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таъкид карда, истифода аз андешае ва орои ӯро шарти муҳимми танзими ахлоқии ҷомеаи муосир донистаанд. Дар ин бора, аз шумори донишмандон, хулоса ва андешаҳои оқилонаи Муҳаммад Ҷаъфари Ранҷбар қобили ёдоварист: «То ҷое ки чун нигоранда бештар аз 50 асари Ҳамадониро мутолиа ва таҳлил намудам, дар тамоми осор ва навиштаҳояш як навъ руҳи таомул, ваҳдат ва ихлос миёни шохаҳо ва фирқаҳои исломӣ дида мешавад. Дар ҳеҷ маврид навишта ва назаре, ки аз он бӯйи тазод(д)у тафриқа ояд, дида намешавад. Ҳамадонӣ бо ҳамин вижагиҳои оливу илмӣ, ахлоқиву маънавияш дар шароити буҳронии имрӯз метавонад сармашқи хуб барои пайванд ва наздикии кишварҳо ва ақидаҳои мусулмонон бошад» [14, с.22].

Пас, мо бояд суханони арзишманди бузургони гузашта, хусусан, Мир Сайид Алии Ҳамадониро сабақи зиндагӣ ва фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор дода, ба он бикӯшем, ки ҳеҷ гуна ихтилофу низоъҳои мазҳабӣ дар ҷомеаи имрӯза дастболою пештоз набошанд, роҳ надиҳем, ки тафриқаандозон бо шиорҳои ифродгаронаи худ шаҳрвандон, хусусан ҷавононро, ба кӯчаҳои сарбастаи гумроҳӣ баранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ, дар Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (5 сентябри соли 2015 дар ш. Душанбе) бо нигаронӣ аз хурӯҷи равияҳои тундгаро дар кишвар изҳори ақида карда, ба аҳли ҷомеа рӯ оварда, гуфта буд: «Дар шароите, ки равияҳои тундгаро ва низоъҳои динниву мазҳабӣ дар баъзе манотиқи дунё торафт вусъат меёбанд, ақидаҳои мутафаккирони гузашта, амсоли Амири Ҳамадонӣ арзиши бештар пайдо мекунад. Аз ин рӯ, зиёиён ва олимону донишмандон, уламои динӣ ва аҳли ҷомеаро зарур аст, ки дар асоси андешаҳои ҳакимонаи ин қабил донишварон ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти хурофотпарастӣ, экстремизму терроризм ва дигар падидаҳои нангин садо баланд кунанд ва дар зеҳни мардум, хусусан наврасону ҷавонон, ташаккул додану решадор сохтани ғояҳои

инсондӯстӣ, таҳаммулгаронӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими вахдати миллӣ мунтазам кор кунанд» [15, с.263].

Ҳамин тавр, аз барасиҳои боло чунин натиҷаи умумӣ ба даст меояд, ки сарчашмаи асосии таълифоти Мир Сайид Алии Ҳамадониро, пеш аз ҳама, маорифи исломӣ, Қуръон ва аҳодиси набавӣ ташкил медиҳад. Инчунин, аз мутолиаи осори адиб ва равиши маърифатиаш маълум мешавад, ки ӯ дар ибтидо ҳамчун солик ва минбаъд чун муршиди комил дар омӯхтан ва тарғиби таълимоти тасаввуф нақши муҳим гузоштааст. Аммо то ба як тариқи муайян касб кардани равиши маърифатӣ тачрибаҳои дигареро ҳам пушти сар гузоштааст. Дар ибтидои роҳи сулук вай равияи кубравияро ҳадаф қарор дода, дар инкишофу пешрафти он саҳм гузоштааст. Солҳои охири назди Шайх Маҳмуди Маздақонӣ таълиму хизмат карданаш ба самоъ, ҳамчун одат ва рафтори сӯфиёни дар роҳи ишқ фаногашта, тамоюл дошта ва гоҳ-гоҳе ин амалро ичро мекард. Инчунин, аз мутолиаи осори Алии Ҳамадонӣ ошкор мегардад, ки вай дар як қатор асарҳояш талаботи равияи нақшбандияро низ тарафдорӣ карда, ба нукоти асосии он таваҷҷуҳ доштааст.

Муқарриз: М.Нарзиқул – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абусаъид, Абулхайр. Осори тавҳид [Матн] / Абусаъиди Абулхайр. – Теҳрон, 1361. – 406 с.
2. Абусаъид, Абулхайр. Суханони манзум [Матн] / Абусаъиди Абулхайр. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи устод Саъид Нафисӣ. – Теҳрон, 1376. – 200 с.
3. Ансорӣ, Абдулло. Муноҷот ва илоҳинома [Матн] / Абдуллои Ансорӣ – Теҳрон, 1378. – 320 с.
4. Азкоӣ, Парвиз. Мири Ҳамадон [Матн] / Парвизи Азкоӣ. – Ҳамадон, 2015. – 513 с.
5. Бадахшӣ, Нуриддин Ҷаъфар. Хулосат-ул-маноқиб [Матн] / Нуриддин Ҷаъфар Бадахшӣ. Ба тасҳеҳи доктор Сайида Ашраф Зафар. – Исломобод: Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон, 1374/1995. – 303 с.
6. Боверинг Герхорд. Машоҳир ва фарехтагон (ричоли мазҳабӣ) [Матн] / Герхорд Боверинг. Тарҷума ва таҳқиқи Ҷамшед Ҷалолии Шайҷонӣ. www. Arianica.com/encyclopedia/58
7. Дафтари хотироти меҳмонони Осорхонаи мероси адабӣ ва осори хаттии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, шаҳри Кӯлоб, соли 1995.
8. Зокиров, Н.М. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва нақши ӯ дар тариқаи ирфонии кубравия [Матн] / Н.М Зокиров // Ахбори ИФСҲ ба номи А. Баҳовадинов АИ. – 2015. – №3. – С.54-58.
9. Ирокӣ, Ф. Куллиёти девони Шайх Фахриддин Иброҳими Ҳамадонӣ мутахаллис ба Ирокӣ [Матн] / Ф. Ирокӣ. Муқаддимаи устод Саъид Нафисӣ, ҳавошии М. Дарвеш. – Теҳрон: Созмони интишороти ҷовидон, 1362. – 448 с.
10. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ. Куллиёти Шамси Табрезӣ [Матн] / Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти «Нигоҳ», 1372. – 1481 с.
11. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ. Маснавии маънавӣ. Бо ҳафт китоби нафиси дигар [Матн] / Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхӣ. – Кобул, 1362. – 662 с.
12. Муҳаммадхоҷаев, А. Футувват аз назари Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ [Матн] / А. Муҳаммадхоҷаев // Ахбори Академияи илмҳои ҶТ. Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқшиносӣ. – 1994. – №1. – С.16-20.
13. Ранҷбар, Муҳаммад Ҷаъфар. Муаррифи ва аҳаммияти мактубот ва рисолаҳои Ҳамадонӣ дар ин чоп [Матн] / Муҳаммад Ҷаъфари Ранҷбар. – Душанбе: Китобхонаи устод Халилуллоҳ Халилӣ, 2015. – 262 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор [Матн]. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.
15. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Захират-ул-мулук [Матн] / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ– Лоҳур. 1905. – 307 с
16. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – Шоҳи Ҳамадон [Матн] / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷ 1. Таҳия, тасҳеҳ ва тавзеҳоту сарсухани Моҳирхуҷа Султонзода. – Душанбе Ирфон, 1994. – 160 с.
17. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Захират-ул-мулук [Матн] / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Таҳиягарон Асоев Ҳ, Турдиев Қ. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 340 с.
18. Ҳамадонӣ, Мир Сайид Алӣ. Ганҷи ирфон. Ҷилди якум [Матн] / Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Таҳия, тавзеҳот ва шарҳи луғот. Моҳирхӯҷа Султонзода, Ҳотам Асозода, Қувваталӣ Турдиев. – Душанбе: Ирфон, 2015. - 379 с.
19. Шерозӣ, Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ. Куллиёт бо тарҷумаи қассоиди арабӣ [Матн] / Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ Шерозӣ. Бо муқаддимаи Аббос Иқболи Оштиёнӣ. – Теҳрон. 1381 ш. – 1018 с.
20. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Ғазалиёт [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе, 1974. – 564 с.

МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ҶАҲОНБИНӢ ВА ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Дар мақола оид ба ҷаҳонбинӣ ва таълимоти ахлоқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314-1386) таҳқиқ сурат гирифтааст. Мақсади аслии муаллиф таҳқиқи ҷанбаҳои асосии андеша ва орои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мебошад. Аз мутолиаи осори адиб ва равиши маърифатиаш маълум мешавад, ки ӯ дар ибтидо ҳамчун солик ва минбаъд чун муршиди комил дар омӯхтан ва тарғиби таълимоти тасаввуф нақши муҳим гузоштааст. Аммо то ба як тариқи муайян касб кардани равиши маърифатӣ тачрибаҳои дигареро ҳам пушти сар гузоштааст. Дар ибтидои роҳи сулук вай равияи кубравияро ҳадаф қарор дода, дар инкишофу пешрафти он саҳм гузоштааст. Солҳои охири назди Шайх Маҳмуди Маздақонӣ таълиму хизмат карданаш ба самоъ,

ҳамчун одат ва рафтори сӯфиёни дар роҳи ишқ фаногашта, тамоюл дошта ва гоҳ-гоҳе ин амалро иҷро мекардааст. Аз мутолиаи осори Алии Ҳамадонӣ ошкор мегардад, ки вай дар як қатор асарҳояш талаботи равияи нақшбандияро низ тарафдорӣ кардааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки мо бояд суханони арзишманди бузургони гузашта, хусусан, Мир Сайид Алии Ҳамадониро сармашқи кори худ дар зиндагӣ ва фаъолияти ҳамарӯзаи хеш қарор дода, кӯшиш ба харҷ диҳем, ки ҳеҷ гуна ихтилофу низоъҳои мазҳабӣ дар ҷомеаи имрӯза дастболою пештоз набошанд. Инчунин нагузорем, ки тафриқаандозон бо шиорҳои ифротгаронаи худ шаҳрвандон, хусусан ҷавононро, ба кӯчаҳои сарбастаи гумроҳӣ талқин намоянд.

Калидвожаҳо: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ҷаҳонбинӣ, таълимоти ахлоқӣ, тасаввуф, нақшбандия, кубравия.

РАЗМЫШЛЕНИЯ О МИРОВОЗЗРЕНИИ И НРАВСТВЕННОМ УЧЕНИИ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

В статье исследуются мировоззрение и нравственное учение Мир Сайида Али Хамадани (1314-1386). Основной целью автора является исследование основных аспектов мысли и стиля Мир Сайида Али Хамадани. Из чтения произведений писателя и его образовательного подхода становится ясно, что он сыграл важную роль в изучении и продвижении учений суфизма вначале как салик, а затем как совершенный учитель. Однако он оставил позади другие переживания, прежде чем приобрести когнитивный подход. В начале пути сулук он нацелился на кубинское течение и способствовал его развитию и прогрессу. В последние годы его учение и служение у шейха Махмуда Маздакани тяготели к Сама как к привычке и поведению суфиев на пути любви, и время от времени он совершал это действие. Из чтения работ Али Хамадани становится понятно, что он также поддерживал требования стиля живописи в ряде своих работ. Автор приходит к выводу, что мы должны использовать ценные слова великих людей прошлого, особенно Мир Сайида Али Хамадани, как руководство для нашей работы в нашей повседневной жизни и деятельности, и стараться, чтобы не было никаких религиозных различий и конфликтов в современном обществе. Также давайте не позволим раскольникам своими экстремистскими лозунгами завести граждан, особенно молодежь, на тупиковые пути заблуждений.

Ключевые слова: Мир Сайед Али Хамадани, мировоззрение, нравственные учения, суфизм, Накшбандия, Кубравия.

REFLECTIONS ON WORLD VIEW AND MORAL TEACHING MIR SAYYID ALI HAMADANI

The article explores the worldview and moral teachings of Mir Sayyid Ali Hamadani (1314-1386). The main goal of the author is to study the main aspects of the thought and style of Mir Sayyid Ali Hamadani. From reading the writings of the writer and his educational approach, it becomes clear that he played an important role in the study and promotion of the teachings of Sufism, first as a salik, and then as a perfect teacher. However, he left behind other experiences before acquiring a cognitive approach. At the beginning of the path of the Suluk, he set his sights on the Cuban current and contributed to its development and progress. In recent years, his teaching and service to Sheikh Mahmoud Mazdakani gravitated towards Sama as a habit and behavior of the Sufis on the path of love, and from time to time he performed this act. From reading the works of Ali Hamadani, it becomes clear that he also supported the requirements of the style of painting in a number of his works. The author comes to the conclusion that we should use the valuable words of the great people of the past, especially Mir Sayyid Ali Hamadani, as a guide for our work in our daily life and activities, and try to ensure that there are no religious differences and conflicts in modern society. Also, let's not allow the dissenters to lead citizens, especially young people, into dead-end paths of delusion with their extremist slogans.

Key words: Mir Syed Ali Hamadani, worldview, moral teachings, Sufism, Naqshbandiya, Kubravia.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асозода Ҳотам Раҷаб*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, докторанти кафедраи таърихи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(++92) 931-63-37-45**

Сведения об авторе: ***Асозода Хотам Раджаб*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры истории таджикской литературы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(++92) 931-63-37-45**

Information about the author: ***Asozoda Hotam Radjab*** – Tajik National University, Candidate of Philology, Doctoral Candidate of the Department of History of Tajik Literature. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone.: **(++92) 931-63-37-45**

УДК: 891.550:891.55

ҶОЙГОҲИ НАҚДИ МАЪРИФАТИВУ АХЛОҚӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРСИ АСРҲОИ XVI-XVII

Маҳмадшоев М.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Осори бадеӣ барои тамоми қишри ҷомеа, ки аз намояндагони табақаҳои гуногун ва дорои ақидаву ҷаҳонбинӣ, идроку фаҳмиш, шавқу завқи ҳархела иборатанд, арзишу аҳамияти баробар надоранд ва ба ҳамаи онҳо таъсири якранг расонида наметавонанд. Аз ҳар як асари бадеӣ намояндагони гурӯҳҳои мухталиф бардошту хулосаи гуногун бароварда метавонанд ва табиист, ки муносибаташон ҳам аз ҳамдигар метавонад ба таври куллӣ фарқ дошта бошад. Масалан, агар як хонанда шефтаи маонии бикр бошад, дигаре мафтуни вусъату баландии афкор аст. Як қисми суханварон ба масоили ақидавию идеологӣ эътибори ҷиддӣ додаанд. Боз иддае ба иншои мавзуъҳои таърихиву иҷтимоӣ майл дошта, нафароне ба талқини зебоипарастӣ, гурӯҳе дар тасвири ҳолатҳои руҳиву равонии инсон чирадаст будаанд, ҳатто барои муассирии осори хешро таъмин намудан тасвири ҳаёти ҷонварону манзараҳои зебои табиатро низ ҷоиз донистаанд, ки мисолашро дар адабиёти ҳар халқу миллат ба таври фаровон метавон пайдо намуд.

Ҳамин фаҳмиши гуногун бобати дарки осори адабӣ ва мавҷудияти ихтилофу зиддиятҳо низ боиси пайдоиши ихтилофи назар дар равишу шеваҳои нақди адабӣ гардидааст. Оиди ин масъала Абдулҳусайни Зарринкӯб менависад: “Нақди адабӣ то кунун асосу қивоме наёфтааст ва бар пояи бунёди дурусте қарор нагирифтааст...” [6, с.29], зеро тибқи андешаи ин муҳаққиқи мумтоз то ҳол аз байни ҳама равишу шеваҳои басо афзуни наққодӣ дурусттарину дақиқтарин барчида нашудааст.

Тибқи хулосаи Зарринкӯб сабабҳои дигаре низ мавҷуданд, ки боиси пайдоишу ривоҷи равияву шеваҳои мухталиф дар наққодиву сухансанҷӣ гардидааст, амсоли таъсири мазҳабҳо ва таълимоту ақоиди фалсафӣ дар “тарзи фикр ва наҳваи андешае, ки ноқидону сухансанҷон дар мавриди арзиши осори адабӣ доштаанд” ва “ҳар маслаку машраби фалсафӣ ҷамъе аз мунаққидонро ба равишу шеваи дигар ҳидоят кардааст” [6, с.65].

Дар осори суханварони адабиёти асрҳои XVI-XVII навъҳои гуногуни наққодӣ, амсоли нақди ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, таърихӣ, ноқидии шуаро, нақди фаннӣ корбаст шудаанд, ки ин ҷо мехоҳем ба тариқи мухтасар бобати нақди ахлоқӣ, ки дар осори аксари суханварони адабиёти тоҷику форс мавқеи хосса дорад, ибрози андеша намоем.

Дар таърихи адабиёти мо ин навъи нақд собиқаи тулонӣ дошта, он дар нахустин тазкираи форсӣ “Лубоб-ул-албоб” ба назар мерасад. Нақди Авфӣ якнавохт сурат гирифта, аз ашъори шоирон натиҷагирӣ мекунад. Пас аз он Давлатшоҳи Самарқандӣ дар “Тазкират-уш-шуаро” ин навъи нақдро таҷриба кардааст. Тазкираи ӯ бо он ки аз назари таърихӣ на он қадар арзишманд аст, аммо аз назари нақд бисёр сареҳтар ва пешрафтатар нисбат ба “Лубоб-ул-албоб” мебошад.

Аз муҳимтарин тазкираҳои даврони мадди назари мо, тазкираи “Туҳфаи Сомӣ”-и Соммирзои Сафавӣ мебошад. Вай дар нақдҳояш бисёр мушаххас ва рӯирост андешаронӣ намудааст. Сомммирзо, чунон ки ишора кардем, нисбат ба шахсияти ахлоқӣ ва иҷтимоии шоирон ҳассосияти вижае дорад. Аз назари ӯ фазилати ахлоқӣ дар камолоти суханвар нақши муҳимме дорад. Вай дар ҷо ҷойи тазкираи худ вақте ба шарҳи ҳоли шоирони ҳаҷвсаро ва бадзабон мепардозад аксар чунин мегӯяд: “Ин китобро ҷойи зикри абёти онҳо нест”. Ва навиштани чунон абёти бемояе мояи бешармӣ ва беҳаёӣ аст [7, с.70].

Риояти иффати калому адаби ин шоҳзодаи сафавӣ дархӯри таваҷҷуҳ аст, ҳол он ки ағлаби тазкиранависони дигар аз эроди абёти мустаҳҷин боке надоранд ва онро мояи танаввуи тазкираи худ медонанд.

Порае аз изҳороти вай ба вуҷуди равобити нодуруст ва носолими ахлоқӣ дар миёни шоирон ишора дорад. Аз ҷумла он ки дар бораи Зулолии Табрезӣ навиштааст: “Дар соҳибҳуснӣ шоир шуд ва шеъри ӯро мадад мекарданд, лоҷарам чун ришаш сар зад, дигар аз шеър дам назад, охир поймоли истихфоф шуд. Ба хафофӣ (кафшдӯзӣ) иқдом менамуд [7, с.160]. Ва ё дар бораи Шӯхии Яздӣ чунин овардааст: “Дар маҳалле, ки ҷамолаш дар

мартабаи камол буд, майли шоирӣ кард ва аз шоирон ҳар кас аз ошиқонаш шеър ба номи ӯ мегуфтанд ва ӯ гирд мекард. Ин матлаъ аз он ҷумла аст:

Дар воқеа дидем, ки шуд ёр парешон,
Гаштем аз ин воқеа бисёр парешон" [7, с.190].

Вожаҳои "адаб" ва "адабиёт", ки маонии зиёди луғавию истилоҳӣ доранд, дар фарҳангҳои тафсирӣ ҳар гуна шарҳ дода шудаанд. Дар "Луғатнома"-и Деҳхудо ин вожаҳо хеле муфассал шарҳ ёфтаанд [4, с.1552-1557], ки ин ҷо танҳо ду тафсири ин калимотро меорем: адаб иборат аст аз шиносии чизе, ба воситаи он эҳтироз мешавад аз тамоми хато; ба кор салоҳ будан, андозаву ҳадди ҳар чизро нигоҳ доштан, ки Ҳилолӣ дар байти зерин айни ҳамин маъниро баён намудааст:

Адаб хоҳӣ, зи ҳад берун манеҳ пой,
Зи ҳар ҷониб, ки ҳастӣ, дар миён ой [12, с.436].

Дар собиқаи тӯлонии адабиёти тоҷикӣ-форсӣ адиберо пайдо намудан ғайриимкон аст, ки хислатҳои ҳамидаро ситоишу рафтори ношоистаро мазаммат накарда бошад. Ба ибораи дигар, ба мавзуи ахлоқӣ даст назадаву афкори баланди тарбиявиро ситоиш накарда бошад.

Таълифи асарҳои зиёди тарбиявию ахлоқӣ, ҳамчунин дар қасидаву қитъаву ғазал барин жанрҳои адабӣ ифода шудани андешаи ҳамидаи инсонӣ дар эҷодиёти ҳамаи адибони классикиву муосир далели гуфтаҳои болоӣ шуда метавонанд. Яъне, дар ин ҷода халқи тоҷик соҳиби таҷрибаи ғанӣ, роҳу равиш, нигоҳ, анъана ва суннатҳои хосси миллӣ мебошад.

Намояндагони равияи нақди ахлоқӣ ба ҳамин масъала эътибори аввалиндараҷа дода, арзиши ахлоқиро шарти асосӣ ва аслии қоидаи наққодӣ донистаанду осоре, ки пайвастагии амиқ бо ахлоқ дошта бошад, гарм истиқбол намуда, ситоиш мекардаанд ва ҳар асаре, ки хилофи ахлоқи ҳамида бошад, накуҳиш менамудаанд. Абдулҳусайни Зарринкӯб оид ба ин равиши наққодӣ андешаронӣ намуда, менависад: "Бисёре аз хирадмандони гузашта бар он будаанд, ки ҳунар бояд тобеъ ва пайрави ахлоқ бошад ва агар аз ҳудуди ахлоқ таҷовуз кунад, бад ва нописанд хоҳад буд" [6, с.67]. Муҳаққиқ барои исботи андешаҳояш афкори файласуфону мутафаккирон, аз ҷумла, Афлотун, Арасту, Дидро, Ҷонсон, Толстойро меорад, ки "шеъру мусиқиву ҳунарро афрозу василае ҷиҳати тазкияи ахлоқ донистаанд" [6, с.67].

Воқеан, баромадан аз доираи ахлоқ дар ҳама давру замон боиси накуҳиши суханварони ҳиҷогӯву жожхой гардида, на танҳо боиси коста шудани обрӯву эътибори адиб, балки сабабгори дилмондагии аъзои ҷомеа аз шеъру шоирӣ гардида метавонад ва ин ҳол метавонад ба рақибони шеъру адабиёт иҷозаи умуман маҳкум намудани шеъру шоирро дода ва ҳатто ба қавли Фрэнсис Бэкон шеърро **"ғизои шайтон" ва "мояи ғавоиту залол"** ҳисобад [14, с.70].

Он гуна ки дар боло ишора намудем, тору пуди адабиёти классикии моро баёни афкори тарбиявию ахлоқӣ ташкил медиҳад гӯем ҳам, муболиға нахоҳад шуд, зеро аз устод Рӯдакӣ то адабиёти муосир ин яке аз мавзуъҳои меҳварии адабиёти тоҷику форс ба ҳисоб меравад. Дар осори бузургони адабиёти тоҷику форс новобаста ба давру замон ва муҳити сиёсиву иҷтимоӣ, хислатҳои ҳамида амсоли тавозуъ, ҳилм, накурафториву накугуфторӣ, ростиву вафодорӣ, ҳиммatбаландиву ҷуду сахо, сабр, қаноатмандӣ, кам гуфтану кам хӯрдану кам хуфтан ва монанди инҳо ситоишу тарғиб шудаву хислатҳои разила, амсоли кибр ғурур, тамаъ, бухл, суханчинӣ, кизбу каззобӣ, махсусан мардумозориву ситамгорӣ, ҳасад, рашк, танпарварию пургӯиву пурхӯрӣ, сахт мазаммат карда шудаанд.

Осори ифодакунандаи ин гуна афкор дар ҳама давру замон талабгору ҳаводору харидорони худро дошт ва хоҳад дошт, ҳатто баъзе андешаҳои ахлоқии гузаштагон шояд аз сабаби ниҳоят зиёд тарғибу ташвиқ шудан, ки ин ҳол аз гиромидошту қадршиносии амиқ гувоҳӣ медиҳад, ба моли мардум табдил ёфтаву аз тарафи хоссу ом васеъ мавриди истифода қарор гирифтааст ва адибони машҳури моро ба номи "муаллими ахлоқ" ном бурдаанд.

Намояндагони адабиёти асрҳои XVI-XVII Камолиддин Биноӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Шавкати Бухороӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Нозими Ҳиротӣ, Мутрибии Самарқандӣ, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Малеҳои Самарқандӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Нозими Миёнколӣ дар ашъорашон ахлоқи ҳамидаро ситоиш намуда, хислатҳои номақбулро мазаммат намудаанд, ки аз тарафи муҳаққиқону мунаққидону оммаи васеи хонандагон хуш пазируфта шудаанд ва маҳз андешаҳои созандаи ахлоқиашон боиси маҳбубияташон гардидааст.

Бадомӯзи ҳавас ошиқ нагардад,
Намеояд зи гулчин боғбонӣ! [13, с.142].

Дар адабиёти ин давра иншо шудани осори ахлоқӣ монанди “Беҳрӯз ва Баҳром”-и Биноӣ, “Сифот-ул-ошиқон”-и Ҳилолӣ, ҳамчунин дар дигар жанрҳои адабӣ, амсоли ғазалу қитъа, қасидаву мухаммас ба таври фаровон гуфта шудани афкори ахлоқӣ, ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат арзёбӣ шудани осори адибон далели дар ҳоли рушд будани нақди ахлоқии аҳди мазкур аст.

Тавозӯъ кун, ки ёбӣ арҷмандӣ,
Фурӯтан шав, ки бинӣ сарбаландӣ! [12, с.440].

Академик Абдулғанӣ Мирзоев доир ба мавзуи ахлоқӣ дар эҷодиёти Биноӣ мулоҳизаронӣ намуда мегӯяд: “Масъалаҳои ахлоқиро мумкин аст дар тамоми қисматҳои назму насри шоир дучор кард, вале маснавии “Беҳрӯзу Баҳром”-и ӯ дорои аҳаммияти хоссаест. Дар ин асар на ин ки қисматҳои асосии фикрҳои табиявӣ-ахлоқии дар дигар осори худ баёнкардаи Биноӣ вусъат пайдо кардаанд, балки беҳтарин фикрҳои тарбиявии таълимоти ахлоқии асрҳои X-XV тоҷик як навъ шакли ҷамъбастшавиро қабул намуда ва такмил ёфтаанд” [2, с.5].

Дар баробари ин, дар эҷодиёти баъзе адибон гоҳо ҳиҷогӯиву ҳазлҳои бепарда низ ба назар мерасад, ки бар хилофи назари ахлоқии суханварони даврони мазкур будааст. Намунаи баъзе аз ҳамин гуна ҳиҷогӯиҳо дар “Латоиф-ут-тавоиф”-и Фахриддин Алии Сафӣ [10] оварда шудааст. Мавсуф дар асари хеш аз ҳиҷогӯии Убайди Зоконӣ, ки боиси накуҳиши Салмони Совачӣ гардидаву ӯро ҳачв намудааст, ёдовар шуда, дар ин бобат ҳикоятеро нақл намудааст [10, с.166].

Дар ин ҳикоят ҳарчанд миёни Убайди Зоконӣ ва Салмони Совачӣ ҳамдигарфаҳмиву муросо қаламдод шудааст, баҳои Фахриддин Алии Сафӣ муҳим аст, ки Убайди Зокониро **ҳачвгӯӣ бемуҳобо** ва дар **ҳаззолӣ беҳаё** номидааст, ки худ нишонаи қобили қабул набудани ин навъ ашъор будааст.

Мувофиқи маълумоти сачашмаҳои таърихиву адабӣ намояндагони адабиёти асрҳои XVI-XVII дар ашъорашон ҳачву ҳиҷогӯӣ низ кардаанд. Тибқи ахбори тазкиранигори ин аҳд Соммирзо суханварон Мавлоно Мурод, Мавлоно Ҳусайнӣ, Мавлоно Ҳайронӣ, Мирами Сиёҳ аз ҷумлаи ашхоси зикршуда мебошанд.

Воқеан, шахс дар бораи мутоибаҳову ҳачвҳои бешармонаву ҳиҷогӯии адибони гуногун, ки дар бораи осори онҳо дар тазкираҳои асрҳои мазкур маълумот оварда шудааст, сухан ронданӣ шавад, ноилоҷ ҷумлаи Соммирзоро истифода бурда **“овардани он лоиқи ин варақ нест”** мегӯяд, ки ҳамин ҳол далели қобили қабул набудани ин гуна ашъор аст. Ин гуна ашъор шояд дар замони зиндагии муаллифон дар маҷолиси хосса баҳри хандаву дилхушӣ гуфта мешуданд ва то андозае шуҳрат ҳам пайдо карда буданд, аммо чун дар даврaҳои минбаъда касе ин гуна ашъорро тарғибу ташвиқ накардааст, ба коми фаромӯшӣ фурӯ рафтанд ва шояд ба ҷуз аз муҳаққиқони осори муаллифон аксарият аз мавҷудияташон огоҳӣ ҳам надошта бошанд.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо сабаби ба ҳиҷогӯӣ рағбат кардани шоирон пайвандии онҳо ба ҷамоаи ҷавононе, ки ҳачву масхараи якдигар, ё гурӯҳҳои мухолифашон бо истифодаи алфози аз доираи одоб берун шуғл меварзидаанд, будааст. Дар ин бора муаллифони китоби “Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои аср XX” чунин навиштаанд: “Сабаби дар ҷавонӣ пайваста ба гуфтани шеърҳои ҳачвию мутоибавӣ машғул гардидани Мушфиқӣ ва дар ин давра ба вуҷуд омадани девони махсуси ҳачвиёти ӯ, чунон ки дар боби тарҷумаи ҳоли шоир ишора рафт, робитаи наздики ӯ бо тоифаи **лавандон** будааст. Чунон ки ҳачвнависи соҳибзавқи асри XII Сӯзании Самарқандӣ айёми таҳсили худ дар мадрасаи Бухоро бо тоифаи лавандон алоқа пайдо карда, ба ҳиҷогӯиву мутоибапардозӣ шуруъ карда буд, Мушфиқӣ низ дар солҳои таҳсил таҳти таъсири тоифаи мазкур афтода мувофиқи завқ ва талаботи онҳо истеъдоди шоирии худро бештар ба ҳачви шахсони ҷудогона равона кардааст [13, с.68].

Ҳамин тариқ, пас аз баррасии мухтасари яке аз навъҳои маъмул ва серистифодаи нақди адабии адабиёти асрҳои XVI-XVII ба хулосае омада метавонем, ки нақди ахлоқӣ яке аз қадимтарин шеваи наққодӣ буда, риояи арзиши ахлоқиро дар осори адабӣ муҳимтарину асоситарин шарт арзёбӣ менамудааст. Ва осореро, ки ба ахлоқи ҳасана мухолифат кардааст, ё ҳатто мувофиқат намекунад, қатъиян маҳкум мекунад, зеро воқеан, яке аз омилҳои

костагии ахлоқии аъзои ҷомеа гардида метавонад.

Дар асрҳои мазкур суханварони зиёде, ки ному осорашонро болотар зикр намудаем, тавонистаанд барои тарбияи инсони комил тавассути осори арзишмандашон хидмат намоянд, ки инро мунаққидон, олимон ва адабиётшиносон дар таҳқиқотҳои хеш ёдрас шудаанд.

Инчунин тазкиранигорони асрҳои мазкур дар баробари овардани шарҳи ҳол ва намунаи осори ин суханварон андешаҳояшонро иброз намуда, ашъори адибонро нақду баррасӣ намудаанд ва ҷанбаи ахлоқии навиштаҳои аксари онҳоро мавриди нақд қарор додаанд.

Дар адабиёти тоҷику форс зиёд таълиф шудани осори адабии ахлоқиро ҳамчун намунаи арзишманди тарбияи ҷомеа қаламдод намудан мумкин мебошад, ки адабиёти асрҳои мавриди назар низ аз шумори ҳамингуна давронҳои доманадори адабиёт ба шумор меравад.

Муқарриз: Ғаффорова З. – д.и.ф., профессори ДДХ ба номи Б.Ғафуров

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил / Садриддин Айнӣ. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. - 340 с.
2. Биноӣ, Камолиддин. Ҳикоёт ва тамсилот / Камолиддин Биноӣ. Бо саъй, кӯшиш ва таҳияи умумии Абдулғанӣ Мирзоев. - Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - 218 с.
3. Бобокалонова, Ҷ. Назаре ба таърихи танқиди адабии тоҷик / Ҷ. Бобокалонова. - Душабе: Ирфон, 2003. - 360 с.
4. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо.Ҷилди аввал / Алиакбари Деҳхудо. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, чопи дуюм аз давраи ҷадид 1377. – 1597 с.
5. Замонӣ, Осифа. Муҳаққиқин ва мунаққидини забон ва адабиёти форсӣ дар Ҳинд дар қарни бистум (Ҳамроҳ ба таърихи мухтасари нақд ва таҳқиқ дар адабиёти форсӣ) / Осифа Замонӣ. Маркази таҳқиқоти форсии Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии исломии Эрон. - Деҳлӣ: Навчопхона, 1993. – 393 с.
6. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ошноӣ бо нақди адабӣ. Чопи ҳафтум / Абдулҳусайни Зарринкӯб. - Теҳрон: Интишороти “Сухан”, 1383.
7. Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI / У. Каримов. - Душанбе: Дониш, 1980. - 228 с.
8. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола (Аз таърихи адабиёти асрҳои X-XV форсу тоҷик) / А. Мирзоев. - Душанбе: Ирфон, 1977. – 287 с.
9. Мирзоев, А. Биноӣ / А.Мирзоев. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – 490 с.
10. Фахриддин Алии Сафӣ. Латоиф-ут-тавоиф / Сафӣ, Фахриддин Алї. - Душанбе: Адиб, 2011. – 336 с.
11. Ҳамроев, Ҷ. Асрори нақди адабӣ / Ҷ.Ҳамроев. - Душанбе: Деваштич, 2005. - 128 с.
12. Ҳилолӣ, Б. Девон / Б.Ҳилолӣ. – Душанбе, 2016. - 480 с.
13. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри бист / Р.Ҳодизода, У. Каримов, С.Саъдиев. - Душанбе: Маориф, 1988. - 416 с.
14. Шарифов, Х. Каломи бадеъ / Х.Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 1991. - 160 с.

ҶОЙГОҲИ НАҚДИ МАЪРИФАТИВУ АХЛОҚӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРСИ АСРҲОИ XVI-XVII

Дар мақолаи мазкур бобати нақди адабии осори адибони асрҳои XVI-XVII сухан рафта, муаллиф андешаҳои муҳаққиқону адабиётшиносонро бобати нақди муҳимтарин сарчашмаҳои адабии ин аср, амсоли тазкираҳо, ашъори шоирон арзёбӣ намудааст. Баъдан дар бораи нақди ахлоқӣ, ки аз муҳимтарин намудҳои нақд мебошад, мулоҳизаронӣ намуда, таъкид сохтааст, ки дар таърихи адабиёти мо ин навъи нақд собиқаи тӯлонӣ дошта, онро дар нахустин тазкираи форсии мустақил, яъне “Лубоб-ул-албоб” шоҳид ҳастем. Тибқи андешаҳои муаллифи мақола дар осори суханварони адабиёти асрҳои XVI-XVII навъҳои гуногуни наққодӣ, амсоли нақди ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, таърихӣ, ноқидии шуаро, нақди фаннӣ корбаст шудаанд. Дар самти баёни нақди ахлоқӣ аз сарчашмаҳои муҳимми асрҳои XVI-XVII тазкираи “Туҳфаи Сомӣ”-и Соммирзои Сафавӣ ба ҳисоб меравад. Вай дар нақдҳояш бисёр мушаххас ва рӯирост андешаронӣ намудааст. Соммирзо нисбат ба шахсияти ахлоқӣ ва иҷтимоии шоирон ҳассосияти вижае дорад. Аз назари ӯ фазилати ахлоқӣ дар камолоти суханвар нақши муҳимме дорад. Муҳиммияти мақола дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф тавонистааст дар баробари овардани ахбори тазкираҳо ва нақди тазкиранигорон инчунин намунаҳои ин навъи нақдро аз ашъори шоирони ин асрҳо ҷустуҷӯ намуда, мисолҳои мушаххасро дар шакли абёти ҷудогона пешниҳод намояд.

Калидвожаҳо: асари бадеӣ, нақд, шоирон, нақди ахлоқӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, маълумот, ёддошт, Зарринкӯб, асрҳои XVI-XVII.

МЕСТО ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОЙ И НРАВСТВЕННОЙ КРИТИКИ В ТАДЖИКСКОЙ И ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ XVI-XVII вв

В статье говорится о моральной критике произведений писателей XVI-XVII веков, а автор дает оценку взглядам исследователей и литературоведов на критику важнейших литературных источников этого века, таких как летописи, произведения поэтов. Далее, размышляя о моральной критике, одной из наиболее важных видов критики, он подчеркивает, что этот вид критики имеет древнюю историю, ее мы встречаем в первой персидской летописи "Лубоб-ул-албоб". По мнению автора статьи, в произведениях литературоведов XVI-XVII веков используются различные виды критики, такие как моральная, социальная, психологическая, историческая и научная критика. В направлении выражения нравственной критики одним из важных источников XVI-XVII вв. является анталогии Соммирза Сафави «Тухфаи Соми». Он мыслил очень ясно и точно в своих произведениях. Соммирза обладает особой чуткостью к нравственной и социальной личности поэтов. С его точки зрения, моральная добродетель играет важную роль в зрелости поэта. Значимость статьи заключается в том, что автор, наряду с приведенными летописями и критикой летописцев, также смог найти примеры такого рода критики в стихах поэтов этих веков и привести конкретные примеры в форме отдельных стихов.

Ключевые слова: художественное произведение, критика, поэты, моральная критика, исторические источники, сведения, мемуары, Зарринкуб, XVI-XVII вв.

THE PLACE OF EDUCATIONAL AND MORAL CRITICISM IN TAJIK AND PERSIAN LITERATURE OF THE XVI-XVII CENTURIES

The article is devoted to the analyses of litrary creation of poets in XVI-XVII centuries where the author expresses the thoughts of literary critics about basis of that century`s literature such as anthology and creations of poets. Further, reflecting on moral criticism, one of the most important types of criticism, he emphasizes that in the history of our literature mentioned type of criticism has an ancient history, which could be found only in the Persian chronicle "Lubob-ul-albob". According to the author of the article, various types of criticism are used in the works of literary critics of the XVI-XVII centuries, such as moral, social, psychological, historical and scientific criticism. In the direction of expressing moral criticism, one of the important sources of the XVI-XVII centuries. is an anthology by Sommirza Safavi "Tuhfai Somi". He thought very clearly and directly in his works. Sommirza has a special sensitivity to the moral and social personality of poets. From his point of view, moral virtue plays an important role in the maturity of the poet.The significance of the article lies in the fact that the author, along with the above chronicles and criticism of chroniclers, was also able to find examples of this kind of criticism in the poems of poets of these centuries and give specific examples in the form of individual poems.

Key words: fiction, criticism, poets, moral criticism, historical sources, information, memoirs, Zarrinkub, XVI-XVII centuries.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд, гузар. Мавлонбеков, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-74-80-00**

Сведения об авторе: ***Махмадшоев Махмадшо Мирзошоевич*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской классической литературы. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Худжанд, Мавлонбекова, 1.
E-mail: **komron74@mail.ru.** Тел.: **(+992) 938-74-80-00**

Information about the author: ***Mahmadshoev Mahmadsho Mirzoshoevich*** - Khujand State University named after academician Babadjan Gafurov, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at Department of Tajik Classical Literature. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekova, 1. E-mail: **komron74@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-74-80-00**

УДК: 891.550

ТАҶАССУМИ ҒОЯҲОИ СУЛҲ ВА ИНСОНДӮСТӢ ДАР АШЪОРИ БОЗОР СОБИР

Маликшозода Ш.Х.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Инъикоси ғояҳои сулҳ ва инсондӯстӣ дар адабиёт анъанаи қадима дошта, аз оғози адабиёт бо он тавъам буда, ба восиати мавзуъҳои гуманистӣ ва сулҳхоҳӣ шоирон орзуҳои ормонии халқро таҷассум менамудаанд. Дар адабиёти муосири тоҷик намунаи олии ашъори гуманистона ва сулҳхоҳонаро Мирзо Турсунзода эҷод намудааст ва маҳз ба ҳамин васила ашъори шоир умри ҷовидона ёфтааст.

Дар ашъори Бозор Собир мавзуъҳои сулҳу дӯстӣ ва инсонпарварӣ аз мавзуъҳои меҳварӣ ба шумор меравад. Шоир ба ин восита муносибати худро нисбат ба наздикон, атрофиён ва вазъи замона нишон медиҳад. Ба василаи мавзуъҳои инсонпарварӣ ва сулҳхоҳӣ, мавзуъҳое ба монанди, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, озодии инсон, маҳкуми ҷанг, тараннуми дӯстиву рафоқат, ишқу муҳаббат, амалҳои нек, дастгирии фуқарову тангдастон, ҳифзи муҳит, набототу ҳайвонот, парҳез аз тамаллуқ ва дигар мазмунҳои меҳварӣ дар ашъори шоир ҷойгоҳи хосса касб кардаанд. Пайдоиш ва ташаккули мавзуоте чунин дар ашъори шоир, бевосита аз худшиносӣ ва хештаншиносии ӯ замина мегиранд.

Ба андешаи шоир, худшиносӣ марҳилаи оғозине аст, ки ниҳоди онро худшиносии миллӣ ва инсонӣ ташкил медиҳад. Дар ашъори Бозор Собир мавзуъҳои худшиносӣ ва худшиносии миллӣ ба андозае реша давондааст, ки тақрибан дар ҳар як шеъри ӯ андешаи миллӣ, ғурур ва ифтихори миллӣ дар андешаҳову таъбироти бикр бо исён ва эҳсосоти наҷиб таҷассум ёфтаанд:

Аз хуни Сиёвушем, ҳамхуни Сиёвушем,
Аз ҷомасафедонем, ҳар ҷома намепӯшем.
Ҳамсоли “Авасто”-ем, ҳамоташи Зардуштем,
Мо оташи зардуштӣ нокушта намекуштем [19, с.56].

Ё ин ки:

Бар ман аз наздик бинед,
То маро чун ман шиносед,
То маро чун ман биёбед аз хароботи Хуросон,
Ҳамчунон таърихи Кушон [19, с.58].

Шоир бо арҷгузорӣ ва ифтихор аз гузаштаи пурифтихори миллат ва бузургони он сухан мекунад:

Як тоифа аз Лоҳур, як тоифа аз Тӯсем,
Ҳам вориси қомусем, ҳам вориси номусем.
Ҳамшаҳрии Фирдавсӣ, ҳамшаҳрии Иқболем,
Ҳамшаҳри баномусем, ҳамшаҳри баиқболем [19, с.56].

Бо таваҷҷуҳ ба мавзуъҳои пос доштани хотираи неки бузургон, намояндагони илму адаб, дар адабиёти муосири тоҷик дар мисоли ашъори Бозор Собир намунаи олии ашъори худшиносӣ ва инсонпарваронаро кашф кардан мумкин аст.

Ҷилди “Шаҳнома” ба “Қуръон”-и араб
Бинигар,
Соли ҳазор аст, ки дар пайкор аст.
Арсаи Ҷанги бузурги ватанист;
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок!

Кас ба Шероз намерафт, агар Саъдӣ набуд,
Кас намерафт ба Шероз, набуд Ҳофиз агар,
Балки Шероз набуд дар назари аҳли назар;
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок [19, с.138].

Баъд аз воқеоти ҷанги таҳмилии солҳои 90-уми асри гузашта, ки қурбониҳои ҷонии зиёд дар пай гузошт, дар ашъори Бозор Собир мавзуоти ватандӯстӣ, худшиносӣ, инсонпарварӣ, сулҳхоҳӣ бештар симои навро ба худ касб кард. Албатта, мавзуи сулҳу дӯстӣ дар ашъори ӯ аз хотироти талхи Ҷанги Дувуми Ҷаҳонӣ, ки шоир дар он падари худро аз

даст дода буд ва аз таъсири он кӯдакии талхеро аз сар гузаронида буд, мушоҳида мешавад. Аммо маҳз воқеоти ҷанги таҳмилӣ ба сифати мавзуъҳои меҳварӣ ва рисолати шоирӣ дар ашъори шоир ҷой гирифтанд. Шоир баҳри озодӣ ва ҳуқуқи инсон ҳамеша талош кардааст.

Шеъри “Америка-Бушизм-Фашизм”, ки моҳи марти соли 2002 дар шаҳри Сиэтли ИМА эҷод шудааст, намунаи олии ин навъ шеърҳо аст, ки шоир дар он давлатҳои абарқудратро маҳкум намуда, мардуми оҷизу ранҷдидаро ба исён даъват мекунад:

Америка – террористи ҷаҳонӣ!
Ҷилави империализмро бикашед!
Бушро ҷавобгар намоед!
Буш ҷиноятпеша аст,
Ҷанг ба манфиати капиталистон мебошад.
Амборҳои Пентагон пур аз бомбаҳои демократианд,
Аз мушакҳои ҳастаии демократӣ...
Пентагон ба сари шумо аз як ҳавопаймо
Бомба ва аз як ҳавопаймо нон мепартояд.
Ордашро ба хуни ҳамватанҳоятон мешӯрад,
Нонашро ба хуни ҳамватанҳоятон тар мекунад
Дар як моҳ дар Афғонистон
ҳафт ҳазор бомбаи демократӣ рехт
Ин Пентагон...
...Эй африқоӣ!
Ғуломи сиёҳи янкиҳо,
Ғуломи деринаи ҳалқабаргӯши янкиҳо,
зинда бод ҷанг,
алайҳи ҷангҷӯёни ҷаҳон!
Ҷанге дарёи хунаш дарозтар аз Мисисиппи
ва шаршараи хунаш баландтар аз Ниагара!

Эй мусулмонҳо!
Манораи масҷидҳоятон аз калла бод!
Манораи мушакҳоро баланд кунед.
Ва дар маросими қурбонӣ,
Ба ҷойи гусфанд,
Ба ҷойи галаи уштур
Ҷанговарони янкиро сар бизанед...
...Эй раққосаи ҳиндӣ!
Эй арғуштӣ, Тара Чандри!
Халҳолҳои дасту поятро бикушой,
Бояд аз инҳо дастбанди пӯлодин сохт
Барои бастани дасти хунолуди Буш,
Барои бастани дасти хунолуди падараш,
Ки дар даҳ сол се дафъа Ироқро
бомбаборон карданд...
...Амрико, Амрико!
Марг ба найранги ту,
Хуни шаҳидони мо,
Мечакад аз чанги ту [15, с.154-160].

Шоир бо эҷоди ин навъ шеърҳо озодии инсонро тараннум ва барои ӯ зиндагии лоиқу сазоворро талаб менамояд. Бо ин метавон хулоса кард, ки ашъори Бозор Собир на танҳо дар доираи ифтихорот ва худшиносии миллӣ маҳдуд аст, балки арзишҳои умумиинсониро таҷассум мекунад.

Дар ин бахши барномаи «Delicious & Decadent» намудҳои гуногуни равған таҳқиқ гардида, «Buttery Best»-ро беҳтарин маҳсулот номиданд. Пас аз он баранда аз истеҳсолкунанда пурсид, ки оё «Buttery Best» барои таҳиягарони барнома равғани лазиз медиҳад. Намояндаи ширкати «Battery Best» бо камоли майл розӣ шуд ва ба барнома якчанд бастаи равғани болаззатро ба таври ройгон ҳадя кард.

Раванди таҳрир бояд аз ҳама гуна кӯшиши таъсиррасонӣ ё дахолат ба ақидаҳои касбии продюсерҳо ва PBS озод бошад. Истеҳсолкунандаи барнома дар машварат бо PBS метавонад дар ҳолатҳои маҳдуд мундариҷаро пешакӣ аз назар гузаронад, масалан, дурустии иттилооти ҳассосро таъмин кунад ё ба талаботи амнияти миллӣ риоя кунад. Баррасии пешакии мундариҷаи барнома аз ҷониби мутахассисон агар боиси ҳеҷ гуна таъсири номатлуб ба он нагардад, як тариқаи маъмулӣ ва ба таври умум мақбул аст.

Вақте ки истеҳсолкунандагон ва кормандони PBS ба фарзияҳои худ дар бораи мавзуъҳое, ки бо онҳо сарукор доранд, шубҳа мекунанд, принсипи дақиқӣ ё ин ки саҳеҳият ба кор меояд. Дақиқӣ бошад, маънои ростқавлӣ, воқеият ва хоксориро дорад. Дақиқӣ на танҳо тафтиш кардани дурустии маълумотро дар бар мегирад, балки фактҳо бояд дар контексти кифоя, вобаста ба характери материал ҷойгир карда шаванд, то ки ҷомеаро ба иштибоҳ наандозанд.

Масалан, далелҳо метавонанд маънои зарурироро надошта бошанд, агар онҳо тавре пешниҳод гарданд, ки ҷузъиёти муҳим партофта шаванд, ё бидуни инъикоси дурусти он

чизе, ки шахс дар бораи он мепурсад, иқтибос оварда шавад, ё воқеаи рӯйдода таҳриф гардад. Истеҳсолкунандагон инчунин бояд забонеро, ки барои баён кардани далелҳо истифода мешаванд, ба назар бигиранд, то тамошобинонро фиреб надиҳанд ё гумроҳ накунанд ва ё ба хулосаҳои бардурӯғ ташвиқ накунанд.

Ҷустуҷӯи дақиқӣ инчунин талаб мекунад, ки ҷамъоварӣ ва навсозии маълумот дар ҷараёни ҳодиса зуд ислоҳ карда шавад. Истеҳсолкунандагон бояд ҳангоми тафтиши иттилоот, хусусан, вақте ки он ба ҳама гуна иттиҳомот ва қонуншиканӣ дахл дорад, хеле эҳтиёткор бошанд. Истеҳсолкунандагон бояд ҳама далелҳо ва дурнамои дахлдорро дар мавзуи мушаххас баррасӣ кунанд ва иттилоотро бо эҳтиром ва масъулият - бидуни табъиз пешниҳод кунанд.

Адолат талаб намекунад, ки ба ақидаҳо ё нуқтаи назари мухолиф вақти баробар дода шавад. Бо вуҷуди ин, адолат аз истеҳсолкунандагон талаб мекунад, ки дар баҳодиҳии асоснокӣ ва дурустии ҳама фикру ақидаҳо беғараз бошанд. Яке аз ҳадафҳои адолат ин аст, ки тамошобинон муҳтавои барномаро қадр кунанд ва аз он ибрат гиранд, ҳатто агар онҳо бо хулосаҳои он розӣ набошанд. Адолат инчунин аз истеҳсолкунандагон талаб мекунад, ки суханҳо ва амалҳои одамонеро, ки аз онҳо мусоҳиба мегиранд ё ба таври дигар фаро мегиранд, бодиққат муаррифӣ кунанд.

Истеҳсолкунандагон набояд ҳеҷ гоҳ нуқтаи назари ин одамонро бо кӯшиши таҳмил кардани нақшҳои стереотипӣ ба онҳо ё дастгирӣ кардани ақидаҳои пешакӣ муайяншуда таҳрир кунанд. Ба ҷои ин, истеҳсолкунандагон ҳангоми пешниҳоди андешаҳо бояд фарҳанг, таърих ва урфу одатҳои иҷтимоии ин одамонро дар назар дошта бошанд. Продюсерҳо бояд ба онҳое, ки фаро мегиранд, имкони пешниҳоди далелҳои қавии худро фароҳам оранд ва ҳамеша ба аудитория контексти мувофиқи матнро пешниҳод кунанд. Ҳамчунин продюсерҳо бояд ба онҳое, ки интиқод мешаванд, имкони муносиб барои посух додан фароҳам оранд.

Шаффофият ин принсипест, ки мундариҷаи барнома бояд тавре эҷод карда шавад, ки бинандагон ҳаққонияти асарро арзёбӣ карда, худашон муайян кунанд, ки оё он эътимоднок аст. Истеҳсолкунандагон бояд ба тамошобинон ҳарчи ошкоро дар бораи чӣ гуна иҷро шудани ин амал нақл кунанд. Шаффофият аслан далели он аст, ки принсипҳои таҳририи дар ин стандартҳо муқарраршуда принсипҳои фаъоланд, ки раванди таҳрири касбӣ ва ахлоқиро роҳнамоӣ мекунанд. Гарчанде ки усулҳои мушаххас вобаста ба вазъият ва платформа метавонанд фарқ кунанд.

Шаффофият маънои эҳтиром кардани ҳуқуқи аудиторияро ҳангоми таҳрир дорад. Агар истеҳсолкунандагон ба як хулоса ё нуқтаи назари муайяне оянд, мухотабон бояд баҳо диҳанд, ки ин хулоса ё нуқтаи назар чӣ гуна ба даст омадааст. Истеҳсолкунандагоне, ки бо қарорҳои душвори таҳрирӣ рӯбарӯ мешаванд, бояд шарҳ диҳанд, ки чаро интихоби мушаххас сурат гирифтааст; агар ба саволҳои дахлдор ҷавоб дода натавонанд, истеҳсолкунандагон бояд кӯшиш кунанд, ки сабаби инро шарҳ диҳанд. Сарчашмаҳо бояд ба таври возеҳ муайян карда шаванд ва дар ҳолатҳои нодире, ки манбаъҳои махфӣ бояд истифода шаванд, истеҳсолкунандагон бояд тасмими ифшо накардани номи қаҳрамонро шарҳ диҳанд. Шаффофият инчунин маънои истифодаи қайдҳо ё дигар воситаҳои ифшоро ҳангоми пешниҳоди иттилоотеро дорад, ки метавонад барои бинандагон норавшан ё печида бошад. Ниҳоят, шаффофият аз истеҳсолкунандагон талаб мекунад, ки тамоми манбаъҳои маблағгузории истеҳсол ва паҳнкунии мундариҷаи барномаро ба мухотабон ифшо кунанд.

Фарогирӣ маънои онро дорад, ки мундариҷаи барномаҳои PBS бояд нуқтаи назари одамонро аз табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз қабили минтақаҳои ҷуғрофӣ, гурӯҳҳи этникӣ, ҷинс, гурӯҳҳои синну сол, эътиқоди динӣ, ақидаҳои сиёсӣ ва сатҳи даромад инъикос кунад. Дар ҳолати зарурӣ PBS метавонад қабули мундариҷаро бо омодагии истеҳсолкунанда барои саҳмгузорӣ ба ҳадафи фарогирӣ, аз ҷумла нуқтаи назаре, ки ҷомеа метавонад хулосаҳои гуногун барорад, шарт гузорад. Масалан, PBS метавонад илова кардани сегменти нав, як эпизоди иловагӣ дар силсилаи барномаҳо ё истинодҳо ба захираҳои боэътимод ва босифат, ки дастрасиро ба маълумоти иловагӣ аз нуқтаи назари гуногун таъмин мекунад, дархост намояд.

Истеҳсолкунандагон ва кормандони PBS бояд дар назди аудитория, муҳаррири ҷамъиятии PBS ва стансияҳои узви PBS масъулият дошта бошанд. Масъулият аз

истеҳсолкунандагон талаб мекунад, ки дар ҷараёни кори худ ба посух додан ба дархостҳои дахлдор, аз ҷумла, тавассути ҷалби фаъол ва оқилонаи рақамӣ бо тамошобинон омода бошанд

Масъулият инчунин маънои онро дорад, ки истеҳсолкунандагон бояд стандартҳои олии касбии рафторро риоя бикунанд ва боғайратона ҳақиқатро пайгирӣ намоянд. Аз бархӯрди манфиатҳо бояд пешгирӣ карда шавад ва ҳар гуна бархӯрдҳои воқеӣ ё даркшуда, ки метавонад ба муҳтавои барнома таъсирбахш ба назар расад, бояд ба PBS ифшо карда шавад. Истеҳсолкунандагон бояд хатои рухдодаро дар машварат бо PBS ислоҳ кунанд. Истеҳсолкунандагон бояд бо PBS ҳамкории зич дошта бошанд, сари вақт ва ба қадри имкон ба саволҳо ё интиқоди ҷомеа дар робита ба қарорҳои муҳими таҳрир ё масъалаҳои ахлоқии марбут ба мундариҷа посух бидиҳанд.

PBS кормандон ва истеҳсолкунандагони худро ташвиқ мекунад, ки бо мухотабон дар шабакаҳои иҷтимоӣ эҳтиёткорона муошират кунанд, обрӯи беғаразонаи PBS ва эътимоди ҷомеаро зери хатар нагузоранд. Бо ин мақсад, ҳамаи кормандони PBS бояд принсипҳои ВАО-и иҷтимоӣ ва сиёсати PBS-ро риоя кунанд. Истеҳсолкунандагон ва кормандоне, ки бо ҷомеа аз номи PBS муошират мекунанд, бояд масъулияти баланд дошта, принсипҳои таҳририяро риоя намоянд [13].

Истеҳсолкунандагон ва кормандони PBS бояд кӯшиш кунанд, ки аз паҳн кардани хатои воқеӣ ё маълумоти бардурӯғ дар шабакаҳои иҷтимоӣ канорагирӣ намоянд. Дар сурати рух додани хато, PBS одатан маводи навро бо маълумоти дуруст нашр мекунад ва ба таври возеҳ мефаҳмонад, ки дар паёми қаблӣ чӣ хато буд.

Истеҳсолкунандагон ва кормандони PBS барои навиштани маводи ҷолиб дар шабакаҳои иҷтимоӣ ташвиқ карда мешаванд. Истеҳсолкунандагони барнома бояд аз мундариҷаи ҳассос ва сарлавҳаҳои гумроҳкунанда дар маводашон худдорӣ кунанд. Барои пешгирии пахши маълумоти бардурӯғ хабарҳо бояд танҳо аз манбаъҳои қонунӣ ва боэътимод (масалан, созмонҳои хабарӣ, ба монанди «Ассошиэйтед Пресс») пас аз санҷиши зарурӣ истифода карда шаванд. Ҳангоми истифодаи видео ё аксҳои шахсони сеюм, продюсерҳо ва кормандони PBS бояд кӯшиш кунанд, ки онҳо таҳрир карда нашаванд [13].

Стандартҳо ва таҷрибаҳои таҳрир принсипҳои асосие мебошанд, ки сифат ва якпорчагии тамоми мундариҷаи аз ҷониби PBS паҳншударо таъмин мекунанд. Ин стандартҳо асоси уҳдадориҳои PBS барои хидмат ба манфиатҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи эътимоди мардум мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Как делают общественное телевидение в США / Ридус. 2011–2018. - URL: https://www.ridus.ru/news/26280 (Санаи истифодабарӣ: 10.03.2023).
2. Муқимов М.А. Пайдоиш ва ташаккули радиои ҷамъиятӣ дар ИМА / М.А. Муқимов // Журналистикаи байналхалқӣ IX (Маҷмуаи мақолаҳо). - Душанбе: Сармад-Компания, 2017. - С.85-92.
3. Муқимов М.А. Пайдоиш ва ташаккули телевизиони ҷамъиятӣ дар ИМА / М.А. Муқимов // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ, № 4. - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2018. - С.274-280.
4. Стандарты общественного телерадиовещания. Монография / Сост. А.К Алагушев, Э.К. Сариева. - Бишкек, 2006. – 173 с.
5. Code of ethics and business conduct for employees of the Corporation for Public Broadcasting/CPB. - 2023. - URL: https://cpb.org/files/board/governance/Governance_Policies_(Code_of_Ethics_for_employees).pdf (Санаи истифодабарӣ: 11.04.2023).
6. Corporation for Public Broadcasting/ CPB. - 2023. - URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Corporation_for_Public_Broadcasting (Санаи истифодабарӣ: 10.04.2023).
7. Combined Financial Statements and Report of Independent Certified Public Accountants/CPB. - 2023. - URL: https://www.cpb.org/files/aboutcpb/financials/audited/cpb_combinedstatements_fy17.pdf (Санаи истифодабарӣ: 12.04.2023).
8. Delectable Content or Product Placement?/ PBS. - 2023. - URL: https://www.pbs.org/standards/blogs/standards-case-studies/delectable-content-or-product-placement/ (Санаи истифодабарӣ: 24.04.2023).
9. Laura G. Ross, Chair, CPB Board of Directors/ CPB. - 2018. - URL: https://cpb.org/aboutcpb/leadership/board/ross (Санаи истифодабарӣ: 19.04.2023).
10. Mission & Values/ PBS. - 2023. - URL: https://www.pbs.org/about/about-pbs/mission-values/ (Санаи истифодабарӣ: 19.04.2023).
11. Public Broadcasting Act of 1967/ PBS. - 2023. - URL: https://www.cpb.org/aboutpb/act (Санаи истифодабарӣ: 20.04.2023).
12. Paula Kerger/ PBS. - 2023. - URL: https://www.pbs.org/about/about-pbs/senior-management-team/paula-kerger/ (Санаи истифодабарӣ: 19.04.2023).

13. PBS editorial standards & practices/PBS. - 2023. - URL: /https://www.pbs.org/about/producing-pbs/editorial-standards.pdf (Санаи истифодабарӣ: 11.04.2018).
14. PBS Standards/ PBS. - 2023. - URL: https://www.pbs.org/standards/independence/ (Санаи истифодабарӣ: 11.04.2018).

МЕЪЁРҲОИ ФАЪОЛИЯТ ДАР ТЕЛЕВИЗИОНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

Дар мақолаи мазкур меъёрҳои фаъолияти Корпоратсияи пахши ҷамиятӣ - Corporation for Public Broadcasting (CPB) ва Хадамоти пахши ҷамъиятӣ - Public Broadcasting Service (PBS) мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Сарчашмаи асосии маблағгузории Корпоратсияи пахши ҷамъиятӣ Ҳукумати Федералии ИМА мебошад. Ҳадафи корпоратсия таъмини дастрасии ҳамаҷониба ба мундариҷаи ғайритиҷоратӣ, босифат ва хидматҳои телекоммуникатсионӣ мебошад. CPB ин корро тавассути тақсими беш аз 70 дарсади маблағгузории худ ба беш аз 1400 радио ва телевизионҳои ҷамъиятии маҳаллӣ анҷом медиҳад. 21 апрели соли 2010 Корпорптсияи пахши ҷамъиятӣ Кодекси ахлоқ ва одоби кории кормандонро қабул кард, ки яке аз санадҳои муҳими фаъолит буда, то имрӯз мавриди истифода қарор дорад. Ҳадаф аз қабули Кодекси ахлоқ ва одоби кории кормандони пахши ҷамъиятӣ дар он аст, ки кормандони CPB ба манфиати пахши ҷамъиятӣ бидуни ғаразнокӣ нисбат ба ягон ташкилоти мушаххас ё манфиатҳои шахсии худ амал кунанд ва ҳамчунин бегаразӣ, садоқатмандӣ ва поквиҷдонӣ таъмин карда шавад. Пахши барномаҳои PBS 5 октябри соли 1970 дар асоси Телевизиони миллии таҳсилотӣ (National Educational Television) оғоз шуд. Штаб-квартираи PBS дар шаҳри Арлингтони иёлоти Вирҷиния ҷойгир мебошад. PBS ташкилоти ғайридавлатӣ буда, ба Корпоратсияи пахши ҷамъиятӣ - Corporation for Public Broadcasting (CPB) шомил аст. Зиёда аз 330 телевизиони маҳаллии ҷамъиятӣ дар ҳамаи 50 иёлоти ИМА, Пуэрто-Рико, Ҷазираҳои Вирҷиния, Гуам ва Самоа узви PBS мебошанд. Телевизиони PBS ҳар моҳ беш аз 100 миллион нафар дар телевизион ва 32 миллион нафар дар интернет мухотаб дорад. Муҳтавои асосии пахши телевизиони ҷамъиятиро барномаҳои таҳсилотиву пажуҳишӣ, маърифатӣ, санъату тафреҳӣ ва хӯрокпазӣ ташкил медиҳанд. Стандарти таҳририи Телевизиони PBS ба 6 принсип асос ёфтааст: мустақилият, дақиқӣ, адолат, шаффофият, фарогирӣ ва масъулият.

Калидвожаҳо: журналистика, телевизиони ҷамъиятӣ, Кодекси ахлоқӣ, Корпоратсияи пахши ҷамъиятӣ, Хадамоти пахши ҷамъиятӣ, Радиои миллии ҷамъиятӣ, ИМА, мустақилият, дақиқӣ, адолат, шаффофият.

СТАНДАРТЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА ОБЩЕСТВЕННОМ ТЕЛЕВИДЕНИИ

В данной статье исследуется стандарты деятельности Корпорации общественного вещания (CPB) и Службы общественного вещания (PBS). Основным источником финансирования Корпорации общественного вещания является Федеральное Правительство США. Миссией корпорации является обеспечение всеобщего доступа к некоммерческому качественному контенту и телекоммуникационным услугам. CPB делает это, распределяя более 70 процентов своего финансирования между более чем 1400 местными общественными радио и телевизионными станциями. 21 апреля 2010 года Корпорацией общественного вещания был принят Кодекс этики и поведения сотрудников, который является одним из важнейших документов деятельности и действует по сей день. Целью принятия Кодекса этики и поведения сотрудников общественного вещания является обеспечение общественного вещания без предвзятости по отношению к какой-либо конкретной организации или личным интересам, а также обеспечение беспристрастности, лояльности и добросовестности. Вещание программ PBS началось 5 октября 1970 года на базе Национального образовательного телевидения. В настоящее время штаб-квартира PBS находится в Арлингтоне, штат Вирджиния. PBS - неправительственная организация, входящая в состав Корпорации общественного вещания (CPB). Членами PBS являются более 330 местных общественных телевизионных станций во всех 50 штатах США и в Пуэрто-Рико, Вирджинских островах, Гуаме и Самоа. Телевидение PBS ежемесячно охватывает более 100 миллионов зрителей и 32 миллиона человек в Интернете. Основным содержанием передач общественного телевидения являются образовательно-исследовательские, познавательные, художественно-развлекательные и кулинарные программы. Редакционные стандарты PBS основаны на 6 принципах: независимость, точность, справедливость, прозрачность, инклюзивность и подотчетность.

Ключевые слова: журналистика, общественное телевидение, этический кодекс, Корпорация общественного вещания, Служба общественного вещания, Национальное общественное радио, США, независимость, точность, справедливость, прозрачность.

PERFORMANCE STANDARDS ON PUBLIC TELEVISION

This article explores the performance standards of the Corporation for Public Broadcasting (CPB) and the Public Broadcasting Service (PBS). The main source of funding for the Corporation for Public Broadcasting is the US federal government. The corporation's mission is to provide universal access to non-commercial quality content and telecommunications services. CPB does this by distributing more than 70 percent of its funding to over 1,400 local public radio and television stations. On April 21, 2010, the Corporation for Public Broadcasting adopted the Code of Ethics and Employee Conduct, which is one of the most important documents of its activity and is still in force today. The purpose of the adoption of the Code of Ethics and Conduct for Public Broadcasters is to ensure that public broadcasting is not biased against any particular organization or personal interest, and to ensure impartiality, loyalty and integrity. Broadcasting of PBS programs began on October 5, 1970 on the basis of the National Educational Television. PBS is currently headquartered in Arlington, Virginia. PBS is a non-governmental organization that is part of the Corporation for Public Broadcasting (CPB). PBS members are over 330 local public television stations in all 50 US states and in Puerto Rico, the Virgin Islands, Guam and Samoa. PBS television reaches over 100 million monthly viewers and 32 million people on the Internet. The main content of public television broadcasts is educational,

research, educational, artistic, entertainment and culinary programs. PBS editorial standards are based on 6 principles: independence, accuracy, fairness, transparency, inclusiveness and accountability.

Key words: journalism, public television, code of ethics, Corporation of Public Broadcasting, Public Broadcasting Service, National Public Radio, USA, independence, accuracy, fairness, transparency.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муқимов Муҳамадӣ Аминович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессори кафедраи журналистикаи байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Мукимов Мухамади Аминович*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры международной журналистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

Information about the author: ***Muqimov Muhamadi Aminovich*** - Tajik National University, Dr. of Science (Philology Science), Professor of the Department of International Journalism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**

УДК: 891.550

ТАҲЛИЛИ ХУЛОСАВИИ МАТБУОТИ ҲИЗБИИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Каримзода Ҳ.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Табиист, ки матбуоти даврӣ ҳамчун ниҳоди муассир дар фазои иттилоотӣ, маҷмуи васеи воқаву руйдодро фаро гирифта, барои ҳар як инсон дар муайян кардани мавқеъу андеша мусоидат менамояд. Рисолати аслии ин восита натанҳо таъмини ҷомеа ба иттилооти муҳиму аҳамиятнок, балки ба низом даровардани вазъи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа низ мебошад, ки дар умум маҷмӯи натиҷаҳои фаъолияти маънавии инсонро инъикос менамояд. Дар робита ба нақшу мавқеи матбуоти миллӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100 - солагии Рӯзи матбуоти тоҷик моҳи марти соли 2012 чунин гуфта буд, ки: «Матбуот чашму гӯши халқ, муҳимтарин рукни ҷомеаи демократӣ буда, ҷамъиятро аз бисёр нокомиҳо ва падидаҳои зараровар раҳо карда метавонад” [11].

Дар пажуҳиши олимони соҳа И. Усмонов, Д., П. Гулмуродзода, А.Азимов, М. Муродӣ, Ш.Муллоев, Қ. Расулиён, Қ. Шарифзода, И. Лекаркин, Б.Исомиддинов, Н. Маъмурзода ва дигарон марҳалаҳои ҷудогонаи таърихи матбуоти тоҷик таҳқиқу таҳлил шуда бошад ҳам, доир ба матбуоти ҳизбӣ, бахусус дар замони муосир нисбатан кам таҳқиқ ба анҷом расонида шудааст. Матбуоти ҳизбӣ аз аввалин рӯзҳои пайдоиш бо назардошти таъсирпазирии афкори ҷомеа чӣ дар замони шӯравию ва чӣ дар даврони истиқлолият, дар татбиқи ҳадафҳои сиёсиву идеологӣ ва фарҳангиву маънавӣ нақши созгор дошта, ҳамеша ҷомеаро ба сӯи фардои дурахшони амниятӣ раҳнамун месохту месозад. Хосияти назаррасу ғановати баланд доштани он дар замони шӯравӣ равшантар аст ва дар мазмуну маънӣ, марому ҳадаф, ғояву мавқеъ ва умуман, андозаву ченаки нерӯйи таъсирбахшӣ ба афкори омма ҳамқадами матбуоти миллӣ мебошад. Зеро дар замони Шуравӣ сиёсати якаҳизбӣ ҳукмрон буду тавассути ин ва ё бештари рӯзномаҳои маҳаллӣ ҳадафу нақшаҳои барномавии ҳизбро таблиғ татбиқ менамуданд.

Албатта, масъалаҳои гуногуни матбуоти тоҷик дар асару матлабҳои олимону коршиносони тоҷик то ҷое мавриди назару таваҷҷуҳ қарор гирифтанд, вале барои мо муҳимтар таърихи ташаккул ва вижагиҳои махсуси ин навъи матбуот аст, ки зарурати омӯзиши даврaҳои таърихии он хеле муҳиму муссир ба шумор мераванд. Дар ин маврид муҳаққиқи номвари соҳа И.Усмонов овардааст: «Анҷумани аввалини мусулмони коммунист (январи с. 1918) шуъбаи тарғиби байналхалқии байни халқи Шарқро ташкил дод, ки вай тобеи Бюрои марказии ташкилоти коммунистии мусулмонон дар назди Ҳизби коммунистии (б) Россия (РКП) б) буд. Яке аз вазифаҳои муҳими шӯъба тарғибу ташвиқот дар байни тамоми меҳнаткашони Шарқ ба ҳисоб мерафт. Дар дастури шуъба омадааст, ки “вай рӯзнома, маҷалла, брошюра, варақаю китобҳо интишор мекунад”. Дар вақтҳои наздиктарин, - таъкид карда буд анҷуман, - чор ҷарида: тоторӣ, озарӣ, туркӣ ва бухороӣ ташкил карда мешавад. Анҷуман мафҳуми “Забони бухороӣ”-ро ба маънои забони тоҷикӣ истифода мебурд, зеро забони расмии аморат тоҷикӣ буда, аввалин варақае ҳам, ки бюро ба теъдоди 1000 нусха нашр кардааст ба забони тоҷикӣ ба номи “хитобаи бюрои марказии ташкилоти фирқагии мусулмонон” баромадааст... Ба меҳнаткашон сиёсати ҳукуматро ҳар рӯз фаҳмондан, оммаро ба ҳаёти сиёсиву ҷамъиятӣ, иқтисодиву маданӣ ҷалб кардан лозим буд. Ин корро фақат матбуоти маҳаллӣ, ки бо забони худи аҳолӣ мебаромад, иҷро карда метавонисту халос. Аз ин рӯ, анҷумани V111 Ҳизби коммунист (б) Россия таъкид мекунад: “ташкилотҳои маҳаллӣ бояд барои ташкили матбуоти ҳизбию шӯроӣ чораҳои амалӣ андешанд”.

Комиссарияти халқии оид ба миллатҳои Россия низ дар мактуби таърихии худ “Ба шурои депутатҳо ва ташкилотҳои ҳизбии Туркистон” як бори дигар зарурияти нашри матбуот ва адабиёти миллиро таъкид карда буд. Дар воқеъ, нашри матбуоти нав дар Туркистон аз моҳҳои аввали ташкили Ҳокимияти Шӯравӣ шурӯъ мешавад. Дар солҳои 1917-1923 дар Туркистону Бухоро бештар аз 60 номгӯй рӯзнома ва 25 номгӯй маҷалла нашр гардидаанд. Аввалин намунаи матбуоти ҳизбию шуроӣ дар Осиёи Миёна “Наша газета” буд, ки дар Тошканд 8 ноябри соли 1917 чоп мешавад. Рӯзномаи мазкур ҳуҷҷатҳои ҳизбу

ҳукуматро дарҷ карда, ба ин васила вазифа ва мақсади ҳикимиятро ба халқ мефаҳмонад” [9, с.42, 45].

Табиист, ки рисолати ҳама гуна нашрияҳо таблиғу ташвиқи сиёсати замон ва амалӣ намудани ҳадафу ормонҳои муассис мебошад. Ин равиш аз ибтидои солҳои бисти қарни гузашта ба рушду инкишоф ва сарпарастии рӯзномаҳо шароити созгорро муҳайё намуд. Матбуоти давраи нави тоҷик, ки онро олимону муҳаққиқони соҳа ба ислоҳоти тезу тунди горбачевӣ тавъам медонанд, дар навгониву рушди матбуоти ҳизбӣ марҳилаи сифатан навро ворид сохт. Имрӯз онҳое, ки ин равандро мулоҳиза менамоянд, ба ин ҳолат омаданро аз ду мавқеъ менигоранд: гурӯҳе ба онанд, ки М.С. Горбачев ба инпериализми байналмилалӣ фурӯхта ва тавассути вай онҳо кореро анҷом доданд, ки ба ҳеҷ василаи дигар натавониста буданд; гурӯҳи дигар меандешанд, ки ӯ аслан ғарази фурӯ шикастани Иттиҳоди шуроиро надошт, шояд мақсади ниҳоии ислоҳотии хеле хуб буд, аммо роҳе, ки барои татбиқи он интихоб намуд, ғалат ва ба роҳи сарбаста бурд.

Сарфи назар аз мақсаду натиҷаҳои мавҷуда, ислоҳот дар тамоми соҳаҳои ҷомеа тағйироти куллӣ ба амал омад ва нахустин нафасҳои ҷомеаи дигаргуншаванда дар васоили иртиботи ҳамагонӣ эҳсос шуд. Таъсиси шабномаҳо, пайдо шудани мақолаҳо, гуфторҳо ва барномаҳои интиқодӣ зидди шахсиятҳои “танқидшаванда” даврaҳои таърихӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ, ошкорсозии органҳои расмӣ, ба вуҷуд омадани матбуоти ғайриошкорӣ зиддиҳукуматӣ, пош хӯрдани системаи васоили ахбори ҳизбию давлатӣ, эҷоди матбуоти ошкори аҳзоби мухталифи сиёсӣ далел бар инанд. Ҳамаи ин равандҳо дер ё зуд дар Тоҷикистон низ амалӣ мешуд ва ҳатто дар бисёр маврид ин гӯшаи канори аз бисёр ҷамоҳири пешрафта бартарӣ дошта, дар Тоҷикистон низоми нави матбуот ба вуҷуд омад, ки нашрияҳои зеринро дарбар мегирифтанд:

1. Расмии давлатӣ;
2. Иҷтимоии ҳизбӣ ва аҳзоби сиёсӣ;
3. Шахсӣ- иҷтимоӣ;
4. Шахсӣ-тиҷоратӣ.

Аз матбуоти наве, ки дар ин айём ба майдон омад, рӯзномаҳои “Ҳафт ганҷ”, “Чароғи рӯз”, “Ҷоми ҷам”,“Чархи гардун”, “Дайдҷесс- пресс”, Бизнес и политика”, “Сухан” ҳамчунин нашрияҳои ҳизбии “Адолат”, “Нидои ранҷбар”, “Тоҷикистони советӣ”, “Коммунист Таджикистан” ва “Голос Таджикистан”- ро метавон ном бурд. [9, с.149,150].

“Адолат” - моҳномаи Ҳизби Демократи Тоҷикистон ва ба ҷонибдоронаш 10 августи соли 1990 пешкаш гардид. Дар ин шумора газета ба хонандагон мурочиат намуда, навишта буд: *“Мароми мо: пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек!”* аст. Вале моҳнома (баъдтар ҳафтавор) ва кормандони он дар давоми фаъолияти хеш то охир ба шиори худ содиқ намонданд. Ҳафтавор ҳамагӣ 48 шумора чоп шуд. Зери рубрикаҳои “Нӯшбод”, “Сиёсатнома”, “Саҳифаи хунини таърихи ватан”, “Шумо медонед, ки…”, “Паёми рангин”, “Ҳаҷв”, “Акси садо” дар мавзуҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ маводи зиёдеро пешкаши хонандагони худ гардонидааст. Имоназар Холназар сармуҳаррир, А.Очилов, Бозор Собир, Б. Терлетский, Искандари Хатлонӣ, Муҳаммадалии Саидзода, Рустами Ваҳҳобиён, Раҳими Мусулмониён, Шодмони Юсуф, Абдунабии Саттор дар ҳаёти таҳририяи ҳафтавор шомил буданд. Аҳли қалами нашрия Зулфиқор Исмоилиён, Рофеъ Рабеъ, Сабзалӣ Мурод, Саидқосими Қиёмпур, Шафқати Раҷабиён ва дигарон барои рӯзномаи мазкур дар мавзуъҳои гуногун матлабҳои хондanӣ интишор мекарданд.

“Нидои ранҷбар” - нашрияи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон аз моҳи марти соли 1992 чоп мешавад. Зери рубрикаи “Андешаҳо”, “Ахбори ҳизбӣ”, “Акси садо”, “Доғи рӯз” ва ғайраҳо мавод ба дасти чоп медиҳад. Рӯзнома ҳафтае як маротиба аз чоп мебарояд. Сардабирии рӯзномаро Ҳабибуло Ёров ба уҳда дошта, М.Мирзоев, Ҷ.Наботов, У.Шерхонов ва дигарон дар табъу нашри газета ҳисса доранд. Дар баробари “Нидои ранҷбар” Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон “Голос Таджикистан” (ба забони русӣ), “Тожикистон овози” (ба забони узбекӣ) органи чопии хешро соҳиб буд.

Дар ин давра, бо номи “Курер Таджикистана”, “Навигариҳои экран”, “Саховат”, “Навиди бозоргон”, “Коммерческий вестник”, “Дом” рӯзномаю ҳафтаворҳо табъу нашр мегардиданд. Инчунин управленияи ангишти тоҷик бо номи “За уголь”, управленияи сохтмони ГЭС-и Роғун “Огнии Вахша”, иттиҳодияи қолинбофии Қайроқум “Қолинбоф”, фабрикаи трикотажбофии Ӯротеппа “Минбари коргар”, Иттиҳодияи республикавии

“Тоҷиквнешторг” бо номи “Экспресс”, Тоҷикматлубот “Матлуботи Тоҷикистон”, Иттиҳодияи ҳунармандони театри ҷумҳурӣ “Ниҳод”, шаҳрванди Тоҷикистон А. Гадоев “Пари Ҳумо”, шаҳрванд Т. Кличев “Таджик-пресс”, маркази узбекони Тоҷикистон “Ҳақ сӯз” барин нашрияҳои чопии хешро доштанд. Аммо на ҳамаи ин рӯзномаҳо, на ҳамеша ба дарди мардум ҷавобгӯ буданд. Аз ин рӯ, яке хонанда пайдо карда натавонист, дигаре ба қоидаву қонунҳои муносибатҳои бозоргонӣ тоб наовард, сеюмӣ бо сабабҳои сиёсӣ аз байн рафтанд.

Дар эъломияи воқеии ҳуқуқи инсон сарватҳои умумибашарии муносибати одамон нисбат ба ҳамдигар чунин зикр ёфтааст: «Орзую омоли ҳазорсолаи башарияти мутаррақӣ ғун гардида, ҷамъбасти хешро дарёфтанд. Мувофиқи он ҳар фард сарфи назар аз кору мансаб, ирқу нажод, ҷойи истиқомат бояд озод бошад ва ба озодии дигарон дилнигаронӣ накунад ва зарар нарасонад. Зеро ҳуқуқи инсон дар тайи замонҳову асрҳо андар миёни ҳамаи халқҳову миллатҳо масъалаи муҳимму нозук ба ҳисоб мерафт ва имрӯз ҳам чунин мавқеи бисёр муҳимро молик мебошад». [3, с.153, 155].

Собиқ муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Давлаталӣ Давлатзода, дар мақолааш оид ба рӯзи таъсисёбии ин ташкилоти ҷамъияти қайд намудааст: «Моҳи августи соли 1993 дар матбуот эълон кардем, ки Кумитаи ташкилии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Баъд аз таъсис ҳам, азбаски мо аз моликияти Ҳизби коммунистӣ даст кашида будем, ҳамаи корҳои ташкилию хоҷагии ҳизбро аз ҳисоби дастгирии ҷонибдорони ҳизб ба сомон мерасонидем. Дар аввал номи ҳизби мо «Халқӣ» буд, чунки бо мардум, бо халқ робитаи наздик доштан ҳадафи аслии он буд.

Пеш аз Анҷумани муассисони ҳизб шумораи ҷонибдорони ҳизб хеле афзуд. Аммо ҷавҳари асосии ҳизб ҳамон нафароне буданд, ки моҳи июни соли 1993 ҷамъ омада, дар пайи эҷоди чунин ташкилоти сиёсӣ шуданд. Ин иқдоми мо дар ҷомеа вокуниши зиёде ба амал овард. Мо, як гурӯҳ аъзои кумитаи тадорукоти ҳизб - Д. Давлатов, Қ. Расулов, С.Сафаров, Ҷ.Тағоев, Н.Асадуллоев тавассути рӯзномаҳо ва радиову телевизиони ҷумҳурӣ баромад карда, ба мардум мефаҳмондем, ки ҳадафи мо низоъ андохтан не, балки бо роҳи демократӣ пеш бурдани ҷомеа мебошад.

Албатта, яке аз вижагиҳои асосӣ ва бунёдие, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро миёни мардум муаррифӣ намуд, аз ормонҳои мардумӣ сарчашма гирифтани Барнома ва ё ба таъкиди Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Ҳизби ормонҳои миллӣ” будани он мебошад. Аслан ҳадафу мақсади таъсиси ҳизби мо он буд, ки «барои мардум дар мавриди эъмори ҷомеаи демократӣ парчами сиёсӣ бошем. Номбурда дар идомаи матлаби худ меафзояд, ки «зарурати минбари таблиғу ташфиқот ва муаррифии бештари бандҳои барномаи ҳизб пеш омаду ҳамин тариқ рӯзномаии ҳизбии «Минбари халқ»-ро таъсис додем» [2].

Пайдоиш ва инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX сар шуда, ду давраро фаро мегирад. *Давраи якум* баъди Анҷумани 111 депутатҳои халқии собиқ Иттиҳоди Шуравиро дар бар мегирад. Дар ин анҷуман моддаи 6-уми Конститутсияи Иттиҳоди Шуравӣ дар бораи роли пешбарандагии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ бекор карда шуда, ба ташаккулёбии ҳизбҳои сиёсии демократӣ роҳи васеъ кушод. *Давраи дуюми* инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ аз соли 1993 оғоз гардида, ин давра ба Иҷлосияи XVI-и Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барқароркунии Ҳукумати Конститутсионӣ рост меояд. Айни замон дар фазои сиёсии мамлакат 7 ҳизби сиёсӣ мавҷуд аст, ки онҳо дар ҳаёти сиёсии мамлакат ширкат меварзанд: Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон.

Ба таъкиди А.Н. Муҳаммад, М.У. Хидирзода, ва Х.Қ. Сафарализода, пайдоиш ва рушду инкишофи ҳизбҳо ва системаҳои ҳизбӣ бо пайдоиши инқилобҳои буржуазӣ алоқамандии зич доранд. Ба ибораи дигар, баъди пайдоиши парламентаризм, ки онро ҳамчун шакли махсуси ташкилот ва воситаи амалишавии ҳокимияти давлатӣ донистан мумкин аст, ҳизбҳои муташаккил ба вуҷуд омаданд. Мувофиқи гурӯҳбандии М.Вебер пайдоиш ва ташаккулёбии ҳизбҳо ҳамчун институти сиёсӣ се марҳилаи асосиро дар бар мегиранд: гурӯҳҳои аристократӣ, клубҳои сиёсӣ ва ҳизбҳои оммавӣ. Ҳамин тариқ, дар Англия солҳои 70-80-уми асри XVII гурӯҳҳои аристократии “торӣ” ва “вигҳо” ба вуҷуд

омада буданд, ки онҳо дар асри Х1Х ба ҳизбҳои сиёсии консервативӣ ва либералӣ табдил ёфтанд. Намояндагони “торӣ” аристократияи феодалӣ ва намояндагони “вигҳо” буржуазияи ташаккулёбанда маҳсуб меёфтанд, ки онҳо хусусияти сиёсӣ дошта, барои ҳокимият мубориза мебурданд. Дар солҳои 30-юми асри ХIХ торӣ клуби сиёсии “Чарлтон Клаб” ва вигҳо “Реформ Клаб” –ро ба вуҷуд оварданд, ки онҳо дар муборизаи сиёсии худ ба фаъолияти парламентарӣ такя менамуданд. Дар Фаронса дар давраи Инқилоби бузург клубҳои сиёсии жирондистҳо, якобиниҳо ва монтанярҳо фаъолият доштанд. Гурӯҳҳои аристократӣ ва клубҳои сиёсӣ ба ҳизбҳои сиёсии замони муосир хеле шабоҳат доштанд. Аммо дар онҳо аз ҳама бештар нухбагон (элитаи сиёсӣ) муттаҳид гардида, дастгирии оммаи мардум тамоман дида намешуд… [5].

Мусаллам аст, ки матбуот дар ҳама давр минбари розу ниёз ва ғанӣ гардонидани маънавиёти инсон буду ҳаст. Хосатан агар масъулону кормандони нашрия воқеаву ҳодисаҳоро мӯшикофона ва воқеъбинона таҳлилу баррасӣ намуда, мавқеи худро дар ҳама ҳолат нишон дода тавонанд, аз маҳбубтарин расонаҳои хабарӣ дониста мешаванд. Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии худ, **«Минбари халқ»** ифодакунандаи сиёсати ҳизб оид ба тарғиби сулҳу ваҳдат гардида, барои тарбияи наслҳои нав дар рӯҳияи ватандӯстиву сулҳхоҳӣ ва ободкориву созандагӣ, густариши фарҳанги сулҳ чун ҷузъи доимии фарҳанги зиндагии мардум хидмат намуд. Дар яке аз шумораҳои ҷашнии рӯзнома моҳи декабри соли 2011 хабарнигори он Тағоймурод Орифӣ дар мақолаи «Минбари халқ» - минбари розу ниёзи мардум» чунин менигорад: «Мусаллам аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ дар баробари паҳлуҳои мусбати худ имрӯз башариятро дар рӯбарӯи омезишу бархӯрди арзишҳо ва фарҳангҳои гуногун қарор додааст. Ҳамчун миллати қадима ва фарҳангӣ мо ҷонибдории гуфтугӯи тамаддунҳо ва истифода аз сарватҳои илмӣ ва дастовардҳои фарҳангии халқҳои Ғарбу Шарқ ба хотири таҳкими низоми дунявии давлати мо мебошем. Вале ҷаҳон бо хатарҳои гуногуни ҳалокатовар ва заволкунандаи давлату халқҳо рӯ ба рӯ меистад, ки экстремизми сиёсӣ, терроризм, фишор ва дахолати рӯирост ба тақдиру сарнавишти халқҳои дигар аз ҷумла онҳост.

Бинобар ин, дар марҳилаи навбатӣ дар назди нашрияи «Минбари халқ» вазифаҳои басо муҳим ва масъулиятшиносона меистад. Ҳадафи якум ва муҳимтарини нашрия ҳифз кардан ва таҳким бахшидани давлатдории миллӣ мебошад». Аз нахустин шумораҳои нашрия саҳифаҳои «Мавзӯи рӯз», «Нигоҳи дигар», «Нигоҳ аз ошёнаи 9-ум», «Номҳои фаромӯшшуда», «Номаи бетаҳрир» ва ғайра писанди хонандагон шуданд. Имрӯз нашрияи «Минбари халқ» серхонандатарин рӯзнома буда, бо теъдоди беш аз 110 ҳазор ҳазор нусха чоп мешавад. Сарварии нашрияро адибон ва рӯзноманигорони шинохта Бахтиёр Муртазоев, Маҳмадшариф Бобошоев, Мансур Суруш, Маҳмадкарим Давлатов, Бахтиёр Ҳамдамов ба уҳда доштанд. Ҳоло сардабири сернуфузтарин нашрияи ҳизбии «Минбари халқ»-ро рӯзноманигори маъруф Суҳроб Рауфзода ба уҳда дорад.

Нашрияи “Минбари халқ” инъикосгари фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, мисоли марбут ба ҳаёти ҷавонону занон буда, дар мавриди рушди маънавию ахлоқӣ, таҳсил ва фаъолияти онҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ, тарбияи ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонун дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони кишвар саҳми арзанда дорад.

Гуногунрангии маводи нашрия, забони ноби тоҷикӣ, саҳифаҳои хеле муҳимми «Ҳаёти ҳизбӣ», «Номаҳои бетаҳрир» хабарҳои варзишӣ ва ғайра маҳсули заҳмати муҳаррири масъули нашрия, рӯзноманигори шинохта, барандаи ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва чандин озмунҳои рӯзноманигорон Алиҷон Ҷӯраев мебошад. Инчунин, ӯ робитаи доимии нашрияро бо шуъбаҳои ҳизб дар вилояту навоҳии гуногун роҳандозӣ мекунад. Дар саҳифаҳои нашрия баробари маводҳои фарогири фаъолияти ҳукумат ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пайваста мақолаҳои таҳлиливу танқидӣ аз сохторҳои гуногуни давлат ва ҳатто баъзе созмонҳои ҳизбӣ ба назар мерасад.

«Мароми пойтахт» нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХХТ дар шаҳри Душанбе буда, аз 6-уми январи соли 2007 дар ҳаҷми 4 саҳифа ба нашр мерасад. Ҷиҳати инъикоси фаолият ва ҳавасмандгардонии пайравону аъзоёни Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳафтанома рубрикаи “Набзи ташкилоти ибтидоӣ” ба роҳ монда шудааст, ки оид ба вазъи

фаъолияти ташкилотҳои ибтидоӣ дар самти таблиғи ҳизб ва иқдомҳои анҷомдодаи онҳо дар ин самт маводҳо ба нашр дода шудааст.

«Мароми пойтахт» фаъолияти худро ҳамеша дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат ва Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе ба роҳ монда, масъалаҳои муҳимми ҳизбиро мавриди инъикосу баррасӣ қарор додааст. Мавзуъҳои меҳварии он инъикоси пешрафту дастовардҳои кумитаву ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии ҳудуди пойтахт ва бурду бохти соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ дар шаҳри Душанбе мебошад. Шуруъ аз соли 2007 то соли 2022 Абдусамад Маҳмадкаримов, Маҳмадраҳим Амини Қубодиёнӣ, Ҷумъахони Сайдалӣ, Тағоймурод Нуралиев, Амонқул Одилов, Мачнуни Карим, Шариф Ҳусейнзода, Маҳмадраҷаб Сафаров, Каримзода Ҳақназар Изатулло, Лайлӣ Аҳмадова масъулияти роҳбарии нашрияро ба уҳда доштанд. Аз 12.08.2022 то ҳол сардабирии ҳафтаномаро Шаҳриёр Олимӣ бар дӯш дорад. Ҳар кадом аз ин нафарон дар навбати фаъолияти хеш аз рӯйи табъу завқ ва салиқаи рӯзноманигорӣ як тозакориеро ба ҳафтанома ворид намудаанд. Боиси ифтихор аст, ки нашрияи «Мароми пойтахт» дар давоми фаъолияти худ тавонист ҳамчун нашрияи ҳизбӣ инъикосгари кору фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва паҳлуҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа бошад. Адади нашри «Мароми пойтахт» дар давоми 10 соли фаъолият аз 500 то ба 14 100 нусха, соли 2018 ба 16 296 ва солҳои 2020-2023 ба 20760 расид, ки ин бозгӯи афзудани маҳбубияти ин расонаи ҳизбӣ миёни муштариён аст.

“Ҳамрози халқ”- нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон буда, то 20-уми июни соли 2022 бо теъдоди 452 ҳазору 260 нусха чоп гардидааст. Мутобиқи маълумоти Сомонаи расмии Кумитаи иҷроияи ҳизбии вилоят, «дар саҳифаҳои рӯзнома давоми соли 2022 аз тарафи кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон 520 андеша, 300 вокуниш, 60 навори муроҷиатӣ, дар маҷмуъ, 4686 хабар дар сомонаи кумитаи иҷроиями ҲХДТ дар вилояти Хатлон ҷой дода шудааст, ки онро 637 ҳазору 62 нафар мутолиа намуданд».

Айни ҳол, нашрияи **“Сухани халқ”**-и Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд бо теъдоди 16 ҳазору 775 нусха ба табъ мерасад, ҳамчунин, кумиҷроияҳои шаҳру навоҳии Хуҷанд, Панҷакент, Бӯстон, Истаравшан, Мастчоҳ соҳиби нашрияи ҳизбии худ буда, аксарият моҳе ду маротиба нашр мешаванд.

Айни замон мутобиқи маълумоти сомонаи Дастгоҳи Кумитаи марказии ҳизб ҲХДТ имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ чунин нашрияҳои расмии ҳизбӣ чоп мешаванд: «Минбари халқ» - нашрияи марказии ҲХДТ, «Мароми пойтахт» - нашрияи КИ ҲХДТ дар Душанбе , «Ҳамрози халқ» - нашрияи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон, «Сухани халқ» - нашрияи ҲХДТ дар вилояти Суғд, «Шафақ» - нашрияи КИ ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд, «Афкори халқ» - нашрияи КИ ҲХДТ дар шаҳри Истаравшан, «Фарвардин» - нашрияи КИ ҲХДТ дар шаҳри Панҷакент, «Садокат» - нашрияи КИ ҲХДТ дар шаҳри Бӯстон, «Ҳидоят» - нашрияи КИ ҲХДТ дар шаҳри Турсунзода , «Нигоҳи халқ» - нашрияи КИ ҲХДТ дар ноҳияи Мастчоҳ ва «Овози халқ» - нашрияи КИ ҲХДТ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, инчунин Сомонаҳои расмии ҳизбии - http://hkhdt.tj/ саҳифаи расмии Дастгоҳи КИМ ҲХДТ www.facebook.com/hkhdt.tojikiston ва саҳифаҳои махсуси ҳизбии шаҳру ноҳияҳо дар шабакаи ҷаҳонии «Фейсбук» фаъол ҳастанд.

Маводи матбуоти даврӣ, расонаҳои хабарӣ ва сомонаҳои интернетӣ вобаста ба сиёсати давлат ва фаъолияти ҳизб, инчунин дигар ахбори ҷаҳонӣ мунтазам таҳлил карда мешаванд. Илова бар ин, баррасии мавзуҳои умдаи илму фарҳангу иқтисод, маорифу тандурустӣ, саҳфаҳои рангини таърихи ниёгон ва инчунин мушкилоти ҷаҳони муосир матолиби доимии матбуоти ҳизбӣ буда, барои пешрафти ҷомеаи навини мо ҳамчун дастгоҳи бузурги тарғиботиву таҳлилӣ саҳми намоён доранд.

Муқарриз: Исматзода С.М. – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Азимов А. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик / А.Азимов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 124 с.
2. Агентии миллии иттилоотии «Ховар» / https://khovar.tj/, с. 2022.
3. Давронов Д. Таърихи матбуоти тоҷик / Д. Давронов. – Душанбе: «Маориф», 1997. - 146 с.
4. Исматзода С.М. Публитсистика ва баъзе масъалаҳои он / С.М. Исматзода, Ҳ.И. Каримзода. – Душанбе, 2023. – 188 с.

5. Муҳаммад А.Н. Сиёсатшиносӣ / А.Н. Муҳаммад, М.У. Хидирзода. – Душанбе: «Паёми ошно», 2018. – 416 с.
6. Сомонаи расмии датгоҳи марказии ҲХДТ «hamsafon.tj»
7. Сомонаи расмии КИ ҲХДТ дар шаҳри Душанбе «hhdt- https://hhdt-dushanbe.tj/. с 2022.
8. Сомонаҳои расмии Кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ ва нашрияҳои ҳизбии «Ҳамроз» ва «Сухани халқ» дар вилоятҳои Хатлону Суғд.
9. Усмонов И. Таърихи матбуоти тоҷик / И.Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе: Маориф, 1997. - 146 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. – Душанбе: Эр-граф, 2014. - 312 с.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ бахшида ба 100 – солагии Рӯзи матбуоти тоҷик. 10.03.2012.

ТАҲЛИЛИ ХУЛОСАВИИ МАТБУОТИ ҲИЗБИИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Маъмулан, гузашти марҳилаҳои таърихӣ ва раванди муборизаҳои шадиди тамаддунҳо дар замони муосир собит менамояд, ки воситаҳои ахбори омма дар ҳама давру замон арзиши устувор доштанду доранд. Албатта, чунин омилҳо аз решаҳои мустаҳками таърихи деринаи онҳо ва доштани таҷрибаи пешқадам дарак медиҳанд. Дар ин замина матбуоти тоҷик низ таҷриба ва собиқаи беш аз садсола дошта, марҳилаҳои зиёди таърихиро паси сар намудааст. Рисолати аслии ин восита натанҳо таъмини ҷомеа ба иттилооти муҳиму аҳамиятнок, балки ба низом даровардани вазъи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа низ мебошад, ки дар умум маҷмӯи натиҷаҳои фаъолияти маънавии инсонро инъикос менамояд. Матбуоти ҳизбӣ аз аввалин рӯзҳои пайдоиш бо назардошти таъсирпазирии афкори ҷомеа чӣ дар замони шӯравию ва чӣ дар даврони истиқлолият, дар татбиқи ҳадафҳои сиёсиву идеологӣ ва фарҳангиву маънавӣ нақши созгор дошта, ҳамеша ҷомеаро ба сӯи фардои дурахшони амниятӣ раҳнамун месохту месозад . Хосияти назаррасу ғановати баланд доштани он дар замони шӯравӣ равшантар аст ва дар мазмуну маънӣ, маром ҳадаф, ғояву мавқеъ ва умуман, андозаву ченаки нерӯйи таъсирбахшӣ ба афкори омма ҳамқадами матбуоти миллӣ мебошад. Зеро дар замони Шуравӣ сиёсати якаҳизбӣ ҳукумрон буду тавассути ин ва ё бештари рӯзномаҳои маҳалӣ ҳадафу нақшаҳои барномавии ҳизбро таблиғу татбиқ менамуданд.

Калидвожаҳо: решаҳои таърихӣ, матбуоти ҳизбӣ, ғояву мавқеъ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилоти ибтидоӣ, сомонаи ҳизбӣ, фарҳанги сулҳ, эъмори ҷомеаи демократӣ, марҳилаи навини рушд.

СВОДНЫЙ АНАЛИЗ ПАРТИЙНОЙ ПЕЧАТИ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

В целом, исторические процессы и жесткая конкуренция цивилизаций в современном мире доказывают, что средства массовой информации всегда имели и имеют устойчивую и значимую позицию. Основная миссия СМИ заключается не только в своевременном информировании общества, но и в урегулировании общественно-политической ситуации общества, что в конечном итоге отражает духовную деятельность человека. С первых дней появления партийная печать с учетом восприимчивости общественного мнения, как в советские времена, так и в годы независимости в реализации политических и идеологических целей выполняла созидательную роль, направляя общество в светлое и безопасное будущее. Ее значимость и популярность была очевидна в советское время, и в то же время по своему смыслу, назначению, идеям и положению, и в целом по обширности и мере своего влияния на общественное мнение она сопоставима с национальной прессой. Потому что во времена Советского Союза преобладала однопартийная политика и через большую часть местных газет пропагандировались цели и программные планы партии.

Ключевые слова: исторические корни, партийная пресса, идеи и позиции, политические партии, первоначальная организация, сайт партии, культура мира, демократическое общество, новый этап развития.

FINAL ANALYSIS OF PARTY PREE OF THE TIME OF INDEPENDENS

Usually, the passage of historical stages and the process of fierce struggles of civilizations in modern times prove that mass media have always had and have a stable value. Of course, such factors indicate their strong historical roots and experience. in this context, the Tajik press also has more than a hundred years of experience and experience and has gone through many historical stages. the main mission of this tool is not only to provide society with important information, but also to regulate the political and social situation of society, which generally reflects the results of human spiritual activity. From the first days of its existence, taking into account the influence of public opinion, both during the Soviet era and during the period of independence, the party press has played a harmonious role in the implementation of political, ideological, cultural and spiritual goals, and always guides the society towards a bright and secure tomorrow. its significant feature and high richness is more obvious in the Soviet era, and in terms of content, meaning, purpose, ideas and position, and in general, the size and measure of influence on public opinion, it is the same as the national press. because during the time of the Soviet Union, one-party politics was dominant, and most of the local newspapers promoted and implemented the program goals and plans of the party.

Key words: historical roots, party media, ideas and positions, political parties, primary organization, party website, culture of peace, democratic society, new stage of development.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримзода Ҳақназар Изатулло*** - Академияи воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон, н.и.ф., муовини директор. **Суроға**: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Беҳзод.
Тел.: **(+992) 93-501-15-16**

Сведения об авторе: ***Каримзода Хакназар Изатулло*** – Академия средств массовой информации Таджикистана, к.ф.н., заместитель директор. **Адрес:** 734013, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бехзода.
Тел.: **(+992) 93-501-15-16**

Information about the author: ***Karimzoda Haknazar Izatullo*** - Academy of Mass Media of Tajikistan, candidate of philological sciences, deputy director. **Address**: 734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Behzoda Str.
Phone: **(+992) 93-501-15-16**

УДК: 007.17 (575.3)

ОСОБЕННОСТИ ОСВЕЩЕНИЯ РЕЛИГИОЗНО-ИСЛАМСКОЙ ТЕМАТИКИ В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ ТАДЖИКИСТАНА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

Бакиева Н.Ш.
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Трудно представить современное общество, даже с учетом материалистического воззрения, которое в нем доминирует, без религии. Будучи ровесницей человеческой цивилизации, религия интегрировалась в структуру социума, став неотъемлемым элементом повседневности, достигнув уровня доминанты, с которой трудно не считаться даже правителям, облаченным безграничной властью.

В настоящее время религия выполняет три блока социальных функций. Во-первых, религиозные институты осуществляют духовное наставление верующих, что проявляется в целенаправленной организации связи «человек – Бог», в воспитании нравственности и гуманистических идей, в противоборстве злым началам человеческой природы. Во-вторых, представители духовенства занимаются религиозным и светским образованием, благотворительностью. В-третьих, духовенство – активные общественные деятели, миссия которых заключается не только в религиозных проповедях и духовном просвещении верующих, но и в нормализации политических, экономических и культурных процессов, межнациональных и межгосударственных отношений, решении глобальных проблем цивилизации. В реалиях настоящего времени о религии принято говорить как об институте, важном для понимания современной общественной жизни. Христианство, ислам, иудаизм, буддизм, индуизм и другие виды религии освещают повседневный опыт и практику многих индивидов; являются значимым компонентом различных институциональных процессов, включая политику, гендерные отношения и социально-экономическое неравенство, а также играют важную роль в публичном дискурсе и социальных трансформациях.

Популяризация религии в современном мире, интерес к ней выражается, в частности, в том, что религиозная тематика находит постоянное отражение в средствах массовой информации.

Освещение в СМИ религиозных тем, особенно таких конкретных тем, как темы ислама, дело очень тонкое. Одним из них является тот факт, что СМИ, выступая каналом связи между «большим миром» и общественностью, в данном случае имеют дело с той или иной сферой жизни, как для общества в целом, так и для каждого отдельного человека. Религия апеллирует к самым глубоким, сакральным, непостижимым сторонам бытия, имея при этом важный социальный и даже политический вес. В таких условиях значительно возрастает роль средств массовой информации в формировании религиозного сознания.

Говоря о динамике социальных процессов и поиске модели взаимодействия религии и СМИ в Таджикистане, можно выделить ряд направлений, в русле которых данная проблема обретает черты научного дискурса.

